Сфера образования является не только одним из основных и приоритетных направлений в политике государства, но и важнейшей основой государственности, фактором, обеспечивающим стабильное укрепление государства и развитие общества.

Э. Рахмон

Основополагающим фактором формирования нравственности молодёжи в современном мире является образование, выполняющее функцию социализации подрастающего поколения, граждан – членов той или иной страны и – более широко – развивающегося глобального общества, потому что с первых дней своего рождения человек охвачен беспрерывными, бесконечными и самыми трудоёмкими педагогическими процессами под названием *Воспитание, Обучение,* являющиеся неотъемлемой частью образовательного процесса. Вместе с тем, среди факторов, определяющих развитие и становление личности как таковой, ведущим, является *воспитание и обучение.*

В частности, результатом воспитания видятся многие индивидуальные свойства личности, как положительные, так и отрицательные. Самые передовые образовательные технологии не дадут результатов, если не будут базироваться на воспитательных принципах, поскольку, обучение и воспитание связаны неразрывно, это единый процесс, своего рода педагогическая аксиома. По такому же принципу формируются нравственные качества индивида.

Роль образования в эпоху трансформации индустриального мира в постиндустриальный становится все более важной по причине значительного подъема ценности знаний и интеллекта, обратившихся в главное его «средство производства».

Под образованием понимается – процесс и результат овладения человеком определенной системой знаний, умений и навыков, а также способами мышления, необходимыми для его

полноценного включения в социальную и культурную жизнь общества и выполнения определенных профессиональных функций [2].

Во всеобщей декларации прав человека ООН говорится: «Образование должно содействовать взаимопониманию, терпимости, дружбе между всеми народами, расовыми и религиозными группами и должно содействовать деятельности ООН по поддержанию мира» [3].

XXI век привнёс огромное, невиданное до селе качественное изменение жизненных условий всех людей на земле, как на уровне всего человечества, так и на уровне конкретных сообществ. Эти перемены определили преобладающий тип человеческой цивилизации в современных странах. На сегодняшний день – это информационная цивилизация. Следовательно, соответствие концепции образования с уровнем развития современного общества становится основной проблемой. Социальными предпосылками новой системы образования должны являться требования по воспитанию человека, способного к жизнедеятельности в постоянно меняющихся социально – экономических условиях, приспособленного к современному глобальному миру, реально воспринимающего окружающую действительность, имеющего стабильное единое, научное мировоззрение.

Образовательная система, утвердившаяся во многих странах с середины XX века, является по происхождению европейской. В эпоху глобализационных процессов образование, как и другие социальные институты, претерпевает изменения и как звено передающее учащимся знания, и – в особенности – как система, прививающая им нравственные нормы и ценности общества.

Образовательная среда в Таджикистане в 90-х и в начале 2000-х гг. из-за сложившейся политической и экономической обстановки в стране вынужденно не являлась фактором духовного развития и прогресса в обществе. Она не рассматривалась как средство решения важнейших социально – экономических, идеологических, межнациональных задач. Вместе с тем, именно образованию всегда предназначалась главная роль в сохранении накопленного потенциала знаний, достижений, традиций и поведенческих установок и было эффективным фактором становления личности, повышения его культурного уровня, сознания и самосознания.

Благодаря образованию не только сохраняется устойчивость общества, но и модифицируются формы и типы взаимоотношений людей, взаимодействия культур.

Роль образования особенно велика в нашем полиэтническом регионе. Поэтому образование призвано не только способствовать сохранению традиционных позитивных форм воспитания, определяющих воспроизводство языка, обычаев и обеспечивающих этническую идентичность, но и обеспечивать устойчивость этих достижений в условиях расширяющейся сферы межкультурного взаимодействия, помочь обрести новый уровень осмысления этнокультурных элементов в развитии культуры конкретного общества, и обеспечивать приобщение каждого этноса к общечеловеческим достижениям.

Формирование нравственных ценностей является злободневной проблемой современности. В обстановке развития качественно иных социально – экономических, политических, идеологических, духовных отношений особый смысл обретает научное обоснование и приспособление к ним всех звеньев системы образования, в частности высшего образования.

Современное высшее образование, как в теоретическом, так и в практическом плане обладает огромным опытом развития нравственности как наиболее важного фактора процесса социализации личности, адаптирования студентов к реалиям современного мира, формирования общечеловеческих моральных ценностей.

Практика и теория современного образования располагают значительным опытом формирования нравственности как особо значимой стратегии социализации личности, адаптации учащихся и студентов к проблемным ситуациям, формирования в процессе обучения коммуникативной и дискуссионной культуры. Данная стратегия подразумевает, что в образовательном процессе на первый план выносятся развитие таких качеств личности, как устойчивое мировоззрение, признание универсальности общечеловеческих ценностей, уважительное отношение к себе, к окружающим, к природному и социальному миру.

С удовлетворением нужно отметить наметившиеся тенденции улучшения качества образования в нашей республике в последние несколько лет. Правительством РТ создаются благоприятные условия для всестороннего развития молодёжи, обучения её согласно последним достижениям науки и техники, на всех звеньях системы образования проводится кардинальная перекомплектация учебных заведений, в том числе и вузов.

В настоящее время в стране функционируют 36 высших учебных заведений, где по трёмстам специальностям обучаются более 156 000 студентов и ежегодно количество выпускников вузов составляет тридцать тысяч. Количество студентов высших учебных заведений за годы независимости возросло в пять раз, а общее количество выпускников высших учебных заведений страны и зарубежных вузов составило 650 000 человек [4,5].

Правительством страны был принят ряд важнейших документов, таких как «Программа развития потенциала и интеллектуальной собственности человека на период до 2020 года», «Программа развития естественных, математико–технических наук на 2010 – 2020 годы», «Государственная программа по обеспечению учебных и научных учреждений страны предметными кабинетами, оснащенными учебными и научно – исследовательскими лабораториями» и «Концепция перехода на новый порядок общеобразовательного образования в РТ» и другие несомненно, способствующие улучшению качества образования и достойного воспитания молодежи, подготовке специалистов международного уровня и развитию системы в целом.

Образовательная сфера РТ является частью мировой системы образования и с целью расширения сотрудничества с различными организациями и иностранными государствами на сегодняшний день подписано более 17 соглашений [6,7].

Основной целью данного документа, который был подписан между Правительством Таджикистана и Европейским Союзом, является признание полученного в нашей стране высшего образования на европейском рынке труда и образования, а также вхождение системы образования страны в единую мировую систему образования.

В Душанбе действуют филиалы МГУ им. М.В.Ломоносова, Национального исследовательского технологического университета «МИСиС», Московского энергетического института.

Создание филиалов российских вузов в Таджикистане широко востребовано и перспективно для укрепления двустороннего сотрудничества в гуманитарном направлении.

Крупным совместным образовательным проектом является Российско-Таджикский (славянский) университет (РТСУ), в котором обучаются более 3,5 тыс. студентов, работают около трехсот штатных преподавателей [8].

Отрадно заметить так же повышенное внимание руководства страны к формированию нравственных ценностей молодёжи, таких как национальное достоинство, национальная самобытность, гуманизм, миролюбие, патриотизм, единство.

Необходимо признать, что наиболее прогрессивной, организованной, интеллектуально и творчески развитой молодёжью является студенчество. Учащаяся молодёжь во многом определяет вектор будущих преобразований общества.

Студенческая молодёжь приобретает в вузе совершенно другие нормы взаимоотношений, они отличаются от прежних подростково – юношеских отношений, они более приближены, если можно так сказать к «взрослым требованиям». Студенты уже не школьники, но и пока не совсем самостоятельные, сформировавшиеся взрослые люди и по этой причине на ориентацию и формирование их взглядов, нравственных ценностей, установок, огромное влияние оказывает процесс обучения в вузе.

Именно молодёжь представляет собой социальную группу, требующую к себе более пристального внимания педагогов, воспитателей, родителей, общества, потому как маргинальность её определяется как возрастными особенностями, так и статусной неопределённостью.

Вместе с тем студенчество демонстрирует развитие личностного потенциала, профессионализма и возможностей в решении задач любого государственного уровня.

Студенчество занимает особое положение в обществе в силу того, что оно обладает высоким уровнем профессиональной и личностной культуры, готово практически участвовать в процессе преобразования общества, выступать реальным партнером государственных органов, законодательной и исполнительной власти всех уровней в решении задач социального, воспитательного и иного характера.

В этом ключе наиболее актуальной становится деятельность по распространению нравственных норм и ценностей среди студенчества, как наиболее активной социальной группы, призванной в дальнейшем устанавливать диалогические связи между разными народами, культурами.

Готовность обучающихся к активному познанию современных реалий, формирование уже со школьной скамьи социальных компетенций, является основным элементом этих направлений, которые определяют их содержание и перспективы. Способность и готовность личности успешно адаптироваться к социальным переменам, которые развиваются и

формируются в процессе обучения, признаны оперативными ориентирами всемирных образовательных программ ЮНЕСКО.

По инициативе Президента страны, 2018 и 2019 годы были объявлены Годом развития туризма и народных ремёсел, что является важным фактором развития отношений между разными народами, странами. Это ещё одна предпосылка усиления процесса взаимоотношения и взаимообщения между вузами.

ЛИТЕРАТУРА

1. Выступление Э. Рахмона на встрече с молодежью страны [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://www.migration.tj/index.php/ru/home–rus/628–fghghgh
2. Абрамова, Г. С. Возрастная психология: учебное пособие / Г. С. Абрамова. – М.: Юрайт, 2010. – 811 с.
3. Даль В. Толковый словарь русского языка. / В. Даль. – М., 1998. – 401 с.
4. Устав Организации Объединенных Наций (Сан–Франциско, 26 июня 1945 г.) [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://base.garant.ru/2540400/
5. Выступление Э. Рахмона на встрече с молодежью страны [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://www.migration.tj/index.php/ru/home–rus/628–fghghgh
6. Рахмонов, Э. Ш. Таджикистан на пороге XXI века / Э. Ш. Рахмонов. – Душанбе: 2000. – 48 с.
7. Рахмонов, Э. Ш. Независимость достижение нашей нации / Э. Ш. Рахмонов // Народная газета. 14.09.2005 С. 47.
8. [Электронный ресурс]. Режим доступа: info @ erasmusplus. tj. neo. tadjikistan @gmail. com

РОЛЬ ОБРАЗОВАНИЯ В ФОРМИРОВАНИИ НРАВСТВЕННЫХ КАЧЕСТВ СТУДЕНЧЕСКОЙ МОЛОДЁЖИ

В статье рассматривается система образования, в особенности высшего, которая является важнейшим фактором формирования нравственности в современном мире. Оно неизменно выполняет, помимо прочих, функции воспитания и социализации новых поколений, граждан – членов того или иного общества в особенности студенческой молодёжи. Именно молодёжь представляет собой социальную группу, требующую к себе более пристального внимания педагогов, воспитателей, родителей, общества. Авторы статьи считают, что высшее образование призвано развивать нравственные качества студенческой молодёжи. Практика и теория современного образования располагают значительным опытом формирования нравственности как особо значимой стратегии социализации личности.

Ключевые слова: *информационная цивилизация, образовательные технологии, ментальность, нравственность, мораль, социализация, индивидуальность, этнос, идентичность, нравственные установки.*

THE ROLE OF EDUCATION IN THE FORMATION OF THE MORAL QUALITIES OF STUDENTS

The article discusses the education system, especially higher education, which is the most important factor in the formation of morality in the modern world. It invariably fulfills, among others, the functions of educating and socializing new generations, citizens - members of a particular society, especially student youth. It is youth that is a social group that requires more attention from teachers, educators, parents and society. Higher education is designed to develop the moral qualities of student youth. The practice and theory of modern education have considerable experience in the formation of morality as a particularly significant socialization strategy for the individuals.

Keywords: *information civilization, educational technology, mentality, morality, socialization, individuality, ethnos, identity, moral principles.*

Сведения об авторах

Маджидова Бибихафиза *– доктор педагогических наук, профессор кафедры специальной педагогики и инклюзивного образовании Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни Тел: (+992) 985 83 19 02, E-mail: bibihafiza@mail.ru*

Бобоева Сайёра Боборачабовна *– доцент кафедры общественных наук Таджикского государственного университета права, бизнеса и политике в г.Худжанде Тел: (+992) 92 776 07 97, E-mail: kpntolerans@mail.ru*

About the authors:

Madzhidova Bibihafiza *- Doctor of Pedagogical Sciences, Professor of the Department of Special Pedagogy and Inclusive Education of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni Tel: (+992) 985 83 19 02, E-mail: bibihafiza@mail.ru*

Boboeva Sayyora Boboradjabovna *- Dotcent of the Department of Social Sciences, Tajik State University of Law, Business and Politics in Khujand. Tel: (+992) 92 776 07 97, E-mail: kpntolerans@mail.ru*

РОҲНАМОИИ ПСИХОЛОГӢ - ПЕДАГОГИИ ВОЛИДАЙН ДАР ТАРБИЯИ ФАРЗАНДОНИ ДАР ДАВРАИ БӮҲРОНӢ ҚАРОРДОШТА

Абдуллоева Р.Ҳ., Маматова А.Б.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Вақте дар бораи “бӯҳрон” мешунавем, аллакай дар тасаввуроти мо як мафҳуми манфӣ пайдо мешавад. Калимаи “Бӯҳрон” аз тарафи оммаи васеъ ҳамчун мафҳуми манфӣ қабул карда шудааст. Аммо дар фанни психология бӯҳрон бо дигар мазмун истифода бурда мешавад.

Бӯҳрони синнусолӣ – ин давраи инкишофи фаъоли функсияҳои нави психикӣ, намунаҳои рафтор, барҳам хурдан ва ташаккул ёфтани системаи нави муносибатҳо мебошад[1].

Инкишофёбии психологӣ мисли функсияҳои организм, кӣ дар он як давраи оромӣ бо давраи фаъолӣ иваз мешавад, монанд аст. Ҳамин тавр, давраи инкишофи мӯътадили кӯдак бо бӯҳронҳо бонавабат ҷо иваз мекунад. Ба давараи инкишофи мӯътадил тағиротҳои наонқадар назаррасро хос медонанд. Давраҳои бӯҳронӣ бо тағйиротҳои яку якбора ва шикастҳо дар шахсияти кӯдак тавсиф дода мешавад. Гуфта метавонем, ки ҳангоми бӯҳрон на хислатҳои алоҳида, балки худи кӯдак батамом тағйир меёбад.

Натиҷаи гузариш аз бӯҳрон ин ташаккули навовариҳои синнусолӣ мебошад.Навовариҳо – ин тағйиротҳои психологӣ ва иҷтимоӣ мебошанд, ки дар як зинаи инкишоф аввалин маротиба ба вуҷуд омада, хусусиятҳои нави ҳаёти дохилию берунии кӯдакро ифода менамояд.

Ҳангоми гузариши фарзанди наврас аз давраи бӯҳронӣ, ба калонсолон донистани механизмҳои пайдоиши он, душвориҳои кӯдак, ҳиссиёти ӯ ва чигуна ба фарзанди худ кӯмак расонидан мумкин аст, зарур мебошад. Дарк кардани ин ҳолати нав ва дастгирии калонсолон ба наврас барои қулай ва самаранок аз сар гузаронидани бӯҳрон мусоидат мекунад.

Дар психологияи сиинусолӣ якчанд давраи бӯҳрониро ҷудо менамоянд. Ба волидайн дар бораи чунин давраҳои бӯҳронӣ маълумот доштан ва ба ин шароитҳо омода будан зарур мебошад[2].

Давраҳои бӯҳронӣ инҳоянд:

1. Бӯҳрони 1 солагӣ – давраи гузариш аз тифлӣ ба барвақти бачагӣ.
2. Бӯҳрони синни сесолагӣ – бо афзоиши мустақилӣ ва фаъолии кӯдак вобаста аст. Яке аз бӯҳронҳои калон ба ҳисоб меравад.
3. Бӯҳрони синни 7 солагӣ – бо омадан ба мактаб, тағйироти нақши иҷтимоӣ ва фаъолияти пешбаранда – ҷои бозиро таълим ишғол мекунад – ифода меёбад.
4. Бӯҳрони синни наврасӣ. Ин давраи душворе ҳаст дар ҳаёти кӯдак ва ӯ бо тағироти амиқи физиологиву эмотсионалӣ, тағйироти сохтори арзишҳо, ташаккулёбии ҷаҳонбинӣ ифода меёбад.

Синну соли наврасӣ ҳамчун давраи “душвор”, “давраи гузариш”, “давраи бӯҳрондор” тавсиф дода мешавад. Худи давраи наврасӣ – ин як давраи ҳаёти фарзанди шумо мебошад, ки давраи кӯдакӣ ҳариб гузашта рафтааст, аммо ҳаёти калонсолӣ ҳоло шурӯъ нашудааст.

Хусусияти асосии ин давра – тағиротҳои яку якбораи сифатан нав, афзоиши босуръат ва бисёр номутаносиб мебошанд.

Бархе аз волидайн мушоҳида мекунанд, ки фарзанди онҳо бисёр канорачӯй шудааст, ба ӯ доштани ҳудуди шахсӣ бисёр муҳим аст. Дағалии наврас, ҳатто истифодаи суханони қабеҳ, метавонад ҳамроҳ бо ҳисси ранҷидан ва нозуктабъӣ зоҳир шавад. Наврас ба худ муносибати танқидона дорад, аз қиёфаи зоҳирии худ розӣ нест, ба худ боварӣ надорад ва ҳатто метавонад хашмгин бошад. Дар асоси ин ӯ метавонад либосҳои ғайриоддӣ ба бар кунад, мӯйҳои сарашро ба рангҳои ғайриодатӣ ранг кунад, пирсинг андозад. Наврас мехоҳад ҳама чиро таҷриба кунад, ин метавонад ба рафтори девиантӣ: сигоркашӣ, майл ба машруботи спиртӣ, истеъмоли маводи нашъаовар оварда расонад. Дар давраи наврасӣ кӯдак мехоҳад асоси майлу хоҳишҳои худро дониста бошад, назар ба олами ботинии худ кунад. Мехоҳад шахсияти худро биомӯзад,

тарафҳои боқувват ва сусти онро муайян кунад – баъзе вақт ба ин саволҳои худ ӯ наметавонад ҷавоб пайдо кунад ва аз ин сабаб ҳисси ғайриқаноатмандӣ эҳсос мекунад[6].

Бӯҳрони давраи наврасӣ ҳамчун таваллуди дубораи кӯдак зуҳурот меёбад. Ин ҷараён аз тарафи наврас дар шакли тарс - тарси аз даст додани "Ман"-и худ аз сар гузаронида мешавад. Дар назди наврас 2 роҳ истода аст:

1. Бо худ, бо олами махсус ва алоҳидаи худ, бо қобилиятҳои фардии худ мондан;
2. Бо волидайн, ки нафарони наздику арзишнок ҳастанд боқӣ мондан аз "Ман"-и худ даст кашидан.

Дар асоси ҳаяҷону ташвиши волидайн чунин рафторҳои наврасон меистанд:

1. Рафтор дар хона ё мактаб - душвории назорат кардан, душвории идора кардани наврас, "ба талаботҳои мактаб риоя намекунад", "дар утоқи худ рӯбучин намекунад" в.ғ.
2. Хислатҳои нави характер, ки аз тарафи волидайн ҳамчун хислатҳои манфӣ баҳо дода мешаванд – "пеш аз ҳама бозӣ", "гапногир шудааст", "бадхашм аст" в.ғ.

Дар зер ба волидайн як машқеро пешнишод мекунем, ки барои дарки шароитҳои инкишофи наврас ба онҳо кӯмак мекунад:

Машқ - "Худро наврас эҳсос кунед!"

Ду курсиро ба ҳам наздик мемонем – яке калон ва дигарӣ хурд. Аз иштирокчиёни ихтиёрӣ хоҳиш карда мешавад, то кӯшиш кунанд ба ҳардуи курсиҳо якуякбора нишаста тавонанд. Яке аз курсиҳо "кӯдакӣ" ном дорад – дигарӣ – "калонсолӣ". Дар бораи эҳсосоти иштирокчӣ мепурсем.

Нақли тренер: Мегӯянд, наврас нафаре ҳаст, ки дар ҳардуи ин курсиҳо нишаста аст. Инак, тасаввур кунед, ки дар ҳардуи ин курсиҳо, ки яке калону дигарӣ хурд мебошанд яку якбора нишастан чигуна аст. На онқадар қулай! Аз як тараф рафтори хоси калонсолона бо тамоми талаботҳояш, аз тарафи дигар баргашт ба кӯдакии беғубор.

Шумо худро чигуна ҳис кардед??!

Барои бештар дарк кардани фарзанди ба воя расида истодаи худ, ҳар як падару модар бояд дар бораи сабабҳои физиологиву психологии бӯҳрони синни наврасӣ маълумот дошта бошад.

Асосҳои физилогии бӯҳрони давраи наврасӣ.

Давраи наврасӣ –ин як даврае мебошад, вақте системаи эндокринологӣ фаъол гашта миқдори зиёди ҳормонҳоро коркард мекунад. Ҳормонҳои афзоиш ва ҳормонҳои ҷинсӣ ба хуни наврас омада мерасанд. Дар ин ҷо афзоиши яку якбораи қаду қомат ва вазн ба назар мерасад. Бо ҳисоби миёна ин "ҷаҳиши афзоиш" дар писарбачаҳо аз 13 то 15 солагӣ, баъзе вақт то 17 солагӣ, дар духтарбачаҳо дар 11 – 13 солагӣ ба амал меояд. Инчунин шакли бадан тағйир меёбад. Сараввал сар, дасту панҷа, пойҳо андозаи бузург мегиранд, баъд дароз шудани дасту пой, дар охир афзоиши қафаси сина мушоҳида мешавад. Ҳамаи ин дар аввал ба номутаносибии шакли бадан меоварад[7].

Дар ин давра расиши ҷинсӣ оғоз мешавад: дар рӯй ва бадан мӯй мебарояд, овози писарбачаҳо каме даҳал мешавад, духтарбачаҳо ҳайз мебинанд – ҳамаи ин тамоюли ҷинсиро ба вуҷуд меоварад, ки дар назди наврас саволҳои зиёд дар шинохти худ, вуҷуди худ, тағиротҳои организм ба миён меоянд.

Дар ин давра дар наврасон зуд тағйир ёфтани ҳолати рӯҳӣ мушоҳида мешавад: ханда зуд метавонад ба гиря мубаддал гардад, ҳисси хушбахтии мутлақ метавонад зуд бо маҳзунӣ ҷо иваз кунад. Ҳатто як ранҷиши хурд метавонад ба хуручи хашму ғазаб оварда расонад.

Волидайн набояд фаромӯш созанд, ки пушти ин ҳодисаҳо на ҳама вақт рафтору муносибат, балки ҳормонҳои организм меистанд.

Муҳимтарин нуқтаи инкишофи психофизиологии наврас ба балоғатрасӣ, инкишофи ҷинсӣ ва худмуайянкунии ҷинсӣ мебошад. Худмуайянкуни ҷинсӣ, муайян намудани мансубияти ҷинсӣ ҷараёни мураккаби психосексуалӣ ба ҳисоб меравад. Гарчанде, ин тарафи масъалаи ба балоғатрасиро сарфи назар мекунанд, бояд атрофи он андеша кунанд[7].

Инкишофи ҷисмонию ҷинсӣ бо пайдоиши эҳсосоти навбанав тавсиф меёбад:

- Ҳайзи духтарон
- Эрексия ва поллютсияҳои писарон – аксар вақт аз тарафи наврасон ҳамчун сенсатсия қабул карда мешавад, бо вуҷуди ин, худшиносии наврас на ҳама вақт бо қабулу коркарди ин ахбороти нав дар бораи "Ман"-ҷисмонии худ дуруст кор бурда метавонад.

Наврасон дар ин давра метавонанд аз лоғар ё фарбеҳ буданашон шарм кунанд (ин ҳодиса ҳамроҳи доимии инкишофи ҷинсӣ аст), метарсанд ки ҷараёни ба воя расидани онҳо “нодуруст” амалӣ шуда истодааст, гӯё онҳо ба меъёр мувофиқ нестанд ва ба монанди ҳамин.

Наврасон, дар бисёр ҳолат, нисбати ба воя расидани физилоигии худ ҳиссиёти дуқутбаро ҳис мекунанд, масалан, ҳисси ғурур бо нафрат ба ҷисми худ ҳамрадиф меоянд. Ин номутаносубии эҳсосот дар рафтори ғайричашмдошти наврас ифода ёфта метавонад, масалан, бархе аз духтарбачагон бо рафтор, тарзи либоспӯшӣ, ороиши мӯи сар, ҳатто ҳатту ҳаракат ба писарбачагон тақлид мекунанд, ёки, ба мисли ҷинси “миёна” рафтор зоҳир мекунанд, дигаро духтарҳо, баръакс, қиёфаи худро намудор мекунанд.

Норозигӣ аз қиёфаи худ ба ҳолатҳои фавқулодда нохушш оварда расониданаш мумкин. Имрӯзҳо, дар тиббиёт, ҳодисаи “Анорексияи психикӣ” бисёр мушоҳида мешавад, ки сабаби он даст кашидан аз қабули ғизо дар асоси фикри ғалати “фарбеҳ будани андоми худ” мебошад. Дар саросари дунё наврас духтарон, ки бо чунин ташхис таҳти назорати табибон қарор доранд, зиёд шуда истодаанд. Худро “фарбеҳ” ҳукм кардани духтарбачагон аз сабаби муқоиса кардани худ бо моделҳо, ҳунармандони машҳур ба миён омада, норозигии онҳо нисбати қиёфаи худ меафзояд ва қабули “Ман”-и ҷисмонии худ таъмин намешавад.

Дар писарбачагон низ ин ҳодиса мушоҳида мешавад ва дар муқоисаи худ бо ҳамсолон ва “норасо” ҳукм кардани қиёфаи зоҳирии худ ифода меёбад. Писарбачагон ҳисси номукаммалӣ аз сар мегузаронанд, шармгин, дамдузд мешаванд, худро зуд – зуд ва пинҳонӣ дар оина мебинанд. Баъзе наврасон, дар ин давра, махсус қоидаҳои гигиениро сарфи назар мекунанд, аз оббозӣ даст мекашанд, мӯйи сарро бетартиб нигоҳ медоранд, ба сару либос эътибор намедиҳанд, гӯё марди мустақилу якрав худро нишон додани ҳастанд. Нисбати “Ман”-и ҷисмонии худ эътирозҳои гуногун низ мушоҳида мешаванд.

Волидайн бештар аз рафтори номақбули писарон шикоят мекунанд: писарбача метавонад рӯирост сухани қабеҳ гӯяд, кушоду равшан бешармона гап занад, бо духтарбача беэҳтиёту беэҳтиромона муошират кунад. Аммо, дар ин ҷо, низ на бадрафторӣ, балки сатҳи поёни омодагӣ ба душвориҳои давраи бабалоғатрасӣ мушоҳида мешавад.

Наврас, муқобили душвориҳои пешомада, ки онҳоро бе кӯмаку дастгирии калонсолон бояд ҳал кунад, худро заиф эҳсос мекунад.

Дар чунин ҳодисаҳо ба волидайн таъкид карда мешавад, ки масъалаи тарбияи ҷинсӣ басо ҷиддӣ буда, пурзӯр кардани назорат, нобоварӣ, гузоштани таъқиқ аз тарафи онҳо, натанҳо натиҷаи хуб намебахшад, балки, дар оқибат, метавонанд наврасро аз олами калонсолон дур созад, ҳисси нобоварӣ ба худро ташаккул диҳад, ин ҳодиса, дар навбати худ, қабули нақши психологӣ-иҷтимоии мардонаро аз тарафи писарбача ва занонаро аз тарафи духтарбача душвор месозад. Наврас аз волидайн дур шуда, ба муҳити калонсолони “доно” ворид мешавад.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар масъали тарбияи ҷинсӣ пешниҳоди мушаххас додан мушкил аст – мавзӯ ва мӯҳтавои сӯҳбат, масъалаҳои баррасишаванда аз саволҳои худи наврас, хусуиятҳои фардӣ – психологӣ ва сатҳи омодагии ӯ вобастагӣ дорад. Муҳим он аст, ки волидайн оиди масъалаи инкишофи ҷинсӣ на дар худи давраи наврасӣ, ҳангоми рӯбарӯ шудан бо бӯҳрон сӯҳбат оғоз кунад, балки пештар, аз фаҳмондадиҳиҳои содда корро шурӯъ намоянд.

Албатта, ҳангоми акселератсия инкишофи биологии наврас пеш рафта ташаккули шахсият каме ақиб мемонад, номукаммалии инкишофёбии биопсихикӣ ва мавқеи иҷтимоии наврас бо миён меояд. Афзоиши назарраси ҷисмонӣ чунин ҳолатро пешниҳод мекунад:

- наврасони 13-14 сола, ки қадашон аз волидайн баландтар гаштааст, қариб ба муносибатҳои ҷинсӣ омода ҳастанд,
- аз ҷиҳати психологӣ, маънавӣ ақиб мондааст, ташаккули шахсият таъмин нашудааст.

Барои ҳамин ИНФАНТИЛИЗМи наврасони муосир бештар ба назар мерасад; калонсол будан барои онҳо аз ба даст овардани мустақилӣ, озодӣ, ҳуқуқҳо иборат буда, ин аз қабули масъулият ва ӯҳдадориҳҳои одами калонсол дур аст. Асоси рафтор дар инҷо ҳоло ҳам майлу хоҳишҳои кӯдаконаи эҳсос кардани лаззат аст, яъне “Ман ҳамин

тавр мехоҳам”. Ин шавқу ҳавас, ҳиссиёту эмотсияҳои наврас муваққатӣ, аз амиқӣ холӣ буда, ба назорати шуурнок дода намешаванд.

Бархе аз наврасон, пинҳонӣ ба тамошои филм ва сайтҳои порнографӣ, мастурбатсия, петтинг шурӯ мекунанд. Ин ҳолат волидайнро ба ташвиш меоварад. Назорати рафтор, тафтиши ҳучраи хоб, кофтукобҳо, пурсишҳои сахт - ин амалҳое ҳастанд, и волидайн ҳачун пешгирии ҳолатҳои номатлуб интихоб мекунанд.

Аммо, набояд фаромӯш сохт, ки фишор ва таҳқиқҳо аксуламали эътироз, оппозитсияро ба миён оварда, сабаби ба миён омадани низо, вайроншавии муносибатҳои волидайну фарзанд мегарданд. Волидайн, дар бароҳмонии тарбияи ҷинсӣ, бо ҳамроҳии роҳбари синф, бояд маълумотҳои муфид ба даст оваранд, бо зиракии хоса ва таҳаммулпазирӣ ба кор шурӯ намоянд.

Асосҳои психологии бӯҳрони синни наврасӣ.

Ду роҳи зуҳуроти бӯҳрони давраи наврасӣ мушоҳида шуда аст: бӯҳрони ҳуввият ва бӯҳрони вобастагӣ.

1. Бӯҳрони ҳуввият**.** Ифодаёбии бӯҳрон бо роҳи мустаҳкам кардани мустақилияти худ чунин аст: даҒалӣ, якравӣ, худсарӣ, кӯшиши дар ҳама кор бо хости худ амал кардан, зидди калонсолон баромадан, муҳофизат кардани ҳудуди шахсии худ.

Беҳурматӣ ба наврас, маҳдуд сохтани ҳаракатҳои мустақилонаи ӯ, “..Ту ҳоло хурд ҳастӣ, ки фикри худро баён кунӣ..” дар наврас аксуламалҳои манфиро ба вуҷуд меоварад.

Зуҳуроти бӯҳрон чунин тавсиф дода мешавад:

а) Кӯшиш ба муошират бо ҳамсолон. Ба назар меояд, ки наврас, гӯё метавонад бо дӯстонашон дар телефон ё рӯбарӯ соатҳои дароз сӯҳбат кунад;

б) Кӯшиши муқаррар кардани ҳуввият ва худмухтории худ.

2. Бӯҳрони вобастагӣ. Зуҳуроти асосии ин бӯҳрон: аз ҳад зиёд гапдаро будан, бозгашт ба шавқу ҳавас ва шаклҳои рарфтори кӯдакона, вобастагӣ аз калонсолон, мустақил набудан, аз фикри бисёрӣ вобаста будан, кӯшиш ба “мисли ҳама” будан.“Бӯҳрони вобастагӣ”, ҳамчун бӯҳрони давраи наврасӣ ба падару модарон бештар писанд аст, ба фикри онҳо, гӯё дар ин ҳолат муносибатҳои “дуруст, нек” –ро нигоҳ дошта мешавад, яъне муносибатҳои типи “калонсол - кӯдак”.

Аммо ин то кадом дараҷа дуруст бошад?!

Ба назари шумо кадом шакли зуҳуроти бӯҳрон беҳтар мебошад??

Яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи бӯҳрони давраи наврасӣ ин ба даст овардани мустақилӣ дар қабули қарорҳо, муҳокимаронӣ, хулосабарорӣ, рафтор, яъне – ташаккул ёфтани мавқеи мукаммал нисбати худ ва ҳаёти худ мебошад. Маҳз барои ҳамин, роҳи “бӯҳрони мустақилият” аз ҳама маҳсулнок ба ҳисоб меравад, чунки ӯ ба шахси инкишофёфтаистода имконият медиҳад то навовариҳои давраи наврасиро қабул кунад вабо онҳо мутобиқ шавад.

Ба ғайр аз мустақилнокӣ, навовариҳои давари наврасӣ инҳо мебошанд:

Навоварӣ №1 Пайдо шудани шавқу ҳавас нисбати олами ботинии худ.

Наврас ба олами ботинии худ назар мекунад, нисбати ҳиссиёти худ, нисбати мавқеи худ байни атрофиён шавқу ҳавас пайдо мекунад, нотакрории шахсияти худро дарк мекунад. Наврас кӯшиш мекунад худро ва атрофиёнро бештар биомӯзад[9]. Худи мо, калонсолон, то чӣ андоза худро мешиносем?!

Машқ барои худомӯзӣ: “Гули ҳафтранг”.

Мақсад: омӯхтани ифода намудани фикру ҳиссиёти худ.

Дар давра иҷро карда мешавад. Ба иштирокчиён гули коғазии 7 ранг дошта супорида мешавад, ки дар ҳар як гулбарги он ҷумлаи нопурра навишта шудааст. Иштирокчиён дар давра,шифоҳӣ, ҷумлаҳоро пурра мекунанд. Ҷумлаҳо:

- Ман хушҳол мешавам, вақте...
- Ман болидарӯҳ мегардам, вақте..
- Ман нигарон мешавам, вақте...
- Ман нороҳат мешавам, вақте...
- Гиря гулӯгирам мекунад, вақте...
- Дуст медорам, вақте ки...
- Ман мехоҳам, ки...

Дар охир фикру андеша, инчунин ҳиссиёти иштирокчиён шунида ва муҳокима карда мешавад.

Навоварӣ №2

Дар наврас ташаккулёбии тафаккури танқидӣ мушоҳида мешавад. Мантиқи дурушт ақли наврасро фаро мегирад. Ин мантиқ ба ҳар як савол ҷавоби аниқро талаб мекунад:

- Рост ё дурӯғ;
- Ҳа ё не;

Мисоли назарраси ин ҳодиса дар максимализм - зоҳир мегардад, ки бо ҳамоҳангии пурҷӯшухурӯш маҷбур мекунад, ки наврас барои "ҳамешагӣ" бо волидайн ё дӯстон қаҳрӣ шавад; бо вуҷуди "пайдо накардани маънои зиндагӣ" рӯ ба афсурдагӣ оварад.

Машқ: "Ман киям?!"

Бо истифода аз " Ман.." ҷумла созед. Ба иштирокчиён пешниҳод карда мешавад, ки ҳарчи бештар дар бораи худ маълумот пешкаш кунанд.

Навоварӣ №3 Талабот ба муносибатҳои маҳрамона ва эътирофи атрофиён.

Дар ин давра дӯстон барои наврас, аксар вақт, аз ъзоёни оила дида наздиктар мегарданд. Ишқи аввал низ дар ҳамин давра мушоҳида мешавад. Дар ин давра фикри атрофиён аҳамияти калонро пайдо мекунад. Наврас зоҳиран нисбати гуфтаҳои калонсолон беаҳамияти нишон медиҳад, аммо, дар асл, ҳар як гуфтаҳоро дар сари худ "сабт" мекунад. Яъне, ҳангоми давраи бӯҳронӣ дар наврас чунин шаклҳои рафторро мушоҳида кардан мумкин аст:

- Ба намуди зоҳирии худ бештар эътибор медиҳад.
- Кӯшиш ба мустақилӣ ва озодӣ.
- Гурӯҳбозӣ бо ҳамсолон.
- Шавқи баланд нисбати донистани муносибатҳо бо ҷинси муқобил.
- Талабот ба танҳоӣ.
- Талабот ба ҳудуди шахсӣ.
- Саросемакорӣ дар муҳокима ва хулосабарорӣ.
- Бо вуҷуди хунсардии беруна ба ҳама гуфтаҳои атрофиён гӯш додан.

Бӯҳрони давраи наврасӣ – барои калонсолон, волидайн, омӯзгорон – бӯҳрони аз ҳама мушкилтарини синнусолӣ мебошад. Маҳз барои ҳамин, назди калонсолон вазифаи мушкил гузошта мешавад: хуб дарк кардани хусусиятҳои физиологиву психологии ин давра ва ба фарзанд дар роҳи бабалоғатрасӣ кӯмак расонидан ва ҳаматарафа дастгирӣ кардан. Омӯхтани хусусиятҳои инкишофи шахсият ва доираи иҷтимоӣ[9].

Хусусиятҳои инкишофи шахсияти наврас.

1. Ба наврасон васеъ гардидани худшиносӣ хос аст, он дар ҷустуҷӯи "Мани идеалӣ", таҳлили доимии *"Мани вокеӣ",* ташаккул ёфтани "Мани ҷисмонӣ" мушоҳида мешавад.
2. Пайдоиши ҳисси калонсолӣ ва ифодаёбии он дар тарзи либоспӯшӣ, рафтори ғайритабиӣ, навгониҳо дар нутқ.
3. Инкишофи қобилияти худтарбиякунӣ ва худинкишофдиҳӣ.
4. Афзоиши талаботҳои муошират кардан ва худмуқарраркунӣ, худмухторӣ ва мустақилӣ аз волидайн.
5. Ноустувории эмотсионалӣ ва ҳаракатҳои аффективӣ.
6. Инкишофи арзишҳои маънавӣ, ки ҳануз дар рафтор мустаҳкам нестанд, ифроти (аксентуатсия) характер.
7. Ҷо доштани ноустуворӣ дар рафтор, эмотсияҳо ва ақидаҳо. Хусусиятҳои инкишофи доираи иҷтимоӣ дар наврасӣ чунин аст:

1. Рафтори намоишкорона дар ҷойҳои ҷамъиятӣ;
2. Сохтани муносибатҳои байнишахсӣ дар асоси шавқу ҳавас, на фаъолияти таълимӣ, ки дар навбати худ ба дараҷаи дуюм мегузарад;
3. Пайдоиши машғулиятҳои гуногунранг, ки наврасро ба худ ҷалб мекунанд ва ҳамчун майдони худифоданамоӣ ва худнамоишдиҳӣ хизмат мекунанд.
4. Ноустувории шахсӣ, ки ба ноустувории муносибати дӯстона оварда мерасонад – дӯстӣ номустаҳкам ва кӯтоҳмуддат мешавад.
5. Пайдоиши гурӯҳҳои референтӣ.
6. Пайдоиши шавқу ҳавас ва муқаррар кардани муносибатҳои аввалин бо намояндагони ҷинси муқобил.

Фаъолияти пешбарандаи ин давра – муошират бо ҳамсолон, ки баъзе вақт хусусияти пинҳонӣ ва маҳрамонаро дорад.

Наврасон ба фаъолона муошират кардан ва гурӯҳбозӣ кардан бо ҳамсолон шурӯ мекунанд. Нисбати худ ва калонсолон талабатҳои баланд мегузоранд. Вақте шумо ба фарзанди навраси худ ба мисли кӯдак муносибат мекунед ӯ нисбати ин амали шумо зид мебарояд ва норозигӣ баён мекунад[3]. Дар давраи наврасӣ дар кӯдакон ду системаи калони муносибатҳои байниҳамӣ ташаккул меёбанд:

7. Муносибат бо калонсолон;
8. Муносибат бо ҳамсолон.

Ин ду система пештар низ вуҷуд дошт, аммо, маҳз дар давраи наврасӣ мувозинати онҳо ба ҳам мехӯрад.

Агар муносибат бо ҳамсолон шакли рафоқатро гирад, бо омӯзгору волидайн мисли пештара мемонанд, яъне авторитарии калонсолон. Азбаски муошират бо ҳамсолон ба наврас бештар фойда меоварад, шавқу ҳаваси актуалии онҳоро қонеъ мегардонад, кӯдак аз мактаб ва оила дур мешавад.

Дар рафти бабалоғатрасӣ кӯдакон кӯшиш мекунанд, бо ҳамсолон дар мавзӯи шахсӣ муошират кунанд, орзу, нақша, кор ва сирри худро муҳокима кунанд.

Бо вуҷуди ин, ягон танқид ва фикри дигаронро нисбати дӯсти худ шунидан намехоҳанд: чӣ дар бораи камбудии ӯ бошад, чӣ дар бораи хислатҳои хуб. Муҳокимаи шахсияти дӯсташ ҳатто дар шакли таърифу таҳсин ҳамчун ҳуҷум ба мустақилияташ қабул карда мешавад.

Наврасон кӯшиш мекунанд гурӯҳҳо ташкил кунанд, то дохили онҳо муошират аз қоидаҳои муайян, ки набояд вайрон шаванд, ба роҳ монда навад. Дар гурӯҳҳо наврасон оиди мушкилоти худ, аз хандаи атрофиён натарсида, озодона сӯҳбат карда метавонанд.

Дар гурӯҳи наврасон муносибатҳои сарварӣ муқаррар карда мешаванд. Эътибори хоса аз тарафи сарвар барои наврасе, ки дар маркази диққат қарор надорад, муҳим мебошад. Наврас ба дӯстии наздик бо сарвар кӯшиш мекунад ва намехоҳад ин муносибатро аз даст диҳад.

Муносибатҳои номуваффақ бо рафиқон аз тарафи наврас сахт аз сар гузаронида мешавад. Барои ба даст овардани дӯстон, наврас кӯшиш мекунад, ки ҳаргуна кореро нишон диҳад ва ҳатто қоидаҳои меъёрҳои иҷтимоиро вайрон кунад, бо калонсолон рӯирост ба низо равад.

Яъне, аз ин маълумотҳо муайян мешавад, ки дар асоси бӯҳрони синни наврасӣ ҳолати ба вуҷуд омадани зиддиятҳо байни тағиротҳои дохила ва шароитҳои тағирёбандаи беруна, ки хоҳишҳои кӯдаки ба воя расидаро қонеъ намегардонад, меистад. Наврас ва волидайни ӯ, гӯё, дар ду кутби алоҳида истодаанд: наврас кӯшиш мекунад, ки тағйир диҳад – онҳо мехоҳанд, ки фарзандашон мисли пештара бимонад; волидайн мехоҳанд, ки фарзандашон аввал ақли расоро соҳиб шавад – наврас бо рафтори худ баракси инро нишон медиҳад. Волидайн кӯшиш мекунанд, ки ҳарчи зудтар ин ҳодисаро таҳти назорати худ гиранд, усулҳои тарбиявиро пурзӯр гардонанд ва ин муносибатҳои волидайну наврасро баръакс вайрон месозад. Наврас ба хулосае меояд, ки бо онҳо муошират кардан душвор гаштааст, аз як ҷиҳат, ӯ ниёз ба дастгирии волидайн дорад, аз ҷиҳати дигар наметавонад ба онҳо наздик шавад. Ин боиси дур гаштани наврас аз оила мегардад. Нисбати волидайн беаҳамияти зоҳир мекунад, ки аслан ин механизми худмуҳофизаткунӣ мебошад[3]. Ифодаёбии бӯҳрони наврасӣ дар рафторҳои онҳо:

1. Хашмгинӣ дар муносибат бо калонсолон;
2. Зуд-зуд иваз шудани ҳолати рӯҳӣ;
3. Поён рафтани ваҷҳиёти таълим;
4. Дарсгурезиҳо ё беэътиборӣ ба вазифаю супоришҳо;
5. Гапногирӣ;
6. Негативизм;
7. Аз корҳои хона дур шудан;
8. Муноқишакорӣ;
9. Вайрон кардани қоидаҳои иҷтимоӣ в.ғ.

Зинаҳои бӯҳрони давраи наврасӣ инҳоянд:

1. Зинаи тобӯҳронӣ. Дар ин зина шикасти одатҳои қаблӣ- стереотипҳо ба амал меоянд. Маҳз дар ҳамин зина волидайн душвор гаштани муоширатро қайд мекунанд.

2. Зинаи авҷи бӯҳрон. Ин ҳодиса, аксар вақт, бо синну соли хронологии 13 солагӣ мувофиқ меояд. Муносибатҳои байни волидайну фарзанд вайрон шуда наврасон ба гурӯҳбандиҳо рӯ меоваранд. Дар ин давра фаҳмидани тағиротҳои наврас, қабули шахсияти ӯ, дар якҷоягӣ ҷустуҷӯ кардани масъалаҳо бо назардошти фикри шахсии наврас басо муҳим аст.

3. Зинаи баъдибӯҳронӣ. Ин зина бо пайдо шудани муносибатҳои нав тавсиф дода мешавад.

Бояд қайд кард, ки ифодаёбии бӯҳрон аз шаклҳои он, ки дар аввал оварда шудаанд, вобастагӣ дорад; *бӯҳрони ҳуввият ва бӯҳрони вобастагӣ.*

Аввалин шакли бӯҳрон бештар паҳн гашта дар худсарӣ, беарзиш кардани калонсолон, зидди талаботҳои онҳо баромадан, ҳифзи моликияти шахсии худ ифода меёбад. Ин ҳама тағиротҳои хоси давраи наврасӣ буда мо наметавонем инҳоро ислоҳ кунем. Дар хотир бояд дошт, ки онҳо доимӣ набуда дар ҳолатҳои алоҳида зоҳир мешаванд.

Чи тавре, ки дар боло қайд карда будем, наврас дар ин ҳолат:

1. Гапгардон мешавад;
2. Нисбати ҳаргуна талабот саркашӣ зоҳир мекунад;
3. Дар ҳама кор якрав аст;
4. Ҳазлу шӯхиҳои номатлуб зоҳир мекунад;
5. ДаҒал мешавад;
6. Ботинан ранҷур мегардад, сухани калонсолонро зуд ба худ мекашад.

Тавсияи психологӣ ба волидайн аз пеша кардани таҳаммулпазирӣ, мушоҳидакор будан, бо андешаи ҳамаҷониба интихоб кардани роҳи муошират иборат буда, таъкид карда мешавад, ки ҳеҷ гоҳ ба ҷӯшухурӯши наврас бо ғазаб ҷавоб надиҳанд[3].

Дуюмин шакли бӯҳрон, ки бӯҳрони вобастагӣ меномем, нисбат ба аввалин ором ва чашмнорас мегузарад. Дар ин ҷо гапгирии аз ҳад зиёд, бозгашт ба рафтори кӯдакона, вобаста будан аз фикру ақидаҳои калонсолон мушоҳида мешавад. Мутаассифона, волидайн аз ичунин ранг гирифтани аҳвол шод ҳасстанд, чунки фарзанди онҳо таҳти назорати доимии онҳо қарор дорад ва гӯё ягон таъсироти манфӣ ба ӯ зарар расонида наметавонад. Аммо, худи ҳамин шакли ифодаёбии бӯҳрон ба ташаккули минбаъдаи шахсияти наврас зараровар буда, дар ӯ инфантилизмро ба вуҷуд меоварад.

Бӯҳрони синнусолӣ дар инкишофёбии психологиву физиологии кӯдак аҳамияти калон дорад. Барои ҳамин, волидайн бояд бо сабр дарки амиқи ин ҳодиса бо фарзанди худ муносибат кунанд.

Бӯҳронҳо ба инсон дар шинохти худ, инкишофёбӣ, омӯхтани имконот ва хусусиятҳои худ кӯмак мерасонанд.

Гузариш аз бӯҳрон, чи тавр паси сар кардани душвориҳо,ташакуулёбии минбаъдаи шахсияти наврас аз роҳнамоии оқилонаи волидайн вобастагӣ дорад. Волидайн бояд дар ташаккули арзишҳо, ба роҳ мондани муносибатҳои нави дӯстона, ҳамкори кардан бо дигар калонсолон ва дигар ҳодисаҳои муҳими давраи гузариш бояд ба фарзанди худ кӯмак расонанд. Вазифаи аввалиндараҷаи волидайн аз дастгирии фарзанди худ дар давраи гузариш иборат буда, дар ин ҷо аз насиҳатгӯӣ, таъкидҳои зиёд, талаботҳо баланд бояд даст кашид. Муносибатҳо бо мавқеи хайрхоҳона, ба эътиборгири талаботҳои аввалиндараҷаи наврас ба роҳ бояд монда шаванд.

Машқ: Ҳодисаҳо.

Ба иштирокчиён варақаҳо тақсим карда мешаванд, ки дар онҳо ҳолатҳои гуногун инъикос ёфтаанд. Ҳар як иштирокчӣ ҳодисаи ба худ таалуқ доштаро баланд хонда, ҳиссиёти бавуҷудомадаро гӯяд ва онро ба “Ман” паёмак нисбати наврас баргардонад.

1. Ҳолат – духтари шумо ба писари кӯчагард ошиқ шудааст!

Ҳиссиёти шумо –

“Ман” паёмаки шумо.

2. Шумо ба хонаи худ, ки дар ошёнаи 9-ум ҷойгир аст, ворид шудед ва дидед, ки писаратон болои тиреза нишаста аст!

3. Шумо мунтазири меҳмонҳо ҳастед. Духтари шумо кулчаҳанди барои меҳмонон омода кардаи шуморо бурида хурд!

4. Худи ҳозир шумо фарши хонаро шустушӯ кардед. Писари шумо аз кӯча рост омада бо пойафзол ба утоқи худ шитобид!

Кӯшиш кунед, ки муроҷиатҳои шумо ба тағйир додани рафтори наврас нею ба расонидани ҳолати ҳиссии шумо нисбати ин ҳодиса равона карда шавад[9].

Мо метавонем дар бораи усулҳои психологӣ – педагогии таъсиррасонии тарбиявӣ ба наврас зиёд баҳс кунем, аммо ҳамеша дар интихоби воситаҳои таъсиррасонии тарбиявӣ бояд ҳамеша ба принсипи муҳими психлогӣ – принсипи муносибати индивидуалӣ такя намоем[1].

АДАБИЁТ

1. Психологи: китоби дарсӣ барои донишҷӯёни макотиби олӣ; Зери таҳрири Давлатов М. Душанбе – 2010.- 336с.
2. Педагогика ва психология. Давлатов М.Т., Миралиева А.М. – Душанбе, “Ирфон”, 2007. – 344с.
3. Учителю о практике психологической помощи: Книга для учителя. – М.: Просвещение, 1988. – 176с.
4. Педагогическая диагностика в работе классного руководителя. / Н.А. – Волгоград: Учитель, 2007. – 128с.

5. Хрестоматия по этике и психологии семейной жизни. Учебное пособие для учащихся старших классов/ сост. И.В. Гребенников, Л.В. Кованько. – М.: Просвещение, 1986. – 271 с.
6. Учителям и родителям о психологии подростка./ под ред. Аркелова Г. – М.: Высш. шк., 1990. – 304 с.
7. Возрастная психология:учебник/ Л.Д. Столяренко, Д.В. Столяренко.- Ростов н/Д.: Феникс, 2017. 442 с.
8. Психология родительства: Учебное пособие для студентов высших учебных заведений. М.: Академия, 2005. – 368с.
9. Мир детства: Подросток/под ред. Хрипко, М.: - Просвещение, 1982. – 432с.

ПСИХОЛОГО-ПЕДАГОГИЧЕСКОЕ СОПРОВОЖДЕНИЕ РОДИТЕЛЕЙ ПРИ ВОСПИТАНИИ ДЕТЕЙ, НАХОДЯЩИХСЯ В КРИЗИСНОМ ПЕРИОДЕ

В статье раскрываются особенности возрастных кризисов и их влияние на поведение детей, приводится информация о периодизации психического развития и место возрастных кризисов в ней. Приведены особенности кризиса подросткового возраста; особенности поведения подростка, механизмы защиты, трудности во взаимоотношениях со взрослыми – родителями и преподавателями, новообразования возраста.

Авторы, также, приводят техники воздействия на поведение подростков, мини – тренинги для родителей, практические руководства, содержащие в себе психологический и педагогический компоненты.

Ключевые слова: *возрастная периодизация, кризисы в развитии, взаимоотношения с родителями, механизмы защиты, механизм воздействия, доверие, конфликт, привязанность, психологические техники, педагогическое руководство.*

PSYCHOLOGOCAL & PEDAGOCICAL SUPPORT OF PARENTS ON UPBRINGING CHILDREN UNDER THE CRISIS PERIOD

In the article characteristics of age crisis and their influence on children behavior are revealed. Given information about periodization of mental development and position of age crisis in it. The characteristics of crisis of juvenile age; characteristics of adolescent behavior; defence mechanisms, difficulties in interrelations with grown-ups – with parents and teachers, age novelty are cited.

The authors also give influence techniques on adolescent behavior, mini-training for parents, practical guidance containing psychological and pedagogical components.

Keywords: *age periodization, crisis in development, interrelations with parents, defence mechanisms, mechanism of influence, confidence, conflict, attachment to, psychological methods, psychological guidance.*

Сведения об авторах*:*

Абдуллоева Розия Хакимовна *- канд.пед.наук, доцент общеуниверситетской кафедры психологии Таджикского государственнного педагогического университета им. Садриддина Айни; E-mail: roziahon@mail.ru; Телефон: (+992) 919137629*

Маматова А.Б*., старший преподаватель общеуниверситетской кафедры психологии Таджикского государственнного педагогического университета им. Садриддина Айни; E-mail: aziza_tgpu@mail.ru; Телефон: (+992) 501860157*

About the authors:

Abdulloeva Roziya Hakimovna *- Candidate of Pedagogical Sciences, Docent of the Chair of general psychology. Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni; E-mail: roziahon@mail.ru; Phone: (+992) 919137629*

Mamatova A.B., *the senior teacher of the Chair of general psychology, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni; E-mail: aziza_tgpu@mail.ru; Phone: (+992) 501-86-01-57.*

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ВАЛЕОЛОГИЧЕСКИХ ТЕСТОВ И ЗАДАЧ В ПРОЦЕССЕ ОРГАНИЗАЦИИ САМОСТОЯТЕЛЬНОЙ РАБОТЫ СТУДЕНТОВ В УСЛОВИЯХ КРЕДИТНОГО ОБУЧЕНИЯ

Баротзода К.А., Одинаев Н.

Таджикский государственный педагогический университет им. С.Айни

Одной из разновидностей нелинейной системы является кредитная система обучения – образовательная технология, повышающая уровень самообразования и творческого освоения знаний на основе индивидуализации, выборности образовательной траектории в рамках

регламентации учебного процесса и учета объема знаний в виде кредитов. Она позволяет более гибко относиться к процессу образования, студент может выбирать большее количество курсов для самостоятельного изучения.

Для обеспечения эффективности и качества внедрения кредитной технологии обучения необходимо разработка законодательной базы кредитной технологии, стандарты, учебные планы, должностные инструкции, принципы отбора содержания учебных курсов, принципы и методы преподавания, организации учебного процесса, самостоятельной работы студентов (СРС) при кредитной системе [1].

Кредитная технология обучения – способ организации учебного процесса, при котором обучающиеся имеют возможность индивидуально планировать последовательность образовательной траектории. Суть кредитной технологии обучения состоит в том, что учет трудоемкости учебной работы ведется в кредитах, характеризующих объем преподаваемого материала. Одной из основных задач кредитной технологии обучения является повышение роли самостоятельной работы студентов.

СРС является одним из главных резервов повышения качества обучения и подготовки будущих специалистов. По кредитной системе обучения она составляет две трети части от общей трудоемкости изучаемого курса. В связи с этим в условиях внедрения кредитной системы обучения проблема правильной и эффективной организации самостоятельной работы студентов весьма актуальна.

СРС – работа по определенному перечню тем, отведенных на самостоятельное изучение, обеспеченных учебно-методической литературой и рекомендациями, контролируемая в виде тестов, контрольных работ, коллоквиумов, рефератов, сочинений и отчетов. Весь объем СРС должен быть подтвержден заданиями, требующими от обучающегося ежедневной самостоятельной работы. В часы СРСП входят консультации по наиболее сложным вопросам учебной программы, выполнению домашних заданий, отчетов и других видов заданий СРС. Содержание СРС обязательно отражается в рабочей программе и силлабусе дисциплины.

Самостоятельная работа студентов – способ активного, целенаправленного приобретения студентом новых для него знаний и умений без непосредственного участия в этом процессе преподавателей.

Для эффективной организации самостоятельной работы студентов преподавателю высшей школы необходимо знать и целесообразно соблюдать принципы ее организации: принцип систематичности и последовательности; принцип активности; принцип индивидуального подхода; принцип доступности; принцип наглядности; принцип научно-обоснованного расчета времени и дозировки домашних заданий [3].

Предметно и содержательно самостоятельная работа студентов определяется государственным образовательным стандартом, действующими учебными планами по реализуемым образовательным программам, типовыми и рабочими учебными программами дисциплин, содержанием основной литературы: учебников, учебных пособий и методических руководств и дополнительной литературой. Контроль самостоятельной работы и оценка ее результатов организуется как единство двух форм:

– самоконтроль и самооценка студента;

– контроль и оценка со стороны преподавателей, государственных экзаменационных и аттестационных комиссий и др.

Самостоятельная работа в высшей школе является специфическим средством организации и управления самостоятельной деятельностью студентов в учебном процессе, средством самоорганизации и самодисциплины студентов в овладении методами профессиональной деятельности.

Полученные студентом задания должны быть выполнены в указанный срок и в полном объеме. СРС предусматривается как внеаудиторная работа, проверка может осуществляться на семинарах, практических занятиях и СРСП. При выполнении заданий необходимо:

- самостоятельно изучить тему, при необходимости консультироваться с преподавателем;

- студенты должны изучить обязательную и дополнительную литературу, материалы статистических данных, уметь их анализировать для обоснования необходимых стратегий и решений;

- задания готовятся индивидуально или в группе.

СРС можно организовать на базе компьютерных и информационных технологий и их реализацию осуществлять следующими путями: электронный учебник, компьютерные обучающие программы, контролирующие программы, демонстрационные программы, компьютерные модели и другие.

Проблема защиты человеческого здоровья и окружающей среды, среди важнейших категорий в системе общественных ценностей занимает особое место. Решение этой проблемы зависит от валеологической науки. Валеология- это наука, которая включает в себя законы гигиены, механизмов и методов её защиты, укрепления и защиты физического здоровья, социального и психологического состояния людей. Валеологические сведения дают такие возможности, при которых люди свою деятельность могут поставить так, в результате которых смогут предотвратить себя от всевозможных стрессов, различных заболеваний, и преждевременной смерти, то есть её профилактикой. Организация и внедрение валеологических отношений является требованием времени в учебно-воспитательном процессе учащихся средних общеобразовательных школ и одним из гуманистических направлений. В этом направлении позиция преподавателя биологии велика. Так, школьная биология (особенно общая биология), наряду с другими естественными дисциплина, является важнейшим средством обучения, исследованием и осознанием таких явлений, которые происходят в живом организме. Поэтому преподавателю биологии необходимо использование валеологических знаний, путь решения задач, проведения опытов на уроках, и объяснить ученикам пути предотвращения различных заболеваний на примерем фактов и их количеств [4].

Ниже предлагаем валеологические тесты и задачи, которые может использовать преподаватель в процессе организации самостоятельной работы студента.

Ключевые слова: *Гуругли, эпос, культура, духовность, воспитание, язык, знание, традиция, педагогика,сказка, ориентир.*

THE SIGNIFICANCE AND METHODS OF USE OF THE EPIC "GURUGLI" IN THE EDUCATIONAL PROCESS AT SCHOOL

The article deals with the importance of studying the history of 'Gurugli' in secondary schools. To this end, to educate feelings of self-awareness and the growth of self-development of students. need to organize additional lessons. The article discusses the educational value of the Tajik epos 'Gurugli' as a reflection of traditional culture and having great aesthetic and patriotic significance. The article also examines the relationship of national and human values in the epic "Gurugli". This work is the creation of a powerful national genius, from whom the spiritual culture of Tajiks has been nourished for centuries.

Keywords: *Gurugli, epic, culture, spirituality, education, language, knowledge, tradition, pedagogy, fairy tale, landmark.*

Сведения об авторах:

Қодиров К.Б.*–доктор педагогических наук, профессор кафедры общий педагогика Таджикский национальный университет. Телефон (+992) 918301116*

Назаров Х.Д. *– старший преподаватель кафедры языков Технический колледж Таджикского технического университета имени академика М. Осими Телефон: (+992) 918 566888*

About the autor:

Qodirov K.B. *- Doctor of Pedagogical Sciences, Professor of Chair of general pedagogics, Tajik national University. Phone: (+992) 918301116*

Nazarov Kh.D. *- Senior teacher Chair of languages of Technical College, Tajik Technical University named after academician M. Osimi Phone: (+992) 918 566888*

УДК.51(075)
ББК.74.262
Б. 91

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ СРЕДСТВ ОБУЧЕНИЯ КАК ОДИН ИЗ КОМПОНЕНТОВ МЕТОДИКИ ПРЕПОДАВАНИЯ МАТЕМАТИКИ В НАЧАЛЬНЫХ КЛАССАХ

Бурханов К.Т.

Худжандский государственный Университет им. академик Б. Гафурова

Методика как педагогическая наука занимается разработкой целей обучения математике, его содержанием, системой методов обучения, форм и, наконец, средств обучения. Таким образом, средства обучения математике являются одним из компонентов целостной методической системы обучения, структуру которой можно представить в виде известной блок–схемы (рис.1).



Легко заметить, что средства обучения как взаимодействующие, взаимосвязаны, непосредственно, с каждыми остальными компонентами методики, и находятся в более сложных опосредствованных связях. Например, в системе: цели содержания средств, или цели методов средств, или содержание методов средств и т.п., непосредственно, зависят от целей, содержания и методов обучения, а также находятся в опосредованных связях [3, с.3].

В связи с коренной перестройкой содержания обучения математики в 1 – 4 классах средней школы происходит естественное изменение содержания, методов, средств и организационных форм подготовки будущего учителя начальных классов в системе высшего педагогического образования.

Вот почему особенно важным является разработка и совершенствование всей системы математического образования будущего учителя начальных классов. Совершенствование такой системы во многом зависит от комплексного подхода к формированию у студентов единой системы математических, методических и психолого – педагогических знаний, умений и навыков. Важная роль в этом принадлежит и средствам обучения, с помощью которых осуществляется учебно – воспитательная работа в вузе.

Опыт работы и наблюдения показывают, что сложившаяся система средств обучения, в которую входят учебники и учебные пособия, модели и инструменты, приборы, ТСО (технические средства обучения) и т.д., существующие на педфаках, во многом ещё не соответствуют как по содержанию, так и по своей направленности и объему тем задачам, которые решаются в современном процессе обучения математике младших школьников [3, с.171-172].

На наш взгляд, по курсу математики на педфаках, кроме серийных иллюстраций (таблиц), следует создавать диафильмы, кинофрагменты, диапозитивы (для использования на практических и лабораторных занятиях) по таким разделам программы: элементы теории множеств и комбинаторики (множества и операции над ними, бинарные отношения и их свойства, виды соответствий между элементами множеств, комбинаторику.

Например. Понятие множества не определяется, а лишь поясняется на примерах. Можно говорить о множестве студентов, обучающихся в данном институте, о множестве всех деревьев на Земле, о множестве всех треугольников на плоскости и т. д.

Множество, состоящее из чисел, называют *числовым.* Примерами числовых множеств могут служить:

а) множество N натуральных чисел;

б) множество z целых чисел;

в) множество Q рациональных чисел;

г) множество R действительных чисел.

Укажем элементы множеств:

$A = \{x / x \in \mathrm{N}, x \prec 6\}$

$B = \{x / x \in \mathrm{Z}, -4 \le x \prec 3\}$

$C = \{x / x \in \mathrm{R}, 2\mathrm{x}^2 = 10\}$

Решение. Для элементов множество *A,B и C* указаны характеристические свойства. Так, элементами множества А являются натуральные числа, меньшие 6,т.е. $A = \{1,2,3,4,5\}$. Элементы множества В – числа целые; они не меньше числа – 4 но меньше числа 3, следовательно, число – 4 входит в

множество В, а число 3 ему не принадлежит. Следовательно, $B = \{-4,-3,-2,-1,01,2\}$. Элементами множества С являются действительные

корни уравнения $2x^2 = 10$. Решив это уравнение, получаем, что $C = \{-\sqrt{5}, \sqrt{5}\}$.

Формула комбинаторика:

1 $A_m^k = \dfrac{m!}{(m-k)!}$ - размещениями без повторения из k элементов по m (1)

2. $\overline{A}_m^k = m^k$ - размещениями с повторениями из k элементов по m (2)

3. Сочетаниями из k элементов по m: $C_m^k = \dfrac{m!}{(m-k)!k!}$ (3)

4. Перестановками из *m* элементов $P_m = 1 \cdot 2 \cdot 3 \cdots m = m!$ (4)

Например. Вычислить:

$A_5^4 + \overline{A}_4^3 + P_4 + C_4^3$

Решение задач по формула (1) - (4):

$$A_5^4 + \overline{A}_4^3 + P_4 + C_4^3 = \frac{5!}{(5-4)!} + 4^3 + 4! + C_4^3 =$$

$$= \frac{5!}{1!} + 4 \cdot 4 \cdot 4 + 1 \cdot 2 \cdot 3 \cdot 4 + \frac{4!}{(4-3)! \cdot 3!} = 120 + 64 + 24 + 4 = 212.$$

элементы математической логики и некоторые алгебраические понятия (основные логические операции алгебры высказываний, строение теоремы и виды теорем, основные алгебраические операции, переменная величина и ее виды, системы неравенств, неравенства, содержащие модуль); неотрицательные целые числа (множество неотрицательных целых чисел и его свойства, принцип полной математической индукции, позиционные и непозиционные системы счисления, перевод чисел из одной позиционной системы счисления в другую); делимость неотрицательных целых чисел (признаки делимости для десятичной системы счисления на 2, 3, 4, 5, 8, 9, 25; НОД и НОК чисел, алгоритм Евклида); обыкновенные и десятичные дроби (аддитивно – скалярные величины и их свойства, обыкновенные дроби и операции над ними, десятичные дроби и действия над ними);

действительные числа и измерение величин (понятия об измерении величин, измерение площадей различных фигур) (3.172).

Например: 1. Найти НОД (120;140)=?

Решение:

120	2	140	2
60	2	70	2
30	2	35	5
15	3	7	7
5	5	1	

$$НОД\ (a;в) = \underset{1\le\gamma_к\le n}{min}\ (\alpha_к;\beta_к)$$, где $1 \le ê \le ï$

НОД(120; 140)=(2^3 *3*5)$\cap$ (2^2 *5*7)=2^2 *5*7)=2^2*5=4*5=20.

Ответ: НОД (120;140) = 20.

2. НОК (60; 80)=?

Решение:

60	2	80	2
30	2	40	2
15	3	20	2
5	5	10	2
1		5	5

$$НОК\,(a;в) = \underset{1\le\tau\le n}{max}\ \left(P_1^{\tau_1}\cdots P_n^{\tau_n}\right)$$, где τ , $1 \le \tau \le ï$.

НОК(60,80)= $\left(2^2*3*5\right)\cup\left(2^4*5\right)=2^4*3*5=240$

Ответ: НОК (60; 80)=240.

В настоящее время общепризнано, что, наряду с обучением, счету и арифметическим операциям младших школьников необходимо с самого начала обучать детей и логическим операциям.

Привлечение в качестве эмпирического материала множеств позволяет, наряду с формированием числа и операций над числами, тренировать детей в выполнении логических операций над свойствами, характеризующими те или иные подмножества рассматриваемого множества предметов, и выявить постепенно простейшие законы этих операций.

Идея использования материализованных действий с множествами конкретных предметов для ранней логической пропедевтики реализована, в частности, в разработанном известным психологом и математики З. П. Дьенешем дидактическом материале, названном «Логическими блоками».

Эти блоки могут эффективно применяться для формирования и постепенного развития у детей 6 – 9 лет простейших и, вместе с тем, важнейших логических структур мышления посредством системы специальных игр и задач (3.177-178).

1. Игра «Форма - цвет».

Цель: тренировка детей в распознавании формы и цвета фигур.

Описание игры. Играют двое. Оба имеют одинаковое число фигур (один - малые фигуры, другой – большие). Первый игрок кладет в какую–нибудь клетку таблицы соответствующую фигуру.

Второй игрок должен ответным ходом положить соответствующую фигуру той же формы или того же цвета в одну из соседних клеток.

Дальше первый игрок ответным ходом кладет соответствующую фигуру в одну из соседних клеток относительно любой из двух размещенных фигур и т.д.

Неправильный ход, т.е. несоответствие фигуры по форме или цвету клетке таблицы, называется изъятием у игрока этой фигуры. Проигрывает тот, у кого меньше останется фигур.

2. Логическое домино «Только одно свойство».

Цель: тренировать детей различать свойства фигур (форму, цвет, величину).

Описание игры. Играют двое. Оба игрока имеют полные наборы фигур. Один кладет на стол фигуру. Ответный ход второго игрока состоит в том, что он прикладывает к этой фигуре другую, отличающуюся от нее только одним каким–нибудь свойством. Например, если первый положил на стол большой красный треугольник, то второй может ответить, приложив к нему малый красный треугольник, или большой желтый треугольник, или большой красный круг, и т. п.

Но если второй ответит, приложив к первой фигуре вторую, не отличающуюся от первой или отличающуюся от нее одним свойством, то ответный ход неправильный, и у игрока эта фигура изымается. Проигрывает тот, кто первый останется без фигур.

Возможна и другая организация игры, при которой неправильные ходы вообще не допускаются (как и в обычном домино). Неправильный ход в этом случае наказывается потерей хода, и тогда выигрывает тот, кто первый остается без фигур.

3. Игра «Отрицание».

Цель: формирование у детей понятия «отрицание».

Описание игры. Играют двое. Один игрок кладет в бумажный круг (*d=15см)* фигуры, например красные, а вне круга – все остальные фигуры. Второй игрок должен одним словом назвать фигуры, расположенные вне круга. А именно вне круга расположены не красные фигуры.

Здесь возможны следующие комбинации:

1) квадратные – не квадратные, 2) круглые – не круглые, 3) прямоугольные – не прямоугольные, 4) треугольные – не треугольные, 5) красные – не красные, 6) синие – не синие, 7) желтые – не желтые, 8) белые – не белые, 9) большие – не большие, 10) малые - не малые.

Правильный ответ - 1 балл, неправильный ответ – 0 баллов. Игроки раскладывают фигуры поочередно и поочередно отвечают друг другу.

Выигрывает тот, кто наберет больше баллов.

4. Игра «и - или».

Цель: подготовка детей усвоению в дальнейшем понятий «пересечение и объединение множеств», «разбиение множества на классы»; раскрытие смысла логических связок «и» и «или».

Описание игры. На обычном листе писчей бумаги вычерчиваются два круга примерно так, это сделано на рисунке 1.Требуется расположить фигуры так, чтобы в большем круге были все фигуры одной формы, например квадраты, в меньшем - все фигуры одного цвета, например красные, а вне кругов – все остальные.

Следует ответить на вопросы, какие фигуры



расположены: 1) в двух кругах одновременно;

2) в большем круге, но вне меньшего;

Рис. 1

3) в меньшем круге, но вне большего; 4) вне кругов.

Ответы могут быть следующими: а) не красные квадраты; б) не красные не квадраты; в) красные квадраты; г) красные не квадраты.

Например, для вопроса 1) правильным будет ответ (в), для вопроса 2) правильным будет ответ (а).

Для данного расположения фигур дается перечень ответов, из которых следует указать номер ответа на каждый из заданных вопросов.

Для иного расположения фигур ребенку самому надо составить ответы.

В том и другом случае вопросы одинаковые.

Играть могут двое. Один размещает фигуры, второй отвечает. Делается это поочередно. Правильный ответ – 1 балл, неправильный ответ – 0 баллов. Выигрывает тот, кто наберет больше баллов.

Эту игру можно проводить с группой учащихся. Выигрывает тот, кто наберет больше баллов.

Эти и подобные игры ориентированы на развитие логического и математического мышления детей и могут проводиться с учащимися начальных классов на уроках, на внеклассных занятиях или дома [3, с.177-180].

В последнее время в связи с более широким применением различных средств обучения в процессе преподавания математики в начальных классов и внимание методистов привлекает и сам принцип наглядности обучения [3, с.5].

Формирование любого математического понятия развивается в форме двух противоположностей - движения от конкретного к абстрактному, и от абстрактного вновь к конкретному. В процессе познания математических фактов конкретное отображается дважды – в начале познания и в конце его. И это не одно и то же конкретное, а поэтому функции дидактического принципа наглядности обучения при движении от конкретного к абстрактному, и наоборот различны.

Назначение наглядных средств обучения и состоит в том, чтобы на пути от абстрактного к конкретному, математик у сделать чувственно - конкретной, что, в свою очередь, определяет выбор методов и форм обучения. При движении от абстрактного к конкретному - роль наглядных средств обучения меняется.

Наглядное обучение должно обеспечивать формирование у учащихся первичных обобщений и установление простых связей. Оно должно способствовать углубленно мысли, движению от жизненных наблюдений к сущности изучаемого понятия, от сущности одного порядка к сущности другого, более высокого порядка и т.п. В решении этих задач неоценимую помощь должны оказать не какой–нибудь один, а различные виды средств обучения, их комплекс.

Средства обучения, в основе которых лежат, например, предметные математические модели, могут быть использованы при переходе от сущности первого порядка к сущности второго порядка, при восхождения от конкретного к абстрактному. Выбор того или иного средства обучения, правильное согласование его с другими средствами невозможны без глубокого понимания особенностей и места применения каждого средства – такого понимания, которое предполагает анализ математической сущности, дидактических требований к средствам обучения в целом и к отдельным их видам [3, с.5- 6].

Учебники являются традиционным и наиважнейшим средством обучения. Они систематически и полностью раскрывают содержание курса математики, отражают уровень знаний, умений и навыков, которыми должны овладеть учащиеся в каждом классе. Учебники

призваны не только обучать, но и воспитывать и развивать детей, формировать у них демократическое мировоззрение. Это осуществляется через содержание, методическое построение и оформление учебников, отражающих окружающую жизнь и особенности познавательной деятельности школьников [3, с.6].

Процесс овладения знаниями, умениями, навыками протекает у разных учащихся по–разному, поэтому в отдельных моментах в классе можно обнаружить учащихся с различным уровнем знаний изучаемого материала. Чтобы подвести всех учеников к установленному программой уровню, следует проводить с ними индивидуальную работу, используя дифференцированные задания.

Дифференцированные задания имеют общую дидактическую цель и одинаковое содержание, но отличаются по сложности.

Для дифференцированного обучения учитель использует дидактические материалы, представляющие собой чаще всего карточки с индивидуальными заданиями, а также карточки, составленные самими учителями [3, с.7].

В практике работы лучших учителей начальных классов Согдийской области, например: СШ № 1, 4,12 и 19 г. Худжанд, СШ №2, 3, 5 и 13

г. Канибадам, СШ №2, 4, 7, 9 и 12 г. Исфара, СШ № 1,2,5, 7 и 13

г. Истаравшан и ряда других школ на уроках математики используются следующие наглядности обучения:

- Рисунок – задача;
- Перфокарты;
- Тесты;
- Ребус;
- Кроссворд;
- Схемы;
- Компьютер;
- Диапроектор; и ряд других.

Например: 1. Которое из этих чисел делиться на 2?

1) 402 2) 822

3) 73 4) 905

5) 1856 6) 721

А) 1,2,5 Б) 2,4,6 В) 3,4,6

2. Которое из этих значений выражено правильно?

1) 9037 + 44 2) 10301 + 418 3) 597 * 0

А) 9081 Б) 10 709 В) 597

3. Найдите $\frac{1}{5}$ доля числа 405?

А) 2025 Б) 81 В) 40

4. Упростить выражение:

83 – 5 * 9

А) 702 Б) 38 В) 602

Исследования показали, что средства обучения являются одним из важнейших компонентов методики преподавания математики в начальных классах. На основе этих методов младшие школьники получают хорошие знания по математике.

Хочу отметить, что средства обучения являются одними из фундаментальных знаний в математическом образовании для будущих учителей начальных классов.

ЛИТЕРАТУРА

1. Стойлова Л.П. Математика: Учебник для студ. высш. пед. учеб. заведений - М.: Издательский центр «Академия», 2002.- 424с.
2. Стойлова Л.П. и др. Основы начального курса математики. М.: Просвещение, 1988. - 320с.
3. Средства обучения математике. Сб. статей. / Сост. А.М. Пышкало .М.: Просвещение, 1980 .- 208с.
4. Средства обучения математике в начальных классах. Пособие для учителя. Сост. Моро М.И. и А.М. Пышкало – М.: Просвещение, 1981. -144с.

5. Сойер У. Путь в современную математику. Перевод с английского. М.: Мир. 1979. -259с.
6. Стерикозин В.П. Актуальные проблемы начального обучения. Пособие для учителя. – М.: Просвещение. 1979. -207с.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ СРЕДСТВ ОБУЧЕНИЯ КАК ОДИН ИЗ КОМПОНЕНТОВ МЕТОДИКИ ПРЕПОДАВАНИЯ МАТЕМАТИКИ В НАЧАЛЬНЫХ КЛАССАХ

Функции технических средства обучения многообразны, но в основном они заключаются в том, *чтобы помочь раскрыть содержание и объём новых понятий, содействовать формированию необходимых навыков, служить средством контроля и самоконтроля. Следует отметить, что цели, средств и методы обучения тесно связны между собой. Так, например, реализации новой для школы задачи: усиление внимания к формированию умений и навыков самостоятельно добывать знания (умения учиться) - повлекла за собой применение широкого набора средств обучения, в том числе и специально разработанных контрольно – обучающих систем. А появление различных экранных средств обучения оказало влияние на активизацию методов обучения.*

Важно отметить, что применение на уроках математики в начальных классах рисунка – задачи, перфокарт, тестов, ребусов, кроссвордов, схем, компьютера, диапроектора является одним из важнейших компонентов средств обучения.

Ключевые слова: *наука, средства, наглядность, обучение, система, структура, компонент, методика преподавания математики, начальные классы, задача, игра.*

USAGE OF LEARNING TOOLS AS ONE OF THE COMPONENTS OF MATHEMATICS TEACHING METHODS IN ELEMENTARY CLASSES

The functions of technical teaching aids are diverse, but basically they are to help reveal the content and scope of new concepts, to help shape the necessary skills, to serve as a means of control and self-control. It should be noted that the goals, means and methods of training are closely related. For example, the implementation of a new task for the school: increased attention to the formation of skills and ability to independently acquire knowledge (learning skills) - entailed the use of a wide range of teaching aids, including specially designed control and training systems. And the appearance of various on-screen teaching aids has influenced to the improvement of teaching methods.

It is important to note that the implementing in teaching mathematics in the elementary grades such tools, as drawing - tasks, punch cards, tests, puzzles, crosswords, circuits, computers, slide projectors, etc. are the most important components of means of teaching.

Keywords: *science, means, visualization, training, system, structure, component, mathematics teaching methodology, elementary grades, task, game.*

Сведения об авторе:

Бурханов Курбонбой Турсунраджбович *– кандидат педагогических наук, доцент кафедры естественно-математических дисциплин, эстетического воспитания и методики преподавания Худжандского государственного университета им. академика Б.Гафурова (Республики Таджикистан, г. Худжанд), Тел. моб. (+992) 918909172 E-mail: kurbon1953@mail.ru*

About the author:

Burhanov Kurbonboi Tursunrajabovich *- Candidate of Pedagogical Sciences, Dotcent of the Chair Methods of Teaching in Primary Classes, Khujand State University named after academician B. Gafurov (Republic of Tajikistan, Khujand) E-mail: kurbon1953@mail.ru*

УДК 734. 44

ИСТИФОДАИ НАҚШАКАШИИ ТЕХНИКӢ ВА АМСИЛАСОЗИИ КОМПЮТЕРӢ ДАР ДОНИШГОҲ

Абдиев Х.Х.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
Қурбонов Б.М.
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи акад. М.С.Осимӣ

Нақшакашии техникӣ ва амсиласозии компютерӣ яке аз равияҳои истифодаи компютери фардӣ мебошад, ва на танҳо барномасозон, дизайнерон ва рассомон, балки қариб ҳамаи равия ва ихтисосҳои замонавӣ онро истифода мебаранд. Ягон барномаи компютерии замонавӣ бе графика сохта намешавад.

Мавкеъи истифодаи Нақшакашии техникӣ ва амсиласозии компютерӣ беҳудуд мебошад.

Дар ҳама соҳаҳои илм, техника, тандурустӣ, дар фаъолияти тиҷоратӣ ва идора нақша, схема, графика, диаграмма, амсилаҳои сеченакаро истифода мебаранд, ки бо воситаи Нақшакашии техникӣ ва амсиласозии компютерӣ сохта шуда барои тассавури айёнияти маълумоти гуногун кӯмак мерасонад.

Дар замони ҳозира бо сабаби тараққиёти технологияҳои нави компютерӣ тарзҳои амсиласозии сеченакаро боз ҳам кушодтар истифода мебаранд.

Бартарии чунин амсиласозӣ нисбати нақшаи дученака хело волоият дорад, зеро дар он на танҳо ҷузъ балки васлия, механизм ва агрегатҳоро дидан мумкин мебошад.

Талабот ба кадрҳои баландихтисос, ки ҷузъҳои геометрӣ, сатҳҳо, хатҳоро бо хосиятҳои додашуда сохта метавонад, мавҷуд мебошад. Ҳамин сабаб бар души устодони кафедра масъулияти бештарро нисбати тайёр намудани таҳкурсии нақшакашии техникӣ ва амсиласозии компютериро мегузорад.

Собиқаи кории омӯзгори фанҳои графикӣ нишон медиҳад, ки дар вақти ҳалли масъалаҳои геометрӣ бештар донишҷӯён аз надоштани тасавуроти фазоӣ мушкилот мекашанд. Агар ҷисми техникиро аз рӯи ду намуди он тассавур карда натавонад, дар ин ҳолат амсилаи сеченака ба мо кумак мерасонад.

Фазои сеченака, тасвири айёние мебошад, ки пурра ва дақиқ маълумоти обектро дар бар гирифта, бо истифодаи он ҳуҷҷатҳои конструкторӣ бо риояи СЯҲК ботартиби муайян ҷобаҷо карда ороиш дода мешавад. Он ба намуди электронӣ ва дар навбати худ дар форматҳо сабт мегардад.

Мақсади омӯзиши фанни Нақшакашии техникӣ ва амсиласозии компютерӣ ба даст овардани дониши мукамали асосҳои геометрияи тасвирӣ, графикаи муҳандисӣ, маълумоти умумии шабакаҳои иттилоотӣ, технологияҳои компютерӣ, дастаи барномаҳои графикии замонавӣ, инчунин тарзҳои ҷамъ, коркард, нигоҳдорӣ, муҳофизат, сабти маълумот дар вақти иҷроиши нақшаҳо; амалан кор кардан дар барномаҳои графики-компютерӣ бо риояи талаботҳои асосии барномаҳои таълимӣ; қодир будани донишҷӯ дар ҳалли бомуваффақияти масъалаҳои лоиҳаҳои курсӣ ва дипломӣ мебошад.

Ба масъалаҳои омӯзиши Нақшакашии техникӣ ва амсиласозии компютерӣ дахл доранд:

- ба даст овардани дониши геометрияи тасвирӣ, Нақшакашии техникӣ ва амсиласозии компютерӣ ки заминаи асосии сохтани нақшаҳои техникӣ, ки амсилаи пурраи маҳсулоти муҳандисӣ мебошад;
- инкишофи тасавуроти фазоӣ ва фикрронии геометрӣ-конструкторӣ;
- аз худ кардани тарзҳои умумии сохтани ҳар гуна обектҳои геометрии фазоӣ (сатҳҳо, хатҳои каҷи фазоӣ), ҳосил намудани нақшаҳои он дар сатҳи амсилаҳои графикӣ, сохтани ангораҳо, нақшаҳои ҷузъҳо, васлияҳо;
- аз худ намудани тарзҳои ҳалли мисол ва маъалаҳо дар нақшаҳои обектҳои сеченака, иҷроиш ва хондани ҳуҷҷатҳои электронӣ (нақшаҳо, ҷузъҳо, васлияҳо ва спетсификатсияҳо);
- аз худ намудани бомаҳорат ороиш додани ҳуҷҷатҳои конструкторӣ мутобиқи СЯҲК, амалӣ намудани дониши назариявӣ дар чорчӯбаи дастурамалҳо бо истифодаи тарзҳои интерактивӣ ва ҳ.

Фанҳои “Санъати тасвирӣ” ва “Нақшакашӣ”-ро хонандагон дар мактабҳо ва баъзе дигар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ меомӯзанд. Дар мактабҳои олӣ донишҷӯён бо Нақшакашии техникӣ ва амсиласозии компютерӣ шинос мешаванд. Доир ба ин фанҳо китобҳои дарсӣ, дастур, тестҳо ва баъзе дигар маводи таълимӣ мавҷуданд [1-7, 17] ва чанд стандартҳо доир ба Системаи ягонаи ҳуҷҷатҳои конструкторӣ (СЯҲК) тарҷума ҳам шуданд [8].

Дар ҳамаи китоб, дастур ва дигар маводи ба таълим вобаста мувофиқи талабот истилоҳоте, ки истифода шудааст, алоҳида илова ва таҳти назорати аъзоёни гурӯҳи тарҷума ва танзими истилоҳоти Шӯрои методии донишгоҳ ва экспертҳо мебошад. Аз ин лиҳоз, истилоҳоти соҳаи нави фан (нақшакашии техникӣ ва амсиласозии компютерӣ) имрӯз то дараҷае муқаррар гардид, мас., истилоҳоти амал (операция), амсила (макет), ангора (эскиз), андозагузорӣ (простановка размеров), ахборот (информация), қабат (слой), каниш (обрыв), корандозӣ (пуск), лабшеба (фаска), паргордон (готовальня), реҷа (режим), таҳриф (искажение), фармон (команда), хотира (память), ҷузъ (деталь) ва ғ. Инчунин бисёр истилоҳ-ибораҳо, аз ҷумла истилоҳоти ислоҳи андоза (правка размера), коркарди ахборот (обработка информации), матни бисёрсатра (многострочный текст), минтақаи корӣ (рабочая зона), намолавҳаи василаҳо (панель инструментов), сатри ҳолат (строка состояния), силсилаи барномаҳо (пакет программ), таҳрири ҷисм (редактирования тела), услуби андозагузорӣ (размерный стиль), феҳристи интихоб (меню) ва ғ. аз ин қабиланд.

Истилоҳоти зерин дар ду шакл истифода мешаванд: барномарезӣ ва борномасозӣ (програмирование), густара ва кушода (развёртка), меҳвар ва тир (ось), оина ва равзана

(окно), сатҳ ва рӯя (поверхность), теға ва қирра (ребро), тугма ва тугмача (клавиша, кнопка), хат ва рах (линия), хосият ва хусусият (свойство), рахкашӣ, хатпӯшкунӣ ва хатпӯш (штриховка) ва ғ. Бешубҳа, шаклҳои густара, барномасозӣ, меҳвар, оина, сатҳ, теға, тугма, хат, хосият ва хатпӯшро истифода намудан зарур аст, зеро аксари ин калимаҳо якмаъно, аслии тоҷикӣ (аз забони арабӣ будани калимаҳои меҳвар, сатҳ, хат ва хосият аксар бехабар мебошанд, зеро тамоман ҳазм шудаанд) мебошанд.

Як мафҳуми муайянро ифода намудани истилоҳоти дурнамо, қутр, лоиҳа, миқёс, мувозӣ, нимқутр, печмӯҳра, суроб, тарҳ, тугма, устувона (мувофиқан перспектива, диаметр, проект, параллельный, радиус, гайка, контур, план, клавиша, цилиндр) маълуманд ва ба устувор шудан наздиканд.

Як қатор истилоҳоте, ки асосан ба забонҳои аврупоӣ мансубанд, мисли: автомат, блок, диаграмма, компьютер, конструкция, принтер, проекция, процессор, объект, ротапринт, система, сплайн, стандарт, схема, файл, эллипс ва ғ. дар забони тоҷикӣ бетағйир истифода мешаванд.

Ба ақидаи мо на ҳамаи онҳоро тарҷума кардан зарур аст, мас., истилоҳоти проекция, схема, стандарт, конструкция, технология ва ғ., зеро онҳоро танҳо бо якчанд калимаи тоҷикӣ ифода кардан мумкин аст ва дар аксар забонҳои дунё корбаст ва байналмилалӣ ҳам шудаанд.

Дониш ва малакае, ки донишҷӯ дар фанни Нақшакашии техникӣ ва амсиласозии компютерӣ омӯхтааст дар тамоми фанҳои техникие, ки аз рӯи барномаи таълимӣ татбиқ гаштааст истифодаи босамари худро меёбад. Тамоми лоиҳаҳои курсӣ, дипломӣ ё рисолаи илмиро айёнят (схема, нақша, диаграмма, тасвироти гуногуни сеченака) пурра мекунад.

Фанни Нақшакашии техникӣ ва амсиласозии компютерӣ дар донишгоҳ таҳкурсии асосии базавӣ барои тайёр намудани муттахасисони замонавӣ, мутобиқ ба талаботи бозори меҳнат мебошад.

АДАБИЁТ

1. Луғати русӣ-тоҷикии геометрияи тасвирӣ ва нақшакашӣ / Тартибдиҳанда Т.Қ. Ҷӯраев. – Душанбе “Дониш”, 1974. – 67 с.
2. Луғати тафсирии мухтасар аз геометрияи тасвирӣ ва нақшакашӣ / Тартибдиҳанда Т.Қ. Ҷӯраев. – Душанбе “Дониш”, 1976. – 143 с.
3. Ботвинников А.Д., Виноградов В.Н., Вышнепольский. Нақшакашӣ (китоби дарсӣ барои синфҳои 7-8). Тарҷумаи Т.Қ. Ҷӯраев. – Душанбе : Маориф, 1990, нашри 2. – 232 с.
4. Н. Полещук. AutoCAD-2002. – Санкт-Петербург: БВХ-Петербург, 2002.
5. Н. В. Жарков. AutoCAD-2007. – СПб.: Наука и Техника, 2007, 608 с.
6. Қурбонов Б.М. (ҳаммуаллиф Т.Қ. Ҷӯраев ва Я.Г. Назиров). Истифодаи технологияҳои нав ҳангоми санҷиши донишҷӯён. – Душанбе, ДТТ, 2010. – 52 саҳ.
7. Н. В. Жарков, Р. Г. Прокди, М. В. Финков. AutoCAD-2011. – СПб.: Наука и Техника, 2011, 624 с.
8. А. Орлов. AutoCAD-2011. Самоучитель – СПб.: Питер, 2011, 384 с.
9. Нишондодҳои методӣ барои иҷрои корҳои озмоишӣ аз фанни “Нақшакашии компютерӣ” / Тартибдиҳандагон Турсунбадалов У.А., Юнусов Н.И., Ҷалолов У.Х. Душанбе, ДТТ, 2012. – 113 с.
10. Ҷӯраев Т.Қ., Гадоев С.А. Нақшакашӣ (китоби дарсӣ барои синфҳои 8-9), нашри 3. – Душанбе “Маориф”, 2017. – 240 с.
11. Ҷӯраев Т.Қ., Алиев Ҷ.Н., Қурбонов Б.М., Зарипов А.Х. Нақшакашии компютерӣ. Мӯҳтавои лексияҳо. – Душанбе, ДТТ, 2018. – 108 с.
12. Луғати русӣ-тоҷикии терминҳои умумитехникӣ / Мураттиб Ҷӯраев Т.Қ. – Душанбе “Маориф”, 1987. – 96 саҳ.
13. Ершов А.П. ва диг. Асосҳои информатика ва техникаи ҳисоббарор, қ. 2 / Тарҷумаи Б. Алиев. – Душанбе “Маориф”, 1987. – 152 с.
14. Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ, ҷ. 1 ва 2. – Душанбе “Дониш”, 2004-05. – 390 ва 462 с.
15. Фарҳанги имлои забони тоҷикӣ. – Душанбе, нашриёти “Шарқи озод”, 320 с.
16. Зулфонов С. Луғати русӣ-тоҷикиинассоҷӣ. – Душанбе, 2014. – 358 с.
17. Абдиев Х.Х. Асосҳои нақшакашии техникӣ. – Душанбе, ДДОТ, 2019. – 135 с.

ПРИМЕНЕНИЕ ТЕХНОЛОГИЧЕСКОГО ЧЕРЧЕНИЯ И КОМПЬЮТЕРНОГО МОДЕЛИРОВАНИЯ В УНИВЕРСИТЕТЕ

В статье приводится краткая информация об изучении предметов технологического черчения и *компьютерного моделирования, происхождении учебных пособий и учебников, терминологии темы.*

Ключевые слова: *программа, ввод информации, клавиатура, компьютер, масштаб чертежа, компактная панель, швеллер, циркуль, принтер, редактировать, файл, команда, меню, уровень, диаметр.*

APPLICATION OF TECHNOLOGICAL DRAWING AND COMPUTER MODELING AT THE UNIVERSITY

The article provides brief information about the study of subjects of technological drawing and computer modeling, the origin of textbooks and textbooks, the terminology of the topic.

Keywords: *program, information input, keyboard, computer, drawing scale, compact panel, channel, compass, printer, edit, file, command, menu, level, diameter.*

Сведения об авторах:

Курбонов Б.М., *старший преподаватель кафедры инженерной и компьютерной графика ТТУ имени академика М.С.Осими, г. Душанбе. Телефон: (+992) 918763535.*

Абдиев Х.Х., *к.т.н., старший преподаватель кафедры "Технология, черчение и дизайн" Телефон: (+992) 918763535. ТГПУ имени С. Айни г. Душанбе Телефон: (+992)98 526 88 86.*

About the authors:

Qurbonov B.M., *senior lecturer of the Department "Engineering and computer graphics" TTU named after academician M. S. Osimi, Dushanbe. Phone: (+992) 918763535.*

Abdiev Kh.Kh., *senior lecturer of the Department «Technology, sketching and design» faculty of technology and business TSPU, named after Sadriddin Ayni, Dushanbe. Phone:(+992) 98 526 88 86*

ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТНОКИИ ОМӮЗГОР ДАР ИНКИШОФИ МУВАФФАҚОНАИ ДОНИШҶӮ

Латипов С.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи таълиму тарбияи насли наврас, илму маориф, тарбияи ҷавонон, хусусан омӯзиши забонҳои хориҷӣ диққати махсус медиҳад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониаш ҳангоми вохурӣ бо ҷавонон аз ҷумла таъкид намудааст: «Фақат насли ҷавони мамлакат қодир аст, ки забонҳои хориҷӣ ва технологияи муосирро аз худ карда, усулҳои хоҷагидории иқтисодиёти бозориро мукаммал омӯхта, корхонаҳои фалаҷгаштаро дубора барқарор намуда, фаъол гардонад»

Аммо таҳлили таҳқиқоти педагогӣ нишон медиҳад, ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар омода кардани омӯзгороне, ки ба талаботҳои мактабҳои замонавӣ ҷавобгуй бошанд, чандон аҳамияти зарурӣ зоҳир намекунанд.

Ба мақсад мувофиқ мебуд, агар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар на ба «тавлиди дониш», балки ба «тавлиди шахсияти мутахассис» аҳамияти аввалиндараҷа медоданд. Махсусан масъалаи ташаккули салоҳиятнокии донишҷӯ кам ба назар мерасад. Таҳлили таҷрибаи омодасозии муассисаҳои олӣ дар бораи мавҷуд набудани системаи пурраи ташаккули салоҳиятнокии донишҷӯ, ки барои худамалишавии муваффақонаи омӯзгори оянда лозим аст, шаҳодат медиҳад.

Номукаммалии масъалаи назария ва таҷрибаи ташаккули салоҳиятнокии донишҷӯ, бе эътибории нақши вай дар раванди омодасозии касбӣ-омӯзгории донишҷуёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар, талабот ба шахсият ва фаъолияти омӯзгор дар таҳсилоти ҳозира ва норасоиҳоро дар омодасозии касбии вай нишон медиҳад.

Раванди кунунии таълимӣ–тарбиявии муосир шахсияти омӯзгор ва сифатҳоеро, ки барои ҳамкорӣ кардан бо хонандагон муҳим мебошанд, талаб мекунад. Яке аз сифатҳои муҳими омӯзгор ин ташаккули салоҳиятнокӣ ва маҳорати «худдорӣ кардан» ба ҳисоб меравад.

Маорифи муосир аз омӯзгор салоҳиятнокӣ, бо тамкинӣ ва пуртоқатиро талаб мекунад. Ҳисси баланди муҳаббат ба шогирдон бояд ба сатҳи баланди худдорӣ ва маҳорати идора кардани эҳсосоти худ мувофиқ бошад.

Имрӯзҳо дар фаъолияти касбии бисёр омӯзгорони муосир ҳолати баланди эҳсосӣ дида мешавад, ки боиси коста шудани пойдории рӯҳӣ ва самаранокӣ мегардад. Ғайр аз ин, ҳолатҳои номусоиди эҳсосоти такроршаванда боиси мустаҳкам шудани сифатҳои манфии шахсияти омӯзгор (қаҳролудӣ, пуризтиробӣ, рӯҳафтодагӣ ва ғайра) мегардад, ки ба самаранокии фаъолияти омӯзгорӣ таъсири манфӣ дорад ва ҳар гуна бемориҳои рӯҳиро ба вуҷуд меорад.

Ташаккули салоҳиятнокии донишҷӯ яке аз самтҳои муҳими омодасозии касбии омӯзгорони оянда ба ҳисоб меравад. Салоҳиятнокии донишҷӯ фаъолнокӣ, самаранокӣ,

ҳамкории таъсирбахш бо хонандагон, волидайн ва ҳамкорон ва қаноатмандӣ аз касби худро ба вуҷуд меорад.

Дар шароити гуманизатсияшавӣ омодасозии мутахассис на барои ихтисоси муайян, балки барои тарбияи корозмуда аввалиндараҷа ҳисобида мешавад. Барои ҳамин системаи омодасозии касбӣ бояд на танҳо ба фанни махсус, балки ба касб ҳам равона карда шавад.

Ҳамин тариқ, салоҳиятнокӣ як қисмати лозимии фарҳанги эҳсосият ва салоҳияти касбии омӯзгори оянда ба ҳисоб рафта, он муайянкунандаи таъсирҳои эҳсосӣ, иродавӣ, зеҳнӣ ва таркибҳои фаъолияти рӯҳии шахсони алоҳида аст, ки дар вазъиятиҳои душвор муваффақияти фаъолияти омӯзгорро таъмин мекунад.

«Ташаккул наёфтани салоҳиятнокӣ фаъолияти таъсирбахши омӯзгорро коҳиш медиҳад ва барои фаъолияти пурраи ғайрикасбии инсон монеа мешавад. Ноустувории салоҳиятнокӣ бо бемаҳоратии омӯзгоро иди дуруст бароҳмондани фаъолияти худ дар мувофиқа бо хусусиятҳои субъективии худ алоқаманд аст. Ин мушкилиҳо боиси норасоии худидоракунӣ, худислоҳкунӣ ҳамчун ошкоршавии камбудии ғайрикасбии шахсият мегарданд. Ин ифодагари он аст, ки агар омӯзгор нисбати худ дудила бошад, камбудиҳои худро набинад даркори таълиму тарбия муваффақ намешавад.»[2, с.85]

Вобаста ба дастуру супориши Президенти кишвар, кормандони соҳаи маорифи ҷумҳуриро зарур аст, ки дар раванди таълим воситаҳои техникӣ ва усулҳои нави таълимро ҳар чӣ бештар татбиқ намуда, насли наврасро барои аз худ намудани техникаю технологияи муосири ҷаҳонӣ ва кор дар шароити иқтисоди бозаргонӣ омода созанд. Дар шароити имрӯза, ки Ҷумҳурии соҳибистиқлоли мо бо мамлакатҳои гуногуни хориҷӣ робитаҳои мухталифи илмию фарҳангӣ ва иқтисодӣ барқарор намудааст ва ин равобит рӯз то рӯз вусъат меёбад, зарурати омӯзиши амиқ ва мукаммали забонҳои хориҷӣ, хусусан забонҳои русӣ, англисӣ, франсавӣ, немисӣ, арабӣ ва ғайра дорои аҳамияти бештар мегардад.

Тоҷикистон мустақилият ва соҳибихтиёрии худро дар арсаи байналмилалӣ ба ҳукми қонун дароварда, эъломияи истиқлолияти миллиро қабул намуд. Дар ҳамаи соҳаҳои зиндагӣ: сиёсат, иқтисодиёт, фарҳангу маданият, соҳибихтиёрии давлат таҷассум меёбад.

Мактаб ин рукни таркибии фарҳангу маданият мебошад, ҳамчун муассисаи таълимию тарбиявии ҷомеа дар афрӯхтани нури маърифат ва ахлоқи ҳамида мавқеи муҳим мебозад.

Асоси ҳама гуна ғояи илмро принсипҳои сиёсати давлат дар соҳаи маориф, дар таҳрири нави Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ташкил медиҳад.

Методологияи илмӣ бо боварии пурра тасдиқ менамояд, ки ҳар як муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дорои хусусиятҳои хос ва низоми мустақили методӣ буда, дар худ унсурҳои таркибии ба ҳам алоқаманди шаклҳои ташкили кори омӯзишу парвариш, усулҳо ва тарзу воситаҳои таълимиро таҷассум менамояд.

Тавре, ки дар пешгуфтори «Қонуни маориф» таъкид карда, шудааст: «Вазифаи таълим ва тарбия ҳамчун ҷузъи таркибии маориф ва дар шароити давлати демократию ҳуқуқбунёд ва дунявӣ аз он иборат аст, ки шаҳрвандони сатҳи маърифаташон баланд, дорои тафаккури эҷодӣ, ҳамаҷониба рушдёфта ва соҳиби дониши амиқ дорои маҳорату малакаи касбӣ тайёр намояд». [1**, с.**48]

Дар раванди ба амал баровардани муносибатҳои шахсӣ – инсонпарварӣ мақсади шахсият гузошта мешавад ва дар баробари он шакли муносибати инсондӯстоноро ба шахси инкишофёфта тасдиқ карда мешавад.

Нақши муҳимро дар ин ҷо омӯзгор мебозад: вай на танҳо бояд дониши худро ба хонандагон бахшад, балки пеш аз ҳама дар раванди педагогӣ ҳолати меҳрубонӣ, дӯстона, ҳурматнокӣ, ҳамдардӣ ва хурсандиро зоҳир намояд. Бо муносибати шахсӣ - инсонпарварӣ, шароити кафолати муваффақ, яъне хурсандии дарки аз худ намудани забони хориҷӣ аз тарафи хонандагон вобаста аст.

Дар ин ҷо сухан дар бораи он меравад, ки хонанда дар раванди дарс ба душвориҳо дучор намешавад, балки сухан дар бораи он меравад, ки вай дар навбати аввал соҳиби маҳорати худбаҳодиҳӣ бошад, баҳои ҳавасмандкунандаро, ки ба кори ӯ атрофиёнаш медиҳанд, эҳсос кунад.

Ин хеле муҳим аст. Ҳамин тавр ҳиссиёти муваффақият бо омилҳои зиёде, ки дар байни онҳо аз ҳама муҳимаш баҳои ҷамъиятӣ мебошад, таъмин карда мешавад. Хонанда барои комёбию муваффакиятҳои худ ба муносибати самимона, илтифот,

муҳрубонӣ, хайрхоҳӣ ва ҳавасмандгардонии педагог, падару модар ва рафиқони худ ниёзманд аст.

Мусаллам аст, ки яке аз принсипҳои асосии таҳсилоти имрӯза равияи башардӯстона доштани ҷараёни педагогӣ мебошад. Аз рӯи ақидаи чанде аз муҳаққиқон, гуманизатсияи таҳсилоти умумимактабӣ ташкили муҳит ба кушодан ва инкишоф додани истеъдоди хонанда ва худифоданамоии ӯро дар назар дорад. Ин равия пеш аз ҳама дар асоси эҳтиром ва боварӣ ба кӯдак асос ёфта, дар фаъолияти мактабӣ, дар мазмун, ташкил ва характери алоқамандии аъзои коллективи мактабӣ низ ифода меёбад. Миссияи башардӯстии хешро таҳсилот аз ду ҷиҳати иҷтимоӣ иҷро менамояд: вай шахсро барои иҷрои нақшҳои гуногуни иҷтимоӣ тайёр менамояд ва якбора шахсро барои тағйир додани худ истеъдод мебахшад. Омилҳои беруна метавонанд нерӯи башардӯстонаи таҳсилотро зиёд намоянд ё баръакс кам гардонанд. Дар ҷамъияти тоталитарӣ бо ташкили ҳама гуна назорат аз болои фаъолиятҳои инсонӣ таҳсилот дар инкишофи шахс нақши пассивонаро мебозад. Ҷамъияти демократӣ имкон медиҳад, ки нерӯи башардӯстонаи таҳсилот инкишоф ёбад. Ин амал дар кушод будани муносибати сохтори таҳсилот бо институтҳои дигар, озодона баён намудани фикру ақидаҳои хеш, ташкили усулҳои озоди методӣ ва вазъиятҳои муваффақиятовар дар таълим ифода меёбад. Ҳамин тариқ, вобаста аз вазъи воқеии ҷомеавӣ ду ҷараён пайдо мегарданд, ки аввалан авторитарӣ буда, дар назорати сахт ва баҳогузорӣ асос ёфтааст. Дар ин маҷро нақши асосиро омӯзгор ва иҷрокунандаро хонанда бозӣ менамоянд. Дар доираи дуюм диққат ба инкишофи рӯҳӣ-маърифатии шахс дода мешавад, ки ҳамкорӣ, алоқамандӣ бо ҳаёт, бо муҳити иҷтимоиро талаб менамояд.

Дар ҷараёни фаъолияти таълимӣ мавқеи омӯзгор ва хонанда якранг нест. Омӯзгор бо хонанда бо ҷиҳатҳои гуногуни расмӣ ва ғайрирасмӣ вобаста аст, ки барои он дар назди ҷомеа, хонандагон, назди виҷдони худ ҷавобгар мебошад.

Лозим аст, ки бо хонанда зиёдтар дар муошират бошад, талаботи ӯро фаҳмад, барои инкишофи ӯ кӯмак карда тавонад. Омӯзгор бояд дар пеши кӯдак то дараҷае кушод бошад, ки кӯдак ба ӯ бовар карда тавонад, фикр, ақидаи кӯдакро эҳтиром намояд" [5, с.23]. Баробарӣ ҳамеша ҳамкорист, ин эҳтироми тарафайн, тайёр кардан ба худифодакунии кӯдак мебошад. Ҳамкорӣ фақат фаъолияти якҷоя нест. Асоси ӯро шодкомие, ки кӯдак аз ӯ пайдо мекунад, нишон медиҳад. Интизории хурсандӣ – сарчашмаи ҳаракат ба пеш ҳисобида мешавад. Ҳамкории зичи омӯзгор бо хонанда, ки бо муҳаббат ба кӯдакон асос ёфтааст, ташкили вазъиятҳои гуногуни педагогиро тақозо менамояд.

Раванди омӯзиш, ки дар ҳамкории муаллим ва хонанда сохта шудааст, бояд ба хонанда имконият диҳад, ки ӯ эҷодкунанда бошад, нуқтаи назари худро дошта бошад, онро дарку фаҳмида тавонад ва ҳуқуқи худро дифоъ намояд. Бачаро ба шахси эҷодкор табдил дода, мо набояд гузорем, ки ӯ дар ҳар душвории таълим мутаассир гардад ва нобарорӣ боиси сустшавӣ ва хомӯшшавии рағбати даркнамоии ӯ гардад.

Бояд қайд кард, ки омӯзгор пеш аз ҳама бояд аз моҳияти салоҳиятнокӣ, идора намудани худ дар ҷараёни корҳои таълимӣ, хусусиятҳои психологӣ ва усулҳои идоракунии эҳсосоти худ ба хубӣ огоҳ бошад. Муаллим бояд масъулияти шахсии худро барои фаъолияти касбӣ дарк намуда, дар инкишофи муваффақонаи хонанда саҳми беандоза дошта бошад.

Ба ақидаи мо баланд бардоштани касбияти омӯзгорон бояд дар мадди аввал бошад ва омӯзгори оянда пеш аз он ки ба фаъолияти таълимӣ оғоз намояд, бояд аз нозукиҳои касби интихоб намудаи худ ба хубӣ огоҳ бошад.

Ҳамин тариқ ташаккули салоҳиятнокӣ ба намудҳои гуногуни омилҳои фаъолияти касбӣ аз ҷониби мо ҳамчун сифати хуби касбии шахсияти устоди оянда баррасӣ мешавад. Бояд вобаста ба рушди сифати мазкур дар системаи омодасозии мутахассиси оянда дар шароити инсондустии ҷараёни таълим диққати махсус дода шавад.

АДАБИЁТ

1. Абдураҳмонов Г.Н. Хусусиятҳои фардии психологии хонанда ва ба эътибор гирифтани онҳо дар ҷараёни таълими дастури методи/ Г.Н. Абдураҳмонов. Душанбе.Ирфон. 2014.
2. Атохонов Темур. Очеркҳои афкори педагогӣ: Воситаи таълим.-Душанбе. Деваштич. 2005.
3. Бозоров. О. Тарбияи ва тандусти ва интернационали дар дарсҳои хониши синфҳои ибтидоӣ \ О.Бозоров. Душанбе. Маориф 1990.
4. Ин ҷаҳонро нигар бо чашми хирад. Дастур барои дарсҳои тарбиявии синфҳои 10-ум. Душанбе. 1999.
5. Макаренко. А.С. Маърузаҳо оид ба тарбияи бачагона нашри дуюм. Душанбе. Ирфон. 1967.

РАЗВИТИЕ КОМПЕТЕНТНОСТИ УЧИТЕЛЯ В УСПЕШНОМ РАЗВИТИИ СТУДЕНТА

Процесс обучения, который был построен в сотрудничестве преподавателя и студента, должен позволять студенту иметь представление о том, что он является создателемсво их собственных идей и защищать свои права.

Ключевые слова: *преподаватель, студент, обучения, сотрудничество, развития*

THE DEVELOPMENT OF COMPETENCE OF THE TEACHER IN THE SUCCESSFUL DEVELOPMENT OF THE STUDENT

The learning process, which was built in collaboration with the teacher and the student, should allow the student to have an idea that he is the creator of his own ideas and to protect his rights.

Keywords: *teacher, student, learning, cooperation, development.*

Сведение об авторе:

Латипов Сафар *- декан математического факультета Таджикского государственного педагогического университета им.С.Айни Тел. (+992) 915535735*

About the author:

Latipov Safar *- Dean of the Faculty of Mathematics of Tajik State Pedagogical University named after S. Aini. Tel.- (+992)915535735*

НУТҚИ КАСБӢ ДАР НИЗОМИ ОМОДАСОЗИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДАИ ЗАБОНИ ХОРИҶӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ ОМӮЗГОРӢ

Ҳалимова З., Алиев С.Н.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Имрӯз таҳқиқи проблемаи ташаккули нутқи касбӣ яке аз умдатарин проблемаи таълими забонҳои хориҷӣ дар мактаби олӣ маҳсуб меёбад, чунки талабот ба мутахассисони донандаи забони хориҷӣ вобаста бо густариши робитаҳои кории байналмилалӣ, азхудкунии технологияи навин, ташкили муассисаҳои сершумори муштарак ва самаранокгардонии фаъолияти касбӣ дар робитаи зич бо шарикони хориҷӣ хеле афзоиш ёфтааст.

Талаботи рӯзафзуни муошират байналмилалӣ, тафриқаи торафт бештари дониши илмӣ эътирофи зарурӣ ва табиии мафҳуми «забон барои мақсадҳои махсус»-ро бо тафовут аз «умуман забон» аз ҷониби олимони гуногун муайян кард. Ҳанӯз дар миёнаи солҳои 70-уми асри гузашта масъалаи рушди салоҳияти забонии касбӣ ҳамчун яке аз масоили муҳимтарини соҳаи таълими забонҳои хориҷӣ баррасӣ мегашт. Соли 1977 дар Вена оид ба масъалаи «забон барои мақсадҳои махсус», яъне забоне, ки дар бахшҳои мухталифи фаъолияти инсон, мисли тиб, ҳуқуқ, тиҷорат, маориф ва ҳоказо истифода бурда мешавад, нахустин симпозиуми аврупоӣ баргузор гардид. Олимон саъй варзиданд, ки ҳадафҳо, вазифаҳо мундариҷа, ва усулҳои таълимро дар соҳаи мазкури таълими забонҳои хориҷӣ муайян созанд. Ба масъалаҳои омодагардонии муаллимоне, ки барои татбики мақсадҳои дар пеш гузошташуда қобилият доранд, таваҷҷӯҳи махсус зоҳир карда шуд, зеро дар давраи мазкури таърихӣ омӯзгорон бештар ба таълими асосҳои филологии забони мавриди омӯзиш, на ба истифодаи он дар муошират касбӣ мутаваҷҷеҳ буданд.

Вобаста ба ин мавзӯъ яке аз нуқтаи назари ҷолиб, ба андешаи мо, нуқтаи назари А. А. Леонтев мебошад, ки тибқи он «фаъолияти нутқӣ худ ба худ вуҷуд надорад. Танҳо низоми амалиёти нутқие мавҷуд аст, ки онҳо ба ягон навъи фаъолият -- пурра назариявӣ, зеҳнӣ ва ё амалиявӣ дохил мешаванд» [8, с.112].

Ю. Д. Дешериев зикр менамояд, ки «дар забонҳои олам, алалхусус дар мамлакатҳои нисбатан мутараққӣ, тафриқадиҳии иҷтимоӣ-касбии забон васеъ густариш ёфтааст. Вобаста бо инкишофи пуршиддати илм ва техника ба истилоҳ «зерзабонҳо» (забони математика, физика, химия ва ғайра) пайдо шудаанд» [5, с.16].

Дар забони модарӣ азхудкунии забони касбӣ ба таври табиӣ дар рафти фаъолияти таълимӣ ва меҳнатии одам ба амал меояд. Вале ҳангоме зарурати муошират касбӣ бо ҳампешаи хориҷӣ пайдо мегардад, яъне ҳангоме сухан аз хусуси зарурати азхудкунии забони касбӣ тавассути забони хориҷӣ меравад, мушкилоти зиёд ба вуҷуд меоянд, зеро забони касбӣ махсусияти худро дорад, ки зарурати фароҳамсозии шароитҳои

педагогиро барои таълими мақсадноки забони дар навъи муайяни фаъолияти инсон истифодашаванда пешбинӣ менамояд.

Дар ҷумҳурии мо дар муассисаҳои таҳсилоти олии забонӣ таълими забони хориҷӣ ҳамеша фаъолияти ояндаи касбии донишҷӯро ба ҳисоб мегирифт ва имрӯз низ ба ҳисоб мегирад. Дар тавсияҳои методии барномаҳои таълимӣ оид ба забони хориҷӣ таъкид карда мешавад, ки забони хориҷӣ қисми ҷудоинопазири омодагардонии мутахассиси муосир мебошад. Мувофиқи ҳуҷҷати мазкур, курси донишгоҳии забони хориҷӣ бояд «хусусияти мутамоил ба касбият дошта бошад, аз ин рӯ вазифаҳои онро дар навбати аввал талаботи коммуникативӣ ва маърифатии мутахассисони тахассуси дахлдор муайян мекунад»[9, с.4].

Ҳадафи курси «Амалияи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ» (АНШХ) дар муассисаи таҳсилоти олии риштаи забони хориҷӣ азхудкунии амалии нутқи гуфтугӯӣ-маишӣ ва забони ихтисос барои истифобарии фаъолонаи забони хориҷӣ ҳам дар муоширати рӯзмарра ва ҳам дар муоширати касбӣ мебошад [2, с.27]. Асоси таҳияи барномаҳо аз ҷудо намудани курс ба ду самт ё ҷанба: «Забони умумӣ» (General Language) и ва «Забон барои мақсадҳои махсус» (Language for Specific Purposes -LSP) иборат аст. Онҳо аз якдигар бо мавзӯъҳо ва таркиби матнҳои таълимӣ, афзалияти навъҳои фаъолияти нутқӣ, рушди малакаҳои барои азхудкунии феҳрасти дахлдори нутқ фарқ мекунад. Дар ҷанбаи «забони умумӣ» рушди малакаҳои идроки нутқи садодиҳанда (муколамавӣ ва гуфтугӯӣ), малакаҳои нутқи шифоҳии гуфтугӯӣ-маишӣ, малакаҳои хондан ва навиштан амалӣ гардонда мешавад. Таълими забони умумӣ дар асоси маводи асарҳои нутқи мавзӯи ғайримахсусонидашуда (маишӣ ва умумимаърифатӣ), инчунин маводҳои дорои хусусияти кишваршиносӣ ва фарҳангшиносӣ роҳандозӣ карда мешавад.

Дар ҷанбаи «забон барои мақсадҳои махсус» рушди малакаҳои нутқи оммавӣ (хабар, маърӯза, мубоҳиса), рушди малакаҳои хондани адабиёти махсус бо мақсади ба даст овардани иттилоот, шиносоӣ бо асосҳои хулосабарорӣ (реферат), тавзеҳи мухтасар ва тарҷумаи адабиёт оид ба ихтисос, рушди малакаҳои асосии навиштан барои омодагардонии мақолаҳо ва ба роҳ мондани мукотиба сомон дода мешавад. Таълими забони ихтисос дар асоси маводҳои матнии марбут ба мавзӯъҳои касбӣ амалӣ карда мешавад.

Ҳамзамон, таҷрибаи кор дар муассисаи таҳсилоти олӣ нишон медиҳад, ки зимни муошират дар мавзӯъҳои касбӣ бо забони мавриди омӯзиш хатмкунандагони факултаҳои забонии муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ мушкилӣ мекашанд, чунки омӯзиши забони хориҷӣ дар факултаи махсус азхудкунии беихтиёронаи онро дар соҳаи касбӣ таъмин намекунад.

Таҷрибаи кори бисёрсолаи мо дар муассисаи таҳсилоти олии омӯзгорӣ нишон медиҳад, ки дар донишҷӯёни факултаҳои забонӣ (забони англисӣ, забонҳои романию германӣ) ҳангоми татбиқи муоширати касбии марбут бо забони хориҷӣ як қатор душвориҳо ба вуҷуд меоянд, ки пеш аз ҳама бо надонистани луғати махсус дар соҳаи методикаи таълими забонҳои хориҷӣ вобаста мебошанд. Воқеияти мазкур зарурати ташкили махсуси раванди таълими фаъолияти нутқи касбиро тавассути забони хориҷии касбии муаллими забони хориҷӣ дар факултаҳои забонии муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ исбот менамояд.

Бо назардошти воқеияте, ки масъалаҳои таълими фаъолияти нутқии касбӣ бо забони хориҷӣ дар пажӯҳишҳои дар муассисаҳои таҳсилоти олии забонӣ баргузор кардашуда мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, муносибатҳои мавҷуда оид ба таълими нутқи касбӣ дар соҳаи мазкур омӯхта шуданд [2,3,6,11]. Таҳлили корҳои назариявӣ ва татбиқи амалии онҳо дар китобҳои дарсӣ оид ба таълими нутқи касбии забони хориҷӣ имконият дод, ки доир ба муносибатҳои имконпазир ба ҳалли масъала тасаввурот ҳосил карда шавад [14].

Барои ифодаи ҳадафҳои таълим дар замони ҳозира мафҳумҳои гуногун истифода мегарданд: «забони ихтисос», «забони хориҷӣ барои мақсадҳои махсус», «забони корӣ», «забони касбӣ», «салоҳияти касбии нутқӣ», «салоҳияти тамоюли касбии забони хориҷӣ» ва ғайра. Истилоҳи байналмилалии аз ҳама зиёд истифодашаванда истилоҳи «Language for Specific Purposes » («Забон барои мақсадҳои махсус») мебошад.

Худи мафҳуми «нутқи касбии омӯзгори забони хориҷӣ»-ро пажӯхишгарон аз дидгоҳҳои гуногун баррасӣ менамоянд [1, с.14]. Масалан, дар зери мафҳуми «касбӣ» нутқи муаллими забони хориҷӣ ҳангоми дарс фаҳмида мешавад, ки он дар луғати мактабӣ татбиқ ёфта, мундариҷааш вобаста ба ҳадафи мушаххаси таълим, метавонад аз хабар додани иттилоот, муайян кардани талабот, ба миён гузоштани вазифаҳо, назорат

аз рӯйи ичрои онҳо, ислоҳи фаъолияти талабагон, баҳодихии натиҷаҳои бадастовардашуда ва ҳоказо иборат бошад.

Дар байни ҳамаи технологияи сайёру мултимедӣ, ки дар ҳолати гузаронидани таҷрибаю омӯзиш ва санҷишҳо қарор доранд, алоқаи мусири видеокамеравии Интернет пайваста заруру муфид аст, зеро дар асоси онҳо метавон раванди ҳамкории байни омӯзгор, донишҷӯён ва донишҷӯёнро дошта бошанд. Истифодаи ин технологияҳо дар раванди омӯзиш дар чаҳорчӯбаи лоиҳаҳои забонӣ, ки дар асоси яке аз технологияҳои дар боло зикршуда амал хоҳанд кард, сурат мегирад. Гузашта аз ин, донишҷӯён байни худ воситаҳои видеои интернетӣ (масалан, нармафзори Skype)-ро бо занги видеоӣ дар рафти татбиқи лоиҳа истифода мебаранд.

Маълумот ва нишонаҳои захираҳои Интернет метавонанд дар маҷлисҳои мунтазами таснифӣ, ки дастрасии сайёр таъмин карда мешаванд ва дар давоми вақти иловагӣ дар ҷараёни омодагӣ ба дарсҳои мунтазам ё дар раванди татбиқи лоиҳаҳои забонӣ истифода бурда шаванд.

Маҷмӯи забоншиносон, тарҷумонҳо, ҳамчунин мушовиру роҳнамоҳо метавонанд на танҳо дар давоми вақти иловагӣ дар рафти амалӣ намудани лоиҳаҳо, аз ҷумла лоиҳаҳои таҳқиқотӣ ширкат кунанд, балки дар доираи омӯзиши сайёру мултимедӣ дар давоми машғулиятҳои синфӣ истифода шаванд. Албатта, дар чунин ҳолат, онҳо бояд машғулиятҳои махсус ё вазифаҳоро барои ҳамгирӣ ба раванди омӯзиши забон ва фарҳанги хориҷӣ ба роҳ монанд.

Ба назар гирифтани тадқиқоти олимон ва таҳияи алгоритми мо барои омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва як қатор вазифаҳо оид ба ташаккули малакаҳои забонҳои донишҷӯён бо технологияҳои мобилӣ зарур аст.

Усули асосии раванди омӯзиши забони хориҷӣ тавассути блог-технология, вики-технология, зеркастҳо, веб-форумҳо ва почтаи электронӣ усули лоиҳавӣ мебошад. Ҳоло, усули лоиҳа ва методология барои ташкили лоиҳасозии педагогии фаъолияти донишҷӯён паҳн карда мешавад. Сарчашмаи усули лоиҳа одатан вобаста аст бо номи файласуфи амрикоӣ, омӯзгор ва намояндаиравияи прагматизми фалсафӣ - Джон Дюи (J. Dewey, 1909). Муҳаққиқон бар ин назаранд, ки ки арзиш ва самаранокии ҳама гуна таҳсилот бевосита дар таҷрибаи муҳассилин фаъол мебошанд, ки истифодаи амалии дониш дар синф ба даст оварда мешавад. Иловатан ӯ зикр мекунад, ки таҳсилот барои омодагӣ ба ҳаёт нест, балки ҳаёт ъхуди таҳсилот аст! Бояд зикр кард, ки ин ғояҳои D. Дейли бо парадигмаи нави миллӣ ба таври сунъӣ ба вуҷуд меояд. Дар ҳақиқат, дар замони муосир зуд-зуд тағйирёбии технололгия ва саноат эҳсос мешавад. Талаботи замон чунин аст, ки бояд ҳар як мутахассис доимо ҳамқадами равандҳои имрӯза бошад. Омӯзиши донишҳои нав ва ташкили салоҳиятҳои нав тавассути таҷрибаи амалӣ – тақозои замони муосир аст. Ҳадафи асосии усули пешниҳодшудаи лоиҳа он аст, ки муҳассилин дар раванди омӯзиш бояд дар муҳиту шароити психологию педагогие қарор дошта бошанд, ки дар он худ метавонанд ҳамчун қабулкунанда муҳтавои маълумоти зарурӣ ва таҷрибаи нави амалии истифодаи донишҳо ва дар амал татбиқгар бошанд.

Мувофиқи андешаи Д. Дюи, ҳар як лоиҳа бояд аз мушкилоте, ки аз ҳолати воқеии ҳаёт гирифта мешавад, асос ёфта бошад. Ин масъала бояд барои ҳар як донишҷӯ муфид бошад. Барои амалӣ намудани лоиҳа дар асоси мушкилот, ҳар як донишҷӯ бояд дониши мавҷуда ва малакаҳоро истифода барад ва дар асоси онҳо дониш ва таҷрибаи нав ба даст орад. Функсияи муаллимон дар ташкили фаъолияти лоиҳавии донишҷӯён ба раванди омӯзиш мусоидат мекунад. Омӯзгор шароити зарурӣро фароҳам меорад ва фаъолияти тадқиқотӣ ва оммавии муҳассилинро ҳамоҳанг мекунад.

Дар низоми таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон усули лоиҳаҳо дар ҳолати рушдқарор дорад. Дар муқоиса бо ҳамкасбони амрикоӣ, омӯзгорони тоҷик барои таҳияи заминаи назарии ин усул тадқиқот мебаранд.

Дар марҳилаи кунунӣ усули лоиҳавӣ дар амалияи омӯзиши забонҳои хориҷӣ ҳам дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва таҳсилоти олии касбӣ амалӣ мегарданд. Он яке аз усулҳои самаранок дар чаҳорчӯбаи муносибати шахсӣ амал мекунад. Муқаддимаи асосии ин метод дар корҳои олимону муҳаққиқони маъруфи рус [1;13;6; 15] тасвиру тавсиф гаштааст ва чунин нуктаҳоро фаро мегирад: - ному насаби пешакии натиҷа (ҳадаф) -и фаъолияти лоиҳа; - дар асоси усули лоиҳа, ҳалли ин масъала бояд рӯй диҳад; - усули лоиҳа фаъолияти омӯзиши мустақилонаи донишҷӯёнро барои ҳалли мушкилот нишон медиҳад; - усули лоиҳа ба шаклҳои фардӣ ё гурӯҳии фаъолияти таълимии иштирокчиёни лоиҳа ҷавобгӯ мебошад; - усули лоиҳа тренингро дар шаклҳои инфиродӣ фаро мегирад; - усули лоиҳа ба донишҷӯён имконият медиҳад, ки дониши нав ва малакаҳои амалиро тавассути иштироки бевосита дар марҳилаҳои амалӣ нишон диҳанд.

Дар адабиёти методологии ғарбӣ методологияи татбиқи фаъолияти лоиҳавии Д. Fried-Bus [17] маъмул аст. Дар таълифоти худ муаллиф се марҳилаи асосии лоиҳавиро фарқ мекунад.

Марҳилаи якум: Банақшагирӣ. Дар ин марҳила, донишҷӯён бо омӯзгор дар бораи мӯҳтавои лоиҳаашон машварат мекунанд ва натиҷаи онро муайян мекунанд.

Марҳилаи дуюм: Татбиқи лоиҳа. Марҳилаи дуюм метавонад тадқиқоти мусофирон - роҳгузрон, саволдиҳандаҳо, омӯзгорон, волидайн ва ғайраро фаро гирад. Нақши омӯзгор дар ин марҳала мониторинги фаъолиятҳои донишҷӯён мебошад.

Марҳилаи сеюм: Ташкили маҳсулоти нихоӣ. Дар марҳилаи нихоӣ, донишҷӯён маҳсулоти нихоии фаъолияти худро, ки метавонанд дар шакли рӯзномаи деворӣ, мақалла, ҳисобот, презентатсия ва ғ. Пешкаш намоянд. Дар марҳилаи ниҳоӣ, маҳсулот метавонад ҳам омӯзгор ва ҳам ширкаткунандагонро фаро гирад [17].

Маълум аст, ки марҳилаҳои муайяншудаи фаъолияти лоиҳавии Д. Фрид-Бус хусусияти умумӣ дошта, бояд ба таври назаррас васеъ ва муфассалтар бошанд.

Таҳлили як катор таҳқиқоти дохилӣ дар бораи истифодаи усули лоиҳа дар омӯзиши забони хориҷӣ дар асоси технологияҳои муосири интернет нишон медиҳад, ки дар маҷмӯъ олимон дар марҳилаҳо ва баъзе қадамҳои алоҳида ба тасвиб расидаанд [2;7;9;8;10;5;4]. Маҳсусан, муаллифон се марҳилаи амалисозии фаъолиятҳои лоиҳаро дар асоси ТИК муайян мекунанд: 1) омодагӣ, 2) раванд ва 3) арзёбӣ.

Марҳилаи омодагӣ бо пешакӣ муайян карда мешавад.

пеш аз он, ки татбиқи бевоситаи лоиҳа ба назар гирифта шавад. Муаллим шарҳ медиҳад

Ҳадафи лоиҳа (ниҳоӣ) барои донишҷӯён, воситаҳои амалигардонии лоиҳа (технологияҳои интихобшудаи интернетӣ), масъалаҳои амнияти иттилоотӣ дар татбиқи лоиҳаи Интернет [11], масъалаҳои технологии истифодаи технологияҳои мушаххаси интернетӣ (чӣ гуна пешниҳод намудани мавод, чӣ гуна ислоҳ кардан, ва ғайра).

Марҳалаи мурофиавӣ (протсессуалӣ) бо қадамҳои алоҳида барои татбиқи лоиҳа муайян карда мешавад. Вобаста ба технологияҳои интихобшудаи Интернет, ин қадамҳо метавонанд фарқ кунанд. Махсусан, ҳангоми истифодаи блог-технология, донишҷӯён ба таври алоҳида корҳои таълифшударо таҳия мекунанд, онҳоро дар саҳифаҳои блогҳои худ ҷойгир мекунанд ва сипас дар бораи корҳое, ки дар синфҳои хатмкардагон оварда шудаанд, ҷой медиҳанд. Ҳангоми истифодаи вики-технология, донишҷӯён дар аввал дар синф қарор мегиранд, ки кадом қисмати онҳо марҳилаи ояндаи кори хаттӣ эҷод мебошад. Илова бар ин, дар баъзе мавридҳо (вобаста ба сатҳи омодагии донишҷӯён аз фанни забонҳои хориҷӣ) зарур аст, ки маводҳои аз ҷониби онҳо омода карда шуда, қабули раводид ва тавсияҳои пешакӣ оид ба тағйирёбӣ қарор гиранд.

Марҳилаи арзёбӣ аз ҷониби ду намуди назорати иҷрошаванда муайян карда мешавад. Фаъолияти лоиҳавӣ: а) арзёбии омӯзгорон дар бораи маҳсулот ва ниҳоятан иштироки ҳар як муҳассил дар ҷорабиниҳои лоиҳавӣ; б) муаррифии кори худ тавассути донишҷӯ. Қадами охир – муаррифӣ хеле муҳим ба назар мерасад. Бисёр таҳлилгарон мегӯянд, ки танҳо аз сабаби инъикос додани ҳар як муҳассил метавонад даркуфахм гардад, ки чӣ гуна намудҳои фаъолияти омӯзиширо ӯ бештар ва беҳтар ба роҳ монда, дар оянда барои баланд бардоштани самарабахшии кори худ интихоб кунад ва натиҷаҳои беҳтарро ба даст орад. Бо назардошти хусусиятҳои ғайримаъмулӣ ва вазифаҳои методологии ҳамаи интернет-технологияҳо, як қатор муҳаққиқон рус тадқиқотҳо амалӣ намудаанд [8;9;10;11;3].

ЛИТЕРАТУРА

1. Азимов, Э.Г. Информационно-коммуникационные технологии в обучении РКИ: состояние и перспективы/Э.Г.Азимов//Русский язык за рубежом. 2011. № 6.- С. 45-55.
2. Апальков, В.Г. Методика формирования межкультурной компетенции средствами электронно-почтовой группы (английский язык, профильный уровень): Дис. канд. пед. наук/В.Г.Апальков.- Тамбов, 2008.- 157с.
3. Дьюи Дж. Психология и педагогика мышления|Дж.Дьюи.- М, 1909.
4. Евстигнеев, М.Н. Компетентность учителя иностранного языка в области использования информационных и коммуникационных технологий/М.Н.Евстигнеев//Иностр. языки в школе.- 2011. № 9.- С. 3-9.
5. Евстигнеев, М.Н. Методика формирования компетентности учителя иностранного языка в области использования информационных и коммуникационных технологий: Дис... канд. пед. наук/М.Н.Евстигнеев.- Москва, 2012.- 158с.
6. Забродина, И.К. Методика развития социокультурных умений студентов посредством современных Интернет-технологий (немецкий язык, специальность ”Перевод и переводоведение”): Дис. ... канд. пед. наук/И.К.Забродина.- Москва: МГГУ имени М.А. Шолохова, 2012.
7. Коряковцева, Н.Ф. Современная методика организации самостоятельной работы изучающих иностранный язык: Пособие для учителя/ Н.Ф. Коряковцева.-.М.: АРКТИ, 2002.
8. Кошеляева, Е.Д. Методика развития социокультурных умений студентов посредством социального сервиса «Вики» (английский язык, языковой вуз): Дис. ... кандидата педагогических наук/Е.Д.Кошеляева.- Москва: МПГУ, 2010.- 21 с.
9. Маркова, Ю.Ю. Методика развития умений письменной речи студентов на основе вики-технологии (английский язык, языковой вуз): Автореферат ... кандидата педагогических наук/Ю.Ю.Маркова.- М.: МГГУ, 2011.
10. Павельева, Т.Ю. Развитие умений письменной речи студентов средствами учебного Интернет-блога (английский язык, языковой вуз). Автореферат дис. ... канд. пед. наук/Т.Ю.Пвельева.- Тамбов, 2010.- 21с.
11. Соломатина, А.Г. Методика развития умений говорения и аудирования учащихся посредством учебных подкастов (английский язык, базовый уровень): Дис. ... кандидата педагогических наук/А.Г.Соломатина.- Москва: МГГУ имени М.А. Шолохова, 2011.
12. Сысоев, П.В. Информационная безопасность учащихся при работе в образовательной Интернет-среде: современный ответ на вызовы времени/П.В.Сысоев//Иностранные языки в школе. 2011. № 10. -С. 20-24.

13. Черкасов, А.К. Методика развития социокультурных умений студентов посредством веб-форума (английский язык, языковой вуз): Дис. . канд.пед.наук/А.К.Черкасов.- Москва: МГГУ имени М.А. Шолохова, 2012.
14. Шарифов, Ф.Ф.Системный подход к информатизации педагогического процесса в вузе - доминанта формирования профессиональных компетентностей студентов. Автореф.докт.пед.наук/Ф.Ф.Шарипов. - Д., 2013. - 46с.
15. Шарифов, Ҷ.Ш. Модели мутахассиси оянда/Ҷ.Ш.Шарифов. - Д.: «Педагог»,18.01.2002.
16. Шарифов, Ҷ.Ш. Татбиқи методҳои фаъоли таълим/Ҷ.Ш.Шарифов.- Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи Носири Хусрав.- «Шафақ», 2003.-С. 1-2.
17. Шарифов, Ҷ.Ш. Раванди таълим эҷодкориро талаб мекунад/Ҷ.Ш.Шарифов\\Маводи конфронси илмии байналмилалии «Низоми методикаи таълим/Ҷ.Ш.Шарифов.-Д.:«Ирфон»,2009.-С.45-48.
18. Шарифов, Ф. Педагог - ин кори эҷодкорона/Ф.Шарифов.-Душанбе, 1984.
19. Фарҳанги забони тоҷикӣ.Ҷ.1-2. М.: «Энсклопедия»,1969
20. Щукин, А. Н. Обучение иностранным языкам: Теория и практика: уч. пособие для преподавателей и студентов/А.Н.Щукин.- М.: Филоматис, 2004.- 416с.
21. Щукин, А.Н. Лингводидактический энциклопедический словарь: более 2000 единиц/А.Н.Щукин.- М.: Астрель: АСТ: Хранитель, 2007.- 746 с.
22. Щукин, А.Н. Методика обучения речевому общению на иностранном языке/А.Н.Щукин.-М.: ИКАР, 2011.- 454с.
23. Щукин, А.Н. Теория обучения иностранным языкам (лингводидактические основы)/А.Н.Щукин.- М.: ВК, 2012.
24. Fried-Booth D.L. Modelling of teaching practice for future teachers of the English language // Journal of linguistic studies. 2009. № 2 (2). Pp. 75-83.

СУЩНОСТЬ И СОДЕРЖАНИЕ ПОСТАНОВКИ ЗАДАНИЙ ПО ОБУЧЕНИЮ ИНОСТРАННЫМ ЯЗЫКАМ МОБИЛЬНЫМИ И МУЛЬТИМЕДИЙНЫМИ ТЕХНОЛОГИЯМИ

Статья посвящена вопросам сущности и содержания при постановке заданий по обучению иностранным языкам мобильными и мультимедийными технологиями.

По мнению автора, с учётом того, что существующие мобильные и мультимедийные технологии отличаются как обычными, так и методологическими функциями, имеется объективная необходимость в определенном порядке для изучения иностранных языков на основе всех технологий. Относительно конкретных мобильных и мультимедийных технологий преподаватель может применять проектный метод, включающий в себя ряд процедур и шагов по подготовке деятельности по голосованию на основе выбранной мобильной и мультимедийной технологии или функции организации языковых аспектов и специальных диалоговых работ. Помимо этого, образовательная деятельность студентов на основе мобильной и мультимедийной технологии может произойти в аудитории и во внеаудиторное время. В связи с задачами тренингов и степени языковой подготовки студентов, степень проектной процедуры аудитории может быть разнообразной.

Автор отмечает, что среди всех имеющихся мобильных и мультимедийных технологий, находящихся в положении проведения опыта, изучения и проверки, современная видеокамерная связь с интернетом постоянно является необходимой и полезной, поскольку на их основе можно наладить процесс сотрудничества между преподавателями и студентами. Применение этих технологий в процессе обучения в рамках языкового проекта, происходит на основе одной из вышеуказанной технологии. Помимо этого, студенты применяют сетевые видеосредства (например, Skype) с видеосигналом в процессе реализации проекта.

Ключевые слова: *актуальность, значение, мобильные и мультимедийные технологии, студенты, изучение иностранных языков, мобильные и мультимедийные средства, применение технологии, сетевые видеосредства, тренинги, сотрудничество между преподавателями и студентами.*

THE ESSENCE AND CONTENT OF SETTING TASKS FOR TEACHING FOREIGN LANGUAGES BY MOBILE AND MULTIMEDIA TECHNOLOGIES

The article is devoted to the essence and content in the formulation of tasks for teaching foreign languages by mobile and multimedia technologies.

According to the author, taking into account the fact that the existing mobile and multimedia technologies differ in both conventional and methodological functions, there is an objective need

for a certain order to study foreign languages on the basis of all technologies. Regarding specific mobile and multimedia technologies, the teacher can apply a project method, which includes a number of procedures and steps for the preparation of voting activities based on the selected mobile and multimedia technology or the function of organizing language aspects and special dialogue works. In addition, educational activities of students based on mobile and multimedia technology can occur in the classroom and extracurricular time. Due to the objectives of the training and the degree of language training of students, the degree of project procedure of the audience can be varied.

The author notes that among all available mobile and multimedia technologies, which are in the position of experience, study and verification, modern video camera connection with the Internet is constantly necessary and useful, because on their basis it is possible to establish a process of cooperation between the teacher, students and students. The use of these technologies in the learning process within the framework of the language project is based on one of the above technologies. In addition, students used the network video resources (e.g. Skype) with the video signal in the process of implementation of the project.

Keywords: *relevance, meaning, mobile and multimedia technologies, students, learning foreign languages, mobile and multimedia tools, technology application, network video tools, training, cooperation between teachers and students.*

Сведения об авторе:

Шарипов Хуршед Алихонович *- ассистент Кулябского государственного университета им.А.Рудаки. Адрес:735360,РТ, г.Куляб, ул. С.Сангова-16. Тел.: (+992) 918488703.*

About the author:

Sharipov Khurshed Alikhonovich *- Assistant of Kulob State University named after A. Rudaki. Address:735360, Tajikistan, Kulyab city, S.Sangov-16 str. Phone: (+992) 918488703.*

МАФҲУМ ВА ХУСУСИЯТҲОИ АСОСИИ ТЕХНОЛОГИЯИ ПЕДАГОГИИ МУОСИР

Нозимов Т.Қ., Саидов М.В.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Дар замони муосир ба луғати педагогӣ мафҳуми **технологияи педагогӣ** ҷои мустаҳкамро ишғол кардааст. Аммо фаҳмидан ва истифодаи он аҳамияти хосаро талаб менамояд.

- Технология – ин маҷмӯи услубҳое, ки дар ин ё он фаъолият истифода мешаванд, масалан дар ҳунар, санъат (аз луғати тафсирӣ)
- Технологияи педагогӣ – маҷмӯи механизмҳои психологӣ-педагогӣ, ки дастаи махсус ва қисматбандии шаклҳо, методҳо, роҳҳо, услубҳои таълимиро муайян менамоянд; он асбобу анҷомиташкилотӣ-методии раванди педагогӣ мебошад.
- Технологияи педагогӣ – техникаи пурмазмуни бавуҷудорандаи раванди таълимӣ мебошад.
- Технологияи педагогӣ – тавсифи раванди ноилшавии натиҷаҳои банақшагирифташудаи таълим аст.
- Технология – ин санъат, ҳунар, маҳорат, маҷмӯи методҳои коркард ва ивази ҳолат аст.
- Технологияи таълим – ин қисми равандиимураккаби системаи дидактикӣ мебошад
- Технологияи педагогӣ – ин модели ҳаматарафа андешакорона сохташудаи фаъолияти педагогии муштаракона оид ба банақшагирӣ ва гузаронидани раванди таълим бо таъмини муҳити озод барои хонандагон ва омӯзгор аст.
- Технологияи педагогӣ – ин ***методи системавии*** ташкил додан, амалан истифода намудан ва муайян сохтани тамоми раванди омӯзиш ва азхудкунии донишҳо бо назардошти манбаъҳои техникӣ ва инсонӣ ва таъсири мутақобилаи онҳо ҳисобида мешавад, ки он беҳтаргардонии шаклҳои таълиму таҳсилро ба мақсад гузоштааст.
- Технологияи педагогӣ ***маҷмӯи системавӣ ва тартиби кори*** ҳамаи воситаҳои шахсӣ, асбобӣ ва методиро мефаҳмонад, ки барои расидан ба мақсадҳои педагогӣ истифода мешаванд.

Мувофиқи фаҳмиши мо технологияи педагогӣ ҷамъбасти пурмазмун мебошад, ки ба худ маъниҳои ҳама таърифҳои муаллифони (сарчашмаҳои) гуногунро кашидааст.

Мафҳуми “технологияи педагогӣ”-ро метавон бо се ҷиҳат пешкаш намуд.

1) ***илмӣ***: технологияҳои педагогӣ – як соҳаи илми педагогист, ки мақсадҳо, таркиб ва методи таълим ва банақшагирии равандҳои педагогиро меомӯзад ва инкишоф медиҳад;

2) ***равандӣ – тавсифӣ,*** тавсифи (алгоритми) раванд, маҷмӯи мақсадҳо, таркибҳо, методҳо ва воситаҳо барои ноилшавии натиҷаҳои банақшагирифтаи таълим;

3) ***равандӣ – амалӣ:*** бавуҷудоварии раванди технологӣ (педагогӣ), кор кардани ҳама воситаҳои педагогии шахсӣ, асбобӣ ва методӣ.

Ҳамин тавр, ***технологияи педагогӣ ҳамчун илме, ки роҳҳои аз ҳама оқилонаи таълимро таҳқиқ менамояд ва ҳамчун системаи воситаҳо, қонунҳо ва муназзимҳое, ки дар таълим истифода мешаванд ва инчунин ба сифати раванди ҳақиқии таълим амал менамояд.***

Мафҳуми “технологияи педагогӣ” дар таҷрибаи таълимӣ аз рӯи се дараҷаи бо ҳам тобеъ ба кор бурда мешаванд:

1) Дараҷаи умумипедагогӣ (умумидидактикӣ): ***технологияи умумипедагогӣ (умумидидактикӣ, умумитарбиявӣ)*** раванди таълимии томи минтақаи ҷорӣ, муассисаи таҳсилотиро дар зинаи муайяни омӯзиш тавсиф медиҳад. Аз ин ҷо технологияи педагогӣ ҳаммаънои системаи педадогист: ба он маҷмӯи мақсадҳо, таркибҳо, воситаҳо ва методҳои таълим, алгоритми кори субъектон ва объектони раванд дохид мешаванд.

2) Дараҷаи медотии (фаннии) шахсӣ: ***технологияи педагогии фаннии шахсӣ*** дар мазмуни “методикаи шахсӣ” истифода бурда мешавад, яъне, ҳамчун маҷмӯи методҳо ва воситаҳо барои бавуҷудоварии таркиби муайяни таълиму тарбия дар доираи як фан, синф, омӯзгор (методикаи омӯзонидани фанҳо, методикаи таълими ғароматшуда, методикаи кори омӯзгор, тарбиятгар).

3) Дараҷаи маҳаллӣ (модулӣ): ***технологияи маҳаллӣ, технологияи ҷузъҳои алоҳидаи*** раванди таълиму тарбия, иҷро намудани вазифаҳои алоҳидаи дидактикӣ ва тарбиявиро ифода мекунад. (технологияи намудҳои алоҳидаи фаъолият, ташаккули мафҳум, тарбияи хусусиятҳои шахсии алоҳида, технологияи дарс, азхудкунии донишҳои нав, технологияи такрор ва назорати маводҳои дарсӣ, технологияи корҳои мустақилона ва ҳоказо).

Нақшаи технология **–** тасвир ё сурати тахминии технологияи раванд, тақимкунии он ба ҷузъиётҳои кории алоҳида ва ишорати алоқамандиҳои мантиқии байни онҳо.

Харитаи технология **–** тавсифи раванд дар шакли қадам ба қадам, зина ба зина пайдарҳамии амалҳо (асосан дар шакли ҷадвал) бо нишондоди воситаҳои истифодашаванда.

Тобишҳои истилоҳот. Дар адабиёт ва таҷрибаи корӣ дар мактабҳо истифодаи мафҳуми ***технологияи педегогӣ*** ҳамчун муродифи мазмуни ***системаи педегогӣ*** роиҷ аст. Чӣ тавре ки аллакай дар боло қайд карда шуд, мазмуни система назар ба технология васеъ аст ва худи субъектон ва объектони фаъолияти таълимӣ дар бар мегирад.

Мазмуни дараҷаҳои *технологияи педагогии фаннии шахсӣ* ва *маҳаллӣ* бо мафҳуми *методикаи таълим* пура иҳота карда мешавад; тавофути байни онҳо аз фикру мулоҳизаҳо вобаста аст. Дар технологияҳо бештар қисматҳои равандӣ, миқдорӣ ва ҳисобӣ ифода карда шудаанд, дар методикаҳо бошад ҷиҳатҳои мақсаднокӣ, пурмазмунӣ, сифатнокӣ ва гуногунамалӣ. Технология аз методика бо азнавҳосилнокӣ, устувории натиҷаҳояш ва надоштани бисёр “агар” (агар омӯзгори боистеъдод, агар кӯдакони қобилиятдор, агар волидони хуб...). Омехтакунии технологияҳо ва методикаҳо ба он оварда мерсонанд, ки баъзан методикаҳо ба таркиби технологияҳо медароянд, ва гоҳо баръакс, ин ё он технологияҳо ба таркиби методикаи таълим.

Инчунин истифодаи истилоҳ-ярликҳои аз ҷиҳати илм нодурустро во хӯрдан мумкин аст, ки мазмунашон бо якчанд технологияҳо мустаҳкам шудаанд. (*усули* коллективии таълим, *методи* Шаталов, *система* Палтишев, *педагогикаи* валдорфӣ ва ғайраҳо.) Афсӯс, бартарафсозии хатоҳои истилоҳӣ, ки фаҳмиданро мушкил мегардонад, ғайриимкон аст.

Сохтори технологияҳои педагогӣ. Аз ин бармеояд, ки технология бо раванди таълим зич алоқамандӣ дорад – бо фаъолияти омӯзгор ва хонанда, бо сохтор, воситаҳо, методҳо ва шаклҳои он. Барои ҳамин ба сохтори технологияи педагогӣ дохил мешаванд:

а) асоси ғоявӣ (консептуалӣ);

б) қисми пурмаънои таълим:

- мақсади таълим – умумӣ ва конкретӣ;
- таркиби маводи таълим;

в) қисми равандӣ – раванди технологӣ:
- ташкил додани раванди таълим
- методҳо ва шаклҳои фаъолияти таълимии мактаббачагон;
- методҳо ва шаклҳои кори омӯзгор;
- фаъолияти омӯзгор оид ба идоракунии раванди омӯзиши мавод;
- ташхиси раванди таълим

Меъёрҳои технологӣ. Ҳар як технологияи педагогӣ бояд баъзе аз талаботҳои (меъёрҳои технолог3ӣ) методологии асосиро қонеъ гардонанд.

Консепсиянокӣ. Ҳама технологияҳои педагогӣ бояд дорои ғояи муайяни илмӣ бошанд: фалсавӣ, психологӣ, дидактикӣ ва ҷамъиятӣ-педагогӣ ва барои расидан ба мақсадҳои таълимӣ асоснок карда шуда бошанд.

Системанокӣ. Технологияи педагогӣ бояд ҳама аломатҳои системаро ба худ дошта бошад: мантиқ, раванд, робитаи мутаносибии ҳамаи қисмҳои он, комилӣ.

Идоравшавандагӣ имконияти мақсадгузорӣ, банақшагирӣ, лоиҳакашии раванди таълим, ташхиси қадам ба қадам, тағъирдиҳии воситаҳо ва методҳо бо мақсади ислоҳи натиҷаҳоро дар назар дорад.

Таъсирнокӣ. Технологияҳои педагогии муосир дар шароитҳои рақобатӣ мавҷуд ҳастанд ва бояд аз рӯи натиҷа таъсирбахш ва аз рӯи хароҷот муносиб бошанд, ба даст овардани стандарти муайяни таълимиро кафолат диҳанд.

Азнавҳосилнокӣ зимнан имконияти истифодаи (такрор, аз нав ҳосил намудани) технологияҳои педагогиро дар дигар муассисаҳои таҳсилоти ҳамнавъ дар назар дорад.

Технология ва таркиби таҳсилот. Дар замони ҳозира дар педагогика тасаввурот оид ба ягонагии қисматҳои пурмазмун ва равандии системаи таҳсилот (мақсадҳо, таркиб, методҳо, шаклҳо ва воситаҳои таълим) тасдиқи худро ёфтааст. Дар раванди такмил ва инкишофдиҳии технологияҳои педагогӣ, қисматҳои онҳо зинаҳои гуногуни дигаргуншавиро зоҳир менамоянд: асосан ҷанбаҳои равандии таълим тағъир меёбанд, таркиб бошад танҳо аз ҷиҳати сохтор, тақсимот, мантиқ шакл дигар менамоянд. Илова бар ин, таркиби таҳсилот ҳамчун ҷузъи муҳими технологияи таҳсилот қисми равандии онро муайян мекунад, вале агар метод ҷиддӣ тағъир дода шавад ба тағъироти кулли мақсадҳо, таркиб ва шаклҳо оварда мерасонад. Ҳамин тавр, қисмҳои равандӣ ва таркибии технологияи таҳсилот якдигарро хеле хуб инъикос менамоянд.

Байни онҳо боз як қисмати ғайримустақим – воситаи муҳимтарини дидактикӣ – китоби дарсӣ, ки дар муайянсозии таркиби таҳсилот, қисми равандии технология ва бавуҷудоварии мутаҳиддии онҳо нақши арзандаро мебозад. Солҳои охир дар кишвари мо миқдори зиёди китобҳои гуногуни дорои даҳҳо технологияҳои педагогӣ эҷод мешаванд. Пас метавон гуфт, ки сифати таълим дар оянда баланд хоҳад шуд.

Технология ва ҳунар. Як технологияро одамони гуногун метавонанд аз рӯи дастур ва эҷодӣ каму беш диққаткорона иҷро намоянд. Инҷо бечуну чаро омили шахсии иҷрокунанда нақш мебозад, ки хусусиятҳои азхудкунии мавод, таркиб ва мунтазимии фаъолияти хонандагонро ба назар мегирад. Албатта, натиҷаҳои гуногунро интизор шудан мебояд, аммо то ҳадди ақал мақсадҳои технологӣ аз ним зиёд ба даст оварда мешаванд. Ба ҳамин тариқ, технологияи кор *ғайримустақим* бо хислатҳои ашхосӣ ифода меёбанд, на ин ки бо онҳо *муайян* карда мешаванд.

Манбаҳо ва қисмҳои таркибии технологияҳои нави педагогӣ. Ҳар як технологияи педагогии муосир ҷамбасти дастовардҳои илм ва таҷрибаи педагогӣ, якҷояшавии ҷузъиёти анаъанавии таҷрибаи гузаштаро бо ҷузъиёти аз тарафи ҷамъияти муосир ташаккулёфта, ҷамъияти инсонпарвар ва демократӣ ифода мекунанд. Манбаҳо ва ҷузъиёти таркибии он технология инҳоянд:

– Исҳолоти куллии иҷтимоӣ ва тафаккури нави педагогӣ;
– Илмҳои педагогӣ, психологӣ, иҷтимоӣ;
– Таҷрибаи педагогии пешқадам;
– Таҷрибаҳои гузашта, дар дохил ва хориҷи кишвар;
– Педагогикаи халқӣ (Этнопедагогика)

АДАБИЁТ

1. Атутов П.Р. Технология ва таҳсили муосир // Педагогика. – 1996. № 2. Афанасев В.Г. Системанокӣ ва ҷомеа. – М” 1980.
2. Бабанский Ю. К. Муносибгардонии раванди таълим. – М., 1977.
3. Беспалко В. П. Педагогика ва технологияҳои инкишофии таълим. – М., 1989.
4. Беспалко В. П. Ҷамъи технологияҳои педагогӣ. – М., 1989.

5. Бордовский Г. А., Извозчиков В.А. Технологияҳои нави таълим:
6. Масъалаҳои терминологӣ // Педагогика. – 1993. - № 5.

СОВРЕМЕННАЯ ПЕДАГОГИЧЕСКАЯ ТЕХНОЛОГИЯ КОНЦЕПТА И ОСНОВНЫХ ОСОБЕННОСТЕЙ

В статье исследуются основные принципы и особенности новой педагогической технологии в общеобразовательных школах.

Авторы используя слову «современную технологию» в своей статье, оценивают его как науку, которая может исследовать наиболее рациональные способы обучения, а также как систему средств, законов и порядков, которые можно использовать в обучении.

Ключевые слова: *технология, среднее общеобразовательное учреждение, средства, действующее законодательство в системе образования, процесс, принцип, метод, смысл, исследование.*

CONCEPT AND MAIN PECULIARITIES OF MODERN PEDAGOGICAL TECHNOLOGY

The article explores principle and main conditions and peculiarities of new pedagogical technology in secondary comprehensive schools.

Authors using "modern technology" phrase in their article, has evaluated it as a science which can research the most rational ways of teaching and as a system of means, laws and orders which can be used in teaching.

Keywords: *technology, secondary comprehensive institution, means, legislation in force in the system of education, process, principle, method, meaning, research.*

Сведение об авторах:

Нозимов Т.К. *– старший преподаватель кафедры общая психология Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. Тел.: (992) 904128171;*

Саидов М.В. *- кандидат педагогических наук, доцент, заведующий кафедрой общей психологии Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни*

About the authors:

Nozim T.K. *– Assistant, Chair of the General Psychology of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni. Tel.: (+992) 904128171.*

Saidov M.V. *- Candidate of Pedagogical Sciences, Docent, Head of the Chair of General Psychology of Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni*

ДАР РӮҲИЯИ ЭҲТИРОМИ ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ ТАРБИЯ НАМУДАНИ НАСЛИ НАВРАС

Сафарова М.Д.

Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомӣ

Дар Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: *" Бо мақсади тараққӣ додани соҳаи сайёҳӣ, муаррифии шоистаи имкониятҳои сайёҳии мамлакат ва фарҳанги миллӣ дар арсаи байналмилалӣ, инчунин, ҷалби сармоя ба инфрасохтори сайёҳӣ пешниҳод менамоям, ки соли 2018 дар кишвар Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон карда шавад".*

Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон гардидани соли 2018 зарурӣ ва саривақтӣ

дар эҳё намудани анъанаҳои куҳнаи миллӣ ва муаррифии боигарии маданӣ-маънавии миллат мебошад. Паёми навбатӣ мо омӯзгоронро водор менамояд, ки оид ба табиат, ҷойҳои таърихӣ ва ҳунару анъанаҳои қадимии миллат ба насли наврас нақша чорабинӣ тартиб дода, маълумоти пурраю фарогир пешниҳод намуда, онҳоро дар рӯҳияи ифтихор ва худшиносии миллӣ тарбия намоем ва меҳру муҳаббати онҳоро ба ҳунарҳои мардумӣ бедор намоем.

Хонандагону донишҷӯён дар асоси таъкиду огоҳкуниҳои намояндагони адабиёти классикии тоҷик бояд дарк намоянд, ки ҳунарҳои мардумӣ ва устоҳои ҳунарманд дар тамоми давру замон сазовори ҳурмату эҳтироми беандозаи халқу давлат буданд. Кори устоӣ ва ҳунармандӣ дар навбати аввал кори бошараф ва ҳунарманд шахсияти хоксор

ва илҳомбахши олами маънавии инсоният мебошад, ки ҳамеша дар ҷустуҷӯи андешаҳои нав қарор гирифта, олами ботинии инсониятро дигаргун месозад.

Мутобиқи таълимоти намояндагони адабиёти классикии тоҷик инсон метавонад бо мол фасод расида камбағал гардад, аммо касб, ҳунар ҳеҷ гоҳ шахсро ба камбағалӣ ва муҳтоҷӣ гирифтор намегардонад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин бора пайваста ғамхорӣ зоҳир менамояд, ки мисоли равшани он дар Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: *"Дар ин раванд, Ҳукумати мамлакатро зарур аст, ки барои рушди ҳунарҳои мардумӣ ба соҳибкорон ва ҳунармандон ҷудо намудани қарзҳои имтиёзнокро тавассути Фонди дастгирии соҳибкорӣ васеъ ба роҳ монад".*

Дар ҳаёти ҳаррӯза мо кисман асбобу анҷомҳоеро вомехӯрем, ки бо меҳнати дастии устоҳои гулдаст омода карда шуда, бо нафосату зебогӣ ороишу зинат ёфта хонадонеро зеб медиҳад. Ба ин мисол шуда метавонад меҳнати заргарон, маснуотҳои хотиравӣ, ашёҳои рӯзгор, ҷиҳоз ва пӯшоку пойафзол, гилему намад ва сӯзаниҳои гуногун, ки имрӯз ҳам қимату арзиши худро гум накарда, дар ҳаёту рӯзгори мардум васеъ истифода бурда мешаванд.

Тавассути офаринишҳои ҳунармандон ҳаёти мо боз ҳам рангину ҳаҷиб гардида, ҳисси зебопарастиро дар инсон бедор намуда, хоҳ нохоҳ инсонро ба хушрафторӣ ва хушахлоқӣ ҳидоят менамояд.

Тамоми намудҳои ҳунарҳои мардумӣ дар худ арзишҳои маънавӣ-маданӣ, зебопарастӣ- ахлоқиро фаро гирифта, таърихи маданияти миллиро ифода менамоянд.

Дар мамлакати мо яке аз қадимитарин ва маҳсулноктарин шакли ҳунарҳои дастии мардумӣ, шаклҳои гуногуни кандакорӣ дар чӯб, гачкорӣ, коркарди санг, устухон, метал, пласмас, сохтани асбобҳои миллии мусиқӣ, қошуқӯ кафлес, табақ ва дигар маводҳо мебошанд. Дар санъати ҳалқаи рахакпеч (резба) дар чӯб ва санг дар тамоми намудҳои бадеии ҳунарҳои мардумӣ дар ороиши ашёҳо васеъ истифода бурда мешаванд.

Инкишофи чунин ҳунарҳо: ба монанди ҳалқаҳои рахакпеч (резбаи) ороишӣ, корҳои кулолгарӣ, ҳунари оҳангарӣ, қолинбофӣ, коркарди санг, маснуотҳои сафолӣ, заргарӣ, андоваи ороишӣ, дӯзандагӣ, сӯзангарӣ ба инкишофи санъати миллӣ такони назаррас бахшидааст.

Ҳунарҳои мардумӣ алакай аз даврони ҳукумронии шоҳ Ҷамшед моҳияти амалии хешро пайдо намуда буданд. Дар хотираҳо гуфта мешавад, ки тахте ки подшоҳ Ҷамшед менишаст аз ҷониби устоҳои гулдаст ба таври миллӣ зебу зинати аҷибе дода шуда буд, ки бо зебогиаш ҳамто надошт.

Аз рӯи сангҳои пайдо гардида, маълум мегардад, ки тарошидан ва коркарди санг ба миллати тоҷик аз даврони давлатдории Юнониёну- Бохтариён, идоракунии Кушониён, Сосониён ва Сомониён маълуму машҳур будааст. Сангҳои дар вилояти Фарғона пайдонамудаи археологҳо аз он гувоҳӣ медиҳад, ки аз асрҳои 2-юми пеш аз милод ин санъати коркарди санг ба ин миллати куҳанбунёд маълуму машҳур будааст.

Ҳунарҳои мардумӣ дар архитектураи дертари даврони Темуриён боз ҳам бештар ривоҷ ёфта, дар даҳлезҳо, дарҳо, деворҳо, қалъаю кушкҳо бо ороишу резбаҳо ифодаи равшани худро ёфтааст.

Дар ороиши қасру қалъаҳои Панҷакент, Хулбук, Шаҳристон ва дигар шаҳрҳо аз расми дарахтон, меваҳо, хушаҳои ангур, ҳайвоноту парандагон ниҳоят бо санъати баланди меъморӣ истифода бурдаанд, ки касро мафтун менамояд.

Анъанаҳои кӯҳна ва асрори ҳунари устоҳои ҳунарманд дар давоми бисёр асрҳо аз насл ба насл гузашта, ҳамчун ёдгории таърихӣ дар шакли хотираи иҷтимоӣ боқӣ монда омада истодаанд. Дар замони мо ҳунарҳои мардумӣ дар асарҳои бадеии ҳунармандон ифода гардида, аз тарафи дигар ҳамчун омили маданӣ- маишии устоҳои инфиродӣ хизмат менамоянд.

Дар шароити муосир дар асоси дастуру супориши Пешвои миллат баргузор намудани чунин намоишҳо, озмунҳо оид ба дастоварди хонандагон ва гузаронидани чорабиниҳои устои- синф дар тамоми зинаҳои таълим дорои аҳамияти калони фарҳангӣ мебошад. Баргузор намудани чунин ҷорабиниҳои фарҳангӣ- ҳунарӣ ва додани баҳои воқеи ба маҳороту малакаи хонандагону донишҷӯён ҳам дар ноҳия, вилоят, ҷумҳурӣ аз манфиат холӣ намебошад. Чунин чорабиниҳоро ҳатто дар дохили ҳар як муассисаи таълимӣ бо иштироки падару модарон гузарондан ниҳоят муфид ва манфиатовар мебошад.

Дар айни замон дар тамоми зинаҳои таълим барои баланд бардоштани сифати дарсҳои таълими меҳнат ва рушди ҳунарҳои мардумӣ шароити созгор мавҷуд аст, танҳо дилсӯзӣ лозим асту халос. Дар хотимаи мақола гуфтаниям, ки моҳияти маданӣ- бадеии ҳунарҳои мардумӣ ҳамчун соҳаи муҳими дар рӯҳияи анъанаҳои мардумӣ тарбия намудани насли наврас ниҳоят назаррас мебошад.

Ҳунарҳои мардумӣ дар ҳар минтақаи Тоҷикистон хусусиятҳои хоси хешро ноил буда, онро бо тамоми хусусиятҳояш дар ҷавонон тарбия намудан зарур мебошад. Як ҳодиса дар хотирам ҳаст, ки моҳи марти соли 2017 оид ба раванди татбиқи “Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011- 2020” аз литсейи касби техникии Ёвон дидан ба амал овардем. Хонандагони литсейи мазкур зери роҳбарии устоӣ таълимӣ истеҳсолӣ Паллаев Ҳ бо ихтироъкорию навоварӣ сару кор гирифта буданд. Онҳо ҳунарҳои мардумӣ, аз ҷумла бофтани сабадҳои гуногун, сохтани муқаддасоти миллӣ, кафшергарӣ, дӯзандагӣ, дарвозаю катсозӣ, қолинбофӣ, тоқию ҷуроббофиро ба маърази тамошо гузоштанд. Инчунин онҳо ихтироъоти хешро бигузор бачагона бошад, намоиш дода тавонистанд, ки ин хуб аст.

Ғайр аз касбу ҳунарҳои дар муассиса меомӯхтагӣ ҷавонон ҳунарҳои мардумиро аз худ намуда, маҳорат пайдо карда, ояндаи зиндагонӣ ва буҷаи оилавиро метавонанд тавоно гардонанд. Ин пеш аз ҳама талаботи бозори ҷаҳонии меҳнат ва муносибати босалоҳият ба таълиму тарбияи насли наврас мебошад.

Эҳёи ҳунарҳои мардумӣ на танҳо инкишофи таҳқиқотҳои таърихӣ - илмӣ, балки мазмуни маънавӣ ва фазои рӯҳонии ҳумҳурии моро пурра мегардонад. Шоир таъкид кардааст:

Ҳунар омӯз, ки аз ҳунармандӣ,
Даркушоӣ кунӣ, на дарбандӣ.

АДАБИЁТ

1. Моран А. История декоративно-прикладного искусства. - М.: Искусство, 2008. - 577 с., ил.
2. Уткин П.И., Королева Н.С. Народные художественные промыслы. - М.: Высш. Школа, 1992. - 159с.
3. Воронина, В. Л. Архитектура древнего Пенджикента (Результаты раскопок 1954-1959 гг.).
4. Муродов, М. Р. Устодони санъати амалй-халкй (мактаби "Устод-шогирд")/М.Р.Муродов. -Душанбе, 2005. - 154 с.
5. Рузиев, М. Ёдгории кандакории Чоркух/М.Рузиев. - Душанбе: "Дониш",1975 - 68 с.
6. Энциклопедия Литературы и Искусства Таджикской ССР 2-ой том. Комбинат Полиграфии Государственного Комитета. Душанбе 1989.
7. Таджикская Советская Энциклопедия 3-ий том. Главная Научная Редакция Таджикской Советской Энциклопедии. Душанбе 1981.
8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Дар бораи самтҳои сиёсати дохили ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон». 22.12.2017.

ВОСПИТАНИЕ НОВОГО ПОКОЛЕНИЯ В ДУХЕ УВАЖЕНИЯ К НАРОДНЫМ ПРОМЫСЛАМ

Автор статьи считает, что ремесленное дело это, в первую очередь, благородный труд, а мастер это личность, которому сопутствуют скромность и доброта человеческой души, который всегда находится в поисках новых идей и вдохновений в жизни. Его мысли и воображения охватывают целый мир, отражая истинность природы и её необыкновенную красоту. Потому что в каждом изделии, сделаное своими руками, произведении искусства мастер вкладывает душу, и оно приобретает необычность и загадочность, которое позитивно воздействует на сознание человека.

Ключевые слова: *Промысел, орнаментировка, ремесло, декор, резьба, гравирование, стилизованный, узор, обтёсывание, вытачивание, барельеф, панно, роспись, интерьер.*

EDUCATION OF A NEW GENERATION IN THE SPIRIT OF RESPECT TO THE NATIONAL CRAFT

Handicraft is primarily a noble work, and the master is a person who accompanies and kindness of the human soul ,he is always in search of new ideas and inspirations in life. His thoughts and imaginations cover the whole world,reflecting the truth of nature and extraordinary beauty. Because in each handmade products, the work of art master invests the soul and it acquires an unusual and mysterious that positively influences a persons consciousness.

Keywords: *ornaments, craft, décor, thread, engraving, stylized, pattern, dressing, grinding, bas-relief, panel, painting, interior.*

Сведения об авторе:

Сафарова М.Д. *– соискатель Института развития образования им. А. Джами Академии образования Таджикистана*

About the autor:

Safarov M.D. *- researcher of the Institute of Education Development named after A. Jomi, Academy of Education of Tajikistan*

ОКАЗАНИЕ ПСИХОЛОГИЧЕСКОЙ ПОМОЩИ ПОСТРАДАВШИМ В ЧРЕЗВЫЧАЙНЫХ СИТУАЦИЯХ

Абзалов И.А.

Таджикский государственный педагогический университет им. С.Айни

Современная психологическая наука, решая разнообразные воздействия на человека при чрезвычайных ситуациях природного и техногенного характера, все больше сосредотачивает своё внимание на проблемах обеспечения безопасности жизненно – деятельности человека. Предполагается, что движущей силой, источником их развития выступают противоречия объективного и субъективного характера. Представляется, что действие именно этих противоречий поражает парадокс, когда чрезвычайные ситуации природного и техногенного характера несут негативные последствия, будучи незаменимым помощником современного человека, выступают при этом мощнейшим носителем опасности в результате неудовлетворительного состояния процесса познания этих противоречийи последующей слабой работы по учету их действия.

Потребность определения психологического содержания отношений, обеспечивающих безопасность действия всех элементов системы чрезвычайных ситуаций природного и техногенного характера, определила главную задачу настоящего исследования.

Основной перспективной целью исследования видятся определения, на основе теоретического изучения сути проблемы и практического психологического эксперимента, путей обеспечения безопасности чрезвычайной ситуации, техногенного и природного характера в средних общеобразовательных и высших учебных заведениях, а также на объектах народного хозяйства.

В качестве одной из вышеназванных задач выступает необходимость выявления того, какие психофизиологические и личностные особенности человека и как именно они оказывают влияния на формирование его безупречного изучения правовых норм гражданской обороны на практике, за счет каких психологических механизмов могут обеспечить безопасность самого человека.

Планируемые методические средства изучения указанных психологических явлений тесты: Эллерса и Мехрабиана–Реана – для диагностики мотивации избегания неудач или достижения успеха. Тесты Шуберта и Тулце – Пьрона на диагностику предрасположенности к риску.

По нашему мнению, эти методики позволяют собрать необходимый эмпирический материал и решить задачи исследования.

Мотивация - это совокупность, психических процессов, которые являются движущей силой поведения индивида. Исследования Д.Мак - Клемвада показали, что люди с высоким уровнем защиты, то есть страхом перед несчастным случаем, чаще попадают в подобные неприятности, чем те которые имеют высокую мотивацию на успех. Исследования показали также, что люди, которые боятся неудач, предпочитают малый или наоборот, чрезмерно большой риск. [2, с.34].

Усиливают установку на защитное поведение два условия:

-когда без риска удается получать желаемые результаты.

-когда рискованное поведение ведет к несчастному случаю.

Достижения безопасности результата при рискованном поведении, наоборот, ослабляет установку на защиту, то есть мотивацию к избежанию неудач.

Критические ситуации вызывают у человека мощный стресс, приводят к сильному нервному напряжению, нарушают равновесие в организме. Это может обострить уже имеющиеся психические заболевания.

Признаки: бред, галлюцинация, апатия, ступор, двигательное возбуждение, агрессия, нервная дрожь, истерика.

Важным является выявление преобладания у испытуемых установок на оценку ошибочности действий: при катастрофах, стихийных бедствиях, взрывах, авариях, где человек может оказаться изолированным в автомобиле, при дорожной транспортных происшествиях, в завале при взрыве и землетрясении, на крыше дома, на дереве при наводнении.

Локус- контроль, характерен для индивида, универсален по отношению к любым событий и ситуациям, с которыми ему приходится сталкиваться. Один и тот же тип контроля характеризует поведение данной личности, и, в случае неудач, и в сфере достижений, причем это в разной степени касается различных областей социальной жизни.

Люди различаются между собой потому, как и где они локализуют контроль над значительными для себя событиями. Возможны два полярных типа такой локализации: экстериальный и интериальный.

Экстриальность – изучение и коррекция, которые важны для обеспечения безопасности при чрезвычайных ситуациях [4, с.174].

Данная научная статья включает психологическую подготовку и связана с реализацией непрерывной подготовки студентов очной и заочной формы обучения Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, по дисциплине «Гражданская оборона», включающей в себя блок учебных практических занятий. Это общая психологическая подготовка, моделирование психогенных факторов деятельности. В психологии, как правило, выделяют две группы факторов: 1-ое физическое окружение:

2-ое характер деятельности, высокий уровень нервно – психологического и эмоциального напряжения.

Для реализации этих задач по чрезвычайным ситуациям природного и техногенного характера главное значение имеет систематическая информация

Невоенизированных формирований в учреждении со сложившейся обстановкой, решения Правительства, доведения до них новых задач, непрерывное поддержание у людей уверенности в их успешном выполнении. В этих целях проводятся беседы, широко используются обращения. Доходчивыми средствами информации могут стать короткие сообщения о подвигах, бесстрашных поступках своих товарищей при ликвидации чрезвычайной ситуации техногенного и природного характера, а также положения в стране. Постоянное и личное общение с людьми, занимающимися ликвидацией последствий и оказывающих помощь пострадавшим, необходимо всесторонне и глубоко изучать их настроение; знание моральных и деловых качеств; правильном питании и посменном отдыхе, что является важнейшей обязанностью всех командиров формирований. Широко используется обращения местных органов власти, чрезвычайных комиссий, которые печатаются в местных газетах, передаются по всем каналом радиовещания, зачитываются на собраниях. Особое внимание уделяется разъяснению правил поведения в районах стихийных бедствий и соблюдения меры безопасности, это неотъемлемая часть обучения и воспитание людей в зоне стихийных бедствий [3; с.263]. Проявление высоких морально-психологических качеств предусматривает систематическое и целенаправленное идейное воздействие на человека в целях формирования у него ответственности, сознательности, мировоззрения, высоких нравственных норм поведения, достижения глубокого понимания политики нашего Правительства, и готовности защищать Отчизну в любых условиях выполнять свои профессиональные обязанности.

Пропаганда гражданской обороны в наше время должна вести активную работу в проведении комплексных учений на объектах народного хозяйства, населенных пунктов, учебных заведениях различного типа. Представители Комитета по чрезвычайным ситуациям и гражданской обороне при Правительстве Республики Таджикистан должны и обязаны вести: идейную убежденность, политическую сознательность, духовную зрелость и патриотические чувства, создающие необходимые предпосылки к мужественным и решительным действиям, направленным на зашиту населения от оружия массового поражения. Должны заблаговременно строить защитные сооружения; накапливать средства

индивидуальной защиты; проводить обучение населения правильному использованию средств защиты; научить оказывать медицинскую помощь и подготовку к эвакуации населения из крупных городов в загородную зону.

Для повышения устойчивой работы объектов народного хозяйства и населенных пунктов в условиях военного времени необходимо проводить мероприятия, направленные на поддержание способности этих объектов выпускать продукцию в заданной номенклатуре и количестве в условиях войны. Эти мероприятия включают подготовку органов управления, сил и средств гражданской обороны и проводятся с целью спасения людей, оказания медицинской помощи пострадавшим, эвакуации населения из очагов поражения. Осуществлению этих мероприятий способствуют:

- поддержание и развитие у командиров невоенизированных формирований высоких духовных и волевых качеств, инициативы, самостоятельности, способности правильно оценивать обстановку, умение принимать продуманные и смелые решения и настойчиво приводить их в жизнь;
- своевременное доведение до всего личного состава складывающейся обстановки, характера предстоящих действий и конкретных задач;
- мобилизация личного состава для организованного выдвижения к объектам работ, решительным и умелым действиям при проведении быстрого розыска раненых и пораженных, своевременное оказание им медицинской помощи и эвакуация по назначению;
- разъяснение установленных сигналов и порядка действий, особенно ночью, и в условиях сильной загазованности, обеспечение взаимопомощи при выполнении задач.

Обязанности руководителя подразделения по аварийно-спасательным работам при чрезвычайных ситуациях:

Способы сбора информации:
- изучение документации на объекте (количество людей, планировка, технологический процесс, система защиты).
- опрос (персонала объекта, граждан)
- внешний осмотр (место и параметры чрезвычайных ситуаций, характеристика зданий и их возможность повреждения).
- разведка места чрезвычайных ситуаций.

Сбор информации → Контроль за исполнением выполнения поставленной задачи возлагается на штаб ликвидации чрезвычайной ситуации

Контроль за исполнением распоряжений → На основе собранной информации определяют
- необходимость проведения спасательных работ.
- возможные опасные факторы Ч.С.
- необходимость эвакуации материальных ценностей.
- пути и способы проведения аварийно - спасательных работ.
- необходимость защиты соседних сооружений и объектов.
- силы и средства для проведения АС работ.

Оценка обстановки → В распоряжении необходимо указать:
- кто отвечает и выполняет поставленные задачи;
- переданные силы и средства

Разбор действий подразделений → На основе оценки обстановки руководитель определяет задачу аварийно – спасательных работ подразделений, решающих направление ведение аварийно – спасательных работ, а также последовательность проведения других видов работ

Принятие решений на ведение боевых действий → По окончании проведения аварийно – спасательных и других работ ответственный руководитель должен провести анализ действия подразделений. Результаты анализа могут быть разобраны:
- с личным составом, проводившим работы, непосредственно на месте Ч.С;
- с начальствующим составом на служебных совещаниях;
- в обзоре действий подразделений гарнизона

Отдача распоряжений →

Координация действий подразделения → Для координации действий подразделения создается штаб в составе:
- начальник штаба;
- начальник тыла;
- помощник начальника штаба и тыла;
- ответственные за соблюдение мер безопасности;
- представители всех служб, привлекаемые для ликвидации Ч.С. и ее последствий.
- связные.

После тщательного теоретического изучения научной проблемы чрезвычайных ситуаций, проведения сбора необходимых эмпирических данных, их математической обработки и интерпретации более наглядно видится решение задач, достижения безопасности жизни деятельности человека в чрезвычайных ситуациях, что несет важнейший вклад в обеспечение безопасности человека как одного из важнейших элементов системы безопасности независимого государства - Республики Таджикистан.

ЛИТЕРАТУРА

1. Карелин А. Большая энциклопедия психологических тестов. - Москва. Эксмо, 2007г.
2. Подготовка руководителя по Управлению силами и средствами при ликвидации чрезвычайных ситуациях. -Душанбе, 2004г.
3. Михайлик Д.И. Гражданская оборона.- Москва «Высшая школа», 1986 г.
4. Завьялов В.Н. Учебное пособие по гражданской обороне. –Москва, 1989г.

ОКАЗАНИЕ ПСИХОЛОГИЧЕСКОЙ ПОМОЩИ ПОСТРАДАВШИМ В ЧРЕЗВЫЧАЙНЫХ СИТУАЦИЯХ

В статье раскрываются экстремальные условия, которые воздействуют на человека в ходе работ по ликвидации чрезвычайных ситуациях и оказанию спасателями первой медицинской и психологической помощи, снижения негативных последствия их воздействия на пострадавших.

Автор статьи отмечает, что психологическая подготовка при чрезвычайных ситуациях природного и техногенного характера, мирного и военного времени - это целенаправленная система комплексных мероприятий по формированию у людей психофизиологических качеств, необходимых для выполнения своего долга в сложных и критических ситуациях. Система психологической подготовки у людей должна воспитывать: черты личности как мужества, смелость, храбрость, самоотверженность; вырабатывать силу воли; укрепляет знания; совершенствует навыки и умения; осуществляет тесные связи с морально – идеологическим и патриотическим воспитанием.

Следует особо подчеркнуть, что психологическая подготовка является основной задачей, где совершенствуется психологическая подготовка при чрезвычайных ситуациях техногенного и природного характера, что в мирное и военное время у людей играют первостепенную роль.

Ключевые слова: *критическая ситуация, диагностика, мотивация, реакция, локус, агрессия, истерика.*

RESEARCH OF PSYCHOLOGICAL ASSISTANCE TO VICTIMS IN EMERGENCY SITUATIONS

This article is dedicated to the extreme conditions that affect a person in the course of affairs regarding the liquidation of emergency situations on providing rescuers first medical and psychological assistance, reducing the negative consequences of their impact on the victims.

In this regard, practice shows that in critical situations in terms of the formation of people's psychological qualities are not at the proper level.

Psychological training in emergency situations of natural and man-made nature, peace and war is a purposeful system of complex measures for the formation of people's psychophysiological qualities necessary to perform their duty in difficult and critical situations. The system of psychological training in people should educate: personality traits like courage, courage, bravery, selflessness, as well as develop a strong will, strengthens knowledge, improves skills and abilities, and carries out close ties with moral, ideological and patriotic education.

It should be emphasized that psychological training in the article is the main task, which improves psychological training in emergency situations of man-made and natural nature that in peace and war in people, and play a paramount role.

Keywords*: critical situation, diagnosis, motivation, reaction, locus, aggression, hysteria.*

Сведение об авторе:

Абзалов Имом Азизхуджаевич *- кандидат педагогических наук, старший преподаватель кафедры физического воспитания и гражданской обороны Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни. Тел.: (+992) 935410344*

About the author:

Abzalov Imom Azizkhudzhayevich *- Candidate of Pedagogical Sciences, Chair of physical education and civil defense of Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni. Tel: (+992) 935410344.*

УДК: 371.5:159.964 (575.3)

ЗДОРОВЬЕ И ФИЗИЧЕСКОЕ РАЗВИТИЕ ДЕТЕЙ ДОШКОЛЬНОГО ВОЗРАСТА

Асозода Б.Дж.

Таджикский государственный педагогический университет им. С. Айни

Общее состояние каждого человека складывается из множества факторов, среди которых главнейшее место занимает здоровье. Здоровье является физической, гигиенической, душевной и социальной культурой человека. Охрана и укрепление здоровье традиционно являются первоочередной задачей социальных институтов, в том числе семьи, так как процесс адаптации ребёнка в окружающем мире, воздействие на него и его преобразование зависит от психического и физического здоровья [1, с.107].

Физическое развитие является одной из сторон целостности и гармоничности личности детей дошкольного возраста. Оно тесно связано со здоровьем личности, определяемой его физической, гигиенической, душевной и социальной культурой. Закон РТ «Об ответственности родителей за воспитание и обучение детей», в статье 7 отмечает, что «родители должны заботиться о здоровье, физическом, духовном и нравственном развитии своих детей» [2, с.157]. Деятельность взрослых связана с укреплением здоровья детей, привитием у них культурно-гигиенических привычек, формирование двигательной культуры, применение закаливающих процедур, направленных на укрепление организма.

Современным обществом предусматривается формирование молодого поколения нового типа, представленных творческими, активными, мобильными личностями. Формирование у детей здорового тела и здорового духа, для овладения навыками конструирования социальной реальности, важнейшим этапом считается обладание человеком физическим и психологическим здоровьем и социальной мобильностью.

По существу, весь дошкольный возраст становиться периодом подготовки ребёнка к следующему, более важному (по мнению родителей, педагогов) периоду жизни и обучения в школе. Показателями уровня психофизиологического развития и социализации ребёнка в дальнейшем становятся его успехи, достижения в учебе, взаимоотношения со сверстниками, учителями, в целом новое положение в новой социальной ситуации, которое называется воспитательно-образовательной работой. С ребёнка требуется, особенно непосещавщего дошкольное образовательное учреждение, перестройка ранее сложившегося образа жизни (режим дня, замена ведущей деятельности и т.д.) и психологических структур, преодоление трудностей, возникающих в новой социальной ситуации. [3, с.78]. Здесь будут уже не возрастные особенности, а закономерности, связанные с психофизиологическим здоровьем и уровнем социализации. Этапы физического развития и социализация детей дошкольного возраста можно представить в следующей таблице.

Таблица 1.

№	Возрастные этапы	Показатели физического развития	Показатели социализации
1	Младенчество от рождения до года	Ребенок набирает вес, контролирует движения рук и ног, ползает, ходит самостоятельно	Узнает близких, проявляет положительных эмоции взаимодействует с окружающими, устанавливает доверительное отношение
		Играет со звучащими игрушками, выполняет движение по показу и слова взрослых	Выполняет простые действии по требованию взрослых, различает интонацию, мимику взрослых, включается в контакт с окружающими
11	Ранний возраст от 1 до 3 лет	Начинает самостоятельно ходить, выполнять основные движения, играет с игрушками, координирует движения	Формируется дифференцированное отношение с окружающими, навыки самостоятельности, представления о правилах поведения в семье
		Может самостоятельно есть, проявляет физическую активность, развивает культурно-гигиенические навыки и двигательные качества	Выражает эмоции, контролирует поведение, проявляет чувство привязанности к окружающим, использует разговорную речь, подражает окружающим
111	Дошкольный возраст 3-7(6) лет	Осваивает навыки правильного выполнения основных движений, держит равновесие, совершенствует физические качества	Расширяются знания о правилах поведения, подчиняется правилам поведения в семье и обществе, может вести монологическую речь и включается в общении
		Экспериментирует, используя различные предметах, интересуется физической культурой, видами спорта, контролирует свои движения	Готовится к переходу на новые социальные позиции - ученика школы.

Как показывает таблица, в каждый период дошкольного возраста изменения физиологического плана соответствуют психологическим, духовным и нравственным изменениям, основанным на целенаправленных воспитательных воздействиях.

Современная психолого-педагогическая и медико-педагогическая работа, а также исследования, проведённые в области теории и методики физического воспитания, выявили нижеследующие показатели физического развития детей дошкольного возраста (от нуля до 6-7лет) [5, с.13].

Таблица 2.

№	Возраст ребёнка	Вес	Рост	Окруж-ность грудной клетки	Количество зубов
1	Первый год жизни	10-12 кг	75-76 см	45-48 см	8-10-зубов
2	Второй год жизни	12-12,7 кг	85-86 см	50 см	Около 20 молочных зубов
3	Третий год жизни	14.8-15 кг	95-96 см	52 см	-
4	Четвёртый год жизни	16-16.5 кг	102 см	53 см	-
5	Пятый год жизни	19.0 кг	110 см	54 см	-
6	Шестой год жизни	21.6 кг	116 см	56-57 см	-
7	Седьмой год жизни	22.5 кг	125 см	60см	-

Источник представлен Программой по воспитанию, обучению и развитию детей дошкольного возраста «Рангинкамон». Душанбе, 2012.

Как показывает таблица, детям дошкольного возраста характерен быстрый темп физического развития. Он отражается в изменении веса, роста, окружности грудной клетки в каждом году жизни

Изменения, сдвиги, происходившие в организме, требуют усложнения задач физического воспитания. Если на первом году жизни основная задача родителей направлена на создание условий для физического развития ребёнка (бодрствование, проведение специальных мероприятий по закаливанию, предохранение нервной системы, развитие и укрепление движении), на втором и третьем году жизни, по мере освоения ходьбы, возрастает двигательная активность, самостоятельность, формируются первые культурно-гигиенические навыки. В дошкольном возрасте 3-7 лет в организме ребёнка происходят большие изменения. В органах и системах появляются значительные морфологические и функциональные сдвиги. Они отражаются в повышении работоспособности, развитии отделов головного мозга, системности в их работе, улучшении моторной памяти и др. психических процессов.

Это требует комплексного использования условий и средств физического воспитания для социализации детей, в особенности в процессе организации активной деятельности - игровой, трудовой, бытовой и учебной, которая не- однократно меняются в течение дня.

Теория и практика показывают, что в дошкольном возрасте частота заболеваемости зависит от особенности детского организма и охрана, укрепление здоровья ребёнка зависит от режима, последовательного проведения закаливающих процедур, расширения двигательной активности, хорошего бодрого настроения и др. факторов.

Таблица 3.

№	Заболеваемость детей	Частота заболеваемости
1	Респираторно- вирусная инфекция	38,6 %
2	Острые кишечные инфекции	14,7 %
3	Детские инфекционные болезни (ветрянка, корь и др.)	11,5 %
4	Инфекционный гепатит	8,4 %
5	Другие детские болезни	26,8 %
	Всего:	100 %

Физическое развитие детей зависит от частоты заболеваемости с раннего возраста. В структуру заболеваемости детей с раннего возраста входят: 1-респираторно-вирусное инфекции (38,6%); 2 - острые кишечные инфекции (14,7%); 3 - детские инфекционные болезни (ветряная оспа, корь): 4 –инфекционный гепатит (8,4%) и др.

В дошкольном возрасте (3-7 лет) спортивные развлечения, физические упражнения, подвижные игры, все виды занятий по физической культуре, массаж, гимнастика рекомендуются врачами, как средство лечения болезни сердца, ревматизма, дыхательных путей, нарушения обмена веществ осанки, плоскостопия. Также при проведении

Национальной компанией вакцинации детей до 5 лет уделяется особое внимание профилактике детских болезней, оказывающих отрицательное влияние на физическое воспитание и развитие. Самым важным является профилактика детских болезней и проведение вакцинации: БЦЖ, ОПВ -3, АКДС, КОРЬ, ГЕПАТИТ -3.

Состояние вакцинации детей в Республике Таджикистан с 2011 году (в процентном соотношении).

Таблица 4.

№	Регионы	БЦЖ		ОПВ-3		АКДС		КОРЬ		Гепатит 3	
		2010	2011	2010	2011	2010	2011	2010	2011	2010	2011
1	Душанбе	99	99	97	98	97	98	98	99	99	99
2	РРП	95	97	92	95	90	94	91	95	95	94
3	Согдийский обл.	97	98	90	97	89	97	98	98	93	97
4	Хатлонский обл.	96	90	94	96	89	95	90	97	93	95
5	ГБАО	99	94	94	96	95	96	90	96	99	96
	По республике:	98	95	95	97	93	96	96	97	93	96

Источник: Здоровье населения и деятельность медицинских учреждений в 2011 году.

Охрана жизни и здоровья матери и ребёнка является одним из приоритетных направлений деятельности Министерства здравоохранения и занятности населения. Одним из важнейших способов профилактики болезни среди детей является вакцинация. Начиная с 2010 года проводится Национальная компания вакцинации. В 2011 году 99.2% детей до пяти лет были охвачены вакцинацией, проводится марафон «Насли солим-миллати солим» («Здоровое поколение -здоровье нации») с 2011г. Международная неделя грудного кормления. Подготовлены и изданы в объеме 82 000 экземпляров методические указания для матерей «Развитие и питание детей до 5 лет (питание, физическое развитие и профилактика недостаточности микроэлементов. 99.1% детям до пяти лет два раза была проведена самплементация (витаминизация А) и др. [4, с.13-14]. Национальная компания вакцинации ежегодно проводится в марта-апрель месяце.

Одной из актуальных проблем, стоящих перед Министерством здравоохранения и социального обеспечения РТ, является улучшение медицинского обслуживания женщин-матерей. Однако анализ состояния смертности среди женщин - матерей показывает, что женщины репродуктивного возраста в предотвращении нежелательной беременности препаратами пользуются (26,7%) и становятся жертвами аборта, летального исхода во время родов.

В республике проводится работа по повышению медико-психологических и медико-педагогических знаний родителей, в особенности среди женщин. Правительство РТ, Министерство здравоохранения и социальной защиты населения принимают меры по подготовке медицинских работников, повышению их профессиональных качеств, оснащению медицинских учреждений современным оборудованием и техникой, обеспечению необходимыми препаратами.

ЛИТЕРАТУРА

1. Давлатов М. Семья и развитие личности детей / М. Давлатов [Текст]. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 224 с.
2. Закон Республики Таджикистан «Об ответственности родителей за обучение и воспитание детей» // Свод Законов Республики Таджикистан (на тадж. рус. и узбек. языках [Текст]. - Душанбе, 2012.-160 с.
3. Запорожец А.В. Значение ранних периодов детства для формирования детской личности / А.В. Запорожец // В кн: Принцип развития в психологии [Текст] .- М.: Наука, 1978. - С. 77-97.
4. Здоровье населения и деятельность медицинских учреждений в 2011 году. Республиканский центр статистической и медицинской информации [Электронный ресурс]. – Режим доступа: lib.knigi-x.ru/23tehnicheskie/651205-1-mini
5. Программой по воспитанию, обучению и развитию детей дошкольного возраста «Рангинкамон» Душанбе, 2012. -13-14 с.

ЗДОРОВЬЕ И ФИЗИЧЕСКОЕ РАЗВИТИЕ ДЕТЕЙ ДОШКОЛЬНОГО ВОЗРАСТА

Автор данной статьи, рассматривая и изучая процесс физического развития детей, анализирует состояние их здоровье, обращает внимание на влияние различных факторов на данный процесс. Для охраны и укрепления здоровья детей особое значение имеет

профилактическая оздоровительная работа: соблюдение режима, рациональное питание, закаливание, гимнастика, медицинский и педагогический контроль за развитием и здоровьем.

Ключевые слова: *физическое развитие, физическое упражнение, здоровье детей дошкольного возраста, семья, профилактика различных заболеваний в детском возрасте, вакцинация, повышение медико-психологических и медико-профилактических знание родителей.*

HEALTH AND PHYSICAL DEVELOPMENT OF PRE-SCHOOL AGE CHILDREN

The author of this article, considering and studying the process of physical development of children, analyzing the condition of their health, drawing attention to the influence of various factors on this process. For the protection and strengthening of children's health, preventive health-improving work is of particular importance: compliance with the regime, rational nutrition, hardening, gymnastics, medical and pedagogical control over development and health.

Keywords: *physical development, physical exercise, health of preschool age children, family, prevention of various diseases in childhood, vaccination, increase of medical-psychological and medical-prophylactic knowledge of parents.*

Сведения об авторе:

Асозода Б.ДЖ. *- кандидат педагогических наук, старший преподаватель кафедры дошкольного воспитания Таджикского государственного педагогического университета им С. Айни Телефон: (+992) 935021823.*

About the autor:

Asozoda B.J. *- Candidate of Pedagogical Sciences, Senior Lecturer of the Chair of Preschool Education, Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni Phone: (+992) 935021823.*

УДК 372.851, 378.147

СОХТАНИ БАРНОМАИ КОМПЮТЕРИИ САНҶИШИ ОБЪЕКТИВИИ ДОНИШИ ХОНАНДАГОН АЗ ФАННИ ИНФОРМАТИКА ДОИР БА АМАЛҲОИ ОДДӢ ДАР ҶАДВАЛҲОИ ЭЛЕКТРОНӢ

Назаров А.П.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Асри XXI асри информатика, асри технологияи компютерӣ, асри забонҳои барномасозӣ ва асри иттилоотонии ҷомеа мебошад. Илми информатика ҳамчун илми ҷавон дар муддати начандон зиёди таърихӣ аз як фанни одии мактабӣ ба илми бунёдӣ дар бораи иттилоот ва равандҳои иттилоотии на танҳо системаҳои техникӣ, балки табиат ва ҷомеа табдил ёфтааст. Дар солҳои аввали ҷорикунии таълими фанни информатика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ он асосан ба алгоритмсозӣ ва барномасозӣ дар забони Бейсик равона гардида буд. Айни замон мавзӯъ ва мундариҷаи таълими фанни информатика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ куллан тағйир ёфта, васеъ гардидааст. Яке аз мавзӯъҳои таълимии фанни мазкур ба омӯзиш ва дар амал васеъ истифодабарии ҷадвалҳои электронӣ баҳисоб меравад. Номгӯйи ҷадвалҳои электронӣ низ зиёданд [3, с.8] ва дар замони муосир дар таркиби бастаҳои оффисӣ истифода бурда мешаванд. Масалан, бастаҳои оффисии Gnome office, Calligra Suite, Open Office, Libre Office, Microsoft office, IBM Lotus Symphony ва ғайраҳо, ки ҳаряки онҳо дар таркиби худ барномаи ҷадвали электрониро дорад. Сохтори ҳамаи ин барномаҳои ҷадвали электронӣ ба якдинар монанд буда, шояд каме бо муҳити кориашон фарқ кунанд. Дар мақолаи мазкур бошад, барномаи ҷадвалҳои электронии Excel-и бастаи оффисии Microsoft office мавриди истифодабарӣ қарор дода мешавад, ки дар ҳама муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ истифода карда мешаванд. Он яке аз барномаҳои паҳнгаштаи ҷадвалҳои электронӣ буда, дар замони муосир инчунин дар аксар корхонаю ташкилотҳо барои худкоркунии ҳисоботҳо, тавозун, ҳисоби андозҳо, музди маош, тайёр намудани диаграммаҳои ранга барои чоп ва намоишҳо ва амсоли инҳо истифода бурда мешавад.

Ҳисоббарориҳо дар катакҳои форматашон ададии ҷадвали электронӣ бо ёрии формулаҳо гузаронида мешаванд, ки бо аломати баробар “=” оғоз мегарданд. Ҳангоми омӯзиши барномаҳои ҷадвали электронӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ибтидо ба хонандагон навиштани формулаҳоро бо истифода аз амалҳои арифметикии

ҷамъ ва тарҳ, зарб ва тақсим ва амали бадараҷабардорӣ меомӯзонанд. Инчунин истифодабарии амали фоиз ва аломати “%” –ро меомӯзонанд. Методикаи истифодабарии амалҳои нусхабардорӣ ва гузоштани катак(ҳо), амали худпуркунӣ, пайвандҳои нисбӣ ва мутлақро меомӯзонанд. Бояд қайд кард, ки амали нусхабардории катак ва нусхабардории маълумоти дарунмояи катак (содержания ячейки) аз ҳамдигар фарқ доранд. Ин ва инчунин фарқ байни пайвандҳои нисбӣ ва мутлақро омӯзгори фаннӣ ба хонандагон бояд ба таври зарурӣ омӯзонад. Ҳангоми интихоби супоришҳо барои кори контролӣ омӯзгори фаннӣ бояд ин амалҳоро баинобат гирад. Оид ба санҷиши объективии дониши хонандагон бо истифода аз барномаҳои компютерӣ ва афзалиятҳои он мо дар корҳои пештараи худ [4-7] қайд карда будем. Мақолаи мазкур давоми мантиқии он корҳо баҳисоб меравад.

Масъалаи зеринро барои кори контролӣ оид ба амалҳои одии Excel мавриди таҳқиқ қарор медиҳем: “***Бо истифода аз қисми ҷадвали овардашудаи Excel (Расми 1), қимати катаки С2 муайян карда шавад.***”.

Ҳал: Ҳангоми ба хонандагон пешниҳод намудани қисми ҷадвали Расми 1, дар катакҳои А1, В1 ва С1 бояд ҳатман ададҳо инъикос гарданд. Дар катаки С2 бошад, пас аз аломати “*” бояд ҳатман адад истад. Яъне бар ивази аломати “**.....**” ададҳо меистанд ва масъала пурра тартиб дода ҳисобида мешавад. Ин ададҳо метавонанд ададҳои натуралӣ ва ҳақиқӣ бошанд. Бо мақсади таъмини объективияти санҷиши дониши хонандагон, ин ададҳо бояд ба ҳаряк хонанда гуногун пешниҳод карда шаванд. Бо ин мақсад, масалан дар забони барномасозии PascalABC.Net, лоиҳаи барномаи компютериро дар реҷаи визуалӣ месозем. Барои дар шакли муколамагии лоиҳаи барнома инъикос намудани катакҳои ҷадвалӣ аз ҷузъи идоракунии додаҳои ҷадвалии **DataGridView** истифода мебарем. Дар навбати аввал як тағйирёбандаи типаш рӯзу вақт бударо муайян карда (масалан бо номи ***trv***), ба матни барнома илова мекунем:

var trv := DateTime.Now;



Расми 1.

Бо истифода аз функсияҳои коркарди вақт ва дигар операторҳои ин забон, қимати катаки А1 –ро бо ёрии барнома интавр маълум мекунем:

```
var p: double := 151 * (sin(trv.Minute+trv.Hour) + cos(trv.Second+trv.DayOfYear) -
sin(Milliseconds) - cos(trv.Millisecond) + cos(trv.Day));
while abs(p)>368 do p:=p/2.13; p:=Round(p,2);
```

Методикаи мазкурро мо дар корҳои пештараамон истифода кардаем. Барои дар худи катак инъикос намудани қимати маълум гардида, яъне қимати *p*, ба матни барнома сатри зеринро илова мекунем:

DataGridView1[1,0].Value :=p;

Айнан ҳаминтавр қимати катакҳои В1 ва С1 –ро бо истифода аз матни барномаи зерин маълум мекунем ва дар катакҳои мувофиқ инъикос мекунем:

```
p := 307 * (cos(trv.Minute+trv.Month) - sin(trv.Second+trv.Ticks) + cos(Milliseconds)
+ sin(trv.Millisecond) - cos(trv.Day)) ;
while abs(p)>401 do p:=p/2.31; p:=Round(p,2); DataGridView1[2,0].Value :=p;
p := 293 * (cos(trv.Minute-trv.Month) - cos(trv.Second-trv.Ticks) + cos(Milliseconds)
+ cos(trv.Millisecond) - sin(trv.Day)) ;
while abs(p)>309 do p:=p/2.13; p:=Round(p,2); DataGridView1[3,0].Value :=p;
```

Барои муайян намудани қимати зарбшавандаи катаки C2 аз қимати охирони тағйирёбандаи *p* истифода бурда, ба матни барнома сатрҳои зеринро дохил мекунем:

```
p:=abs(p); while p>9 do p:=p/1.78; p:=int(p);
DataGridView1[3,1].Value :='=B2*' + FloatToStr(p);
```

Формулаҳоро дар катакҳои A2 ва B2 интавр инъикос мекунем:

```
DataGridView1[1,1].Value := '=B1*2-C1'; DataGridView1[2,1].Value :='=A1*3-A2';
```



Расми 2.

Намуди шакли муколамагии ин қисми барнома, пас аз иҷро шуданаш, дар Расми 2 оварда шудааст. Ҷузъи идоракунии майдони матнӣ, ки дар рости калимаи “Ҷавоб:” истодааст, барои дохил намудани ҷавоби ҳалли масъала аз тарафи хонанда мебошад.

Масъалаи зеринро ҳамчун супориши дуюми кори контролӣ қабул намуда, мавриди таҳқиқ қарор медиҳем: “***Қисме аз ҷадвали Excel оварда шудааст (Расми 3). Агар катаки H3 нусхабардорӣ карда шуда, дар катаки G4 гузошта шавад, қимати катаки H4 ба чанд баробар мешавад?***”.



Расми 3.

Ҳал: Тавре аз шарти масъала ва қисми ҷадвали овардашуда дида мешавад, он назар ба масъалаи якум каме душвортар аст. Зеро дар он пайвандҳои нисбию мутлақ ва амалҳои нусхабардорию гузоштани катаки ҷадвал истифода карда шудааст. Дар ин ҷадвал дар катакҳои F3 ва G3 бар ивази аломати “**.....**” ададҳо инъикос мегарданд ва мо барои каме сабукӣ овардан ба хонандагон он ададҳоро ададҳои бутун интихоб кардаем. Дар катакҳои H3 ва H4 бошад, бар ивази аломатҳои “**.....**” адади натуралӣ инъикос мегарданд. Инҷо низ бояд барнома ба ҳаряк хонанда дар шакли фардӣ ададҳоро инъикос кунад, то объективияти санҷиши дониши хонандагон таъмин карда шавад. Аз методикаи болозикр истифода карда, барои муайян намудани қимати катакҳои F3 ва G3 ва барои дар шакли муколамагии лоиҳаи барнома инъикос намудани онҳо аз ҷузъи идоракунии додаҳои ҷадвалии **DataGridView** ва матни барномаи зерин истифода мебарем:

```
p := 13 * (sin(trv.Minute-trv.Hour) - cos(trv.Second-trv.Ticks) + cos(Milliseconds) -
sin(trv.Millisecond) - cos(trv.Day)) ;
while abs(p)>9 do p:=p/1.3; p:=int(p); if p=0 then p:=2; DataGridView2[1,0].Value
:=p;
DataGridView2[2,0].Value :=int(11*(sin(Milliseconds)+cos(trv.Millisecond)+p))*p;
```

Барои муайян намудани қимати зарбшавандаҳои катакҳои H3 ва H4 ва инъикос намудани онҳо дар шакли муколамагӣ, аз қимати охирони тағйирёбандаи *p* (қимати катаки G3) истифода бурда, ба матни барнома сатрҳои зеринро дохил мекунем:

```
p:=abs(p); while p>6 do p:=p/2; p:=int(p); if (p=0) or (p=1) then p+=2;
DataGridView2[3,0].Value :='='+ FloatToStr(p)+'*$F$3^3-G3';
```

```
p := 143 *abs( (sin(trv.Second)-cos(Milliseconds)))+11; while p>73 do p:=p/2.78;
p:=int(p); DataGridView2[1,1].Value:='=G3/F3'; DataGridView2[2,1].Value:='.....';
DataGridView2[3,1].Value :='=(G4-H3)*'+ FloatToStr(p)+'%';
```

2. Қисме аз ҷадвали EXCEL оварда шудааст. Агар катаки H3 нусхабардорӣ карда шуда, дар катаки G4 гузошта шавад, қимати катаки H4 ба чанд баробар мешавад?

	F	G	H
3	-8	760	=4*F3^3-G3
4	=G3/F3	.....	=(G4-H3)*21%

Ҷавоб:

Расми 4.

Ин қисми барномаро компилятсия намуда, ба иҷро мерасонем, ки намунааш дар Расми 4 оварда шудааст.

Ба супориши кори контролӣ боз ду масъалаи дигарро илова мекунем, ки шарт-ҳояшон зеринанд:

Дар варақи ҷадвали Excel қимати катаки ....N ба ..... ва қимати катаки ....(N+1) ба ..... баробар аст. Ин катакҳоро ҷудо карда, катакҳо аз ....(N+2) то ....(N+....) –ро бо усули худпуркунӣ пур кардаанд. Қимати катаки ....(N+....) –ро маълум кунед.

Қимати катаки A1-и ҷадвали Excel ..... аст. Дар катаки A3 формулаи =A2/A1 ва дар катаки A4 формулаи =(A1+A2+A3)…% дохил карда шудааст. Қимати катаки A2 чанд аст, агар қимати катаки A4 .... бошад?*

Матни барнома барои муайян намудани параметрҳои ин масъалаҳо ва инъкос намудани онҳо дар шакли муколамагии лоиҳаи барнома ин аст:

```
p := 103*abs(cos(trv.Second+trv.Ticks)-sin(Milliseconds)+cos(trv.Millisecond))+1.6;
while p>20 do p:=p/2.3; var rq : byte :=p.Round;
var pp :double := 103*(cos(trv.Millisecond+trv.Ticks)-cos(Milliseconds)+
sin(trv.Millisecond)); while abs(pp)>97 do pp:=pp/3.2; pp := Round(pp,2);
RichTextBox1.Text:='3. Дар варақи ҷадвали Excel қимати катаки
'+ChrAnsi(rq+65)+rq.ToString +' ба '+pp.ToString+' ва қимати катаки ';
Label9.Text := rq.ToString; Label10.Text := pp.ToString;
pp := abs(pp); while pp>2.5 do pp:=pp/1.7; pp := Round(pp,2); Label11.Text :=
pp.ToString;
RichTextBox1.Text+=ChrAnsi(rq+65)+(rq+1).ToString +' ба
'+(Label10.Text.ToReal+ pp).ToString+' баробар аст. Ин катакҳоро ҷудо карда, катакҳо
аз ';
RichTextBox1.Text+=ChrAnsi(rq+65)+(rq+2).ToString+' то '+ChrAnsi(rq+65)+
(rq+15).ToString;
RichTextBox1.Text+='-ро бо усули худпуркунӣ пур кардаанд. Қимати катаки
'+ChrAnsi(rq+65)+(rq+12).ToString+' -ро маълум кунед.'; Label15.Text
:=(rq+12).ToString;
p := 97*abs(sin(trv.Millisecond+trv.Ticks)-cos(Milliseconds)+cos(trv.Second+
MillisecondsDelta))+23;
while p>50 do p:=p/2.11; p:=int(p); Label19.Text :=p.ToString; pp:=p;
RichTextBox2.Text :='4. Қимати катаки A1-и ҷадвали Excel '+p.ToString+' аст.
Дар катаки A3 формулаи =A2/A1 ва дар катаки A4 формулаи ';
p+=Milliseconds+5; while p>75 do p:=p/1.83; var ppp:=int(p); Label24.Text :=
ppp.ToString;
RichTextBox2.Text += '=(A1+A2+A3)*'+ppp.ToString+'% дохил карда шудааст.
Қимати катаки A2 чанд аст, агар ';
while p>14 do p:=p/1.72; p:=int(p); pp+= Label19.Text.ToInteger*p+p; pp :=
pp/100*ppp;
```

Label25.Text := pp.ToString; RichTextBox2.Text += 'қимати катаки A4 '+pp.ToString+' бошад?';

Тавре аз матни сатрҳои ин барнома дида мешавад, барои инъикос намудани шартҳои масъалаҳои сеюм ва чорум дар шакли муколамагии лоиҳаи барнома аз ҷузъи идоракунии матнии бисёрсатраи RichTextBox истифода карда шудааст.

Ба шакли муколамагии лоиҳаи барномаамон як тугмаи амриро илова карда, номи матниашро “Супориш” гузошта, ин қисми лоиҳаи барномаро компилятсия мекунем. Пас аз ба кор омода намудани ин қисми барнома дар экран тирезаи кории он кушода мешавад (Расми 5). Бо пахши тугмаи амрии “Супориш” дар тирезаи он матни супоришҳо ва ҷузҳои идоракунии майдонҳои матнӣ барои дохил намудани ҷавоби масъалаҳо аз тарафи хонанда инъикос мегарданд (Расми 6).

Дар Расми 5 ё Расми 6 ҳар хонанда худ мустақилона тугмаи амрии “Супориш”-ро пахш мекунад. Варианти кори контролӣ ба ҳар хонанда ба таври фардӣ тавассути ин барнома пешниҳод карда мешавад. Хонанда шарти масъала(ҳо)ро ба дафтараш навишта, он(ҳо)ро ҳал карда, ҷавобашро ба ҷузъи идоракунии майдони матнии мувофиқ дохил мекунад. Акнун хонанда худ бояд ҳамоно боварӣ ҳосил кунад, ки оё масъаларо дуруст ҳал кардааст ё не, ҷавобашро дуруст дохил кардааст ё не. Бо ин мақсад барномаеро месозем, ки ҷавоби дохилкардаи хонандаро тариқи худкор санҷад.



Расми 5.



Расми 6.

Ба шакли муколамагии лоиҳаи барнома як тугмаи нави амриро илова карда, номи матниашро “Санҷиш” мегузорем. Ин тугмаи амрӣ дар Расми 6 намоён аст ва пас аз пахши тугмаи амрии “Супориш” пайдо мешавад. Ба протседураи ин тугмаи амрӣ матни барномаи санҷиши ҷавобҳои дохилкардаи хонандаро дохил мекунем. Инчунин бо истифода аз ин тугмаи амрӣ баҳои хонанда эълон карда мешавад. Масалан, матни барномаи санҷиши ҷавоби масъалаи сеюм ин аст:

// Ҷавоби супориши сеюм
jav := Label10.Text.ToReal;
for var k:=Label9.Text.ToInteger+1 **to** Label15.Text.ToInteger **do** jav+=Label11.Text.ToReal;
if (LenGth(Trim(TextBox3.Text))>0) **and** (textBox3.Text.ToReal = Round(jav,2)) **then** хол+=4;

Аз ин қисми матни барнома маълум мегардад, ки ҳангоми дуруст будани ҷавоби дохилкардашуда қимати тағйирёбандаи ***хол*** зиёд мегардад. Баҳои хонанда бошад ба таври зерин маълум ва эълон карда мешавад:

```
// Баҳогузорӣ бо усули анъанавӣ
Case хол of
3..7 : Label3.Text := 'Баҳоятон 3 (миёна)';
8..17 : Label3.Text := 'Баҳоятон 4 (Хуб)';
18 : Label3.Text := 'Баҳоятон 5 (Аъло)'
else Label3.Text := 'Баҳоятон 2 (бад)'
end;
```

Баъди пахши тугмаи амрии “Санҷиш”, тугмаи амрии “Супориш” пинҳон мегардад ва тугмаи дигари амрии “Давомдиҳӣ” пайдо мегардад. Баҳои хонанда эълон гардида, ҷузъҳои идоракунии майдони матнӣ, ки барои дохилкунии ҷавобҳо истифода бурда мешаванд, ба реҷаи танҳо дидан ва хондан мегузаранд. Барои давом додани кор бо варианти ҷории кори контролӣ хонанда тугмаи амрии “Давомдиҳӣ”-ро пахш мекунад. Дар натиҷа тугмаи амрии “Давомдиҳӣ” пинҳон шуда, тугмаи амрии “Санҷиш” пайдо мегардад ва ҳама ҷузъҳои идоракунии майдони матнӣ барои дохилкунии ҷавобҳо ба реҷаи таҳриркунӣ мегузаранд.

Яке аз масъадаи муҳим дар ҷараёни сохтани барномаи компютерии мазкур он аст, ки ҳангоми дохилкунии ҷавобҳо ба ҷузъҳои идоракунии майдони матнӣ, ҷавобҳо бояд танҳо ададӣ бошанд. Бо ин мақсад ва барои душворӣ наовардан ба хонандагон ҳангоми дохилкуни ҷавобҳо, ба протседураи ҷузъҳои идоракунии майдони матнӣ барномаҳои зарурӣ дохил мекунем. Масалан, барои масъалаи 4-ум, матни барнома ин аст:

```
procedure Form1.textBox4_TextChanged(sender: Object; e: EventArgs);
begin
 textBox4.KeyPress += (о,адад)->
 begin
 адад.Handled := not (адад.KeyChar.IsDigit or ((адад.KeyChar = '.') and not
textBox4.Text.Contains('.'))
 or (адад.KeyChar = #8) or ((адад.KeyChar = '-') and not textBox4.Text.Contains('-')));
 end;
```

Акнун дар ҷараёни кори барнома хонанда ба ин майдон танҳо рақамҳо, аломати “-“ ва аломати “.” –ро тавассути клавиатура ҳарфчинӣ карда метавонад. Дигар рамзу ҳарфҳоро дохил карда наметавонад. Ин ба хонандагон хело сабукиҳоро меорад.

Кори контролии овардашуда ва барномаи компютерии сохташударо барои дилхоҳ ҷадвалҳои электронӣ истифода кардан мумкин аст.

АДАБИЁТ

1. Нугмонов М. Теоретико-методологические основы методики обучения математике как науки. - Душанбе, 2016. - 290 с.
2. Шарифов Дж. Дидактические основы формирования навыков самостоятельной работы студентов в процессе обучения. Дис. Докт.пед. наук. Душанбе – 1997.
3. Назаров А.П. Методикаи таълими информатика / А.П. Назаров // – Душанбе, 2019. – 462 с.
4. Назаров А.П. Технологияи компютерии гузаронидани кори хаттӣ оид ба ҳалли системаи муодилаҳои хаттии дуномаълума / А.П. Назаров // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ). Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. № 1/4 (57) – 2018. Саҳ. 133 – 138.
5. Назаров А.П. Технологияи таъмини объективияти санҷиши дониши хонандагон оиди ҳосила бо истифода аз технологияи компютерии ҳозиразамон. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, бахши илмҳои табиӣ -2017. №1/5. Саҳ. 103-108.
6. Назаров А.П. Технология объективного контроля знаний учащихся по математике при проведении письменных контрольных работ / А.П. Назаров // Материалы X Юбилейной Международной научно-практической интернет-конференции, Мозырь, 27–30 марта 2018 г. «Мозырский государственный педагогический университет имени И. П. Шамякина», Республики Беларусь – с. 132 – 134.

7. Назаров А.П., Моҳруи Абдулаҳад. Технологияи санҷиши объективии дониши хонандагон аз фанни физика бо истифода аз компютер. Паёми филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе, №2 (1), соли 2017, бахши илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. С. 117-124.
8. Комилов Ф.С. ва дигарон. Технологияи иттилоотӣ. Китоби дарсӣ барои синфи 7. Душанбе – 2014.
9. Юртанова Е.М Виды и средства контроля знаний, умений и навыков обучаемых, применяемые на элективных курсах по информатике / А А Зубрилин, Е М Юртанова // Информатика и образование – 2006. №6 – С. 79-83.
10. Шарифов Ҷ., Пирназаров А. Роҷеъ ба корҳои мустақилонаи донишҷӯён дар низоми кредитии таҳсилот. Маводи конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи “Тарбия ва тайёр намудани муаллимони математика дар мактабҳои олии омӯзгории Тоҷикистон дар шароити имрӯза” бахшида ба 80-солагии доктори илмҳои педагогӣ, профессор Ислом Ғуломов. Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ. Кӯлоб-2019. С. 144-146.

РАЗРАБОТКА КОМПЬЮТЕРНОЙ ПРОГРАММЫ ОБЪЕКТИВНОГО КОНТРОЛЯ ЗНАНИЙ УЧАЩИХСЯ ПО ИНФОРМАТИКЕ ПО ТЕМЕ «ОБЫКНОВЕННЫЕ ОПЕРАЦИИ В ЭЛЕКТРОННЫХ ТАБЛИЦАХ»

В настоящей статье изучается одна из методик проведения контрольных работ по информатике на тему “Обыкновенные операции в электронных таблицах”, EXCEL и метод разработки проекта компьютерной программы в визуальном режиме на языке программирования высокого уровня PascalABC.Net. Настоящая компьютерная программа посвящеа предмету информатики для применения арифметических операций, копирования и вставки ячейки, технологии автозаполнения ячеек и т.д. На основе этой технологии проводится компютерный вариант контрольной работы. Проверка знаний учащихся по этой теме ведётся объективно, каждому ученику предлагается индивидуальный вариант. Методика использования разработана для учащихся 7-х и 8-х классов. Разработанная технология даёт возможность облегчить труд учителя информатики при проведении контрольной работы, так как учащиеся не имеют возможности переписать решения и ответы на задачу друг у друга. Проверка введённых ответов происходит автоматически программно.

***Ключевые слова**: информатика, электронные таблицы, арифметические операции, копирование ячейки, вставка ячейки, объективность, контрольная работа, проверка знаний, программирование, элементы управления, диалоговая форма.*

DEVELOPMENT OF A COMPUTER PROGRAM OF OBJECTIVE CONTROL OF STUDENTS' KNOWLEDGE ON INFORMATICS ON THE TOPIC " ORDINARY OPERATIONS IN ELECTRONIC TABLES"

This article studies one methodology for conducting computer science tests on the topic of ordinary operations in the EXCEL spreadsheet and the method of developing a computer program project in visual mode in the high-level programming language PascalABC.Net. This computer program is dedicated to the subject of computer science for applying arithmetic operations, copying and pasting cells, cell autofill technology and others. Based on this technology, a computer version of the test is carried out. Testing of students' knowledge on this topic is carried out objectively, each student is offered an individual option. The methodology of use was developed for students in the 7th and 8th grades. The developed technology makes it possible to facilitate the work of an informatics teacher during the test, as students do not have the opportunity to rewrite solutions and answers to problems from each other. Validation of the entered answers occurs automatically programmatically.

***Keywords:** informatics, spreadsheets, arithmetic operations, copying a cell, inserting a cell, objectivity, test work, checking knowledge, programming, controls, dialog form.*

Сведения об авторе:

***Назаров Ахтам Пулатович**, кандидат педагогических наук, доцент кафедры информационных и коммуникационных технологий Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни. Тел.: (+992) 919624444;E-mail: ahtam_69@mail.ru*

About the author:

***Nazarov Ahtam Pulotovich,** Candidate of Pedagogical Sciences, Dotcent of the Chair of information and communication technologies, Tajik State Pedagogical University named after S.Ayni. Tel.: (+992) 919624444 E-mail: ahtam_69@mail.ru*

ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ-КОММУНИКАТСИОНӢ ЗИМНИ ТАЪЛИМИ ИНФОРМАТИКА

Шоҳсанами Р.

Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи А. Рӯдакӣ

Информатизатсияи раванди таълим – яке аз вазифаҳои муҳимтарини таҳсилоти муосир мебошад. Он бо рушди заминаи илмии муассисаҳои таҳсилотӣ, бозомӯзии омӯзгорон ва созгории онҳо нисбати низоми навтарини таҳсилот алоқаманд мебошад. Истифодаи технологияҳои муосиртарини компютерӣ, ки воситаи нави таълим ва василаи пуркудрати маърифат маҳсуб аст, рушд ва беҳбудии сифатии методҳо ва шаклҳои ташкилии таълимро талаб мекунад.

Муҳаққиқ Н.В. Внукова [1], таҳлили тадқиқотҳоро аз рӯи ин масъала ба роҳ монда, чунин воситаҳои фаъолгардонии фаъолияти маърифатии хонандагонро зикр мекунад: истифодаи вазифаю супоришҳои проблемавӣ, эҷодии таълимӣ; ташкили таҳияи мустақилонаи саволу вазифаҳо аз ҷониби худи омӯзандагон, истифодаи вазифаҳое, ки барои истифодаи тафаккури мантиқӣ нигаронида шудаанд; ташкили корҳои ҷанбаи ҷустуҷӯӣ ва амалӣ дошта ва ғайра.

Мувофиқи таъйиноти муҳаққиқ С.Н. Уткина [11] фаъолгардонии фаъолияти маърифатӣ – ин такмили методҳо ва шаклҳои ташкилии фаъолияти маърифатӣ мебошад, ки фаъолияти мустақилонаи назариявӣ ва амалии хонандагонро дар тамоми зинаҳои раванди таълим таъмин мекунад.

Ба маънии васеъ технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ (ТИК) – ин истифодаи техникаи ҳисоббарор ва воситаҳои телекоммуникатсионӣ барои татбиқи равандҳои иттилоотӣ бо мақсади кори фаврӣ ва самаранок дар асосҳои қонунӣ мебошад.

Дар замони муосир афзоиши таъсироти медиа-технология ба инсон мушоҳида карда мешавад. Ҷараёни неруманди иттилооти нав, реклама, истифодаи технологияҳои коммуникатсионӣ дар телевизион, густариши дастгоҳҳои бозӣ, бозиҳои электронӣ ва компютерҳо дар тарбияи кудакон ва дарки муҳити атроф ҳарчи бештар таъсир мерасонад. Қаблан маълумотро оид ба дилхоҳ мавзӯъ кудакон метавонистанд бо роҳҳои китобҳои таълимӣ, адабиёти маълумотномавӣ, маърӯзаҳои омӯзгорон, конспекти дарсу машғулиятҳо дарёфт намоянд. Имрӯз бо назардошти воқеиятҳои давру замон, омӯзгор бояд ба раванди таълим методҳои нави пешкаш кардани маълумотро ворид намоянд. Мағзу мафкураи кудак, ки барои дарёфту пазироии маълумот дар шакли барномаҳои фароғатӣ тавассути телевизион омода шудааст, маълумотеро, ки тавассути медиавоситаҳо пешкаш мегардад, саҳлтар қабул мекунад.

Ҳар як кудакро зарур аст, ки дар муҳлати кутоҳ дар фаъолияти амалӣ ҳаҷму андозаи калони маълумотро аз худ кунад, коркард намояд ва истифода кунад. Бисёр муҳим аст, ки раванди таълим тарзе ташкил карда шавад, ки кудак дар он фаъол бошад, бо шавқу завқ ва манфиатмандӣ зимни дарсу машғулият кор кунад, маҳсули меҳнати худро бубинад ва онро арзёбӣ карда тавонад.

Ба омӯзгор дар ҳалли ин масъалаи муҳим метавонад тавъамгардонии методҳои анъанавӣ ва муосири технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ кумак кунад. Истифодаи компютер дар дарсу машғулият имкон фароҳам меорад, ки раванди таълим сайёр, тафриқавӣ ва инфиродӣ гашта монад.

Имконоти телевизор, магнитофон, китобҳо, калкуляторро фаро гирифта, як навъ бозичаи маҷмӯӣ (ҷомеӣ) мегардад, ки дигар бозичаҳо ва бозиҳои гуногунро иваз карда, компютери муосир ҳамзамон барои кудак шарики баробарҳуқуқ гашта, қодиру қобил аст, ки ба амалу дархостҳои ӯ посух гӯяд. Аз ҷониби дигар, ВИК (ИКТ) ба омӯзгорон низ кумак мекунад, ки донишу малакаҳоро арзёбӣ намояд, онҳоро фаҳму дарк кунад, водор менамояд, ки шаклу шеваҳои наву ғайрианъанавии таълим ҷустуҷӯ карда шавад.

Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар раванди таълим масъалаи актуалии таҳсилоти муосир гаштааст.

Дарс бо истифодаи ВИК – ин айёнӣ, зебоию форамӣ, иттилоотию маълумотӣ, интерактивӣ (фаъолнокии байниҳамдигарӣ) буда, вақту фурсати омӯзгору омӯзандаро сарфа мекунад, имкон медиҳад, ки босуръаттар кор карда шавад, ба омӯзгор имкон фароҳам меорад, ки бо омӯзанда (хонанда, муҳассил) ба тариқи тафриқавӣ ва инфиродӣ кор карда шавад. Ҳамчунин замина муҳайё карда мешавад, ки натиҷаи таълимро ба тариқи фаврӣ назорат ва арзёбӣ кунад.

Зимни ташкил ва гузаронидани дарсу машғулият омӯзгорро зарур аст, ки кори бисёреро анҷом диҳад: пурсиш гузаронад, иҷроиши вазифаю супоришҳои хонагиро санҷишу тафтиш кунад, маводи навро коркард намояд, онро таҳкиму таҚвият бахшад, рушду такомули ҳар якеро дида тавонад, вазъи муваффаҚонаро эҷод карда тавонад. Ин ҷо бидуни ёвари электронӣ маҷмӯи амалҳоро ба субут расонидан ғайриимкон аст.

Барномаҳои компютериро дар дилхоҳ марҳилаи дарсу машғулият истифода намудан мумкин аст: зимни омӯзиши маводи нав, таҳкиму таҚвияти он, дар дарсҳои умумигардонӣ, зимни такрор кардан.

Вазифаи омӯзгор аз он иборат мебошад, ки шароитҳои азхудкунии амалии предмет барои ҳар як хонанда фароҳам оварда шавад, чунин методҳои таълиме интихоб карда шавад, ки ба ҳар як хонанда имкон медиҳанд фаъолмандию эҷодкорӣ ва созандагии худро нишон диҳанд. Вазифаи омӯзгор – фаъолгардонии фаъолияти маърифатии хонандагон зимни раванди таълим аст. Технологияҳои муосири педагогӣ, аз ҚабилиТаълим дар ҳамкорӣ, методикаи лоиҳавӣ, истифодаи технологияҳои нави иттилоотӣ, интернет-захираҳо мусоидат мекунанд, ки бархӯрди шахсиятӣ-тамоюлӣ истифода карда шавад, таълими инфиродию тафриҚавӣ бо назардошти ҚобилиятҳоИ хонандагон, дараҷаи таълимгирии онҳо, майлу хоҳишҳо ва шавқу завқи онҳо ба эътибор гирифта, таъмин карда мешаванд ва ғайра.

Омӯзонидани кудак барои кор кардан бо маълумотҳо, омӯзондани омӯхтан – вазифаи муҳимтарини муассисаи таҳсилотии муосир мебошад. Афзоиши сифати таҳсилот дар замони муосир бидуни истифодаи технологияҳои наву муосири иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ғайриимкон аст. Аз ин ҷо ҳадафҳои истифодаи ВИК чунин бармеоянд:

- афзоиши ангезаи (мотиватсияи) таълим;
-афзоиши самаранокии раванди таълим;
-мусоидат барои фаъолмандии соҳаи маърифатии омӯзандагон;
-такмили методикаи ташкил ва гузаронидани дарсу машғулиятҳо;
-саривакт натиҷаҳои таълим ва тарбияро пайгирӣ намудан;
- ба нақшагирӣ ва ба низомдарории кори худ;
- истифода ҳамчун воситаи худомӯзӣ;
--фавран ва сифатан дарс (чорабинӣ)-ро омода кардан.

Технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ якҷоя бо технологияхои пешрафтаи педагогӣ (бархӯрдҳои шахсиятӣ-тамоюлӣ ва технологияҳои таълими проблемвӣ, барномавӣ ва лоиҳавӣ) метавонанд натиҷаҳои хуб ба бор оранд.

Дар дарсҳои информатика навъҳои гуногуни захираҳои электронӣ истифода мегарданд: маводи итиилоотӣ-маълумотномавӣ, воситаҳои барномавии таълим ва назорат (китобҳои таълимии электронӣ, дарсҳои электронӣ, саволномаҳои интерактивӣ).

Зимни омодагӣ ва гузаронидани дарсҳо дар марҳилаҳои гуногуни таълим шаклҳои мухталифи ТИК истифода карда мешаванд:

- маҳсулотҳои тайёри электронӣ, ки имкон медиҳанд фаъолияти омӯзгор ва омӯзанда шиддатнок гардонида шавад, сифати омӯзиши предмет афзоиш дода шавад ва дар амал усули айёнияти татбиқ карда шавад.

- презентатсияҳои мултимедӣ имкон фароҳам меоранд, ки маводи таълимӣ ҳамчун низоми симоҳои барҷастаи такявӣ пешкаш гарданд. Дар ин маврид каналҳои гуногуни дарку фаҳм истифода мегарданд, ки имкони дар хотираю ҳофизаи омӯзандагон вориднамоии маълумот дар шакли фактографӣ ва ҳам ассотсиативӣ фароҳам оварда шавад;

- захираҳои шабакаи интернет зарфияту тавонмандии фаровони хадамоти таҳсилотӣ доранд (почтаи электронӣ, конференсияҳои электронӣ, низомҳои ҷустуҷӯӣ, таълими фосилавӣ, озмунҳо) ва қисмати таркибии таҳсилоти муосир гашта мемонанд. Аз шабака маълумоти муҳими таълимиро дастрас карда, муҳассилин ҳадафмандона дарёфт ва ба низомдарории маълумотро аз рӯи аломату нишонаҳои додашуда меомӯзанд; дидани маълумот ба тариқи маҷмӯӣ, на ба тариқи ҷузъию қисмӣ, дар маълумоти иттилоотӣ ҷудо намудани бахши муҳимтарин;

-истифодаи тахтаи интерактивӣ ва таъминоти барномавии SMART Board ба омӯзгорон ва омӯзандагон имкон медиҳад, ки ба тариқи пурраю мукаммал ва кофию басанда маводи таълимиро омӯзанд.

Гуногунрангии мавзӯъҳо, навъҳои фаъолият, зебоӣ, ҷолибияту ҷаззобияти барномаҳои компютерӣ барои муҳассилин шавқу завқи фаровон ба бор меоранд.

Дастуру васоити таълимии электронӣ, ки имрӯз мавҷуданд, иттилооту маълумотро дар шакли матн, садо ва тасвир мебароранд. Таълим тавассути компютер имкон фароҳам меорад, ки амалҳои мустақилонаи ҳар як муҳассил ташкил карда шаванд.

Зимни омодагӣ нисбати дарсу машғулият бо истифодаи ВИК омӯзгор набояд фаромӯш кунад, ки ин дарс аст, яъне биноан нақшаи таълимро тартиб медиҳад, ки вобаста ба ҳадафи он бояд бошад; зимни интихоби маводи таълимӣ ӯ бояд усулҳои асосии дидактикиро риоя кунад: низомнокӣ ва пайгирона будан, дастрас будан, бархӯрди тафриқавӣ, илмият ва ғайра. Зимнан компютер наметавонад омӯзгорро иваз кунад, фақат ӯро пурратар мегардонад.

Намунаҳои истифодаи презентатсияҳо дар дарсҳои информатика:

- Фаҳмонидани мавзӯи нав тавассути презентатсия;
- Кор бо машқҳои шифоҳӣ;
- Истифодаи презентатсия зимни такрори маводи гузашта;
- Намоиши шартҳо ва ҳалли вазифаю супориш;
- Санҷиши байниҳамдигарии кори мустақилона тавассути ҷавобҳои слайд;
- Гузаронидани пурсишномаҳо;
- Гузаронидани рефлексияҳо;
- Намоиши тасвирҳои олимону муҳаққиқон ва ҳикояю қиссаҳо оид ба кашфиёт ва ихтирооти онҳо;

-Тавассути муҳассилин эҷоди презентатсияҳо нисбати дарси умумигардонӣ ва ба низомдарории донишҳо ва воситаҳои фаъолият.

Компютер ҳамчун воситаи афзоиши ангеза (мотиватсия), ташаккул ва такмили малакаҳои амалӣ баррасӣ мегардад. Компютер имкон медиҳад, ки дар омӯзанда ҳамаи 3 канали дарку эҳсос фаъол гарданд: шунавоӣ, биноӣ ва кинестетикӣ ва ба ин тариқ афзоиши ҳаҷму андоза ва устувории маводи омӯзишӣ таъмин мегардад, мақоми муҳассилин дар раванди таълим болотар мебарояд, фаъолмандии маърифатии муҳассилин афзоиш меёбад ва шавқмандӣ нисбати предмет дастгирӣ меёбад, майдони фаъолияти мустақилонаи муҳассилин тавсеа меёбад. Истифодаи барномаҳои мултимедӣ умуман методҳои анъанавии таълимро мустасно намегардонад, балки ба тариқи мутавозин бо онҳо дар тамоми марҳилаҳои таълим тавъам мегардад.

Истифодаи компютер имкон медиҳад, ки на танҳо самаранокии таъмил якчанд маротиба афзоиш дода шавад, балки муҳассилин нисбати омӯзиши мустақилонаи минбаъдаи предмет шавқманд мегарданд. Чунин дарсҳо контенти мултимедии интерактивиро шомил мешаванд, ки ин дар навбати худ барои васеътар истифода намудани худи омӯзандагон дар раванди таълим шароит фароҳам меорад, барои афзоиши шавқу завк нисбати предмети омӯхташаванда, азхудкунии беҳтари маводи омӯзишӣ муосидат мекунад. Муҳассилин метавонанд унсурҳои мултимедиро дар корҳои хонагии худ истифода намоянд ва онҳоро дар шакли электронӣ ба флеш-дискҳо интиқол диҳанд ва ё тавассути интернет гузаронанд.

Аз сабабе ки имрӯзҳо замимаҳои мултимедӣ нокифоят ҳастанд, ба омӯзгор зарур аст, ки худаш унсурҳои нокифояи дарсро фароҳам оварад. Компютер зимнан чунин вазифаҳоро иҷро мекунад:

- ҳамчун тренажёр дар раванди ташаккули малакаҳо ва қобилиятҳо;

-ҳамчун воситаи айёнӣ барои ташкили фаъолияти фаъолмандонаи таълимӣ-маърифатӣ;

- ҳамчун сарчашмаи маълумоту иттилооти таълимӣ;
- ҳамчун воситаю василае, ки барои ташкили назорат ва худназорат кумак мекунад.

Бояд зикр кард, ки истифодаи ТИК на танҳо зимни дарсҳои информатика ба маврид аст, балки пурра аз онҳо метавон дар раванди дилхоҳ дарсу предмет истифода намуд. Мунтаҳо, истифодаи ТИК дар раванди таълим пешбинӣ мекунад, ки омӯзгори дилхоҳ фанну предмет метавонад:

- иттилооту маълумоти матнӣ, рақамӣ, имлоӣ ва садоиро зимни мусоидати протсессорҳо ва редакторҳои мутобиқ барои омоданамоии маводи дидактикӣ (вариантҳои вазифаю супоришҳо, ҷадвалҳо, расмҳо, нақшаҳо ва ғайра) коркард намояд;
- слайдҳо аз рӯи маводи таълимӣ таҳия намояд, редактори презентатсияи MS Power Point–ро истифода кунад ва дар дарс намоиш диҳад;
- маҳсулотҳои барномавии тайёрро аз рӯи предмети худ истифода намояд;
- корро бо китоби таълимии электронӣ дар дарс ташкил намояд;
- васоити барномавии таълимӣ (таълимӣ, таҳвиятӣ, назоратӣ)-ро истифода кунад;

- ҷустуҷӯ ва ташкили маълумоти заруриро дар интернет дар раванди тайёрӣ ба дарс ва чорабиниҳои ғайридарсӣ ба роҳ монад;

- дар дарс бо маводи web-сайтҳо кор карда тавонад;

- матнҳоро коркард намояд ва зимнан барнома-муқоваҳо истифода шаванд ва ё мустақилона иҷро намояд ва пурсишҳои компютериро ба роҳ монад.

Ҳамин тариқ, бояд зикр кард, ки истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар раванди таълим меҳнату заҳматталаб аст, аммо он тамоми сарфу харҷҳоро мепӯшонад, таълимро шавқовартар мегардонад, дарс пурмуҳтавою ҷаззобтар мегардад. Омӯзгор ҳуқуқ дорад, ки технология ва методҳои худро интихоб намояд, аммо ҳар як омӯзгор вазифадор аст, ки барои беҳбудӣ ва рушди хонанда кӯшиш кунад. Усули муҳимтарин - усули фаъолият ва фаъолмандӣ мебошад.

АДАБИЁТ

1. Внукова, Н.В. Дидактические условия активизации творческой познавательной деятельности учащихся 5-7 классов: На материале преподавания математики: автореф. дис. … канд. пед. наук: 13.00.01 / Н.В. Внукова. - Липецк, 2001. - С.172
2. Григорьев С.Г., Гриншкун В.В., Краснова Г.А., Роберт И.В., Щенников С.А. и др. Теоретические основы создания образовательных электронных изданий.- Томск: Изд-во Томского университета - 2002. - 86с.
3. Григорьев С.Г., Гриншкун В.В., Макаров С.И. Методико-технологические основы создания электронных средств обучения. - Самара: Издательство Самарской государственной экономической академии, 2002. - 110 с.
4. Захарова И. Г. Информационные технологии в образовании: Учебное пособие для студ. пед. учеб. заведений. - М.: Издательский центр «Академия», 2003. - 192 с.
5. Лапчик М.П. Информатика и информационные технологии в системе общего и педагогического образования. Омск: Изд-во Омского гос. пед. университета. - 1999. - 321 с.
6. Монахов В.М. Технологические основы проектирования и конструирования учебного процесса: Монография. - Волгоград: Перемена, 1995. - 152 с.
7. Мураховский В. И. Компьютерная графика: Популярная энциклопедия / В.И. Мураховский. М.: АСТ-Пресс, 2002. - 156с.
8. Софронова Н.В. Теоретические и технологические основы обеспечения учебного процесса программно-методическими средствами: Дисс. д-ра пед. наук. Чебоксары, 1999. - 332 с.
9. Софронова Н.В. Теория и методика обучения информатике: Учебное пособие // Н.В. Софронова. М.: Высш. шк., 2004. - 223с.
10. Талызина Н.Ф. Педагогическая психология: Учебное пособие для студ. Сред. Пед. Учеб. Заведений. - М.: Издательский центр «Академия», 1998. - 288 с.
11. Уткина, С.Н. Активизация познавательной деятельности учащихся при обучении математическим дисциплинам: автореф. дис. … канд. пед. наук: 13.00.01 / С.Н. Уткина. - Екатеринбург, 2007.- с.156-169.
12. Щукина, Г.И. Педагогические проблемы формирования познавательных интересов учащихся / Г.И. Щукина. - Москва: Педагогика, 1988. - 208 с. - (Труды действительных членов и членов-корреспондентов АПН СССР).

ПРИМЕНЕНИЕ ИНФОРМАЦИОННО-КОММУНИКАЦИОННОЙ ТЕХНОЛОГИИ ПРИ ОБУЧЕНИИ ИНФОРМАТИКЕ

Статья посвящена вопросам, связанным с использованием информационно-коммуникационных технологий при обучении информатике. Применение ИТК является одной из важных задач современного образования и связано с развитием научных основ образовательных учреждений, переподготовкой учителей и их адаптацией к новой системе образования. Применение компьютерных технологий, считающихся современным средством обучения и сильным инструментом познания, требующих развития и качественного улучшения методов и организационных форм обучения.

Автор констатирует, что применение ИКТ в процессе обучения требует много усилий, однако оправдывает все затраты, т.к. урок становится более увлекательным и содержательным. Педагог имеет право выбирать свою технологию и методы, однако каждый обязан приложить усилия для развития учащихся.

Ключевые слова: *информационно-коммуникационные технологии, образование, педагог, принцип, познавательная деятельность, учащийся, информатизация, обучение, современные средства обучения, развитие, образовательные учреждения.*

APPLICATION OF INFORMATION AND COMMUNICATION TECHNOLOGY IN TEACHING INFORMATICS

The article is devoted to issues related to the use of information and communication technologies in teaching computer science. The use of ICT is one of the important tasks of modern education and is associated with the development of the scientific foundations of educational institutions, retraining of teachers and their adaptation to the new education system. The use of computer technology, considered a modern means of learning and a powerful tool of cognition, requiring the development and qualitative improvement of teaching methods and organizational forms.

The author states that the use of ICT in the learning process requires a lot of effort, but it justifies all the costs, because the lesson becomes more fun and meaningful. The teacher has the right to choose his own technology and methods, but everyone is obliged to make efforts for the development of students.

Keywords: *information and communication technologies, education, teacher, principle, cognitive activity, student, informatization, training, modern teaching aids, development, educational institutions..*

Сведения об автора:

Шохсанами Ризо *– старший преподаватель Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: РТ.735360, г. Куляб, улица С. Сафаров 16. тел: (+992) 908551149.*

About the authors:

Shohsanami Rizo *– Senior lecturer,* Kulob *State University named after Abuabdulloh Rudaki. Address: RT. 735360, Kulyab, S. Safarov Street 16. tel: (+992) 908551149.*

ФАЪОЛИЯТИ ИННОВАТСИОНӢ ОМИЛИ ПЕДАГОГИИ РУШД

Маҳкамов Д.

Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

Бобоёров З.Ҳ.

Коллеҷи техникии ба номи академик М. Осимӣ

Дар Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: «*Диққати асосӣ ба таҳким бахшидани иқтидори илмии кишвар, ҷорӣ кардани ихтироот дар истеҳсолот, устувор гардонидании пояҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ҷалби боз ҳам васеи истеъдодҳои ҷавон ба омӯзиши технологияҳои муосир ва корҳои эҷодиву техникӣ равона карда шудааст»*. [1, с.25].

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми апрели соли 2011 зери № 227 «Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020» тасдиқ гардид, ки мақсаду муҳтавои он ҳавасманд гардонидан ба фаъолияти илмию техникӣ ва миллию инноватсионӣ, ташаккули заминаи меъёрӣ ҳуқуқии фаъолияти инноватсионӣ, ҷалби имкониятҳои илмию техникии мамлакат дар раванди инноватсионӣ, истифодаи самараноки коркарди илмию технологӣ ва ихтироот, таъсис ва равнақи сохторҳои инноватсионӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот мебошад.

Мақсади асосии Барномаи давлатӣ ташаккули низоми самараноки инноватсионӣ мебошад, ки ба баланд бардоштани сатҳи технологӣ ва рақобатпазирии истеҳсолот, ба бозори дохилию хориҷӣ баровардани маҳсулоти инноватсионӣ, афзоиши молҳо ба ивази молҳои воридотӣ, суръатбахшии рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва ноилшавӣ ба ҳадафҳои стратегияи миллӣ мебошад. [2, с.25].

Аз гуфтаҳои боло бар меояд, ки дар тамоми зинаҳои таҳсилот дар Тоҷикистони соҳибистиқлол таваҷҷуҳи бештар ба ворид намудани ҷараёни инноватсионӣ, навоварию ихтирокорӣ дар таълиму тарбия ва баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот равона мегардад. Ин омил аз мо ҳалли масъалаҳои зеринро талаб менамояд:

1. Коркарди ҳуҷҷатҳои меъёрӣ баҳри бунёди тартибе, ки пеш дар муассисаҳои таълимӣ вуҷуд надошт (низомнома дар бораи комиссияи равонӣ- тиббӣ- педагогӣ, ҷамъияти илмии хонандагон, гурӯҳҳои проблемавӣ ва ғайраҳо).

2. Коркарди ҳуҷҷатҳои методии таъминкунандаи навгониҳо ва фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишӣ дар таълим (дастур дар бораи фаъолияти навгонӣ, дастур барои мураттаб сохтани

барнома, омода намудани ҳуҷҷатҳои нашрӣ, тавсияҳо дар бораи паҳн кардани таҷрибаи пешқадам.).

3. Шинос намудани иштирокчиёни фаъолияти инноватсионӣ бо талаботи дуруст пур кардани журналҳо (гузоштани баҳо, санҷиш, тақсим кардани хонандагон ба зергурӯҳҳо). [3, с.112].

Коркарди низомномаи назорат аз болои раванди фаъолияти инноватсионӣ ва натиҷаи экспертӣ оид ба инноватсияи педагогӣ. Дар ин раванд ва барои ҳалли ин масъала ва рафти татбиқшавии он ҷамъоварӣ ва коркарди ахборот дар бораи навгониҳо дар ҷои асосӣ меистад. Фаъолияти инноватсионӣ дар муассисаҳои таълимӣ анҷом додани амалҳои зеринро талаб менамояд:

1. Иштирок дар таълими фанҳои нав ҷоринамуда бо мақсади мушоҳида намудани рафти амалӣ гардидани дастуру супоришҳое, ки дар Барномаи инноватсионӣ дарҷ гардидаанд. Бо ин роҳ муайян намудани инкишофи дониш, малака ва маҳорати хонандагон имконпазир мегардад.

2. Назорат аз болои рафти татбиқи барномаҳои инноватсионии таълим дар муассисаҳои таҳсилотӣ (тафтиши журналҳо).

3. Ҷамъбаст ва хулосабарорӣ аз натиҷаи назорати фаъолияти инноватсионӣ ва пешниҳод намудани маълумотнома ба маҷлису машварат ва шӯрои педагогӣ.

4. Назорат аз болои раванди ичроиши нақшаи кории иттиҳодияи методӣ, ки дар он фаъолияти инноватсионӣ дарҷ гардидааст.

5. Назорат аз болои натиҷаи фаъолияти инноватсионӣ, ки онро дар муассисаҳои таҳсилотӣ бояд муовини директор оид ба корҳои таълимӣ- тарбиявӣ роҳбарӣ менамояд.

6. Интихоби омӯзгорон барои фаъолият дар роҳандозии фаъолияти инноватсионӣ.

Дар ҳолати ҷой доштани нофаҳмӣ нисбати фаъолияти инноватсионӣ бояд ба муассиса ё ноҳияю вилоят коршиносон бораи ташкил ва гузаронидани семинару мизҳои мудаввари фаҳмондадиҳӣ даъват карда шаванд.

Аз рафти сафари хидматӣ, ки бо мақсади ошкор сохтани раванди татбиқи «Барномаи давлатии инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020» дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии ноҳияи Ёвон, шаҳри Бохтар ва ноҳияи Ҷ.Балхӣ, ноҳияҳои Кубодиёну Шаҳритуз баргузор намудем маълум гашт, ки баъзе роҳбарон ва омӯзгорон дар куҷо татбиқ намудан ва шакли таъсис додани коммисияро дар бораи фаъолияти инноватсионӣ намедонанд. Кор дар ин самт танҳо дар коллеҷи тиббии Ёван беҳтару хубтар ташкил карда шуда буд. Фаъолияти инноватсионӣ аз рӯи даврахои ба нақшагирифта ё нимсола ё дар охири сол натиҷабардорӣ, ҷамъбаст ва хулосабарорӣ карда мешавад.

Дар ин раванд вазифаи асосии муовини директор оид ба корҳои таълимӣ- тарбиявӣ аз муҳайё сохтани шароит, ҳамоҳанг сохтани маҳорати касбӣ, ҷамъбаст ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами педагогӣ иборат мебошад. Ин амал дар фаъолияти навҷӯй дар чунин шакл бояд сурат гирад:

1. Гузаронидани озмунҳои касбӣ (озмуни барнома, озмуни дарсҳо, «муаллими сол», мақолаю маърӯзаҳои беҳтарин ва ғайра).

2. Гузаронидани конференсия ва семинарҳои методӣ.

3. Аз рӯи натиҷаи ширкати муассиса дар озмунҳои ноҳиявӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ бояд ширкаткунандагон ҳавасманд гардонида шаванд.

Ба танзим даровардан ва паҳн намудани таҷрибаи фаъолияти инноватсионӣ пеш аз ҳама ба воситаи ба табъ расонидани мақолаҳо, дастурҳои методӣ, маърӯзаҳо, баромадҳо, гузаронидани дарсҳои кушод, ширкат дар олимпиадаҳо, ҳисоботҳои эҷодӣ, устои- синф (мастер класс) амалӣ гардад.

Аз рӯи таҳлили проблемавӣ – равонасозии натиҷаҳои фаъолияти инноватсионӣ муовини директор оид ба корҳои таълим ва тарбия ҳамчун самти асосии таҳлили мушкилотӣ- равонасозиро дар нақшаи солонаи муассиса дарҷ намояд. Фаъолияти самараноки инноватсионии муассиса ва муовини директор аз рӯи он баҳогузорӣ карда мешавад.

Номгӯи ҳуҷҷатҳои зарурӣ дар фаъолияти инноватсионӣ инҳоянд:

1. Низомнома дар бораи фаъолияти инноватсионӣ.

2. Фармони роҳбари муассисаи таълимӣ дар бораи ташкили гурӯҳи корӣ дар фаъолияти инноватсионӣ дар соли хониш.

3. Барномаи муаллифӣ оид ба ин ё он фаъолияти инноватсионӣ.

4. Харитаи фаъолияти инноватсионии омӯзгорон.

5. Тавсия ва пешниҳодҳои методӣ барои тартиб додани барномаҳо.

6. Ҳисобот оид ба натиҷаи корҳои озмоишӣ.

7. Маълумотномои таҳлилӣ, ки вазифаи назоратчигии муовини директор оид ба корҳои таълим ва тарбияро тасдиқ намояд.

8. Ҳисоботи даврагии омӯзгорон оид ба корҳои инноватсионии анҷомдодашуда.

9. Муайян сохтани вазифаҳое, ки иҷро нагардиданд ва ба давраи дигар пешниҳод намудани иҷроиши онҳо.

10.Муайян сохтани сабаби иҷро нагардидани вазифаҳои инноватсионӣ ва танбеҳи сабабгорон.

Корҳои инноватсионӣ дар шароите натиҷанок мегарданд, ки агар:

- дониш ва маърифати роҳбарони муассиса ба ҳалли масъалаҳои касбӣ, талаботҳои воридшавӣ ба фазои ҷаҳонии таҳсилот, мушкилоти омӯзгорон, дараҷаи касбият, мутобиқати маҳорати омӯзгорӣ ба фаъолияти инноватсионӣ мусоидат намояд;
- ташкили дурусти фаъолияти инноватсионӣ бо омӯзгорон дар муассиса;
- танзими инкишофи касбии омӯзгорон, дастгирии кӯшиш ва ҳаракатҳои шахсии онҳо дар самти татбиқи навгониҳои педагогӣ;
- ворид намудани омӯзгорон ба ҳалли мушкилоти муассисаи таълимӣ.
- бедор намудани майлу хоҳиши омӯзгорон ба ворид намудани навгониҳо дар мазмуни таҳсилот, дар омӯзиши фан, дар сохтори дарс ва ғайраҳо.

Дар ин ҷо бояд эътироф кард, ки мушкилоти мавҷударо дар муассиса аз омӯзгор дида, касе беҳтару хубтар намедонад. Ҳар як муассиса аз рӯи мавқеи ҷойгиршавӣ, шароити иҷтимоӣ, иқтисодӣ, маданӣ ва экологӣ, мушкилотҳои объективӣ ва субъективии ба худаш хосро ноил мебошад.

Хулоса, ҳалли мушкилоти ташаккули омодагии баланди иштирокчиён ба муносибатҳои инноватсионӣ аз маҷбуран ба гардани касе бор кардани талаботҳои инноватсионӣ вобаста набуда, балки аз пешниҳод намудани имконияти озодона худро зоҳир намудани омӯзгорон дар ин ҷараён иборат мебошад.

4. Дар Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати милӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: *«Бояд гуфт, ки дар соҳаи маориф ду проблемаи асосии ҳалталаб вуҷуд дорад. Якум, норасоии кадрҳои соҳибкасби омӯзгорӣ ва дуюм, баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти кишвар».* [1, с.26].

Мақсади фаъолияти инноватсионӣ низ аз ҳалли ҳамин ду мушкилот иборат мебошад, яъне тавассути роҳандозии фаъолияти инноватсионӣ соҳибкасб гардонидани омӯзгор ва дуюм, тавассути ворид намудани фаъолияти инноватсионӣ баланд бардоштани дониш, маҳорат ва малакаи хонандаю донишҷӯ ё сифати таълим мебошад. Аз ин рӯ боварии комил дорем, ки ин ташвишу нигаронихои Пешвои миллат ҳалшаванда мебошанд.

АДАБИЁТ

1. Атутов П.Р. Технология и современное образование // Педагогика. – 1996. - №2.
2. Бабанский Ю.К. Оптимизация процесса обучения. – М., 1977.
3. Бабенко О.А. Особенности применения метода проектов в начальной школе. – Реализация инновационных педагогических технологий в условиях модернизации образования. – Новокузнецк, 2007.
4. Беспалько В.П. Слагаемые педагогической технологии. М.,1989.
5. Беспалько В.П. Педагогика и прогрессивные технологии обучения. – М., 1995.
6. Болотов В.А., Сериков В.В. Размышления о педагогическом образовании // Педагогика, 2007, №10.
7. Бордовская Н.В., Реан А.А. Педагогика: Учебник для вузов. СПб, 2000.
8. Бордовский Г.А., Извозчиков В.А. Новые технологии обучения: Вопросы терминологии // Педагогика. – 1993. - №5.

ИННОВАЦИОННЫЕ ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ТЕХНОЛОГИИ – КАК ФАКТОР РАЗВИТИЯ

В данной статье рассматривается вопрос о реализации Программы инновационной деятельности Республики Таджикистан на период 2011-2020 гг. в системе начального и среднего профессионального образования. Основное внимание в статье уделяется методу поощрения учащихся, участвующих в инновационной деятельности за научные достижения. Автор раскрывает вопросы развития нормативно-правовых предпосылок инновационной деятельности; использования эффективной научно технологическиой разработки и изобретений, создание и развитие инновационный деятельность на всех ступенях образования.

Ключевые слова: *инновация, научно-исследовательская деятельность, научно-технический прогресс, изобретения, конкурентоспособность, рыночная экономика, национальная стратегия, методические документы.*

INNOVATIVE PEDAGOGICAL TECHNOLOGIES - AS A FACTOR OF DEVELOPMENT

This article discusses the implementation of the Innovation Program of the Republic of Tajikistan for the period 2011-2020. in the system of primary and secondary vocational education. The main attention is paid to the method of encouraging students involved in innovative activities for scientific achievements. The author reveals the development of regulatory and legal prerequisites for innovation; the use of effective scientific and technological development and inventions, the creation and development of innovative activities at all levels of education.

Keywords: *innovation, scientific research, scientific and technological progress, inventions, competitiveness, market economy, national strategy, methodological documents.*

Сведение об авторах:

Махкамов Д. *- начальник отдела начального и среднего профессионального образования Института развития образования имени А.Джами Академии образования Таджикистана*

Бобоёров З.Х. *- преподаватель кафедры гуманитарных дисциплин технического колледжа имени академик М. Осими тел: (+992) 931942414*

About the autors:

Mahkamov D. *- Head of Department of Primary and Secondary Vocational Education, named after A. Jomi of the Academy of Education of Tajikistan*

Boboyrov Z.H. *– Lecturer of the Chair of Humanities of the Technical College named after academician M. Osimi Phone: (+992) 931942414*

ТАЪЛИМИ ПРОБЛЕМАВӢ - ТАЛАБОТИ ЗАМОНИ МУОСИР

Саидов М.В., Шарипов А.М.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ

Адабиётҳои психологию педагогӣ, ки таълими проблемавиро доир ба як қатор фанҳои таълимӣ санҷида дидаанд, шоҳиди онанд, ки вай хоҳ нисбат ба азхудкунии донишҳо ва хоҳ нисбат ба инкишофи фикрӣ усули самаранок аст.

Бояд гуфт, ки тарафдорони таълими проблемавӣ хеле бисёранд. Аз ин сабаб онҳо тарафҳои гуногуни масъалаҳои назария ва амалияи ин таълимро дида баромада истодаанд.

Хусусияти асосии таълими проблемавӣ он аст, ки дар он процессҳои азхудкунии донишҳо ҳамчун процесси ҳалли масъалаҳои проблемавӣ мегузарад. Хонандагон доир ба масъалае, ки ба ягон мавзӯъ гузошта шудааст, вобаста ба имкониятҳои худ мустақилона сарфаҳм мераванд, онро ҳал мекунанд, ба натиҷае соҳиб мешаванд, ба ягон хулоса меоянд ва агар лозим шавад, натиҷаашро месанҷанд. Дар ин ҳолат ба фаъолияти хонандагон ҷустуҷӯ, эҷодкорӣ, кашфиёт характерно каст.

Чи тавре, ки олими соҳаи психология С.Л.Рубинштейн доир ба масъалаи тафаккур ду равияро таҳлил карда гуфта буд: «… фикр кардан ғалат аст, ки гӯё ёрии муаллим ба хонанда фақат ба ӯ гуфта додани ҷавоб ва ҳалҳои тайёрро метавонад дар бар гирад, гӯё ҳар гуна кори педагогӣ бояд аз ёддиҳии бевосита ва машқкунӣ, аз таълим дар маънои танги калима иборат бошад.

Боз дигар роҳ, албатта, роҳи мушкилтар, вале самараноктар мавҷуд аст, вай роҳи идоракунии кори фикрии мустақилонаи хонандагон аст. Бар хилофи ёддиҳии бевосита, ин роҳи тарбия роҳи ҳақиқии тараққӣ додани тафаккури мустақил аст. Ин низ роҳи ташаккули қобилиятҳои фикрии хонандагон мебошад…».

Аз гуфтаҳои боло фаҳмидан душвор нест, ки С.Л.Рубинштейн таълимеро, ки ба хонандагон донишҳои эмпирикӣ медиҳад, бо таълими проблемавӣ муқобил гузошта, афзалияти якеро ба дигаре нишон медиҳад.

Таълими проблемавӣ ба фаҳмидани тафаккур ҳамчун процессе, ки ба донишҳои нав оварда мерасонад, асос ёфта, қонуниятҳои психологии тафаккури одамро дар таълим татбиқ менамояд. Бинобар ин дар ташкили чунин метод дар процесси таълим баҳисобгирии қонуниятҳои тафаккур зарур аст.

Чӣ хеле, ки маълум аст зарурат ба тафаккур дар иҷрои ҳамагуна амалиётҳо пайдо намешавад. Махсусан, дар шароите, ки иҷрои амалиёт бод икта мегузарад, хонандагон маводро дар шакли тайёр қабул мекунанду вазифадоранд онро нағз дар хотир гиранд, дар хотир игоҳ доранд ва дар оянда баён кунанд (ин бештар ба таълими муқаррарӣ хос аст) зарурат ба тафаккур қариб дида намешавад, ё ки нокифоя аст. Зарурат ба тафаккур дар ҳамон шароит пайдо шуданаш мумкин аст, ки хонанда ба як вазъияте дучор гаштааст, дар ҳалли он дониш, таҷриба ва амалиётҳои пештараи ӯ ба кор намеоянд ё кифоя нестанд ва дар натиҷа зарурияти

азнавсарфаҳмравӣ ба донишҳои пештара ё ҷустуҷӯи донишу амалиётҳои нав ба миён меояд. Ин гуна вазъиятро проблемавӣ мегӯянд.

Вақте, ки вазъият проблемавӣ гардид, масъала ба назари хонанда дар ибтидо одди, муқаррарӣ, нисбатан осон менамуд, акнун ба ғайримуқаррарӣ душвор ё проблемавӣ табдил мегардад. Аз ин мебарояд, ки масъалаи проблемавӣ ва вазъияти проблемавӣ як чиз нестанд. Масалан проблемавӣ вазъияти проблемавиро дар қатори дигар элементҳои таркибиаш, ба таркиби худ ҳамчун элементи асосӣ медарорад.

Ғайр аз ин, дар худи масъала байни чизҳои маълум ва номаълум таносубе дида мешавад. Дар ин ҳолат, аз рӯи гуфти А.М.Матрушкин «масъала ҳамчун шакли гузориши супориш берун аз муносибати бевосита ба фоил (субъект) вуҷуд дорад». Пайдоиши вазъияти проблемавӣ бошад, доимо имконияти хонандаро (дониш, таҷриба, қобилият, муносибат, эҳтиёҷ ва ғайра) ҳамчун фоили таълим дар назар дорад. Вақте ки фоил муносибат ва имконияти худро вобаста ба маълумотҳои додашуда ва номаълум муайян кард ва дар чунин шароит байни имкониятҳои ӯ ва талаботи масъала номувофиқате пайдо шуд, вазъият маънои психологиро гирифта, проблемавӣ мегардад. Аниқтар карда гӯем, ягон масъаларо новобаста ба андозаи душвориаш бе баҳисобгирии имконияти хонанда ҳамчун фоил худ аз худ проблемавӣ ё ғайрипроблемавӣ гуфтан нодуруст аст.

Масалан, аз хонандаи синфи 1, ки ҳанӯз имлои садоноки Ӣ-ро наомӯхтааст, пурсем, ки «Садоноки Ӣ дар куҷои калима меояд?», дар чунин маврид проблема ба вуҷуд намеояд, чунки хонанда доир ба имлои ин садонок ҳоло ягон маълумоте надорад, ки вай асоси проблема шуда хизмат кунад, бинобар ин фаъолияти фикрӣ ҳам ҷорӣ намегардад. !, агар ин савол дар мавриде, ки хонанда бо имлои Ӣ, ки дар охири калима меояд (ҳавлӣ, синфӣ, бозӣ) шинос аст, дода шавад низ проблемаро ба вуҷуд намеорад, чунки ин савол хонандаро ба аз навбахотироварии маводи гузашта водор мекунаду бас. Ба амалиёти фикрӣ бошад, зарурате ҳам намемонад. Пас, дар кадом маврид проблема метавонад ба вуҷуд ояд?

Тахмин мекунем, ки хонанда бо имлои Ӣ шинос аст. Вай медонад, ки садоноки Ӣ дар охири калимаҳои пагоҳӣ, наҳорӣ, Меҳрӣ меояд ва қоидаро ҳам аз китоб аз ёд кардааст: «Садоноки Ӣ фақат дар охири калима меояд». Акнун ба хонанда якчанд калимаҳоеро пешниҳод мекунем, ки дар онҳо садоноки Ӣ дар натиҷаи калимасозӣ ба садоноки И мубаддал гаштааст (монанди ҳавлӣ-ҳавлии мо, моҳӣ-моҳии калон) ва дар назди ӯ вазифаи муайян кардани ин ҳодисаро мегузорем («Ба ин калимаҳо диққат диҳед», «Дар ин калимаҳо шумо чиро мушоҳида кардед?», «Чаро як қатори калимаҳо бо Ӣ навишта шудааанду, қатори дигари калимаҳо бо И», «Дар кадом маврид Ӣ ба И мубаддал мегардад» ва монанди инҳо). Дар ин маврид метавонад проблема (албатта барои ҳамон хонанда) ба вуҷуд ояд.

Аз гуфтаҳои боло чунин мебарояд, ки пеш аз ташкили проблема доир ба ҳамон мавзӯъ чиро медонад, то ки вай асоси проблемаро ташкил кунад, то ки барои аз худ кардани дониши нав, барои гузориши проблема шароит муҳайё карда шавад. Дар чунин мавридба актуалӣ гардонидани амалиётҳои фикрӣ (муқоиса, таҳлил, таркиб, ҷамъбаст ва ғайра) низ шароит фароҳам меояд. Дар ташкили методи проблемавии таълим ба ғайр аз имкониятҳои хонандагон, хусусияти предмет ва характери материали таълимиро ба ҳисоб гирифтан даркор аст. Маводе ҳаст, ки вай проблемабоб (агар ҳамин хел гуфтан мумкин бошад) аст; вайро ҳамчун масъала дар назди хонандагон гузоштан мумкин аст. Боз маводе ёфт мешавад, ки ё проблемабоб нест ё ки аз сабаби нисбатан содда буданаш аз вай проблема тартиб додан шарт нест. Дар акси ҳол ин гуна проблема мумкин аст характери сунъӣ, ғайритабииро гирад. Мисол, имлои ҳамсадои Ц-ро гирем. Хонандагони синфи якум бояд имлои ин ҳарфро дар калимаҳо (цирк, концерт, цемент) ёд гиранд. Хонандагон метавонанд имлои ҳамсадои Ц-ро дар асоси ассоциацияҳои биной-шунавой-ҳаракатӣ аз худ кунанд.

Тарафҳои проблемабоб ва проблеманобоби материалро дар таркиби як мавзӯъ ҳам ҷудо кардан мумкин аст. Мисол, мавзӯи имлои аломати сакта (Ъ) – ро дар синфи якум мегирем.

Дар ин мавзӯъ калимаҳое вомехӯранд, ки азхудкунии имлои онҳо гузориши проблемаро талаб намекунад. Дурусттараш, ин масъала дар сифи 1 гузошта намешавад. (Мисол, Самеъ, ҷумъа, таърих). Имлои ин гуна калимаҳоро бо усули муқаррарӣ ҳам гузаштан мумкин аст. Албатта, дар ин сурат ҳам лозим аст, ки хонандагон бо машқҳои хаттӣ маҳдуд нашаванд, балки чунин калимаҳоро нағз талаффуз кунанд, то ки дар оянда аз рӯи шунидашавиашон муайян карда тавонанд: «Ин калима аломати сакта дорад ё не ?» Ин гуна усул проблемавӣ набошад ҳам, вале усули фаъол аст. Сони муаллим, қоидаҳои дигари имлои аломати сактаро метавонад бо усули проблемавӣ ташкил кунад, чунки барои гузориши проблема доир ба имлои ин аломат акнун асос ҳаст. Мисол, муаллим якчанд калимаҳоеро, ки дар охири онҳо аломати сакта меояд (мавзӯъ) бо калимаҳое, ки дар онҳо аз сабаби дар байни ду садонок мондан ин аломат афтидааст

(мавзӯи), ба тариқи муқоиса ба бачагон пешниҳод мекунад. Хонандагон бояд имлои аломати сактаро ҳангоми тағйироти калима ё калимасозӣ нишон диҳанд ва ғайра.

Мақсади таълими проблемавӣ ба хонандагон додани донишҳои нисбатан чуқур ва илмӣ буда, аз тарафи дигар, вай мақсади ташаккули қобилиятҳои фикрии хонандагонро дорад. Илми психология таъкид мекунад, ки ҳамаи душвориҳои дар пеши хонанда бударо бартараф кардани муаллим аз рӯи мақсад нест.Нақши муаллим дар чунин ҳолат аз тайёр намудани хонанда барои барьтарафкунии душвориҳо иборат аст.

Таълими проблемавӣ дар назди муаллим вазифаи масъулиятнок мегузорад. Дар процесси таълим аз материали таълимӣ дуруст истифода бурда тавонистан, онро дар назди хонандагон гузошта тавонистан ба дониш, тачриба, маҳорат ва устокории муаллим вобаста аст. Дигар хел карда гӯем, функцияи идоракунии процесси гузориш ва ҳалли масъалаи проблемавӣ, ки ба туфайли он хонандагон дониш мегиранд, ба дасти муаллим аст. Маҳз ӯ барои ташкили проблема (бавуҷудои ё гузориши он) шароит маҳайё мекунад, рафта ҳалли масъаларо идора ё назора мекунад, хонандагонро ба истифодаи амалиётҳои фикрӣ водор месозад, фаъолияти таълимии онҳоро дар доираи лозима нигоҳ медорад ё, чӣ хеле ки мегӯянд, қолиб мегардонад.

Ҳангоми ташкили методи проблемавии таълим дар дарс муаллим бояд имкониятҳои синну солӣ, психологӣ ва интелектуалии хонандагонро ба ҳисоб гирад. Муаллим дид, ки бачаҳо проблемаро бомуваффақият ҳал карда истодаанд, супоришро душвортар мегардонад. Ва, баръакс, дар мавриди нисбатан душворӣ кашидани хонандагон муаллим супоришро (масъаларо) боз ба супоришчаҳо ҷудо мекунад, процесси ҳалли онро муфассалтар мегардонад. Дар мавриди якум андозаи мустақилии хонандагон бештар бошад, дар мавриди дуюм камтар аст. Дар ин длаҳза муаллим метавонад ба гуфтаҳои Л.С.Выготский такъя карда, кор барад. Ӯ таъкид карда буд: «Он чизеро, ки кӯдак имрӯз бо ёрии калонсол ичро мекунад, фардо мустақилона ичро хоҳад кард».

АДАБИЁТ

1. Амонов Н.Қ., Асосҳои психологии муоширати педагоги дастури таълимӣ- методӣ, Душанбе - 2003с
2. Қодиров С., Давлатов М. Психология. – Душанбе, Сино, 2002
3. Миралиев А.М, Давлатов М. Педпгогика ва психология. Душанбе «Ирфон», 2007с – 291.
4. М.Лутфулоев. Таълимгоҳҳои типи нав ва дурнамои он Душанбе « Маърифат» 1996, 5-6,с43,46.
5. Махмутов М. И. Современный урок М.,1985,с 177.

СОВРЕМЕННЫЕ ТРЕБОВАНИЯ К ПРОБЛЕМНОМУ ОБУЧЕНИЮ

В работе рассматриваются современные требования к проблемному обучению в общеобразовательных школах Республики Таджикистан.

Сущность метода проблемного обучения заключается в том, что учащиеся проявляют интерес к самому себе как к собственным поступкам, дает нравственную оценку своему положению в социуме, своим желаниям и потребностям.

Ключевые слова: *проблемы обучения, учащиеся общеобразовательных школ, методы воспитания, знания, оценка, потребность, система, положения.*

MODERN REQUIREMENTS TOWARD PROBLEM TEACHING METHODS

The paper discusses modern requirements for problem-based education in secondary schools of the Republic of Tajikistan. The essence of the problem learning method is that students show interest in themselves as their own actions, give a moral assessment of their position in society, their desires and needs.

Key words: *learning problems, students of secondary schools, methods of education, knowledge, assessment, need, system, position*

Сведения об авторах:

Саидов Мухиддин Вайсидиннович *– кандидат педагогических наук, доцент, заведующий кафедрой общей психологии Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, тел.: (992)904-47-22-34;*

Шарипов А.М. *- преподаватель кафедры общей психологии Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. Тел.: (+992) 985265696;*

About the author:

Saidov Mukhiddin Vaysidinnovich *- Candidate of Pedagogical Sciences, Dotcent, Head of the Chair of General Pcychology, Tajik State Pedagogical University named after Ayni, Tel.:(992) 904472234; E-mail: saidow. saidow @ yandex.ru*

Sharipov A.M. *- Lecturer of the Department of General Psychology of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni. Tel: (+992) 985265696;*

МЕТОДИКА ВАЛЕОЛОГИЧЕСКОГО ВОСПИТАНИЯ В ШКОЛЬНОМ БИОЛОГИЧЕСКОМ ОБРАЗОВАНИИ

Одинаев Н.

Таджикский государственний педагогический университет им. С. Айни

В настоящее время основной тенденцией развития системы образования Таджикистана является гуманизация. Гуманистическая модель образования предполагает личностно ориентированное обучение, при этом педагогический процесс направлен на ученика как на личность, с признанием его права на свободное развитие, на проявление своих способностей. В связи с этим воспитание как первостепенный приоритет в образовании становится органичной составляющей педагогической деятельности, интегрированной в общий процесс обучения и развития. Ведь именно в школе реализуется целостное гармоническое развитие личности учащегося, т.е. формирование человека высоконравственного, образованного, духовно богатого, физически развитого, способного к самообразованию, творчеству.

На современном этапе развития общества четко просматривается тенденция пересмотра человеческих ценностей, из которых на первый план выходит одна из самых актуальных и важнейших ценностей человека - его личное здоровье. Сейчас в Таджикистане реализуется приоритетный национальный проект в сфере здравоохранения, основной целью которого является укрепление здоровья населения Таджикистане, снижение уровня заболеваемости, инвалидности, смертности.

Понятие здоровья включает не только отсутствие заболевания, болезненного состояния, физического дефекта, но и состояние полного социального, физического и психического благополучия. Конечным результатом в политике любого государства является здоровье нации, именно здоровье выступает как мера качества жизни. Здоровье детей и подростков является одним из важнейших показателей, определяющих потенциал страны (экономический, интеллектуальный, культурный), а также одной из характеристик национальной безопасности. Глобальность проблемы здоровья определила выделение в качестве самостоятельной области научных знаний валеологии - науки о здоровье, которая изучает правила гигиены, здорового образа жизни, основы экологической грамотности.

Важную роль в формировании здорового образа жизни играет школа. Именно в школьном возрасте закладываются основы здоровья человека и здорового образа жизни, формируется ценностное отношение не только к своему здоровью, но и здоровью других людей. Основная идея валеологичекой работы в школе - формирование отношения детей к природе здоровья не на принципах приспособления и адаптации, а на формировании активного сознательного поведения в условиях неблагоприятных природных и социальных факторов. В школе нужно создавать благоприятную среду, способствующую укреплению здоровья; прививать любовь к природе, так как человек - часть природы и его жизнь зависит от неё.

Среди школьных предметов особое место в валеологическом воспитании занимает биология. Изучение биологии позволяет не только знакомить школьников с компонентами здорового образа жизни, но и объяснить эти компоненты с биологической, психологической и социальной точек зрения, способствует формированию ценностного отношения к здоровью, развивает стремление сохранить здоровье, вооружает научными знаниями и практическими умениями здорового образа жизни.

Проблемы сохранения здоровья, формирования здорового образа жизни и приучения к нему школьников в биологическом образовании изучались Н.Д. Андреевой, И.Г. Бурлаковой, Е.П. Бруновт, И.Л. Величковской, И.Д. Зверевым, О.С. Кабаян, А.В. Кулевым, Н.В. Малиновской, Г.Г. Манке, С.Е. Мансуровой, Р.Д. Машем, М.Я. Михеевой, Н.М. Семчук, Л.Г. Татарниковой, З.И. Тюмасевой, М.А. Щербаковой Б., Ашуровой, Б. Боева, Л.А. Губановой, А.К. Бабаджанова, И. Бобоева, И.Х. Каримовой, Б.Р. Кодирова, Д. Каримовой, Ф. Курбанова Ф., Партовова, Ш.А. Сафарова, М. Суяркулова, Сухейля Адда Сабри и др. Авторами разработаны методические рекомендации для учителей биологии, направленные на формирование здорового образа жизни школьников.

Вместе с тем проблема методики валеологического воспитания на уроках биологии до настоящего времени остается нерешенной: не уточнена категория «валеологическое воспитание», отсутствует ее определение, не выделены сущность, цели и задачи

валеологического воспитания; не выделено учебное содержание курса биологии, позволяющее реализовать задачи валеологического воспитания; не определены методы и методические приемы, включение которых в уроки биологии позволяет эффективно формировать у школьников здоровый образ жизни.

В настоящее время в теории и практике обучения биологии в средней школе сложились противоречия: между важностью воспитания в гуманистической модели образования и его недостаточной реализованностью в образовательном процессе по биологии; между осознанием здоровья как социальной и личностной ценности и недостаточным вниманием к формированию здорового образа жизни школьников при обучении биологии; между широкими возможностями содержания школьного биологического образования для реализации задач валеологического воспитания и слабой разработанностью методики формирования здорового образа жизни школьников на уроках биологии. Обнаруженные противоречия определяют актуальность нашего исследования. Преодоление выше обозначенных противоречий требует разработки научно обоснованной методики валеологического воспитания на уроках биологии.

Валеологическое воспитание на уроках биологии будет эффективным, если:

- четко определены цель и задачи валеологического воспитания школьников, направленные на формирование понятия «здоровый образ жизни» и ценностного отношения к здоровью, на развитие стремления вести здоровый образ жизни;
- выделено основное и дополнительное учебное содержание курса биологии, способствующее реализации задач валеологического воспитания;
- в уроки биологии включаются специальные методы и методические приёмы, обеспечивающие эффективность процесса валеологического воспитания;
- проводится мониторинг результатов формирования здорового образа жизни школьников, позволяющий корректировать процесс валеологического воспитания.
- провести сравнительно-исторический анализ становления и развития проблемы формирования здорового образа жизни подрастающего поколения в истории педагогики и методики обучения биологии.
- на основе анализа педагогической и методической литературы изучить современное состояние проблемы валеологического воспитания, уточнить дефиниции основных категорий проводимого исследования; определить психолого-педагогические основы методики валеологического воспитания на уроках биологии в 9 классе (подходы, принципы, специфику возрастных психологических особенностей школьников).
- провести анализ содержания школьной программы и учебного материала дисциплины «Биология» для выявления возможности курса биологии 9 класса для реализации задач валеологического воспитания.
-выявить наиболее эффективные методы и методические приёмы, включение которых в уроки биологии обеспечивает формирование у школьников здорового образа жизни.
- сконструировать модель валеологического воспитания на уроках биологии, реализующую теоретические и методические основы формирования здорового образа жизни школьников.
- разработать методику валеологического воспитания на уроках биологии в 9 классе и провести проверку эффективности предлагаемой методики в условиях педагогического эксперимента.

ЛИТЕРАТУРА

1. Алексеев, С.В. Экология человека и валеология: научные и прикладные аспекты здоровья детей и подростков/С.В. Алексеев // Материалы научно-методического семинара, 10-14. февраля 1997. СПб., 1997. - С.76-85.
2. 2 Амосов, Н.М. Энциклопедия Амосова; раздумья о здоровье / Н.М. Амосов. -М.; Донецк: АСТ; Сталкер, 2005.-287 с. ISBN 5-17-031641-0.
3. Ананьев, Б.Г. Человек как предмет познания / Б.Г. Ананьев. М.: Наука, 2000. - 351 с. - ISBN 5-02-008399-2.
4. Ананьев, В.А. Общая валеология: конспект лекций / В.А. Ананьев и др.. СПб.: Балтийская Педагогическая Академия, 2000. - 163 с. ISBN 5-79970192-5.
5. Апанасенко, Г.Л. Медицинская валеология / Г.Л. Апанасенко, Л.А. Попова. Ростов н/Д.: Феникс, 2000. - 248 с. - ISBN 5-222-00920-3.
6. Байбородова, Л.В. Методика обучения биологии: Пособие для учителя / Л.В. Байбородова, Т.В. Лаптева. М.: Гуманйт. изд. центр ВЛАДОС, 2003. -176 с.-ISBN 5-691-01031-X.
7. Байер, К. Здоровый образ жизни: Пер. с англ. / К. Байер, Л. Шейнберг. - -900493-12-1.

8. Брехман, И.И. Валеология наука о здоровье / И.И. Брехман. - М.: Физкультура и спорт, 1990. - 208 с. - ISBN 5-278-00214-X.
9. Гуреева, О.Г. Валеология. Часть I: Учебное пособие для студентов педагогических вузов / О.Г. Гуреева, Г.С. Лемешенко, В.П. Межов. Омск: Изд-во ОмГПУ, 1996. - 96 с. - ISBN 5-8268-0080-1 (С).
10. Гуреева, О.Г. Валеология. Часть II: Учебное пособие для студентов педагогических вузов / О.Г. Гуреева и др.. Омск: Изд-во ОмГПУ, 1996. -99 с. ISBN 5-8268-0132-8 (С).

МЕТОДИКА ВАЛЕОЛОГИЧЕСКОГО ВОСПИТАНИЯ В ШКОЛЬНОМ БИОЛОГИЧЕСКОМ ОБРАЗОВАНИИ

Проблема защиты человеческого здоровья и окружающей среды, среди важнейших категорий в системе общественных ценностей занимает особое место. Решение этой проблемы зависит от валеологической науки. Валеология - это наука, включающая в себя законы гигиены, механизмов и методов её защиты, укрепления и защиты физического здоровья, социального и психологического состояния людей. Валеологические сведения дают такие возможности, при которых люди свою деятельность могут поставить так, чтобы суметь предостеречь себя от всевозможных стрессов, различных заболеваний и преждевременной смерти, то есть её профилактикой. Организация и внедрение валиологических отношений является требованием времени в учебно-воспитательном процессе учащихся средних общеобразовательных школ, что является одним из гуманистических проявлений. В этом направлении позиция учителя биологии велика. Так, школьная биология, наряду с другими естественными дисциплинами, является важнейшим средством обучения, исследованием и осознанием явлений, происходящих с живым организмом. Поэтому учителям биологии необходимо использование валеологических знаний на пути решения задач, проведения опытов на уроках и объяснения ученикам способов предотвращения различных заболеваний примерами, фактами и их количеством.

Ключевые слова: *задача, валеология, здоровье, урок, школьник, методика, заболевание, здоровый образ жизни.*

METHODS OF VALEOLOGICAL EDUCATION IN SCHOOL BIOLOGICAL EDUCATION

The article contains the issue of the human health protection and environment among the important category in the system of social valuation. The valeological information gives that opportunities which are people could prevent themselves from various stress and illness.

The usage of valeology subject during lessons except the reason of communication of subject of biology with chemistry, physics, mathematic and other science is available.

Among school subjects, biology occupies a special place in valeological education. The study of biology allows not only to acquaint schoolchildren with the components of a healthy lifestyle, but also to explain these components from a biological, psychological and social point of view, contributes to the formation of a value attitude to health, develops the desire to maintain health, equips with scientific knowledge and practical skills of a healthy lifestyle.

Keywords: *task, valeology, health, lesson, schoolboy, methodology, disease, healthy lifestyle.*

Сведения об авторе:

Одинаев Носир *– соискатель кафедры общей биологии и методики преподавания биологии Таджикского государственного педагогического университета им. Садриддина Аини, Тел: (+992) 934175519.*

About author:

Odinaev Nosir *– researcher, Chair of General Biology and Biology Teaching Methodology, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni, Tel: (+992) 934175519.*

НАҚШИ МАҲСУЛИ ҲУНАРМАНДОНИ МАРДУМӢ ДАР ТАШАККУЛИ ТАСАВВУРОТИ МАТЕМАТИКИИ КӮДАКОН

Бобиева С.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ

Дар раванди фаъолиятҳои гуногун тасаввуротҳои кӯдакон дар бораи олами атроф: аломату хусусияти олами ашёҳо- ранг, шакл, ҳаҷм, мавқеи ашёҳо дар фазо, шумораи онҳо; муносибати одамон (ба худи кӯдак, нисбат ба якдигар, муносибат бо ашёҳои иҳотакарда, тарзи истифодаи онҳо ва ғайраҳо) хеле барвақт ташаккул меёбанд. Мунтазам таҷрибаи эҳсоскунӣ дар кӯдак ғун мешавад, ки ин асоси ташаккули тасаввуротҳои одитарини математикӣ мегардад.

Аз гуфтаҳои боло бар меояд, ки ташаккули тасаввуротҳои математикӣ аз рӯзҳои аввали ҳаёти кӯдак оғоз шуда, аввал дар бораи миқдори номуайянии ашёҳо, баъд дар бораи маҷмӯъ ҳамчун воҳиди ягонагии том ташаккул меёбад. Дар ин асос қобилияту шавқу ҳаваси кӯдакон доир ба маҷмӯъ, ҳаҷм, шакл пайдо мешавад ва бо гузашти вақт кӯдак ба ҳисоб ва мафҳуми адад малака ҳосил мекунад.

Ашёҳое, ки муҳити кӯдакро иҳота кардаанд ба худ як шакли хоси муайянро доранд ва ба ягон шакли геометрӣ шабеҳ ҳастанд. Аз ин рӯ, ба кӯдакон омӯхтани шаклҳои геометрӣ яке аз вазифаҳои асосии ташаккули тасаввуротҳои математикӣ ба шумор меравад.

Шаклҳои геометрӣ яке аз он намунаҳоеанд, ки одам аз онҳо истифода бурда, умумият, фарқият, сифату хусусият, аломату нишонаҳои фарқкунандаи ашёҳои иҳотакардаро муайян мекунад. Инкишоф додани тасаввуротҳо дар бораи шакл яке аз масъалаи тарбияи ҳиссӣ мебошад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки инкишофи қобилияти фикрӣ, эҳсос, идрок ва тасаввуроти кӯдакони хурдсол байни ҳам вобастагии зич дорад. Дар ишора ба ин масъала профессор М. Лутфуллоев таъкид менамояд: “фикрронӣ ё ки шакли олии фаъолияти дарккунӣ бо мақсади кушодани моҳияти аломату хусусиятҳои ашёҳои гуногун, бо мақсади фаҳмидани ҳодиса ва воқеаҳои ҳанӯз ошкор нагардида равона карда мешавад”[1] яъне кӯдак ҳангоми бо ашёҳо амал кардан (масалан, ӯ дар синни хурдсоли аввал ламс мекунад, маззаро мечашад ва садоҳоро гӯш мекунад ва ғайраҳо, ки ҳамаи ин фаъолиятҳо барои омӯхтани сифат, хусусият ва аломати ашёҳо равона карда мешаванд). Ҳамаи ин амалҳо боиси ташаккул ёфтани фикронӣ ё ба шакли олии фаъолияти дарккунӣ асос мегузорад ва дар баробари ин ба ташаккули тасаввуроти кӯдакон бо шаклҳои геометрӣ низ замина мегузорад.

Барои ташаккул ва инкишоф додани донишҳои кӯдакон бо шаклҳои геометрӣ ашёҳои рӯзгор (ғурак, табоқча, оинаи нилгун, дастархон, болишт, тафдон, яхдон, курпача, гилем, чодар ва ғайраҳо) инчунин бозичаҳо (пирамидаҳо, кубикҳо, тубҳо ва дигарон) яке аз воситаи асосӣ ба шумор меравад. Бо истифода аз инҳо калонсолон ё мураббиён метавонанд бо роҳи муқоисакунӣ, монандкунӣ шакли ашёҳоро ба кӯдакон омӯзонанд. Масалан: пирамида-секунҷа; кубикҳо-росткунҷаи баробартараф; тубҳо-курра; ғурак-силиндр, табоқча-доира; оинаи нилгун-росткунҷа; тафдон-росткунҷа ва ғайраҳо

Воситаҳои дигари шинос намудани кӯдакон бо шаклҳои геометрӣ ва ташаккулдиҳии тасаввуротҳои математикӣ - истифода бурдани маводҳои фарҳангие, ки ба санъати миллӣ мардуми тоҷик хос аст, мебошанд. Бо истифодаи чунини маводҳо натанҳо тасаввуротҳои математикӣ ҳосил менамоянд, инчунин мо метавонем кӯдаконро ба таърихи арзишҳои муқаддаси Ватан, расму оини мардум, нақшу нигори миллӣ, табиати бою ғанӣ, муҳаббат ба ватандорӣ шинос намуда дар онҳо ва дигар сифатҳои ахолқиро тарбия намоем ва арзишҳои модию маънавиро инкишоф ва ташаккул диҳем.

Дар тамаддуни халқи тоҷик нақшу нигорҳои гуногун дар санъати ороишии миллӣ мавҷуданд, ки онро ҳамчун воситаи таълимӣ дар ҷараёни машғулятҳои математикӣ истифода бурдан мумкин аст.

Ҳар як нақш байни ҳам умумият ва тафовут дорад. Нақше, ки офарида мешавад, он ба худ як услуби махсуси ба он минтақае, ки нақшро офаридааст хос мебошад. Ин аз он шаҳодат медиҳад ки халқи тоҷик аз азал мардуми меҳнатӣ, ҳунарманд, босалиқа, эҷодкор дорои ҳиссиёти баланди зебоипарастӣ ва дастони моҳир доштанд ва доранд.

Бояд гуфт, ки дар тӯли чандин садсолаҳо намудҳои гуногуни нақшу нигори миллӣ мавҷуд буд, аммо асосан ду намуди офариниши нақшу нигор дар санъати ороишии халқӣ мустаҳкам ҷой гирифтааст: ислимӣ ва гиреҳӣ. Дар шинос намудани кӯдакон бо шаклҳои геометрӣ бештар накшу нигори гиреҳиро истифода мебаранд, чунки он аз нақшу нигори геометрӣ иборат аст. Нақши гиреҳӣ дар ороиш додани ашёҳои рӯзгор, масалан дар ороиши рӯймол (миёнбанд, локӣ, камарбанд, фӯта, қарс) ба назар мерасад ва он таърихи кӯҳан дорад. Асоси рӯймол шакли чоркунчаро дорад, ки дарк кардани ин шакл барои кӯдакони синни томактабӣ хеле қулай аст. Ҳангоми кӯдаконро ба ин шакл ва нақшу нигорҳои дар он ҷойгирбуда шинос намуда кайд мекунем, ки аз байни рӯймолҳои зиёде, ки ҳамчун қисми сару либоси миллӣ истифода мешаванд яке аз онҳоро интихоб менамоем. Масалан, рӯймоли миёнбанди мардона, ки он ифодагари ҳунарҳои мардумӣ аст, дониши кӯдаконро дар самти назариявӣ ва таълимӣ инкишоф диҳем. Самти назарявӣ аз маълумоти умумӣ ва тарзи истифодабарӣ иборат аст.

Маълумоти умумӣ: Рӯймол шакли мураббъа дошта, аз чаҳор гуша иборат мебошад, ки онро мардон ба миён баста мегарданд. Рӯймолро дар тамоми гушаю канори Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мебаранд. Он як ҷузъи либоси мардона ба ҳисоб меравад.

Тарзи истифодабарӣ: Рӯймол тарзи истифодабарии гуногун дорад: масалан онро ба миён мебанданд, барои маҳкам кардани либосҳои рӯйпуш; барои нигоҳдории ҳуҷҷатҳои махсус; дар гарми барои аз нури офтоб ҳимоя кардан, мардон ба сарашон мебанданд ба монанди салла ва ҳамчунин дар фасли зимистон барои муҳофизат аз сармо; дар ҳангоми сафар ҳамчун дастархон ва ғайраҳо истифода мешавад. Вақти рӯймолро ба миён бастан онро ба шакли кӯндаланг қат мекунанд ва чандбор тоб медиҳанд, то ки як гӯшаи он аз миён ба поён овезон истода, ки асосан ин гӯшаи овезоншуда ҷои аз ҳама бештар гулдӯзишудаи он мебошад. Рӯймолро аз пушт ба миён гузошта дар пеш гиреҳ мекунанд.

Рӯймол мисли дигар ашёҳои рӯзгори хонадони мардуми тоҷик буда аз нақшу нигорҳои махсус иборат мебошад. Нақшу нигори рӯймол асосан дастӣ ва сӯзанидӯзӣ оро дода мешаванд. Атрофи рӯймол аз ҳошияи тасмашакли ороишӣ иборат аст. Дар дохили ҳошияи рӯймол нақшу нигори ислимӣ ва гиреҳ тасвир мешаванд, ки онҳоро бо сӯзанидӯзӣ оро медиҳанд. Инчунин, дар ҳар як гӯшаи рӯймол нақшҳои растанӣ фаровон дӯхта мешавад. Барои ҷозибияти гулдӯзӣ бештар аз риштаҳои рангҳои тобиши баланддошта ва хусусияти таззодӣ дошта интихоб мешаванд.

Самти таълимӣ ҳамкории мураббия ва тарбиягирандаҳоро талаб мекунад, яъне мураббия баъд аз маълумоти пурра додан бо кӯдакон дар доираи мавзӯъ саволу ҷавоб мегузаронад, ки тахминан чунин аст:

1. Мақсад: мустаҳкам намудани донишҳои геометрӣ: Рӯймол ба кадом шакл монанд аст? Барои чӣ чоркунҷа ном дорад? Ҳангоми рӯймолро ба миён бастан, ба кадом шакл монанд мешавад?
2. Мустаҳкам кардани донишҳои математикӣ: Чоркунҷа чандто кунҷ дорад? Чандто тараф дорад? Дар дохили рӯймол чандто чоркунҷаи дигар мавҷуд аст? Секунҷа чандо қулла дорад? Секунҷа чандто тараф дорад? Кунҷҳои секунҷа чандто ҳастанд?
3. Омӯзонидани маҳорати муқоисакунӣ: Чоркунҷа аз секунҷа бо чӣ фарқ мекунад?
4. Ёддодани монандкунӣ: Ба шакли чоркунҷа боз кадом ашёҳои дигар монанд ҳастанд? Ба шакли секунҷа чӣ? Ба атроф нигоҳ карда онҳоро номабар намоед.

Бо ҳамин тарз мураббия бо дигар нақшу нигорҳои миллӣ: сӯзанидузӣ, рафидадӯзӣ, қуроқдӯзӣ, кулолгарӣ ва ғайраҳо кӯдаконро шинос менамояд ва дониши онҳоро оиди шаклҳои геометрӣ инкишоф медиҳад, дар баробари ин дар кӯдакон, таъбу завқи зебоипарастӣ, иҷрои амалҳои фикрӣ ташаккул меёбад.

Инчунин қайд кардан ба маврид аст, ки дар рафти машғулятҳои гулмонӣ, расмкашӣ, сурбосозӣ, ки бештар ба нақшу нигори миллӣ такя мекунанд, имконияти инкишоф додани кӯдакон нисбат ба донишҳои математикӣ, геометрӣ ва хештаншиносӣ аз эҳтимол дур нест. Кӯдак донишҳое, ки дар ин машғулятҳо ба худ гирифтаанд метавонанд дар машғулятҳои математикӣ онро бештар ташаккул диҳад ё бараъкс. Масалан: мураббия дар рафти машғулияти математикӣ бо кӯдакон чунин бозӣ-машкҳо мегузаронад: мураббия дар аввал айёниятҳое, ки дорои шаклҳои геометрӣ (4-то секунҷа, 4-то чоркунҷа, 1-то давра, 4-то бисёркунҷа) ҳастанд барои ҳар як кӯдак омода мекунад. Мураббия дар аввал тарзи иҷрои амалу супоришҳоро фаҳмонда медиҳад. Сипас, мураббия тарзи гузаштани шаклҳои геометриро дар ҳамворӣ ё худ рӯи миз нишон медиҳад ва кӯдакон бояд, шаклро дуруст ба ҷои лозимӣ гузоранд. Масалан: Чоркунҷаи сабзро дар кунҷи рости болоии ҳамворӣ гузоред. Чоркунҷаи сабзи дигарро дар кунҷи чапи болоии ҳамворӣ гузоред. Чоркунҷаи сабзро ба кунҷи рости поёни ҳамворӣ гузоред ва чоркунҷаи сабзи охиронро дар кунҷи чапи поёнии ҳамворӣ гузоред. Дар маркази ҳамворӣ байзаро гузоред. Дар тарфи рости давра секунҷаи зардро гузоред. Секунҷаи зарди дигарро дар тарафи чапи байза гузоред. Дар болои байза секнҷаи зардро гузоред ва дар поёни байза секунҷаи охиронро гузоред. Дар тарафи рости секунҷаи болоӣ, доирачаи рангаш норинҷиро мегузорем. Дар тарафи чапи секунҷаи болоӣ доирачаи дуюми норинҷӣ мегузорем. Ҳамин тариқ дутои дигар доирачаҳои норинҷиро, низ дар паҳлуҳои секунҷаҳо мегузорем ва дар натиҷа чунин тасвирро омода месозем.



Бо ҳамин тарз дар анҷоми бозӣ-машқ кӯдакон тасвири омодашударо, ки дар машғулияти санъати тасвирӣ иҷро кардаанд, муқоиса мекунанд.

Барои мустаҳкамкунии донишҳои геометрии кӯдакон мураббия баъд аз муқоисакунӣ, оиди шаклҳо бо онҳо сӯҳбат мекунад ва аз рӯи нақши офаридаашон саволҳо медиҳад: “Бачаҳо дар нақши мо чандто чоркунча мавҷуд аст?” Мураббия ба наздаш яке аз кӯдакро даъват мекунад ва ба ӯ мефармояд, ки чоркунҷаҳоро нишон диҳад. Сипас боз савол медиҳад: “ Чаро мо чоркунҷа мегӯем?”. Ҳангоме, ки кӯдакон ба савол ҷавоб мегардонанд, яке аз онҳо омада кунҷҳои чоркунҷа ва тарафҳои онро нишон медиҳад. Мураббия аз кӯдакон мепурсад: Дар нақш боз кадом шаклҳои дигар низ мавҷуд аст? Мураббия фикри кӯдаконро ҷамъбаст мекунад ва қайд менамояд, ки бале шумо дуруст қайд намудед, ки дар нақши мо шаклҳои росткунҷа, чоркунҷаи баробартараф, доира, байза ва секунҷа аст. Ба кӯдакон савол медиҳад: “Доира аз байза бо чӣ фарқ мекунад?” Баъд аз ба савол ҷавоб додани кӯдакон, барои хубтар фарқ карда тавонистани доира аз байза, мураббия ба кӯдакон супориш медиҳад, ки аввал доира баъд байзаро ғелонед, мефаҳманд, ки доира нисбат ба байза хубтар меғелад. Баъд аз бачаҳо мепурсад, ки чаро чунин аст? Баъд аз анҷом додани ин супориш кӯдакон мефаҳманд, ки доира аз байза бо чӣ фарқ мекунад. Мураббия фикри кӯдаконро пайравӣ мекунад ва фарқи байзаро аз доира пурратар мефаҳмонад. Шаклҳое, ки ба доира ва байза монанд аст ба кӯдакон намоиш медиҳад.

Ҳамин тавр дониши кӯдакон нисбати шаклҳо мустаҳкам мешавад ва дар хотираи онҳо метавонад то муддати дуру дароз нақш бандад, инчунин тафаккури мантиқии кӯдакон низ ташаккул меёбад. Ин гуна машғулятҳо ба рушди протсесҳои маърифатии психикии кӯдакон (эҳсос, идрок, диққат, тафаккур, нутқ, эмотсия) таъсир расонида, ба омӯзиши математикаи мактабӣ замина мегузорад.

Моҳияти муқоисакунии шаклҳои геометрӣ ва якҷоя кардани як машғулят бо машғуляти дигар (масалан: машғулияти ташаккули донишҳои оддитарини математикиро бо гулмонӣ, расмкашӣ, тартибдиҳӣ) дар он аст, ки донишҳои кӯдакон бою ғанӣ шуда онҳо дарк мекунанд, ки шаклҳо на танҳо дар машғулияти математикӣ истифода бурда мешавад, инчунин дар дигар фаъолиятҳо низ ба кор бурда мешаванд. Бо ин роҳо мо метавонем дар кӯдакон ҳисси зебоипарастӣ, тафаккури мантиқӣ, эҷодкорӣ, фантазияи бой, ҳиссиёти баланд ва дигар сифатҳои шахсиро ташаккул диҳем.

Дар раванди шинос намудани кӯдакон бо маводҳои фарҳангии мардуми тоҷик бояд ҳаминро гуфт, ки кӯдакон ба таври айёнӣ-амалӣ фаъолият намуда, дарк мекунанд, ки аз даврахои пеш одамон бо шаклҳои геометрӣ шинос буданд ва бо истифода аз онҳо нақшу нигори ҷолиб меофаридаанд. Шиносоӣ бо чунин маводҳо яке аз усулҳои фаъоли таълими математика мебошад, талаботи таҳсилоти замони муосир аст, зеро дар ҷараёни машғулият мураббия бо истифодаи усулҳои фаъоли таълим диққати кӯдаконро ҷалб намуда, дониши онҳо васеъ менамояд. Бо нақшу нигори миллӣ кӯдаконро бештар дар раванди машғулиятҳо шинос мешаванд, инчунин ҳангоми мушоҳидаи табиат, сайёҳат ба осорхона, ҷойҳои ҷаъмиятӣ, ҳайкалу нипайкараҳо, маводҳои ороишии дохили бино, сандуқҳои миллӣ, гавҳора, зарфҳои кулолию чинӣ, зардевору дигар маҳсулоти ҳунармандон шинос намуда дар онҳо ҳиссётҳои хештаншиносӣ ва ватандӯстиро тарбия мекунем.

АДАБИЁТ

1. А.М.Леушина “Ташаккули оддитарин тасаввуроти математикӣ дар кӯдакони синни таомактабӣ” Душанбе с.1980

2. Л.С.Метлина “Машғулятҳои математика дар кӯдакистон” Душанбе с. 1990.
3. Ю.Н. Хижняк, Л.А. Фролова. “Амали ороиш дар асоси нақшу нигори тоҷик” Душанбе с. 1986

РОЛЬ НАРОДНОГО ТВОРЧЕСТВА В ФОРМИРОВАНИИ МАТЕМАТИЧЕСКИХ ПРЕДСТАВЛЕНИЙ ДЕТЕЙ

Таджикский народ имеет богатое и разнообразное творчество, широко применяющееся в быту. С целью ознокомления детей дошкольного возраста с геометрическими фигурами, воспитатели часто применяют материалы народного творчества в процессе занятий. Ознакомление с материалами народного творчества способствует укреплению знаний и представлений о геометрических фигурах, формах, о правильном подборе цветовых оттенков, а также воспитывает в детях патриотическое чувство и любовь к Родине.

Наряду с этим, применение материалов народного творчества на занятиях, относится к активным формам обучения.

Ключевые слова: *элементарные математические представления, материалы народного творчества,геометрические фигуры, квадрат, прямоугольник, овал, предметы быта, арнамент, узоры, чувство патриотизма, любовь к Родине.*

THE ROLE OF FOLK CREATIVITY IN FORMATION OF MATHEMATICAL REPRESENTATIONS OF CHILDREN

The Tajik people have a rich and diverse creativity, widely used in everyday life. In order to familiarize preschool children with geometric shapes, educators often use folk art materials in the classroom. Acquaintance with the materials of folk art helps to strengthen knowledge and ideas about geometric shapes, shapes, the correct selection of color shades, and also educates children in a patriotic feeling and love for the motherland.

Along with this, the use of materials of folk art in the classroom refers to active forms of learning.

Keywords: *elementary mathematical representations, folk art materials, geometric shapes, square, rectangle, oval, household items, ornament, patterns, patriotism, love of the motherland.*

Сведения об авторе:

Бобиева Сабрина *- аспирант кафедры теории и методики дошкольного образования Таджикского государственного педагогического университета им. С.Айни тел: (+992) 987146166*

About the autor:

Bobieva Sabrina *- postgraduate student of the Department of Theory and Methodology of Preschool Education, Tajik State Pedagogical University named after S.Ayni Phone: (+992) 987146166*

ОСОРИ МОНДАГОРИ МУТАФАККИРИ АСРҲОИ XVI-XVII ШАЙХ БАҲОӢ

Давлатова М.Ҳ.

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

Мақолаи мазкур ба ҳаёт ва фаъолияти математик, муҳандис (инженер), файласуф, диншинос, шоир ва педагоги асримиёнагии точик Баҳоуддини Омулӣ (1547-1622) бахшида шудааст, ки дар пешрафти илмҳои замони худ саҳми намоён дорад. Вай боз ба таълиму тарбияи шогирдони зиёд диққати махсус чудо намудааст, ки бисёри аз онҳо мутафаккирони машҳури замони худ гаштаанд. Дар мақола диққат ба омӯзиши ҳамаҷонибаи осори мутафаккир аз нигоҳи таърихи илм, назария ва ақидаҳои педагогӣ, философӣ ва назмӣ дода мешавад, ки дар ҷаҳонбинии умумӣ ва эҷодиёти педагогии донишҷӯёни муосир таъсири намоён мерасонад.

Баҳоуддини Омули ибни Иззоддин Шайх Ҳусайн ал-Ом машҳур бо лақаби шоирии Баҳоӣ соли 1547 дар наздикии шаҳри Омул дар оилаи шахси маорифпарвар (маърифатнок) Шайх Ҳусайни Омулӣ таваллуд шудааст. Тақдир ӯро дар кӯдакӣ аз модар ҷудо мекунад ва дар соли 1556 вай бо падари худ ба шаҳри Исфаҳони Эрон кӯч мебандад. Дар ин шаҳр маскан гирифта (сокин шуда) қисми зиёди ҳаёти худро дар ин ҷо мегузаронад. Маълумоти ибтидоии худро аз падар гирифта баъдан дар мадраса дар назди мутафаккирони машҳури он давра таҳсил менамояд. Масалан ӯ илмҳои табитшиносӣ физика, математика ва астрономияро (нуҷум, ситорашиносӣ) аз Афзалии Кази ва Алии Музаҳҳаб, фалсафаро аз Абдулло Яздӣ, тибро аз Ҳаким Имомуддин омӯхтааст. Баҳоуддин Омулӣ бисёр шогирди бо маҳорат, боистеъдод буд ва дар

муддати кӯтоҳ тавонист ҳамчун мутафаккири фозил (пурдон, аллома) ва ҳаматарафа машҳур гардад.

Ба монанди дигар мутафаккирони асримиёнагии форсу тоҷик (Сино, Берунӣ, Умари Хайём, Насриддини Тусӣ) ӯ донишманди ҳақиқӣ: риёзидони машҳур (математик), ҳандасадон (геометрия), муҳандис, физик, ситорашинос, табиб, файласуф, диншинос, фақиҳ (қонуншинос) буд. Ҳамин тавр дар бораи ӯ муҳаققиқи бузурги эронӣ Саид Нафисӣ менависад: «Баҳоӣ яке аз мутафаккирони машҳури замони худ буд ва мунтазам машғули таълим буда баҳзу мунозараҳои илмӣ мегузаронд, доимо барои таълими шогирдон тайёр буд» [3, с.76]. Баъд аз сафарҳои дуру дароз (Ироқ, Шом, Осиёи Миёна) ӯ ба Эрон баргашта соли 1622 дар Исфаҳон аз олам гузашт.

Аз Баҳоуддини Омулӣ то имрӯз ба дасти мо 88 асар дар бахшҳои гуногуни илму дониш боқи мондааст. Номгӯи баъзеи онҳо чунин аст: «Ал-Камшкул» («Ҷоми (паймона) дарвеш (гӯшанишин)»)-тазкираи (антология) асари фалсафӣ-теологӣ ва педагогӣ, «Маҷмӯаи Аббоси» – (қонуншиносии мусулмонии равияи шиа), «Нону ҳалво» ва «Ширу шакар»–ҳардуи ин асарҳои назмианд (Маснавӣ). Дар соҳаи илмҳои риёзӣ ва табиатшиносӣ рисолаҳои дигари ӯ: «Рисола фи-л-қаваид ал-хисабиййа ва-далил ал-хандасия» («Рисола дар бораи қоидаҳои арифметикӣ ва далелҳои геометрӣ»), «Рисолаи манзум дар илми ҳайъат (астрономия)» (Ҳайъат-ситорашиносӣ, нуҷум, астрономия). Масаил филхайа» («Суолҳои астрономӣ»), «Баҳр ал ҳисаб» («Дарёи арифметикӣ»), «Ташреҳ-ул-афлоқ», «Манзума ашкал ат-тасисйа урджуза фи-л-ҳандаса (Асоси (ё таъсиси) фигураҳои геометрӣ дар шеър ва ё достон ё манзумаи ҳандаса)»), «Ҳафтод боб дар устурлоб» («Рисола дар илми масоҳат», «Рисола дар нисбати иртифоъи джибол» («Трактат относительно высоты горы», Рисола нисбати иртифоъи ё баландии кӯҳ) ва ғайраҳо машҳур буданд, ки шумораи онҳо ба 88 номгӯй мерасад. Баъзе рисолаҳои дастинависи Баҳоуддини Омули дар Китобхонаи Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақамҳои (№931; 1239; 1788; 1260/2; 1836/2) инчунин дар фонди дастнависии Донишкадаи (институти) забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақамҳои (№1611/3 ва № 1611/4) нигоҳ дошта мешаванд. Албатта, нусхаи баъзе асарҳои Баҳоуддини Омули дар китобхонаҳои калони (ҷои китоб нигоҳдории) мамлакатҳои наздик ва дури хориҷи нигоҳ дошта мешаванд. Дар рисолаи геометрии худ «Рисола дар илми масоҳат», ки аз муқаддима ва 3 фасл иборат аст Баҳоуддини Омулӣ шаклҳои гуногуни геометрӣ: хати рост ва каҷ, камонак, сектор (дасткола), доира, секунҷа, квадрат (мураббаъ), росткунҷа, ромб, трапетсия, бисёркунҷа ва ғайраҳоро муайян намудааст. [1, с. 66-71]. Барои ҳисоб кардани масоҳати фигураҳои геометрӣ аз методҳои муаллимони машҳури худ Ғиёсиддин Ҷамшеди Кошонӣ (Ал-Кошонӣ 1380-1429) ва Алӣ Кушчӣ Самарқандӣ (1403-1474) истифода мебарад. Баҳоуддини Омули барои ҳисоб кардани масоҳати бисёркунҷа онро ба секунҷаҳо тақсим намуда баъд масоҳати ҳар кадоми онро алоҳида муайян мекунад…

Бояд қайд кард, ки «Хулосат-ул-ҳисоб»-и Баҳоуддини Омулӣ дар эҷодиёти математикии шогирди худ Муҳаммад Наҷмуддинхон математик ва шоири машҳури асрҳои XVI-XVII, муаллифи «Рисола дар алгебра» («Рисола дар ҷабр ва мукабала»), ки ба забони тоҷикӣ дар шакли назмӣ навишта шудааст таъсири муҳим расонид. Дар навбати худ «Хулосат-ул-ҳисоб»-и Баҳоуддини Омулӣ ба рисолаи «Муҳаммадия»-и Алӣ Кушчӣ Самрқандӣ бисёр наздикӣ дорад, осори ӯ бошад аз рӯи услуби (сабк) худ бештар наздикӣ ба осори машҳури Ғиёсиддин Ҷамшеди Кошонӣ «Калид ба арифметика (Роҳ ба суи арифметика)» дорад.

Паҳлуҳои дигари фаъолияти илмӣ ва педагогии Баҳоуддини Омулӣ- ро қайд кардан зарур аст: аввалан ӯ тавонист эҷодиёти илмии устодони худ Ғиёсиддин Ҷамшеди Кошонӣ ва Алӣ Кушки Самарқандиро нигоҳ дорад; дуюмин анъанаҳои асримиёнагии мактаби математикии илмии тоҷикро бо муваффақият идома дод; сеюм бо ҳар роҳ ба паҳншавии илми математикии асримиёнагӣ дар Осиеи Миёна ва Эрон мусоидат кард; чорум таҷрибаи таълимӣ педагогиро дар мадрасаи Мовароунаҳр ва Хуросон, яъне Осиёи Миёна ва Эрон ҷамъбаст намуда, дастурҳои таълимии математики таълиф намуд ва дар охир шогирдони зиёдеро, ки дар боло баъзеи онҳоро ба ёд овардем тарбия ва таълим дод.

Бояд қайд кард, ки, бисёре аз рисолаҳои ӯ то замони мо нарасидаанд ва ҳатто аз рисолаҳои дастрасшуда низ ба таври зарурӣ омӯхта нашудаанд бо истиснои маълумотҳои нопурра ва амалҳои Г. Собиров, Г.П. Матвиевская, И. Ходжиева ва И. Муҳаммадиев, ки саҳми муайянро дар омӯзиши рисолаҳои «Хулосат-ул-ҳисоб»,

«Рисола дар илми масоҳат гузоштаанд. Бешубҳа аз ҳама рисолаи машҳури ӯ дар риёзиёт ин «Хулосат-ул-ҳисоб» мебошад, ки ба эҷодиёти математикони наслҳои минбаъда таъсири муҳим расонидааст.

Имрӯзҳо бисёр кашфиётҳои (ихтирооти, таҳқиқҳои) Баҳоуддини Омулӣ олимонро ба ҳайрат медароранд. Махсусан «Манораҳои дар алвонҷбудаи» дар Исфаҳон сохташуда (Эрон), ки то ҳол хусусиятҳои худро гум накардаанд. Бисёре аз муҳаққиқони шаҳри Исфаҳон бо шодӣ мехоҳанд ин манораҳоро мушоҳида(тамошо) кунанд. Боз ҳам як эҷодиёти Баҳоуддини Омулӣ, ки ба ӯ бисёр шарафи калон овард: аз рӯи лоиҳаи (нақшаи) вай ҳамом сохта шуда буд, ки бо як шамъ гарм мешуд ва то ҳол дар бораи он ривоятҳо мавҷуданд. Ин ҳамом тақдири фоҷиаборро аз сар гузаронидааст. Соли 1790 қувваҳои муайяни беруна барои омӯхтани механизми (моҳияти) кори ҳамом таҳхонаи онро хароб сохта механизми гармидиҳии онро мусодира карда ба Англия бурданд. Дар натиҷаи ин системаи гармидиҳии ҳамом аз кор монд.

Аз рӯи гуфтаҳои мардумӣ Баҳоуддини Омули шамро дар зери анбори (маҳзан) об (кахазна) ном дошт гузошташа буд рӯз месӯхт ва обро пурра дар хазна гарм мекард. Табиист, ки ба тарзи оддӣ ва содда набуд. Дар ҳамом системаи мураккаби ба қонунҳои физикӣ ва химияви такякунанда сохта шуда буд. Оддист, ки одамони он давра инро намедонистанд, маҳз барои ҳамин ҳар гуна қиссаҳо эҷод карданд.

Дар назди ҳамом корхонаи коркарди равған ҷойгир буд, ки бо ташаббуси Баҳоуддини Омули сохта шуда буд ва дар он равған барои мақсадҳои гуногун истеҳсол мешуд.

Баҳоуддини Омули мутафаккир ва донишманди бузурги замони худ буд. Ба қалами ӯ қариб 100 осор, ки дар амалия тамоми соҳаҳои илмҳои он замонаро дар бар мегирад таълуқ дорад. Осори ӯ (бахусус дар риёзиёт ва фалсафа) зиёда аз ду аср ҳамчун асос дар илмҳо дар Хуросон ва Мовароунаҳри асримиёнагӣ буданд.

Агар ақидаҳои теологӣ-фалсафии Баҳоуддини Омули гуруҳои муайяни файласуфон тарафдорӣ ва тараққӣ дода бошанд, он гоҳ афкори математикӣ ва осори ӯро тамоми риёзидонони насли минбаъда давом дода вусъат бахшиданд. Мушоҳида ва омӯзишҳо собит намуданд, ки мутаасифона ақидаҳои педагогии ин марди фозил то ҳозир мавриди тадқиқот қарор нагирифтааст. “Ақидаҳои педагогии Баҳоуддини Омулӣ ва аҳамияти он дар тарбияи насли наврас” дар системаи илмҳои педагогикаи муосир бори аввал мавриди пажӯҳиши рисолаи илмӣ-тадқиқотӣ қарор гирифтааст.

Ақидаҳои педагогии Баҳоуддини Омулӣ асосан дар ду ҷанбаи ҳаёт ва эҷодиёти ӯ:

а) дар эҷодиёти назмии адабӣ ва теологӣ-фалсафии ӯ;

б) дар таҷрибаи эҷодиёти педагогии ӯ, маҳз дар тайёр намудани шогрдони зиёд таҷасум меёбад. Хизматҳои шоистаи ӯ на танҳо ба тарбияи насли наврас, балки барои расидан ба қуллаҳои баланди дониш бо роҳи рисолаҳои фалсафӣ, табии-илмӣ ва ҳатто тиббӣ равона шудаанд.

То шамъи қаландарӣ Баҳоӣ афрӯхт,
Аз риштаи зуннор ду сад хирқа бисӯхт.
Дӣ пири мугон гирифт таълим аз ӯ,*
В-имрӯз ду сад масъала муфтӣ омӯхт.

Аз рӯи маълумотҳои Саид Нафисӣ гуруҳи олимони асри XI ҳиҷрӣ (асрҳои XVI-XVII) дар назди Баҳоуддини Омули тахсил намуданд ва номҳои онҳое, ки дар китобҳои гуногун оварда шудаанд ба 33 баробаранд. Номҳои баъзе аз онҳо: Шайх Ҷавод ибни Саъдуллоҳ ибни Ҷавод ал-Бағдодӣ машҳур бо номи Ҷавод-хирадманд; Мулло Муҳаммад Муҳсин ибни Муртазо ибни Маҳмуд Файзи Кошонӣ (вафоташ 1091); Мулло Муҳаммадшариф ибн Шамсиддин Муҳаммад Исфаҳонӣ (вафоташ 1087); Мулло Халил ибни Гази Казвинӣ (вафоташ 1089); Мулло Муҳаммад Солеҳ ибни Аҳмад Мозандарани (вафоташ 1081); Шайх Зайниддин Муҳаммад ибни Ҳасан ибни Зайнулобиддин Алӣ ибни Аҳмади Омулӣ (вафоташ 1030); Шайх Муҳаммад ибни Алии Омулӣ; Шайх Алии бинни Маҳмуди Омулӣ; Низомиддин Муҳаммад ибни Ҳусайн Қаршӣ (ин баъди марги Баҳоуддини Омули бо фармони шоҳ Аббос рисолаи устоди худро бо номи «Ҷоми Аббосӣ» ба охир расонид); Сайид Изиддин Абӯабдуллох Ҳусайн ибни Ҳайдар ибни Қамари Ҳусайни Омулӣ; Амир Муҳаммад Қосим ибни Амир Муҳаммад Таботабоӣ; Начмиддин Алӣ ибни Шамсиддин Муҳаммад Ашраф Исфаҳонӣ; Садриддин Муҳаммад ибни Иброҳим Шерозӣ машҳур ҳамчун мулло Садро (вафоташ 1050); Мулло Муҳаммад Боқир ибни Муҳаммад Муин Хуросонии Сабзаворӣ, (вафоташ 1090); Муҳаммадамини

ал-қорӣ (эҳтимол Муҳаммадамин ал-Муъминабоди математики машҳури тоҷик, ки эҷодиёти математикии ӯ дар мадрасаҳои гуногуни асри XVIII таълим дода мешуданд); Баҳоуддин Муҳаммади Омулӣ (ҳамном ва ҳамшаҳри мутафаккир) ва дигарон буданд.

Ба тариқи мисол ду рубоии фалсафии ӯ, ки моҳияти панди-ахлоқӣ доранд овардан мумкин аст:

Эй, соҳиби масъала ту бишнав зи мо,
Таҳқиқ бидон, ки ломакон аст Худо.
Хоҳи, ки туро кашф шавад ин маъно,
Ҷон дар тани ту бигу куҷо дорад ҷо?
Ва ё
Эй ақл хиҷил аз ҷаҳлу нодонии мо,
Дарҳам шуда халқе зи парешонии мо.
Бут дар бағалу ба саҷда пешонии мо,
Кофар зада ханда бар мусалмонии мо [3, с. 138].

Ҳамин тариқ, метавон қайд кард, ки ақидаҳои педагогӣ, табии – математикӣ, фалсафӣ, шоирии (назми, шоирона) Баҳоуддини Омулӣ, ки дар эҷодиёти наслҳои дигари олимони асримиёнагии нақши асосиро бозиданд, то имрӯз аҳамияти худро гум накарда то ҳол ба таври амиқ мавриди омӯзиш қарор нагирифтаанд. Омӯзиш ва таълими онҳо ба насли ҷавон фикр мекунем ҳам аз нуқтаи назари таърихи илм ва ҳам аз нуқтаи назари методикаи таълими педагогика ва фалсафа умумӣ мухим ва фоиданок аст.

Дар масъалаи ҳиммат ва ҳимматбаландӣ низ Шайх Баҳоӣ дар ақидаи дуруст будааст. Вай дар ин хусус фикри устодони бузурги гузашта, аз ҷумла Абдураҳмони Ҷомиро давом дода истода, боҳиммату назарбаланд буданро зебу зиннати марди ҳақиқӣ шуморидааст. Ҳамин аст, ки шоир аз одамони беирода ва коҳилу паст соғар гирифтанро ба шаъну шарафи «ҳимматбаландон» муносиб надониста, як бор ҳам бошад, аз дасти Соқӣ бода нӯшиданро тавсия кардааст, ки мурод аз он тавсифи инсони ҳақиқӣ, меҳнатдӯсту боирода аст

Соқиё, бидеҳ ҷоме з-он шароби рӯҳонӣ,
То даме баросоям з-ин ҳиҷоби ҷисмонӣ,
Бевафо нигори ман мекунад ба кори ман,
Хандаҳои зери лаб, ишваҳои пинҳонӣ.
Дину дил ба як дидан бохтему хурсандем,
Дар қимори ишқ, эй дил, кай бувад пушаймонӣ.
Мо зи дӯст ғайр аз дӯст мақсаде намехоҳем,
Ҳуру ҷаннат, эй зоҳид, бар ту бод арзонӣ.
Расму одати риндист аз русум бигзаштан,
Остини ин жанда меканад гиребоне.
Зоҳиде ба майхона сурхрӯ зи май дидам,
Гуфтамаш: муборак бод в-армании мусулмонӣ.

Ё худ ба рӯбоии зайл, ки фикри болоро тақвият дода, боз ҳам пурратар месозад, як назар меафканем:

Дар майкада дӯш зоҳиде дидам маст,*
Тасбеҳ ба гардану суроҳӣ бар даст.*
Гуфтам: Зи чӣ дар майкада ҷо кардӣ? Гуфт:
Аз майкада ҳам ба сӯи Ҳақ роҳе ҳаст.

Назар ба ақидаи Шайх Баҳоӣ шахси ҳимматбаланд, боирода ва бомулоҳиза ҳамеша дар зиндагӣ сарбаланд аст, номи ӯ вирди забони мардумон мебошад. Аз ин ҷиҳат вай талқин мекунад: тавре зиндагӣ кун, ки дигарон низ туро зинда ҳисобаанд, на ин ки чун шамъ сарафкандаат хоҳанд. Қаноатмандиро пеш намо, шукргузорӣ аз зиндагӣ намо, ҳавою ҳаваср гузор ба канор:

Аз ҳавас бегзар раҳои кун кашшу фаш,
По зи домони қаноат дар макан.

Гар набошад ҷомаи атлас туро,
Куҳна далқӣ сотири тан бас туро.
В-ар музафар набувад бо қанду мушк,
Хуш бувад дуғу пиёзу нони хушк.
В-ар набошад машраба аз зарри ноб,
Бо кафи худ метавонӣ хӯрд об.
В-ар набошад маркаби заррин лигом,
Метавонӣ зад ба пойи хеш гом.
В-ар набошад дур бош аз пешу пас,
Дур бош нафрати халқ аз ту бас.
В-ар набошад хонаҳои зарнигор,
Метавон бурдан ба сар дар кунҷи ғор.
В-ар набошад фарши абрешим тароз,
Бо ҳасири кӯҳнае масҷид бисоз.
В-ар набошад шонае аз баҳри риш,
Шона битвон кард бо ангушти хеш.
Ҳар чӣ бинӣ дар ҷаҳон дорад иваз,
Дар иваз гардад туро ҳосил ғараз.
Бе иваз бошад донӣ чӣ бошад дар ҷаҳон?
Умр бошад, умр қадри он бидон.

Пандҳои дигари Баҳоуддини Омулӣ аз хусуси одоб, хулқу атвору рафтор ва дигар муносибатҳои ахлоқии шахсию ҷамъиятӣ баҳс мекунанд. Мутафаккир кибру ғурур, худписандӣ, ман-манӣ, худро аз дигарон боло шуморидан, бешуурона, сабуксарона амал карда, ба иззати нафси одамони бофазлу хирад расидан ва дигар хислатҳои нолоиқи инсонро танқиду мазаммат кардааст. Масалан, вай дар бобати хислати бад ва нолоиқи шахс, ки оқибат ба худи ӯ зарар меоварад, навиштааст:

Дар чеҳра надорам аз мусулмонӣ ранг,
Бар ман дорад шараф саги аҳли фарҳанг.
Он рӯсияҳам, ки бошад аз будани ман,
Дӯзахро нангу аҳли дӯзахро нанг.

Шайх Баҳоӣ шахсеро, ки кибру ғурур дорад, лекин бемаърифат буда, бо вуҷуди ин худро доно ва аз дигарон боло мешуморад, ҳурмат намекардааст. Мутафаккир ин гуна шахсҳоро на танҳо намеписандад, балки бо назар таҳқир ва суханҳои пичингомезу нешдор сарзаниш менамояд. Мардумро ба илму донишандӯзи даъват ба амал меорад. Ба ақидаи ӯ олим бояд ранҷу азоб ва азияти беохири донишомӯзиро таҷруба кунад.

Илми расме сар ба сар қил асту қол,
На аз ӯ кайфияти ҳосил на ҳол.
Табъро афсурдаге бахшад мудом,
Мавлаве бовар надорад ин калом....

Гар касе гӯяд ки: аз умрат ҳамин,
Ҳафт рӯзе монда в-он гардад яқин.
Ту дар ин як ҳафта машғули кадом,
Илм хоҳӣ гашт, эй марди тамом.
Фалсафа ё наҳв ё тиб ё нуҷум,
Ҳандаса ё рамл ё адоди шум...

Ва ё дар ҷойи дигар баъзан аҳли донишмандон дар машақати рӯзғордорию зиндагианд, овардааст:

Эй чарх, ки бо мардуми нодон ёрӣ,
Ҳар лаҳза бар аҳли фазл гам меборӣ.
Пайваста зи ту бар дили ман бори гамест,
Гӯё, ки зи аҳли донишам пиндорӣ.

Баҳоуддини Омулӣ дар боби одоби сухан ва сухангӯӣ низ махсусан таваққуф кардааст. Вай одами ҳарзагӯй ва сергапу беҳудагӯйро сарзаниш намуда дар айни замон таъкид кардааст, ки ёвагӯӣ кори хуб нест ва оқибати вай барбод додани сар аст:

Ба ин маънӣ шоир шахси ёвагӯй ва касеро, ки суханро дар мизони ақл носанҷида мегӯяд, ба аблаҳ нисбат додаст.

Ҳамин тариқа, Баҳоуддини Омулӣ дар чанд ҷои ашъораш як навъ ба тариқи ҷамъбаст мефармояд, ки иинсон барои он, ки дар охир аз кардаи хеш пушаймон нашавад, афсус нахӯрад ва хиҷолатманд нагардад, бояд аз оғозу саршавии ҳар кор аз рӯи ақл ва хирад кор кунад, зеро пушаймони суд надорад. Ё худ ба ҳар коре, ки даст задан мехоҳад, нахуст онро хуб бисанҷад, сипас барои иҷрояш камар бибандад:

Шайх Баҳоӣ дуруст қайд кардааст, ки дар оғози ҳар коре андеша бояд кард, зеро аз афсӯсу надомат кас фоидае ба даст оварда наметавонад:

Эй дил, қадаме ба роҳи ҳақ нанҳодӣ,
Шармат бодо, ки сахт дур афтодӣ.
Сад бор арӯси тавбаро басти ақд,
Ноёфта ком аз ӯ, талоқаш додӣ.

Дар баробари ин, ҳангоми мутолиаи осори пурғановати Баҳоуддини Омулӣ ба ҳикоятҳо, порча ва байтҳои зиёде дучор омадем, ки онҳо мавзуҳои гуногуни зиндагӣ-рафтору кирдори ботинии инсон, расму одат, рӯзгор, тарзи қабули меҳмон, баъзе шартҳои зарурии он ва ғайраро дар бар гирифтааст. Аз мазмуни ҳамин гуна порчаҳои назмӣ диққатназарии Шайх Баҳоӣ ба ҳаёту зиндагӣ, муносибатҳои зоҳирию ботинии инсон, ки то ҳозир ва минбаъд ҳам аҳамияти этикию эстетикии худро нигоҳ медоранд, равшан мегардад. Чунончи дар ҳамин қабил байту порчаҳои шеъри ба ороиши зоҳири бештар машғул будани баъзе одамон, ҳамеша ба ашёҳои номуътадил шуғл варзидани онҳо, аз ҳадди эътидол ва ғунҷоиши зарфашон бештар истифода намудани машрубот, ба корҳои дастнорас даст задании шахсони алоҳида ва монанди онҳо, ки дар ҷараёни доимии зиндагӣ вомехӯрад, дар либоси зебои назмию насрӣ тасвир шудааст.

Ҳамон навъе, ки ишоракарда будем, дар баробари байт ва порчаҳои ҷудогонаи шеърӣ дар ашъори Баҳоуддини Омулӣ ба шеърҳои пуррае ҳам дучор мешавем, ки маҳз дар ҳамин мавзӯъ гуфта шудаанд. Масалан, дар маснавии назмии «Нон ва ҳалво»-и мутафаккир қасида, порчаҳои шеърие омадааст, ки дар мазӯи панду насиҳат суруда шудаанд.

Бояд гуфт, ки ду маснавии Баҳоуддини Омулӣ инҳо «Нон ва ҳалво» ва «Ширу шакар», ки пурра дар мавзӯҳои панду насиҳат суруда шудаанд, чи аз ҷиҳати ҳаҷм, чи аз ҷиҳати дарбаргирии мавзӯю тарзи ифода диққатҷалбкунанда мебошанд. Осорҳои номбурда дар мавзӯи панд қаламдод шуда масъалаҳои гуногун дар бар кардааст. Дар онҳо чунин рафтор, кору кирдор ва амалиёти инсон дар назар дошта шудааст, ки моҳиятан пешқадам буда аз мутолиаи он ҳамешабаҳравар шудан мумкин аст. Чунончи аз дурӯягӣ, хабаркашӣ, суханчинӣ, айбҷӯӣ парҳез доштан, дар дӯстию садоқат муносибату амалиёти худ ботааммул, боандеша ва бомулоҳиза будан, сирро нигоҳ дошта тавонистан, ғайбати дигаронро накардан, дар гуфтор маданӣ будан, дар дӯстию рафоқат ва ишқу муҳаббат устувор будан, ҳурмати одамони бузургро ба ҷо овардан ва амсоли ин бо санъатҳои баланди шеърӣ, бо шеваи зебою ифодаи ширин ва забони содаю равон пеш ронда шудааст, ки то алҳол аҳамияти тарбиявию маърифатдиҳии худро аз даст надодаанд.

Он кас, ки бадам гуфт, бадӣ сирати ӯст,
В-он кас, ки маро гуфт накӯ, худ накӯст,
Ҳоли мутакаллим аз каломаш пайдост,*
Аз кӯза ҳамон бурун таровад, ки дар ӯст.

Таҳлилҳо ва мушоҳидаҳои мо нишон медиҳанд, ки оид ба хаёт ва осори ин марди фозил ба як ё ду макола андешаҳо анҷом анчом намеёбанд. Дар анҷоми андешаҳо мо тасмим гирифтем рочеъ ба риҳилати ин марди фозил ба хонандаи закӣ арзёбӣ намоем.

Мавриди риҳилат ёфтани Шайх Баҳоӣ андешахои гуногун омадааст: Муаллифи «Амалу амал»[1, с.27] гӯяд, аз шайхони он давр шунидам, ки дар соли 1030 даргузашт. Муаллифи «Қасасул уламо»[2, с.183] дар 12-уми моҳи шавволи соли 1032 дар 78 солагӣ навиштааст, муаллифи «Фирдавсу таворих» гӯяд 81 сол умр дид ва чун гузашт дар рӯзи дафн наздики 50000 кас бар ӯ намоз гузориданд. Муаллифи «Лулутил Баҳрайн» овардааст, 12 рӯз монда аз моҳи шавволи соли 1031 ва овардааст, ки соли 1030.

Муаллифи «Матлаъу шамс»[3, с.331] гӯяд, дар чаҳоруми моҳи шавволи соли 1030 мариз гашт ва дар сешанбеи 12-ум реҳлат намуд ва ҷасади шарифашро ба Машҳад бурданд ва дар хонаи худ наздики қабри Имом ба хок супурданд, оромгоҳи ӯ машҳур

аст ва зиёратгоҳи хосу ом қарор дорад. Вазири аввали шоҳ Аббоси-1 Мирзо Абӯтолиб Ардубадӣ овардааст, ки дар 12-уми моҳи шавволи соли 1031 ва дар хонаи хеш мадфун гашт. Вазир Мирзо Абӯтолиб Ардубадӣ нисбат ба марги ин марди ориф чор мисраъ шеър навиштааст:

Рафт чу Шайх зи дори фонӣ,
Гашт айвони ҷунунаш маъвоӣ.
Дӯсте чӯст зи ман таърихаш,
Гуфтамаш «Шайх Баҳоуддин вой!»

Хулоса, ҳадафи асосии таҳқиқоту зикри мақолаи мазкур, таҳлили осори ғанию камомӯхташудаи донишманди асримиёнагии форсу тоҷик Баҳоуддини Омулӣ мебошад, ки тавассути осору ашъораш ва таълими шогирдонаш ба омӯзишу парвариши насли наврас диққати махсус додааст. Инчунин муайян кардани нақши ақидаҳои педагогии Баҳоуддини Омулӣ дар ҷараёни омӯзишу парвариши насли наврас дар ҷомеаи муосир ва роҳҳои ҷустуҷӯю татбиқи он дар илми педагогика ба шумор меравад.

АДАБИЁТ

1. Саид Нафисӣ. Ашъор ва аҳволи Баҳоуддини Омулӣ / Нафисӣ С. Теҳрон “Иқбол”. 1316 с. (ҳичрӣ) -146 с.
2. Собиров Г. Инкишофи математика дар Осиёи Миёна (асрҳои XVI-XVII) / Г. Собиров. Душанбе: Ирфон, 1966-16-18 с.
3. Методика проходки корезов в математическом трактате Бахоуддина Омули (солҳои 1547-1621). Душанбе, 1987-127 с.
4. Собиров Г. Способы умножения в трактате “Хулосат ул-ҳисоб”-и Баҳоуддини Омулӣ / Г. Собиров. Мактаби советӣ. №2. Соли 1988-44-46 с.
5. Зиндагии шоҳ Аббоси аввал. Ҷилди 3. Теҳрон, 1962- 28 с.
6. Энсиклопедияи миллии тоҷик. Ҷилди 2. Асос-боз. 2013. С.427-429

НАСЛЕДИЕ МЫСЛИТЕЛЯ XVI-XVII ВВ. ШЕЙХА БАХОИ

Настоящая статья посвящена жизни и творчеству таджикского математика, проживавшего в средние века, инженера, философа, теолога, поэта и педогога Бахауддина Амули (1547-1622), внесшего заметный вклад в развитие математических наук своей эпохи. Он также уделял значительное внимание воспитанию и обучению своих учеников, некоторые из них также стали известными учеными своего времени. В статье акцентируется внимание на том, что всестороннее изучение наследия ученого с точки зрения истории науки и методики преподавания математики оказывает заметное влияние на общее мировоззрение и математическое творчество студентов современности.

Ключевые слова: *Бахауддин Амули таджикский учённый, математика, поэзия, педогогика, методика преподавания, период средновековья.*

EVERLASTING CREATOR OF HERITAGE XVI-XVII CT SHEIKH BAHOI

This article is devoted to the life and work of medieval Tajik mathematician, engineer, philosopher, theologian, poet, and teacher of Bahauddin Amuli (1547-1622), who made a notable contribution to the development of the mathematical sciences of his time. He also paid special attention to the education and training of many disciples, some of them have also become well-known scientists of his time. The article emphasizes that a thorough atudy of the heritage of the scientist from the point of view of the science history and the teaching of mathematics has a significant impact on the overall philosophy and mathematical creativity of students present.

Keywords: *Bahauddin Amuli, a Tajik scientist, mathematics, poetry, pedagogy, method of teaching, Middle Age.*

Сведения об авторе:

Давлатова Малохат Хабибулоевна *- ассистент кафедры психологии Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: РТ, 735360, г.Куляб, улица С.Сафарова -16. Тел.: (+992) 988 280985*

About the author:

Davlatova Malohat *– Assistant, Chair of Psychology of the Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki. Address: RT, 735360, Kulob town st.Safarov -16. Тел.: (+992) 988 280985*

МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ МОДУЛИ АДАД ДАР ТАЪЛИМИ МАТЕМАТИКА

Бобоев Ҳ.
Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №14, ш.Ваҳдат
Назаров Д.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон, ба номи С.Айнӣ.
Авезов Н.
Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон, ба ном С.Раҳимов

Мафҳуми қимати мутлақи бузургиҳо,ё ин ки модули адад (дар математика калимаҳои «модул» ва «қимати мутлақ»-и адад айнан ба як маъно кор фармуда мешавад) яъне яке аз мафҳумҳои муҳими омӯзиши математикаи мактабӣ башумор меравад.

Азбаски ин мафҳум дар ҳал намудани муодилаҳои алгебравӣ тригономерӣ, логарифмию нишондиҳандагӣ тадқиқи онҳо,муайян намудани қиматҳои номаълуми як ҳали нобаробариҳо ва системаи онҳо ба муассисаҳои таълимӣ ба таври васеъ кор фармуда мешавад, аз ин хотир,мо дар айни ҳол кӯшиш мекунем бо нишондодҳои методӣ бо муаллимони ҷавони муассисаҳои таҳсилоти миёна кӯмаки худро расонда бошем.

Дидан мумкин аст, ки дар нашрияҳои таълимию методӣ бо забони точикӣ интишор шудааанд ба ин масъала мақолаҳо камтар ба чашм мерасанд. Аммо дар китобҳои математика,масалан,дар бораи ҳалли муодила ва нобаробариҳое,ки номаълумҳояшон дар зери ишоратӣ мутлақ ҷойгир гарданд мисолҳои зиёдро дохил намудаанд.

Ба максади мо то андозае инъикос намудани мафҳуми номбаршуда,мо қарор дорем, ки қатъи назар аз кадом синф омӯхта шудани онро мухтасар баён намоем.

Азбаски ҳамаи бузургиҳоро фақат бо қиматҳои ададиашон муқоиса намудан мумкин нест,бинобар он, онҳоро ба гурӯҳҳо тақсим мекунанд.Аз ин ҷиҳат, бузургиҳоро ба ду гурӯҳи калон:яке фақат бо қимати ададии худ муайян мегардад ва дигаре ҳам бо он ва ҳам бо самти худ. Гурӯҳи якумро бузургиҳои скалярӣ ва гурӯҳи дуюмро бузургиҳои векторӣ меноманд.

Мо дар амалиёт аксар вақт аз бузургиҳои скалярӣ истифода мебарем. Масалан, баланд ва пастии ҳарорат ё фоидаю зарарро фақат бо қимати ададии ин бузургиҳо муқоиса мекунанд. Дар вокеъ, кас намегӯяд, ки «минус 10 кг қанд гирифтам», балки мегуяд, ки «аз мағоза 10 кг қанд гирифтам».

Дар мавриди бузургиҳои векторӣ бошад, сабаби самти онро ба эътибор гирифта, барои муқоисаи онҳо ҳал шудан, мо одатан дар ҳаёт ба ададҳои мусбат кордор мешавем. Дар баъзе мавридҳо, ҳатто ададҳои манфиро бо ҳамин нуқтаи назар муқоиса мекунанд.

Дар корҳои амалие, ки адаҳоро муқоиса кардан лозим меояд, аксаран мо аломатҳои ададҳоро аз эътибор соқит ҳисобида, фақат бузургиҳои (калон ё хурд) онҳоро ба назар мегирем. Дар ин маврид, ибораи «бузургӣ » тамоман бо маънои дигар ба кор бурда мешавад. Бо мақсади он, ки муқоисаи ададҳои мусбату манфӣ равшантар гардад, воситаро ёфтан лозим меояд,ки ба хатогии математикӣ роҳ дода нашавад. Дар ҳақиқат, ҳар як адади манфӣ аз адади дилхоҳи мусбат ва нул хурд аст Аммо, баъзан лозим меояд, ки қимати ададии бузургиҳоро новобаста аз аломатҳои онҳо муқоиса карда шавад. Масалан, фоидаю зарар, баландию пастӣ, гармию хунукӣ ва ва ягонагии онҳоро фақат бо қиммати ададиашон муқоиса менамоянд.

Чунин восита қимати мутлақи адад ё ин ки модули адад мебошад.

Масалан, дар як шабонарӯз аз меъёри муқараршуда 3 дақиқаи пеш рафтаи (+3), ё ки 3 дақиқаи қафомонии соатро (-3) бо ҳамаи як адади мусбати 3 ифода мешаванд.

Дар ин ҳолат, адади мусбати 3 модули адад ё қимати мутлақи ададҳои (+3) ва (-3) мебошад. Онро бо $|+3|=3$, $|-3|=3$ ифода мекунанд. ($|+3|$ модулиадади +3 мехонанд).

Дар хати рости ададӣ бошад, ин ададҳо мувофиқан дар тарафҳои чап ва рости нуқтаи сарҳисоб яъне, нул дар масофаи баробар ҷойгир мешавад. Аз баски масофаро ҳамеша бо адади мусбат ифода мекунанд, бинобар ин, ададҳои +3 ва -3 модули баробар доранд. Яъне $|+3|=3$ ва $|-3|=-3=3$.

Чи тавре ки медонем, қиматҳои мутлақи ҳар як адади додашуда,бо як адади мусбати 3 ифода шудааст. Ба ибораи дигар, қимати мутлақи ин адад ба дарозии порчаҳое баробаранд, ки онҳо аз нуқтаи 0 сар шуда, яке дар нуктаи (+3) ва дигаре дар нуктаи (-3) ба итмом мерасад ва баръакс.

Таърифи 1. Масофаи байни нуқтаи 0 ва адади додашудаи дар хатти рости адади тасвирёфта, модули (қимати мутлақи) ин адад номида мешавад.

Масалан, $|-7|=7$-масофа $a>0$ то адади минуси-7 ба 7 воҳид баробар аст(дар хати рости ададӣ).

$|0|=0$-дарбайни 0 вануқтаи нули хати рости ададӣ масофаест, бинобар ин, модули он ба 0 баробар аст. Пас, барои ду адад бо ҳамдигар муқобили дилхоҳи мусбати +а ва -а баробарии зерин ҷой дорад.

$|+a|=|-a|=a$

Дар охир, дар асоси гуфторҳои дар боло баёншуда, хулосаи зеринро низ ҳамчун таъриф ба сифати муайян намудани модули адади **а**қабул намудан мумкин аст.

Таърифи 2.Модули ҳар гуна адади мусбати **а** ба худи ҳамон адади **а** баробар аст; Яъне, агар $a>0$ бошад, он гоҳ $|a|=a$, модули ҳаргуна манфии **а** ба адади мусбати ба он муқобили адади –**а** баробар аст. Яъне, агар $a<0$ бошад, он гох $|-a|=-(-a)=a$. Модулиадади 0 ба 0 баробар аст, яъне, $a=0$, он гох $|a|=0$.

Таъриф:

$|a|=a$, агара>0

$|a|=-a$, агара<0

$|a|=0$, агара$=0$.

Баъд аз пурра омӯхтани таърифҳои дар боло баёншуда, оид ба муқоисаи ададҳо (аз руи модули онҳо ва бе модул) машқ гузаронидан мумкин аст.

Мисоли 1. $|x|=1$ кадом қиматро қабул мекунад?

Усули 1. Дар асоси таърифи модули адад, ифодаи $|x|$-роҳамчун ифодаи байни адади **х** ва 0 муоина мекунем. Он гоҳ, дар хати рости ададӣ ададҳои дар тарафҳои чап ва рости 0 (нуқтаи сарҳисоб) дар масофаҳои баробар воқеъ буда, 1 ва -1 мебошанд. Бинобар ин, $x_1=1$ ё ки, $x_2=-1$ мешавад.

Усули 2. Дар асоси таърифи дуюм ифодаи $|x|$-ро дар мавриди мусбат, яъне $x>0$ ва чунин манфӣ, яъне $x<0$ будани $|x|$-и дар зери аломати модул омада муоина мекунем;

агар $x>0$ бошад, он гоҳ$x_1=1$

агар $x<0$ бошад, он гоҳ $-x_2=1$ ё $x_2=-1$.

Мисоли 2. Баробарии $|x|=-x$ барои кадом қиматҳои х дуруст аст?

Аз баски модули ҳар як бузургии додашуда адади мусбат аст, бояд қимати х ҳам манфӣ шавад, зеро дар айни ҳол ифодаи (-х) адади манфиро тасвир менамояд. Пас ҷавоби ин масъаларо чунин навиштан мумкин аст: $x<0$.

Мисоли 3. Дар тири адади $|x|>1$ кадом қиматҳоро қабул мекунанд.

Ҳал. Чун модули х аз 1 калон аст, вай дар тири ададӣ ҳали қиматҳои ададии аз +1 дар тарафи рост ҷойгиргашта ва ҳам қиматҳои ададии аз -1 дар тарафи чап ҷойгирбударо қабул карда метавонад. Бори дигар, х аз +1 калон ё аз –1 хурд мебошад, яъне $x<-1$ ва $x>1$.

Мисоли 4. Муодиларо хал кунед;

$|x-3|=5$

Ҳали мисол . Дар ин ҷо ба ҷои $|a|$ҳамчун$|x-3|$дар назар дошта мешавад. Дар асоси таърифи модули адад :

a) Агар $x-3>0$ бошад, он гоҳ $|x-3|=x-3$; пас $x-3=5$,аз ин ҷо $X_1=8$

b) Агар $x-3<0$ бошад, он гоҳ $|x-3|=-(x-3)$; пас $-x+3=5$,аз ин ҷо $X_2=-2$

Мисоли 5. $|x|\leq 1$

Дар асоси таърифи модули адад, ҳангоми мусбат будани х, яъне, $x>0$ будан, мо $x\geq 1$ ва дар вақти манфӣ будани он $-|x|\leq 1$,ё ин ки $x\geq -1$-ро навишта метавонем. Ин ҷумларо мухтасар ба намуди зерин менависанд.

$-1\leq x\leq 1$

Пас, дар оянда, агар ба мо муайян намудан қимати мутлақи ифодае масалан, $|x-3|\leq 5$ (дар инҷо ба ҷои $|x|$ифодаи$|x-3|$ омадааст) зарур шудамонад, дар асоси таърифи дуюми баёншудаамон, якбора ба намуди нобаробарии дучанда чунин менависем:

$-5\leq x-3\leq 5$

Сипас, ҳалли муодилаи дучандаи ҳосилшударо ичро менамоем. Ё ин ки ифодаи $|x|<6$ додашуда бошад, онгоҳ қимати х-ро якбора ба намуди $-6<x<6$ навиштан мумкин аст ва ғайра.

Мисоли 5. $|-x|=1/2$

Ҳалли мисол. Дар воқеъ, мо дар зери ифодаи $|x|=a$ чунин қиматҳои х-ро дар назар дорем, ки онҳо ба **а** баробаранд. Бо ибораи дигар, агар $x\geq 0$ бошад, ҳалли ягонаи $x=a$ ва агар $x<0$ бошад, $-x=a$ ё ин ки $x=-a$ҳосил мешавад.

Дар ин мисоли додашуда, агар x≥0 бошад, онгоҳ -x≤0 мешавад, бинобарон. │-x│=-(-x)=+ 1/2

аст. Инро якбор ҳосил намудан мумкин аст. Дар воқеъ, ҳангоми манфӣ будани ифодаи таҳти аломати модул, шарти –(-x)= 1/2 ва аз он x=+1/2 ҳосил мешавад.

Агар x<0 бошад, он гоҳ –x>0 мешавад, бинобар ин -x= 1/2 ё ин ки x= -1/2 аст.

АДАБИЁТ

1. Крамов В.С. Повторяем и систематизируем школьный курс алгебры и начал анализа: М : Проевещение,1990-416.
2. Бородов И.Т. Тригонометрический и неравенства Москва. 1989-388.
3. Бошмаков М.И. Уравнение и неравенства Москва. 1976-412.
4. Коровскый П.П. Неравенства Москва.1583-386.

МЕТОДИКА ОБУЧЕНИЯ МОДУЛЮ ЧИСЛА В МАТЕМАТИЧЕСКОМ ОБРАЗОВАНИИ

В настоящие статье изучена и исследована сущность модуля числа и его применение для точного расчета некоторых величин. Автором описаны определения модуля числа и его геометрический смысл. Модуль числа - это расстояние от нуля до данного числа. Также применение модуля в научно-исследовательской работе иллюстрируется практическими примерами. Даны рекомендации и показаны методы вычисления модуля числа будущим специалистом, преподавателем математики и тех, кто нуждается в консультациях по этому вопросу.

Ключевые слова: *Модуль, число, скалярное, векторное, метод, знаки, равенство, неравенство, величины, уравнение, расстояние, положительное, отрицательное, противоположное, отрезок, исследование, научное решение.*

METHOD OF TEACHING THE NUMBER MODULE IN MATHEMATICAL EDUCATION

In this article, the essence and magnitude of the modulus of the number and its application for the exact calculation of certain quantities are studied and investigated. The article describes the definitions of the module number and its geometric meaning. The modulus of a number is the distance from zero to a given number. Also uses of the module for research work, which are illustrated by practical examples. Recommendations are given and methods for calculating the modulus of the number of future specialists, teachers of mathematics and others who need advice on this issue are shown.

Keywords: *Module, number, scalar, vector, method, signs, equality, inequality, values, equation, distance, positive, negative, opposite, segment, research, scientific, solution.*

Сведения об авторах:

Бобоев Ходжи *- преподаватель школы №14 города Вахдат.*

Назаров Довар *- преподователь кафедры информационных и коммуникационных технологий Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни.*

Авезов Низомджон *- преподователь кафедры информационных технологий Таджикского института физической культуры имени Саидмумина Рахимова.*

About the autors:

Boboev Hoji *- the teacher of the secondary school №14 in Vahdat city..*

Dovar Nazarov *- Lecturer of the Chair of "Information technology and communication", Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni.*

Avezov Nizomjon *- Lecturer of the Chair of "Information technology" of the Institute of Physical Culture named after Saidmumin Rahimov.*

МУШКИЛИИ ВОЛИДОНЕ, КИ ДАР ТАНҲОИ КӮДАКОНРО ТАРБИЯ МЕНАМОЯД

Фархудинова Ҷ М.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Масъалаи тарбияи солими насли наврас дар ҷомеаи имрӯза дар мадди аввал меистад. Аз ин рӯ, ба андешаи мутахассисон хусусиятҳои фарқкунандаи рушди кӯдакони дар муҳити солим тарбиятёфта, нисбатан аз кӯдакони оилаҳои нокомил тарбиятёфта фарқ мекунанд. Сар карда аз овони мактабхониашон, ки дар ин синну сол фаъолияти ақлии кӯдак бештар қувваи шиддатнокӣ пайдо мекунад. Комёбию мувафаққиятҳо аз худи қобилияти кӯдак, майл доштан ба хониш ва шавқманди нисбат

ба дарс вобастагии калон дорад. Саволе ба миён меояд, ки саҳми мард барои тарбия бо ташкилёбии ин сифатҳое, ки сохтори тафаккури мард аз зан бо чӣ фарқ мекунад ва чӣ гуна алоқамандӣ дорад? Мардҳо одатан, хусусиятҳои нисбатан баланди равшану возеҳ доранд, нисбатан муҳити мавқеияшон васеътару вусъатёфта мебошад, нисбатан қатъӣ ва принсипнок буда, бо проблемаи муайян мубориза ва тафаккур карда, онро ба тартиб дароварда, ҳаллу фасл мекунанд ё ба ибораи дигар нисбати проблемаи ба миён омада чолоктару зирак ҳастанд ва умуман ақли мардҳо нисбат ба занон, бештар ба самти чизҳо ҳаракаткунанда аст. Занҳо дар фарқият бо мардҳо мунтазам ба малакаҳои нутқӣ такя мекунанд, захираи луғавии онҳо дар муқоиса бо мардҳо нисбатан зиёд аст, онҳо мафҳумҳоро бештар истифода мекунанд, онҳо тез ва беихтиёрона ба вазъият комилан дода мешаванд. Онҳо одатан бо одамон хубтар сару кор мегиранд, нисбатан нозукии тобиш ё оҳангро дар муносибатҳои байниҳамӣ зуд ҳис мекунанд [2].

Ба ҳама маълум аст, ки дар тарбияи насли наврас нақши муҳимро олами иҳотакарда мебозад ва барои комилан пурра ташаккул ёфтани зеҳни кӯдак муҳити иҳотакардаи ӯ нақши арзишнокеро мебозад, ки барои дарки дурусти ҷинсӣ ва ё умуман тасаввуротҳои гуногун ӯ бояд бо ду ҷинси муқобил: яке мард ва дигаре зан ошнои пайдо кунад. Мавҷуд набудани падар дар оила бо сабабҳои зерин фаҳмида мешавад: талоқ ё умуман ҷудошавии оилаҳо, фавт, зиндагии алоҳида ё ин ки рухсатҳои сафарии мунтазам ва дарозмуддат, - муқобили хусусиятҳои рушди дақиқии ҳам бачагон ва ҳам духтарон дониста мешавад [3]. Аз рӯи маълумотҳои сершумори тадқиқотӣ, хусусиятҳои дақиқи, алалхусус дар фанни геометрия онҳое азият мекашанд, ки дар оилаҳояшон ҷинси мард мавҷуд нест. Хусусиятҳои математикӣ- аз ҳама “узв”-и ҳассоси таваҷҷӯҳ дар муносибат бо камчинии мард бар гумон аст. Инкишофи нопурраи ин хусусиятҳо на бо душвориҳои моддии оилаҳои “бепадар” ва на бо низоъе, ки боиси аз даст додани падар мегардад, алоқа надорад [1]. Дар асоси он- хусусияти номавҷудии фазои ақлие, ки онро мард месозад ғайб аст. Ҳар зане, ки кӯдакиаш бе эътибори мард гузаштааст, дар ин давра муошират мардона, ки озмоиш мешавад тамоми умр тез-тез аз тарси ягон зуҳурот машаққат мекашад ва ҳар як проблемаи оддию ночиз онҳоро ба парешонҳолию ошуфтагӣ оварда мерасонад.

Падар дар оила нақши худро мебозад, яъне мавҷуд будани мард (падар) дар оила на танҳо ба характери ақлии тараққиёти кӯдак таъсир мерасонад, балки манфиатҳои ӯро ба омӯзиш ва маълумотнокию хоҳиш доштани хондана ба дарс ҳавасманд мегардонад. Мувофиқи тадқиқотҳо маълум гардидааст, ки чӣ қадаре, ки писарбача бо падар бошад, ҳамон қадар хубтару беҳтар мехонад ва ин вобастагӣ ҳатто дар баробар будани хусусиятҳо қайд мегардад. Падар, фаъол, коршояму ӯҳдабаро, ботартибу низомнок, ба мувафаққият такякунанда мебошад ин сифатҳо писарбачаро водор мекунанд то саъю кӯшиш ба харҷ диҳад, то ба сифатҳои зикргардида мувофиқ ояд [4].

Дуруст аст, ки дигар тариқаҳо шояд дар ин роҳ мавҷуд бошад. Вақте, ки андешаи падар нисбатан пешрафта ва аҳамиятнок бошад дар ҳаёти оянда метавонад дар робитаи хониши кӯдак таъсири муайян ва манфӣ пайдо кунад. Ба хусус ин ба духтарон дахл дорад. Аксари вақт сабаби нокомии онҳо нисбати дарс метавонад бо он алоқа дошта бошад, ки падар бештар ба духтар қоидаҳои рафтори занонаро дар шакли нисбатан анъанавиаш талқин намуда бошад: зан мавҷудиёти заиф ва бефаъолият аст, вай ҳамеша аз мард ғамхорию навозиш ва таваҷҷуҳро талаб мекунад, кори ӯ - хона ва ҳаёт аст, илмҳои гуногун, мартабаи баланд ташаккули ақлӣ танҳо хоси мардони боқувват аст. Натиҷаи чунин таъсиррасониҳои мардон дар муайян намудани ҷои аниқ барои ҳаёт пайдо гардид, духтар комилан аз худ қонеъ буд ва як баҳои сеи “бо зӯракӣ” ба даст омада, аз фанни геометрия ё физика ӯро он қадар азият намедод. Дар бораи кӯдаконе, ки бе падар ба воя расидаанд мисолҳои зиёде мавҷуданд, ки қобилияти ақлию зеҳниашон аз дигарон бо хусусиятҳои гуногун фарқ мекард. Дар тӯли таърих кам нестанд нобиғаҳое, ки аз овони кӯдакӣ бе падар мондаанд. Ақли умумии қобилияти зеҳниашон бисёртар бо алоқамандии мавҷуд будани падари фаъолкор, боқувват ва корчалоне, ки хусусиятҳои эҷодкории сатҳи баланд доранд, ифода меёбад.

Боиси қайд аст, ки проблемаи муҳими дигари психологие, ки бо тарбияи кӯдак дар оилаҳои нокомил алоқаманд аст, ин вайрон намудани баробарии ҷинсӣ мебошад. Психологон ва духтурон бар он ақидаанд, ки махрумшавӣ ё нобаробарии ҷинс ба инсон ҳисси амиқ ва ивазшавии тамоми шахсро ба вуҷуд меорад.

Дар баробари ин ҳама, бояд таҳкид намуд, ки дар рушди хусусиятҳои сифатҳои психологии ҷинсии марду зан аз ҳама бештар нақши бузургро падар ба уҳда мегирад. Маълум гардидааст, ки аллакай дар ҳаёти як моҳаи кӯдак падар (дар фарқият бо модар)

бо писар ва духтар вобаста ба ҷинси муайянаш фарқият мегузорад ва бозӣ мекунад. Бинобар ин қайд гардидааст, ки на танҳо шахсияти волидон ва тарзи рафтори онҳо, балкӣ хусусиятҳои нутқ бо забон оҳангҳои гуногунро талаб мекунанд ва вобаста ба ташаккулёбии шахсияти кӯдак муроҷиат карда мешавад. Яке аз тадқиқотчии амерткоӣ Ҷ. Глисон ба он таваҷҷуҳ равон сохт, ки падарҳо барои сатҳи фаҳмиши кӯдак нутқи худро кам истифода мебаранд ва ба ин чиз аҳамияти ҷиддӣ надода, бешавқ ҳастанд /2/. Яъне онҳо бо кӯдак бо оҳанги мувофиқ сухан намеронанд, баръакс онҳо ҷумлаҳои мураккаби грамматикиро истифода мекунанд, ки он расо мушкил ва душворфаҳм аст. Ба маънои васеъи матнии рушди забони кӯдак, падар дар ҳаёти ӯ нақши “купрук”-еро мебозад, ки муҳити иҳотакардаи оилавӣ ва ҷаҳони зоҳирии ӯ барои таҷрибаи амалӣ офарида шудааст. Нутқи падар, ки барои назорати фаъолияти писараш равона гардидааст нисбатан ҷиддӣ тавсиф шудааст, ки он бо воситаҳои гуногун маълум мегардад ва хусусияти тобеияти писар дар зери падар зоҳир мешавад. Модарон бошанд нисбатан меҳрубонанд ва дар рафти муошират бо духтарон оддист. Онҳо дар таваҷҷуҳи худ бо писарон бисёртар ҳавасманд ҳастанд ва рушди когнитивиро бо воситаҳои саволдиҳӣ, бо истифодаи ададҳои гуногуну луқмапартоиҳо ва фаҳмондадиҳиҳои мушаххас бедор месозанд.

Мувофиқи астовардҳои илми психология панҷ соли аввали ҳаёти кӯдакон барои тараққиёти нақши муайяни ҷинсии хусусияти мардонаи бачагон ва фарқияти ҷинсиро дар бар мегирад. Агар дар чунин вазъияти додашуда кӯдак бе падар бошад чунин ҳолат хеле мураккабу душвор мегардад. То он вақте, ки мард дар оила набошад ин мушкили монеаҳои гуногуни дигарро эҷод кардан мегтрад. Он бачагоне, ки дар тарбияи модар ба воя расидаанд хислатҳои гуногуни духтарона доранд ва онҳо чунин хусусиятҳоро ба худ хос мегиранд ба монанди суханронии ғазабнок, афзалиятнок донистани бозиҳо ва шуғл, иродаи заиф ва умуман он хусусиятҳое, ки хоси занҳо мебошад ба чунин бачагон сироят мегардад.

Набояд фаромӯш кард, ки дар ташаккули шахсияти духтарон бошад падар нақши муҳимро мебозад. Барои вай мард дар ҷои якум меистад. Хусусиятҳои мард, сифатҳои рафтор, оҳанги гуфтору таъсири мутақобилаи мард ба ҳаёти духтарон манфиатбахш мебошад.

Боиси қайд аст, ки дар қисмати духтарон баҳои умумии сифати зоҳирӣ нақши бузургро мебозад - ин баҳодиҳӣ ҳатто аз он замонҳои томактабиашон оғоз меёбад ва то давраи синну соли наврасӣ вақте, ки намуди зоҳирии онҳо ҷалбкунанда мегардад, худэҳтиромӣ нисбати онҳо пайдо мешавад.

Мувофиқи дастовардҳои илми психология робитаи мутақобилаи духтар бо марди калонсоли ба худ наздик (одатан падар) аз давраи кӯдакӣ ба ҳаёти ояндаи дар пеш истодаи ӯ таъсир мебахшад. Психологон чунин иброз медоранд, ки занҳое, ки дар чеҳраи падари худ марди меҳрубону навозишкунандаро медиданд бештар никоҳи онҳо муваффақшудаи муносибатҳои шаҳвонӣ, эмотсионалӣ ва ахлоқӣ дида мешавад.

Ҳамин тавр, хусусиятҳои рафтори кӯдакони оилаҳои нокомилро тадқиқ намуда, психологон як қатор маҷмӯи одамонеро қайд мекунанд, ки тарбияашон ё дар дасти бевазанҳо мондааст ё модари танҳо ҳастанд. Хусусан ин ба духтарҳо дахл дорад. Онҳо зоҳирану ботинан фишордошта ва маҳдудшуда мебошанд. Психологон ин занҳоро ба навъи алоҳида ҷудо намуда, ин гуна гурухро имконияти охирин номиданд. Ин гуна духтарон худро аз ҷиҳати зоҳирӣ ҷалбкунанда намешуморанд, аммо дар аксар маврид монанди дигар занҳо, онҳо на аз ҳад базеб ва на беҳусн ҳастанд. Дар онҳо ҳар гуна малакаҳои муошират мавҷуд нест: ҳатто дар ширкатҳои аз ҳама хурд онҳо хомӯшанд ва агар ба онҳо барои ягон чиз муроҷиат шавад, он гоҳ онҳо шарм медоранд, сурх мешаванд ва бемаврид ҷавоб медиҳанд. Мардон бошанд, ҳатто фикр барои муроҷиатнамоӣ онҳоро парешон месозад. Чунин навъи занҳо дар руҳияи хуб ва осуда қарордошта, одатан мардҳоро “намебинанд”, ба онҳо аҳамият зоҳир намесозанд ва чунин тарзи муроҷиат яку якбора онҳоро ба воҳима мебарад. Аз ҳама бештар чунин духтароне, ки дар боло зикр гардид, ҳаёти шахсии худро дуруст ба роҳ монда наметавонанд, чуноне, ки муносибати мардона онҳоро ба тарс мебарад.

Бояд гуфт, ки мавҷуд набудани падар дар оила ё шахси ивазшавандае, ки ҷои ӯро мегирад, тақдири ҳаёти худшиносии мардонагии бачагонро мефаҳмонад. Ба ин воқеъ психотерапевтон низ назарҳои гуногун доранд. Онҳо қайд мекунанд, ки кӯдаконе, ки аз синни хурдсолӣ бепадар ба воя мерасанд, онҳо аз муоширати падарӣ маҳруманд дар ҳаёти ояндаи худ ба фарзандони хеш уҳдадориҳои падариро карда наметавонанд ва ҳамин тариқ ва ба ташаккули шахсияти онҳо таъсири манфӣ мерасонанд. Кӯдаконе, ки

бе падар тарбия меёбанд ё навъи рафтори занонаро ба худ насб мекунанд ё дар бораи рафтори мард тасаввуроташон маҳдуд мегардад, инчунин метавонад баръакс шавад, дар чунин кӯдакон рафтори аксуламал ташаккул меёбад, ки ин метавонад мухолифи дахолати модар гардад ва тадричан механизми рафтор мураккаб гардида, аз чаҳорчӯбаи меъёрӣ берун гардад. Дар ҳарду ҳолат, таҳриршавии тасаввурот дар бораи рафтори мард ба монанди ғазабнокӣ, даҳалӣ, тезию дурушти метавонад ҷамъ шавад.

Набояд фармӯш кард, ки психологон ҳатто натичаҳои манфии кӯдакони дар дасти модар тарбияёфатро пешниҳод намудаанд. Набудан ва ё ноёфтии таъсири мардона дар кӯдакӣ метавонад ба пайдо гардидани мушкилиҳои азхудкунии нақши мувофиқи ҷинсӣ оварда мерасонад. Агар писарба дар муҳити занҳо бе мавҷудияти падаре, ки метавонист ба ӯ намунаи ибрат шавад ба воя расад, ӯ ҳамеша амалҳои хоси занҳоро ичро мекунад, ки психологон онро вайроншавии нақши ҷинсӣ меноманд. Барои дуруст дарк кардани ҷинс зарур меояд, ки кӯдак бояд эътироф кунад, ки ӯ мисли падараш аст, яъне ҳар чизе, ки ӯ дорост падар низ ба ӯ монанд аст. Агар чунин муносибатҳо набошад, ин метавонад ба яке аз падидаҳои ичтимоӣ (гомосексуализм) сабаб гардад. Кӯдаке, ки аз оилаи нокомил аст, вазъияти оилаи бутун барои ӯ ғайривоқеӣ менамояд. Модар барои ӯ воқеист вақте, ки ӯ танҳост, аммо вақте, ки падар пайдо мегардадмодар воқеӣ буданашро гум мекунад; кӯдак намедонад модар бояд чӣ гуна рафтор кунад, агар падар салом гӯяд; агар падарро ҳеч гоҳ надида бошад, он гоҳ кӯдак худро гум мекунад ва наметавонад вазифаҳои худшиносоии хешро баён намояд.

Муттаассифона, кӯдакони оилаҳои нокомил дар вазъиятҳои оилавӣ вазифаҳои падарро муайян карда наметавонанд, чункӣ барои ӯ ин ғайривоқеӣ мебошад. Яке аз проблемаҳое, ки тез-тез кӯдакони чунин оилаҳо бо он рӯ ба рӯ мешаванд, ин ноуҳдабароии мушкилиҳои ҳаётӣ буда, дудилагию ноустуворӣ ва сатҳи пасти фаъолияти ичтимоии онҳо мебошад. Барои онҳо иваз намудани ҳаёт ва ё сохтани ояндаи худ он қадар муҳим нест, ҳатто дар бораш фикр ҳам намекунанд. Тадқиқотчиён бар он назаранд, ки теъдоди чунин ашхоси оилаҳои мазкур, ки ба қувваи худ боварӣ надоранд ва ба ояндаи хеш умеду орзу надоранд бештар духтарон ҳастанд. Чунин духтарон иброз медоранд, ки бо имконияти якуме, ки барои ба шавҳар баромадан ба онҳо во хӯрад онҳо ин пешниҳодро рад накарда, тайёр ҳастанд оила барпо кунанд, чункӣ оиладориро онҳо ягона роҳи баромад аз проблема медонанд.

Агар модарро мебоист, ки кӯдакро танҳо тарбия намояд, он гоҳ аз хатову мушкилотҳо раҳо ёфта наметавонад, ё ин ки бе мавҷудияти падар системаи муносибатҳо “модар-кӯдак” хеле мураккаб мегардад. Натичаи хароҷоти тарбияи модар дар оилаи нокомил метавонад деформатсия (шаклдигаркунӣ)-и шахсияти кӯдак шавад. Яке аз проблемаҳои нисбатан паҳн гардидатарини хусусияти тарбияи модар дар оилаҳои нокомил –ин ғамхорию парастории аз ҳад гузаштаи модар нисбати писарбача мебошад. Модар мехоҳад ба фарзанди худ таваҷҷуҳи бештаре зоҳир намояд, ки гӯё дар ҳаёти ӯ ҳам нақши падарӣ ва ҳам модариро бозида истодааст. Бештари вақти худро бо ташвишу ғамхорӣ ва умеду орзуҳо сарф намуда, тайёр аст худро фидо ё қурбони фарзанди хеш кунад. Бо ин ҳама ташвишу ғамхории хеш кӯдак соҳибихтиёриро аз даст медиҳад, як қадами худро бе назорати модар берун намегузорад ва ташаббускориро ба зиммаи модар мегузорад, то дарачае, ки ҳатто аз уҳдаи либоспӯшӣ намебарояд. Тарсе, ки модар нисбати ҳаёт, саломатӣ, дарс ва вазъияти фарзандаш дорад, беихтиёрона ҳар замон зоҳир шудан мегирад ва писарбача дар раванди ҳаёт бечуръат, номустақил, боэҳтиёт ва тарсончак шудан мегирад. Аз ҳамин хотир дар чунин вазъияти тарбияи модарии аз меъёр гузашта, фарзанд аз муоширати фазогӣ қафо мемонад ва имконияташ барои муошират маҳдуд мегардад.

Маъмулан меҳру муҳаббати худсарона (аз ман, танҳо аз ман)-и модар ба ситамгарии ҳокимияти фарзанд бурда мерасонад. Аллакай аз синни хурдии кӯдак муҳаббати истисморкунанда тамаъи ҷавобиро мекунад. Яъне модар мехоҳад, ки фарзанд ба меҳру ғамхории фарзандаш ҷавоб гӯяд. Аслан чунин кӯдакон нозук, бетартиб ва инҷиқ мешаванд, яъне натичаи тарбияи модарӣ онҳоро ба “эракагӣ” бурда мерасонад. Чунин тарзи муносибатро фарзанд аз рӯи одат ба дигар одамон: хешовандон, дӯстону наздикон, ҳамсолон ва дигарон мехоҳад интиқол диҳад ва дар аксари маврид аз сабаби тарбияи нодуруст гирифтааш бо онҳо дар муноқиша қарор мегирад. Писарбача аз хӯрдани чунин зарбаҳои ҷавобие, ки дигарон намехоҳанд ба рафторҳои нозуконаи ӯ итоат кунанд, баръакс модарашро ба фишор оварда бо дилтангию фишурдагияш мехоҳад талаботи худро аз дигарон қонеъ намояд ва агар не модар ҷазои муайян мебинад. Ба ибораи дигар қасдии дигаронро аз модари худ

меситонад. Ҳамин тариқ аз рӯи одат ҳар чизро талаб кардан мегирад ва дар баробари он ӯ хунукрафтору шиддатнок ва золиму бераҳм дар муносибат бо дигарон ва бо модар мешавад. Бо гузашти вақт дар раванди ташаккулёбиаш бо мушкилиҳои зиёд, аз ҷумла бо пайдо накардани обрӯ миёни дигарон во мехурад, ки дар давраи мазкур мехоҳад манфиатҳои мардонагии худро ҷорӣ сохта, таъсирашро ба дигарон расонад, аммо чӣ тавр ва бо кадом усул ӯ намедонад. Барои ҷуброн кардани ҳамаи ин бояд ягон мард (падар) барои ӯ намунаи ибрат мешуд, аммо ин гуна мард дар ҳаёти ӯ вуҷуд надошт. Чунин вазъият воқеан ҳам ҷараёни дилтангию фрустратсиониро ба вуҷуд меорад.

Духтарон дар фарқият бо писарбачаҳо дар чунин муҳит нисбатан мутобиқшавандаю таҳаммулпазиртар ҳастанд, аммо аз рӯи рафтори онҳо ҳис кардан мумкин аст, ки дар ҳаёти онҳо чизе намерасад, онҳо ба навозишу дастгирии касе эҳтиёҷ доранд. Инчунин хатари дигаре низ дар ин самт мавҷуд аст. Писарбача ё ин ки духтаре, ки дар оилаи модари танҳо ба воя мерасад дар оянда бо ҷинси муқобили худ дар ягон муносибати муайян ё мувозинат қарор гирифта наметавонад. Онҳо хеле тез ва даҳал мебошанд, як ҳарфи ноҷур ё ҳазломез метавонад тамоми вазъиятро тағйир диҳад, ҳатто дар аксар маврид натиҷаи рафтори худро фикр накарда, зуд ба хулоса меоянд ва аз оилаи худ даст мекашанд.

Шахсе, ки дар оилаи нокомил ба воя расидааст хусусиятҳои нобоварӣ доштан нисбати одамон, шубҳаангезӣ, майли бепарвоӣ, ҷудошавӣ ва ё танҳоӣ, ки ҳаммаи ин сифатҳои зикршуда метавонанд боиси таназзулӣ маҳдуии ва инсон гарданд. Одатан дар онҳо натанҳо қафомонии ташаккулёбии зеҳнӣ, балкӣ пастшавии физиологӣ ва агрессияи баланд зоҳир мешавад. Кам нест ҳолатҳое, ки модари танҳо мехоҳад бо нокомиҳо ва бемувафаққиятӣ оила барпо намояд, аммо аз сабаби созиш набастан бо мардҳо духтари худро бо услуби худ тарбият мекунад. Духтар бошад қадам ба қадам ҳаёти шахсии модарашро пайравӣ мекунад, аз хурди рафтори стандартии модари хешро аз худ мекунад. Чунин духтаронро баъзан вақт “имконияти охирин” ном мебаранд. Онҳо аз хурди худро қурбони тақдиру сарнавишт меҳисобанд. Барои ин гуна духтарҳо табиати худбаҳодиҳии паст хос буда, онҳо аз пастсифатии худ ранҷ мебаранд.

Вайроншавии раванди нақшӣ-ҷинсии номавҷудияти мард дар оилаҳои модари танҳо метавонад ба ташаккулёбии гомосексуализми писарбачагон оварда расонад. Ҷавононе, ки бо рафтори фарққунандаи феминӣ (занона) доранд, дар ҳаёти калонсолӣ якчанд навъи вариантро ба худ ташкил медиҳанд. Аз ҳама варианти хуштабъи он: ҷавони “нозук”-у шармгини хислати маҳину мулоимтабиатдошта бо зани боқуввату боирода, баъзан вақт аз худаш калон шиносоӣ пайдо намуда, оила барпо мекунад. Онҳо оилаи гармониеро бунёд мекунанд. Вай бо табъи болидаю хоҳишмандӣ дар хона корҳои одии занонаро ба ҷо меорад, аммо аксарияти ин гуна ҷавонон дар ҳаёти оилавӣ хушбахт нестанд. Бартарияти муҳити занона дар тарбияи кӯдакӣ метавонад осори худро дар тамоми ҳаёти ояндаи хеш зоҳир созад. Чунин мардҳо на танҳо итоаткориро дар вазъияти оилавӣ алалхусус вақте, ки зан сардори оила аст интихоб мекунанд, балкӣ ифроти навъи рафтори занонаи онҳо-мафъул (аламовар) аст.

Психологи рус В.М. Мухин қайд менамояд, ки барои писарбача мавҷудияти ҳардуи волидон ҳатмист. Ин факт исбот менамояд, ки писарбачагоне, ки бо модари аз сари нав оилабарпокарда зиндагӣ мекунанд, то андозае ҳаяҷоновар аст ва нисбатан мавқеи ҷойгиршавиашон барои рафтори иҷимоӣ бештар маҳорати когнитивиро нишон медиҳанд. Кӯдакон худашон барои никоҳи дубора беҳтару хубтар волидони хешро мувофиқ мегардонанд, аммо дар давараи наврасӣ ин масъала каме ранги дигар мегирад. Тадқиқотҳо нишон додаанд, ки таасуроти сахти дигаргуншавии яке аз аъзоёни оила аз синни 9 то 13 солагӣ дида мешавад. Вазъият мураккабтар мешуд, агар ҳардуи оилаҳое, ки аҳди никоҳ мебастанд, фарзандони худро ба оилаи нав ворид созанд.

Ҳамин тариқ ҳам писарбачагон ва ҳам духтарони синну соли гуногун, дар оилаи нокомил тарбият гирифта, метавонанд бо навъҳои мушкилиҳои муайян дучор шаванд.

Ҳамин тавр дар раванди таҳлили психологӣ хулосаҳои зерин бароварда шуда буданд:

1) пуризтиробии умумии бачагон, новобаста аз намояндагони аҳли оила, нисбатан дар бачагон дида мешуд (пуризтиробии наврасон дар оилаҳои нокомил, аз оилаҳои комил дида баландтар аст). Таъсири омили нокомилии оила дар бачагон бештар дида мешавад. Бачагони оилаҳои нокомил бо ҳама омилҳои хатар, бештар бо пуризтиробнокии баланд тавсиф мешаваннд: воқеаҳои бо мактаб робитадошта, муошират бо муаллимон, вазъиятҳое, ки тасаввуроти худ ва ба муоширати байнишахсӣ алоқа дорад, хусусияти хоси ин гуна бачагон буда метавонад. Аз ҳама проблемаҳои

маъмултарине, ки дар бачагони оилаҳои нокомил дарёфт мешавад, ин воқеаҳои бо мактаб робитадошта ва муошираты байнишахсии онҳо мебошад;

2) нақши ҷинсии баробарии бачагони оилаҳои нокомил, нисбат ба бачагони оилаҳои комил хусусияти маълуму фарққунанда дорад, инчунин ин хусусият метавонад ба духтарон низ дахлпазир бошад. Аммо агар барои масъалагузорӣ ва муқоисакунӣ як духтар ва як бачаро аз оилаҳои нокомил гирифта, мисол орем, дар ин натиҷа дидан мумкин аст, ки писарбча, нисбат ба духтар бештар дар вазъияти харобовар қарор дорад. Дар давраи наврасӣ писарбача нақшҳои асосӣ ва ҳаётиро аз оила аз худ мекунад, аз ин хотир образи падар барои пайравӣ кардан дар давра хеле муҳим аст. Ба писарбачае, ки дар оилаи нокомил ба воя расидааст, нақши шаҳвонияти нофаҳмо ва норавшан аст. У метавонад нақши шаҳвонияти хешро бо ҷинси муқобил рад кунад. Ҳамаи ин дар навбати худ ба изтиробнокии баланди дезадаптатсионии иҷтимоӣ ва вайроншавии муошираты ҷинси муқобил бурда метавонад;

3) духтароне, ки бе падар тарбият ёфтаанд, дар аксар маврид барои муайянкунии нақши ҷинсии худ танқисӣ мекашанд. Аз тарафи дигар инро метавон ба шавқу майли баланддоштаи ҷинси муқобил маънидод намуд, ки сабабаш набудани мард дар фазои оилавӣ буд. Инчунин эҳтимол аст, ки барои набудани ҷинси муқобил дар оила, майли баланди духтар бештар ба ҷониби ҷинси муқобил, барои чуброншавӣ равона мегардад. Оилаҳои нокомил дар фарқият бо оилаҳои комил, дар ҷамъият ҳамчун маҷмӯи намояндагони синфи камсифат ё пастсифатдоштае, ки вазн надорад, баҳогузорӣ карда мешавад. Маҳз аз ҳамин хотир духтарони чунин оилаҳо аз синни хӯрдӣ комплекси нокомилӣ ё косташавии ҷинсии хешро ҳис мекунанд;

4) наврасони оилаҳои нокомил аз пайдо намудани муносибат бо ҷинси муқобил танқисӣ мекашанд. Дар ин самт бачагоне, ки бояд ба рафторҳои мардӣ ноил мегаштанд, мутаасифона имкониятаашон маҳдуд гашт. Духтарони чунин оилаҳо бошанд, нисбат ба бачагон худро хубтар ҳис мекунанд, ки онро дар баъзе вазъиятҳо тамоюли дигаргуншавӣ низ номидан мумкин аст. Онҳо худро миёни бачагон қулайтар ҳис мекунанд ва кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки барои ҳамшарики худ содиқу вафодор бошанд;

5) яке аз қисматҳои пайдо намудани меъёрӣ ва беҳтари алоқа бо ҷинси муқобил, ин тасаввуроти мардонагӣ, занонагӣ, тасаввурот дар бораи нақши рафтори марду зан дар ҷомеа мебошад. Дар ҳолатҳои нокомилии оила чунин тасаввуротҳо бо мушкилиҳои зиёд ташаккул меёбанд, чункӣ онҳо намунае, ки барои рафтори онҳо нақш мебозид ва қонеъ месохт набуд. Аз ҳамин хотир ҳаёти ин гуна наврасон дар давраи болиғӣ коста мегардад.

АДАБИЁТ

1. Амонов Н.Қ., Рузито Р.Ҷ. Махсусияти кӯдакони мушкилии равонидошта // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2015. № 3/10(188). С. 239-242
2. Давлатов М., Муминова С. Психологияи зӯроварӣ дар оила / М. Давлатов, С. Муминова. Д :Матбуот, 2006. – 5 с.
3. Корец В.В. Формирование толерантного поведения у педагога и ученика / В.В. Корец, Г.В. Никитина, В.Н Романенко // Успехи современного естествознания. – 2009. - № 8 – С. 91-94.
4. Сальникова Л.С. Телефон доверия / Л.С. Сальникова. М.: Знание, 1990. – С.13

ТРУДНОСТИ ВОСПИТАНИЯ ДЕТЕЙ В НЕПОЛНОЙ СЕМЬЕ

Одиноким родителям труднее воспитать детей. Они могут надеяться только на свои возможности и силы. Для устранения трудностей в воспитании детей в неполной семье необходимо вооружить одиноких родителей психологическими знаниями, которые направлены на улучшение взаимоотношений в семье и решение различных воспитательных проблем. Улучшение взаимоотношений в семье может стать основой для устранения трудностей в воспитании детей.

***Ключевые слова**: семья, одинокие родители, дети, школа, воспитание, психологические знания, взаимоотношения в семье.*

DIFFICULTIS OF UPBRINGING CHILDREN IN AN INCOMPLETE FAMILY

It is more difficult for single parents to raise children. They can only rely on their abilities and strength. To eliminate difficulties in raising children in a single-parent family, it is necessary to equip single parents with psychological knowledge that is aimed at improving family relationships and solving various educational problems. Improving family relationships can be the basis for eliminating difficulties in raising children.

Keywords: *family, single parents, children, school, education, psychological knowledge, relationships in the family.*

Сведение об авторе:

Фархудинова Джамила *- Ассистент кафедры профессиональной психологии Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни Тел: (+992) 918443861.*

About the autor:

Farkhudinova Jamila *- The assistant of the Chair of Professional Psychology, Tajik State PedagogicalUniversity named after S. Ayni (+992) 918443861*

РЕАЛИЗАЦИЯ ОБЩЕДИДАКТИЧЕСКИХ ПРИНЦИПОВ ПРИ КОМПЬЮТЕРНОМ ОБУЧЕНИИ АНГЛИЙСКОМУ ЯЗЫКУ

Каюмова М.А., Раджабов Р.Р.

Таджикский государственный медицинский университет имени А.И. Сино

Компьютерное обучение должно строиться с учётом общедидактических принципов. Прежде оно рассматривалось в двух аспектах: визуализация учебной информации и алгоритмизации учебной деятельности. В нынешнее время при анализе структуры дидактики как совокупности теорий дидактических принципов, учебных методов, программ и общей системной теории учебника, оно позволяет на каждом этапе содержания учебного процесса выделить как общее, так и частное, относящееся к компьютерным технологиям обучения. Об этом пишет М.А. Бовтенко, что со временем «… технические аспекты компьютерного обучения отойдут на второй план, и всё большее внимание будет уделяться методическим аспектам. Именно тогда компьютерная лингводидактика станет органичной частью общей методики обучения языку» [1, с.91].

Компьютерная технология обучения - современная методическая система, которая рассматривает учащегося не как объект, а как субъект обучения. Обучаемый переходит на новую ступень образования, так как компьютерное обучение - индивидуальная и самостоятельная форма обучения, реализовывающаяся по общей методике.

Компьютер – современное средство обучения, объединяющее в себе и средство, инструмент обучения, и субъект – учителя. В связи с изменением ролевой обстановки стоит вопрос о пересмотре теории обучения, и поэтому назрела необходимость разработки теории дидактической технологии, являющейся частью компьютерной технологии обучения.

Принцип научности предлагает, чтобы содержание представленной учебной информации – компьютерной обучающей программы - соответствовало современному уровню развития науки и техники, а способ познания, использованный в программе, являлся адекватным современным и научным методам. В связи с этим при разработке компьютерной программы учитель должен стремиться развить у студентов научное мировоззрение, вооружить их знанием основ наук, выработать у них умение применять на практике приобретённые знания, формировать критическое мышление и обучить воспитанников самостоятельно приобретать знания.

Также принцип научности требует, чтобы модели в компьютерной обучающей программе были точными и проверенными. Способы усвоения программированной учебной информации способствовали выработке у студентов умений и навыков научного поиска.

Учителю английского языка при построении учебных занятий с помощью обучающей программы надо соблюдать принцип системности и последовательности. Постоянное перескакивание с одного вопроса на другой не может обеспечить сознательного усвоения предъявленного материала. Системность обучения определяет овладение учащимися понятий и разделов программы в их логической связи. Так, новые ЗУН были бы освоены на основе повторения предыдущих изученных тем, закреплялись и формировались в системном порядке. В этом и определяется принцип системности и последовательности, так как предполагает логическую цепь изучаемых тем за предыдущим, а последующее вытекает из предыдущего [2, с.5-10]. При этом такая система позволяет достичь поэтапного овладения студентов знаниями, и подготавливала бы их к следующей ступени познавательной деятельности. Усвоение ЗУН студентов может реализоваться по индуктивному или дедуктивному методам. Учителю аглийского языка надо обратить внимание на эти методы при применении готовых обучающих программ и собственных компьютерных разработок.

Компьютерное обучение способно создать познавательную мотивацию студентов. В нынешнее время много говорят о демотивированности студентов, о снижении интереса студентов к учёбе, потому что традиционное обучение, к сожалению, ориентировано на

осуществление только контроля, и не обращает внимания на творческие проявления в обучении.

Принципы активности, сознательности и самостоятельности в процессе обучения аглийскому языку студентов в условиях программированного обучения выдвигают такую организацию обучения, при котором развитие ЗУН связано с проявлением мотивации и инициативы развития творческих способностей студентов[1, с.91].

Необходимое требование к компьютерной обучающей программе, основанной на этих дидактических принципах, состоит в непременном развитии положительной мотивации учения у студентов. Развитие желания, моральная поддержка со стороны педагога считаются важной предпосылкой эффективности обучения воспитанников.

Учителю английского языка при создании авторской компьютерной разработки необходимо всесторонне проанализировать её содержание, провести программированное обучение так, чтобы оно вызывало у студентов заинтересованность, а не тоску, стремление к познанию, а не раздражение. Поэтому одним из факторов решения данной задачи является введение игровых форм обучения. Справедливо по этому поводу отмечает итальянский учёный Л. Кучера Бози: «… польза их (компьютерных программ) несомненна, поскольку они помогают натренировать в почти игровой форме «скучную» программу…»[3, с.22-26.].

Принцип доступности требует, чтобы процесс обучения английскому языку стал доступным и посильным для студентов, соответствовал к уровню их развития.

Дидактический принцип доступности определяет степень научно-теоретической сложности учебного материала, объём, формы и методы обучения. Этот принцип ещё фиксирует учёт индивидуальных и общепсихологических особенностей обучаемых. Поэтому учителю при выборе обучающего материала важно знать особенности своих воспитанников и иметь живой контакт с учителями-предметниками с целью учесть возможности усвоения учебной информации студентов.

Одним из основных принципов компьютерного обучения является принцип наглядности, называемый иногда «интерактивной наглядностью». В традиционном обучении наглядность предоставлена как компонент иллюстрации, при котором у студентов есть возможность увидеть предмет или явление. В компьютерном обучении же наглядность способна рассматривать то, что не всегда возможно увидеть в реальной действительности. Кроме этого, в обучающей программе предметы можно изучить не как статичное изображение, но и динамику их развития в различных ситуациях. Показ предметов в различной форме способны менять друг друга и по желанию студентов, и команде программы, чередуя и применяя образное, аналитическое, языковое представление, которое, согласно задачам и целям обучения, позволяет дополнить информацию об изучаемом объекте. Яркая и динамичная демонстрация сложных явлений и процессов, показанных при помощи компьютерной цветной анимации, помогает расширить возможности «интерактивной наглядности» в усвоении английского языка студентов.

Объём и содержание предоставляемой студентов учебной информации должен быть оптимальным, перегружать их образную и эмоциональную память нельзя.

Очень важно применять компьютерную графику для реализации принципа наглядности в обучении, при этом, не перегружая, как это ошибочно делают ряд авторов обучающих программ, цветовыми эффектами, огромным количеством ярких картинок и рисунков. Учителю английского языка следует выбирать только то, что нужно для решения поставленных целей и задач обучения.

Российский учёный Э.Азимов считает, что при отказе от применения данного принципа, обучение приводит к тому, что «… некоторые учащиеся плохо усваивают учебный материал, наблюдается отставание в устной речи», что, естественно, может отрицательно влиять на учебную деятельность [4, с.101]. Речь идёт об индивидуализации и дифференциации обучения.

При индивидуализации обучения английскому языку учитываются типы восприятия, мышления и памяти обучаемых. Скованность и неуверенность, стеснительность и боязнь допустить ошибку исчезает у студентов при компьютерном обучении, когда они сами выбирают собственный темп решения творческих заданий и упражнений. Одновременно в ходе работы с помощью компьютерной обучающей программы наблюдается усиление внимания обучаемых, нежели в ходе традиционных уроков, в которых трудно учесть индивидуальные возможности студентов. Эти и другие учебные процессы помогают успешно реализовать данные принципы обучения.

Учитель английского языка должен стремиться совершенствовать у своих воспитанников навыки практического владения английской речью. В рамках практической

направленности выделяется коммуникативная задача, основной целью которой считается формирование коммуникативных ЗУН во всех видах речевой деятельности.

При компьютерном обучении принцип коммуникативности является основным, который практически присутствует во всех других принципах обучения. Названный также принципом когнитивной коммуникации он способен организовать диалог между субъектом и объектом обучения, т.е. компьютерной техникой и студентов.

Исходя из сказанного, делаем вывод, что в научных трудах известных учёных накоплен огромный опыт по внедрению общедидактических принципов обучения русскому языку в условиях компьютерного обучения, способных помочь в отборе оптимального решения поставленных целей и задач. Лишь при условии успешной обучающей деятельности, с помощью компьютерных технологий, преподаватель способен включиться в интерактивное общение и может добиться высоких результатов.

ЛИТЕРАТУРА

1. Бовтенко М.А. Компьютерная лингводидактика. Учебное пособие / М. А. Бовтенко. – Новосибирск: Изд-во НГТУ, 2000. – 91 с.
2. Гусейнова Т.В. Новые тенденции в методике преподавания языков / Т.В. Гусейнова //Лингводидактические проблемы формирования билингвизма и полилингвизма. – Душанбе, РТСУ, 2005. – С.5-10.
3. Дмитриева Е.И. Дидактические возможности компьютерных телеком-муникационных сетей для обучения иностранным языкам / Е.И. Дмитриева // Иностранные языки в школе. – 1997. – № 4. – С.22-26.
4. Китайгородская Г.А. Методика интенсивного обучения иностранным языкам. Монография / Г.А.Китайгородская. – М.: Высшая школа, 1986. – 101 с.

РЕАЛИЗАЦИЯ ОБЩЕДИДАКТИЧЕСКИХ ПРИНЦИПОВ ПРИ КОМПЬЮТЕРНОМ ОБУЧЕНИИ АНГЛИЙСКОМУ ЯЗЫКУ

В статье рассматривается вопрос о реализации общедидактических принципов при компьютерном обучении английскому языку. Отмечается, что, по мнению ведущих учёных, технические стороны компьютерного обучения сейчас переходят на второй план, а всё больше времени уделяется методическим аспектам, так как обучаемый переходит на новую ступень образования, при котором компьютерное обучение, реализовывающееся по общей методике, является индивидуальной и самостоятельной формой обучения. Указывается, что компьютерное обучение при усвоении английского языка создаёт познавательную мотивацию студентов, обращается внимание на их творческое проявление в обучении в отличие от традиционной формы обучения. Подчёркивается приоритетность принципа коммуникативности, присутствующего практически во всех принципах обучения, который способен организовать диалог между субъектом и объектом обучения. Делается вывод, что лишь при условии успешной деятельности с помощью компьютерных технологий, учитель английского языка способен добиться высоких результатов.

Ключевые слова: *дидактические принципы, компьютерное обучение, учитель английского языка, компьютер.*

IMPLEMENTATION OF GENERAL EDUCATIONAL PRINCIPLES IN LEARNING ENGLISH BY USING COMPUTER TECHNOLOGY

In this article we look through the issue on implementation of general educational principles in the process of learning English language by using computer technology. According to the scientists opinion technical sides of computer education, nowadays is considered on the second plan, and most of times wasted to methodological aspects, as the educator follows to the high level of education in which the main function of study is individually and independently form of learning. Consider that the using of computer technology in the process of teaching of English motivated the students and pay attention to their creativity during the lesson in the definition of the ordinary traditional form of lesson. In this article accentuate to the principle of community, presented practically in all method of education that can organize dialogue between the subjective and objective way of study. Conclusion that only in condition of successful activities with the help of computer technology, teacher of English language can make great achievements.

Key words: *didactical principles, computer education, teacher of English language, computer.*

Сведения об авторах:

Каюмова Майрамой Абдурахимовна *– старший преподаватель кафедры иностранных языков и латинского языка, Таджикский государственный медицинского университета им. Абуали ибни Сино.* ***Адрес:*** *Таджикистан, г.*

Душанбе, улица Рудаки, 139. E-mail: kmayramoy@mail.ru Телефон (+992) 939211350.
***Раджабов Равзи Рахмонович** – преподаватель кафедры иностранных языков и латинского языка, Таджикский государственный медицинского университета им. Абуали ибни Сино. **Адрес:** Таджикистан, г. Душанбе, улица Рудаки, 139. E-mail: ravzi-2005@inbox.ru Телефон (+992) 919703399.*

About the authors:

***Kayumova Mayramoy Abdurahimovna** - Senior Lecturer of the Chair of Foreign and Latin Languages of Avicenna Tajik State Medical University. Address: Tajikistan, Dushanbe, 139 Rudaki Street. E-mail: kmayramoy@mail.ru ph: (+992) 939-21-13-50*
***Rajabov Ravzi Rahmonovich** - Lecturer of the Chair of Foreign and Latin Languages of Avicenna Tajik State Medical University. Address: Tajikistan, Dushanbe, 139 Rudaki Street. E-mail: ravzi-2005@inbox.ru ph: (+992) 919703399.*

УДК: 681.3:373 (575.3)

АҲАМИЯТИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ-ИРТИБОТӢ БА КӮДАКОНИ ХУРДСОЛ

Ёров А.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ (ТИИ) ба хусус компютер, як қисми ҷудонашавандаи ҳаёти инсон гардидааст. Ба воситаи онҳо фаъолияти корӣ, дилхушӣ ва фаъолияти бозии кӯдакону калонсолон амалӣ мегардад. Кӯдакони мо дар замоне зиндагӣ доранд, ки компютер ва телефонҳои мобилӣ мисли дигар лавозимоти рӯзмарраи ҳаёти инсон мисли автомошинаҳо, телевизион, мошинаи ҷомашӯй хело лозимӣ ва муҳим мебошанд. Чизе, ки дар назари мо бисёр ҳайратангез менамояд, барои кӯдакон як чизи муқаррарӣ ва бозичаеро мемонад, ки метавон бо онҳо кулли рӯз бозӣ (дилхушӣ) намуд [6]. Агар ба умқи масъала бингарем, кӯдакон аз синни хурдсолӣ ба ин бозичаи шавқовар ва ҳамзамон зараровар таваҷҷӯҳи бештар доранд, ки ин воқеан ташвишовар мебошад. Вазифаи ҳар як волидайн дар ҳалли ин масъала аз он иборат мебошад, ки вақти гузаронидаи фарзандро дар назди ин воситаи техникӣ самаранок ба роҳ монанд ва усули истифодаи онро зери назорати ҷиддӣ қарор диҳанд.

Кулли таҷҳизотҳои электроние, ки моро иҳота кардаанд, барои осон намудани кори одамон сохта шудаанд, вале гузаронидани вақти зиёд дар назди онҳо чӣ ба кӯдакон ва чӣ ба калонсолон таъсири манфӣ мерасонад, ки ин аз суст шудани биноии чашм, каҷ шудани сутунмӯҳра то ба зарари равонӣ расонидан ба кӯдакон, аз ҷумлаи таъсироти манфии он ба ҳисоб меравад. Гарчанде, бисёре аз волидайн барои таълими фарзандон аз усулҳои маъмули кӯҳнагашта ба мисли бозиҳои рӯимизӣ, китобчаҳо, қоғазчаҳои расмдор ва қоғазчаҳои ҳарфдор корбарӣ менамоянд, инчунин ҳастанд касоне, ки аз воситаҳои муосири таълим ҳам истифода мебаранд. Востиаҳои электронӣ, аз қабили компютери кисагӣ (телефони мобилӣ), рӯимизӣ ва ҳамроҳ (ноутбукҳо), ки истифодаи зиёди онҳо ба бадани инсон бетаъсир намемонад, беэътиноӣ кардан нашояд [7]. Бозиҳои компютерӣ қобилияти зеҳнии кӯдаконро баланд бардошта, хотираи онҳоро мустаҳкам мекунад ва савияи фикрронии мантиқии онҳоро низ баланд мебардорад. Инчунин кӯдак дар вақти бозӣ худро тамоман дар дигар муҳит тасаввур мекунад. Масалан, ҳангоми дуруст ҳал намудани муаммо ва кашидани расм ҳис менамояд, ки кори бузургеро иҷро намуда истодааст. Бо ин васила ӯ иттилоотро аз муҳити атроф бе мушкилӣ қабул мекунад, дарк мекунад ва онро дар фикри худ тасаввур мекунад. Баъди иҷро намудани бозӣ падар ва ё модар ба кӯдак “Офарин! Дуруст иҷро кардӣ”-гӯён хитоб намоянд, ин ба кӯдак рӯҳияи ҳаловатбахш меоварад. Барои кӯдакон азхудкунии ҳарфҳои алифбои гуногун бо усули барномавӣ осонтар мебошад, зеро истифодаи аёнияти раванди азхуднамоиро дучанд баланд мегардонад [8].

Ҳамаи бозиҳо ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: динамикӣ ва ғайридинамикӣ. Бозиҳое, ки дар раванди он кӯдак метавонад каме хастагиашро барорад ё ин ки ба дигар кор машғул шавад, онро ғайридинамикӣ меноманд. Бозиҳое, ки дар раванди он диққати ҷиддӣ дар вақт аст ва ба ҳар амали он аҳамият додан лозим бошад, онро динамикӣ меноманд.

Бозиҳои компютерӣ қобилияти зеҳнии кӯдаконро баланд бардошта, хотираи ва фикрронии мантиқии онҳоро мустаҳкам мекунад. Кӯдак бо иҷроиши фаъолияти бозӣ ба муҳити дигар ворид мегардад, яъне ҳангоми дуруст намудани муаммо ҳис менамояд, ки кореро иҷро намуда истодааст. Баъди иҷро ба итмом расонидани бозӣ ба кӯдак "Офарин! Дуруст иҷро кардӣ" гӯён хитоб намудани калонсол ба ӯ рӯҳияи қаноатмандӣ, тавонбахшӣ ва боварӣ ба қувваю нерӯи ақлии худ мебахшад. Азхудкунии ҳарфҳои алифбо, азёд кардани шеър ё тарона (шунидан) бо усули барномавӣ осонтар мебошад, зеро истифодаи аёнияти раванди сабт намудан ба хотираро метезонад [9, 37].

Ҳамаи бозиҳо аз тарафи мутахассисон аз ҷиҳати иҷрои вазифаҳо ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: динамикӣ ва ғайридинамикӣ. Бозиҳое, ки дар раванди он кӯдак метавонад каме хастагиашро барорад ё ин ки ба дигар кор машғул шавад, онро ғайридинамикӣ меноманд. Бозиҳое, ки дар раванди он диққати ҷиддӣ дар вақт аст ва ба ҳар амали он аҳамият додан лозим бошад, онро динамикӣ меноманд [7].

Бозиҳои компютерӣ-ин барномаҳои компютерие мебошанд, ки барои ташкили раванди бозӣ дар компютер бо мақсади хуш гузаронидани вақт, омӯзиши мавод, гузаронидани мусобиқа, баланд бардоштани нутқ, инкишофи фикрронӣ пешбинӣ карда шудааст. Таърихи бозиҳои компютерӣ низ аз ШМА маншаъ мегирад, яъне соли 1948 физикони амрикоӣ Томас Голдсмит ва Эстл Рейдман таҷҳизоти электрониро сохтанд, ки минбаъд ба пайдоиши бозиҳои компютерӣ замина гузошт. Соли 1958 бошад, Уилям Хигинботам бозии теннис барои ду нафарро сохт.

Бозиҳои компютерӣ аз ҷиҳати намуд ба гуруҳҳои зерин ҷудо мешаванд:

Бозиҳои варзиши фикрӣ – ин бозиҳои мусобиқавӣ мебошад, ки дар он аз ҳама муҳим натиҷаи иҷрои дурусти ҳаракату амалҳои фикрӣ ва ҷисмонӣ мебошад. Ба онҳо мисол шуда метавонад; бозии шоҳмот, шашка, футбол, машқи пагоҳирӯзӣ, давидан, ҷаҳидан ва ғайра.

Бозиҳои муаммоӣ – дар намуди чистон пешниҳод мешавад. Дар он иштирокчӣ вазифаеро мегирад, ки бояд фавран ҳал намояд (аз чӯбчаҳо сохтани шаклҳои нав, пур намудани сканворд, пурра намудани расми парешон, ёфтани фарқият дар расмҳо ва ғайраҳо).

Бозиҳои мантиқӣ — чун қоида, ин намуди бозиҳо дилхушкунанда нестанд, чун ки дар ин намуди бозӣ ба кӯдак чусту чолокӣ, ҳушёрию зиракӣ зарур аст ва аз ӯ дараҷаи баланди фикрронӣ талаб карда мешавад. Ба мисли бозии компютерии шоҳмот, шинохтани расми ҳайвонот, мантиқан ҷобаҷо гузоштани шаклҳо ва ғайраҳо.

Бозиҳои тамринӣ (тренажорӣ) —кӯдаконро барои ҳосил кардани малакаҳои аввалин кӯмак мерасонад. Мисли аввалин маротиба ба сари чамбараки мошин нишастан, кашидани расм, аз қоғазпора сохтани ҳарф ва ғайра.

Бозиҳои омӯзишӣ – ин намуди бозӣ аз ҷониби педагогон пешниҳод карда мешавад ва барои тарбия намудани малакаҳои меҳнати фикрӣ, инкишоф додани амалҳои тафаккур, таъмин намудани хушҳолӣ, ҳисси қаноатмандӣ аз дастовардҳои шахсӣ истифода бурда мешавад.

Бозиҳои стратегӣ — дар ин намуди бозӣ асосан нақшагузорӣ саҳми босазо дорад. Масъалагузорӣ дигар ҳам бошад, нақшаи умумӣ якранг мешавад. Масалан, аз ашёҳои хурд сохтани хонача, мошинча, ва дигар шаклҳо.

Бозиҳои диққатҷалбкунандаи компютерӣ дар асл дорои чанд хусусиятҳои мусбӣ мебошанд:

- Онҳо нодир набуда, балки дастраси истифодабарандагон мебошанд.
- Барои нигоҳдории онҳо на он қадар ҳаҷм дар хотира лозим аст.
- Гуногунрангии онҳо имконият медиҳад, ки ҳар волидайн мувофиқи шавқу ҳаваси хеш ва фарзандаш бозиро интихоб намояд.
- Бо воситаи бозиҳои дилхушкунанда кӯдакро бо муҳити атроф ошно сохтан мумкин аст, агар ба шарти он, ки тарспазириро дар вуҷуди рӯҳиву ҷисмонии кӯдак ҷой нанмояд.
- Барои баланд бардоштани фикрронии кӯдакон, диққати онҳо, зеҳни мантиқӣ, мустаҳкам кардани хотирот саҳми бузург гузошта метавонад.

• Рафъ намудани стресси кӯдак ва ё ягон намуди дард аз хусусияти бозиҳои компютерӣ ҳам шуда метавонад.

Тибқи талаботи биологӣ кӯдак бояд то синни 3 — солагӣ ба технологияҳое, ки бо қувваи барқ кор мекунанд, наздик нашавад. Инчунин, кӯдаке, ки бо технологияҳои компютерӣ вақти зиёди худро мегузаронад, ӯро нисбати омилҳои муҳит нохуб ва бо одамон нозукбин мегардонад. Баъзеи онҳо бо воситаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ филму саҳначаҳои хосияти зуроварӣ ва даҳшатангездоштаро тамошо мекунанд, ки онҳо таъсири манфии худро албатта ба равони кӯдак мерасонанд. Борҳо мутахассисони илми психологияи кӯдакона таъкид намудаанд, ки кӯдакон бояд ҳар чӣ камтар ба воситаҳои электронии номувофиқ ба синну солашон сарукор гиранд, зеро ин таъсиррасонӣ дар давраи кӯдакӣ ҳангоми инкишофи рӯҳӣ ва ҷисмонии кӯдакон куллан манфӣ мебошад. Мусаллам аст, ки дар навбати дуввум, он ба саломатии кӯдакон зарар мерасонад, ба монанди: нури чашмро кам мегардонад; сабаби пайдоиши дарди сар мегардад; фикрронии кӯдаконро нисбат ба муҳити атроф дигаргун месозад. Тадқиқотҳои табибон ва равоншиносон собит месозад, ки волидайн бояд кӯдаконро бо технологияҳои муосир, ба хусус телефони мобилӣ дар синни калони томактабӣ шинос намоянд, агар ин талабот риоя гардад, дар сини 5 солагӣ зина ба зина ба манфиати кор хоҳад буд [5].

Ба саволи он ки технологияҳои иттилоотӣ ба кӯдакон фоидаи зиёд мерасонад ва ё зарар ҷавоби амиқ додан душвор аст. Баъзе бозиҳои компютерӣ ва ё наворҳое мавҷуданд, ки ба рӯҳияи кӯдак таъсири манфӣ намерасонанд, аммо аз ҷиҳати таъсири манфӣ расонидан ба ҷисми кӯдак ва нашъунамои он сарукор гирифтани аз меъёр зиёди он номумкин аст. Баъзан вақт волидайн худ кӯдаконро ба чунин амалҳои номатлуб водор месозанд ва гумон мекунанд, ки бо усули ин чанд лаҳзае ҳам бошанд, аз шараёни кӯдакон вораста мебошанд, ҳол он ки ин ворастагӣ сабаби ҷараёни шараёни минбаъда мегардад. Бо меъёри муайян истифода бурдани онро албатта калонсолон хуб медонанд ва ба фарзандон талқин намудани шакли дурусти истифодаи компютер ва дигар лавозимоти техникиро вазифаи аввалиндараҷа бояд ҳисоб намоянд. Инчунин, дар ҳуҷраи кӯдакон шароити хуби зиндагӣ фароҳам овардан вазифаи асосии волидайн ба ҳисоб меравад. Барои кӯдакон ҷевони ҳаҷми хурд барои гузоштани компютер, телевизион ва дигар лавозимоти истифодаи рӯзмарраи онҳо ҳатмӣ мебошад. Намоиш додани видеороликҳои хосияти омӯзишӣ ва тарбиявидоштаро ба кӯдакон аввалиндараҷа ҳисобида, дар баробари он, истифодаи техникаи ба он мувофиқро низ омӯзанд.

Олимони соҳа иброз медоранд, ки кӯдаки сини то 5 сола дар як рӯз на бояд аз 10 дақиқа зиёд бо компютер сарукор гирад. Дар сини 6-7 солагӣ ин ҳад ба 20-25 дақиқа мерасад ва онро бо гузашти вақт ҳар рӯз то 3-4 дақиқа зиёд кардан мумкин аст. Дар ин миён барои бисёр хаста нашудани кӯдак бояд то 15 дақиқа тамрини чашм ва бадан кардан зарур мебошад.

Дар ҳолати истифодаи дуруст ва оқилонаи компютер ва дигар техникаи ҳозиразамон, таъсири манфии он ба кӯдакон ба сифр баробар мешавад ва фоидаи он ниҳоят зиёд мешавад. Зери мафҳуми компютер ҳамаи техникаи ҳисоббарор ҳисобида мешавад, аз қабили телефони мобилӣ, планшет, ноутбук ва компютери рӯимизӣ ва ғайраҳо. Дар ҳолати кӯдак соҳиби компютери шахсӣ гардидан, ӯ оҳиста-оҳиста тарзи кор дар компютерро азхуд мекунад, бо техника аз наздик шинос мешавад, қисмҳои навро ба компютер аз қабили принтер (чопкунанда), сканер (аксгиранда), микрофон ва ғайраҳо насб мекунанд. Ҳамаи инҳо боис мешаванд, ки дар кӯдак маҳорату малакаҳои техникӣ пайдо шавад. Азбаски техникаи ҳозиразамон рушд дорад ва кӯдакон бо навгониҳои охирини техника шинос мешаванд, дар оянда бе истифодаи техника қариб ягон фаъолияти инсоният амалӣ намегардад ва агар кӯдакони мо аз синни хурдсолӣ бо компютер ошно бошанд, ба фоидаи кор хоҳад буд.

Истифодаи мақсадноки технологияи интерактивӣ дар раванди таълим хеле муҳим аст. Имрӯзҳо технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ босуръат ба раванди таълими муассисаҳои томактабӣ ворид шуда истодааст. Барномаҳои омӯзишии зиёде барои соҳаҳои гуногуни раванди таълим пешбинӣ ва таҳия карда шудаанд. Ин намуди

барномаҳо вобаста бо хусусиятҳои равонӣ ва синну сол сохта шуда, ба воситаи онҳо метавон омӯзиши муҳити зист, забонҳои хорҷӣ, ҳисобу китобро бе омӯзгор амалӣ намуд.

Тахтаҳои электронии интерактивӣ (интерактивная электронная доска) – ин таҷҳизоти универсалие мебошад, ки бо воситаи он ҳар як педагог метавонад, раванди таълимро тавре ба роҳ монад, ки шавку рағбати кӯдакон ба таълим зиёд гардида, раванди диққат ва дарҷаи фикрронии онҳо мустаҳкам гардад. Усули истифодаи он дар муассисаҳои таълимии томактабӣ аз худи тарбиядиҳанда вобастагии калон дорад. Ӯ метавонад, аз барномаҳои интерактивии таълимӣ, ба мисли азхуднамоии ҳарфҳои алифбо, шинохтани ҳайвонот, растаниҳо, тасвири онҳо дар тахтаи электронӣ ва амсоли инҳоро ба таври васеъ истифода бурда, раванд таълимро диққатҷалбкунанда созад [10]. Инчунин, кӯдаконро барои пайдо намудани малакаҳои нав водор месозад. Татбиқи технологияи бисёррасонагӣ (мултимедиа) дар муассисаҳои таълимии томактактабӣ то дараҷае ба кӯдакон имкони дарки муҳити атрофро зиёд мегардонад ва барои азхуд намудани маводи таълимии навашон кӯмак мерасонад, аз ин рӯ, мебояд ҳамаи муассисаҳои таълимии томактабӣ бо таҷҳизотҳои техникии муосири камзараррасанда муҷаҳҳаз намуд.

Коркард намудани маҷмӯаи методии бозиҳои интерактивӣ дар асоси таълими тарзи ҳаёти солим бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ асоси кори кормандони муассисаҳои таълимии томактабӣ мебошад [2]. Гуфтан бамаврид аст, ки имрӯзҳо ташкили таълим бо истифода аз бозиҳои интерактивӣ рӯи кор омада истодаанд ва дар бозиҳои компютерӣ ворид намудани маводҳои таълимӣ сифати таълимро баланд мебардорад, бо ин васила, азхудкунии маводи таълимӣ низ тадричан осон мегардад. Ҷиҳати дигари мусбии истифодаи тахтаҳои интерактивӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ дар он аст, ки кӯдак ҳангоми тамошо намудан ба тахтаи электронӣ сайри виртуалӣ менамояд, дар умқи хотирааш мушоҳидаҳояшро нигоҳ медорад. Ҳамчунин, педагог аз раванди таълим хаста намегардад ва расонидан ба кӯдакон низ осон мегардад. Барои истифодаи он дар амал ва азхуд намудани тарзи кори он меҳнати зиёд сарфа намешавад. Маҳорати барномасозӣ ва ё дигар намуди малакаҳо лозим нест, ки аз ӯҳдаи тарзи истифодаи он кифоя аст, ки бо барномаи амалии он шинос шавӣ.

Мусаллам аст, ки шумораи зиёде аз кӯдакони синни томактабӣ ҳарфҳои алифборо намешиносанд ва шеър ва ё дигар намуди матнро ба воситаи завқи узви шунавой азхуд мекунанд. Барои ба кӯдакон омӯзонидани ҳарфҳои алифбо, ҳисоби рақамҳо ва ё ягон намуди шеърро тариқи тахтаи электронӣ бо иловаи расми ягон манзараи ҷаззоб таҳия намуда, пешкаши кӯдакон созанд ва суръати азхудкунии маводро тезонанд.

Барои истифодабарандаи тахтаҳои электронӣ чунин малакаҳо лозим аст:

- Кор карда тавонистан бо компютер
- Кор карда тавонистан бо барномаҳои Word, PowerPoint
- Истифода бурда тавонистани шабакаи Интернет (барои ҷустуҷӯи расми дилхоҳ, файлҳои садой ва мултимедавӣ оиди мавзӯъ, ифтитоҳҳо, филмҳои мултипликатсионии тарбиявӣ ва барномаҳои омӯзишӣ)

Дар муассисаҳои томактабии давлатҳои пешрафтаи Аврупо аз ҷумла Олмон, Лаҳистон ва Руссия даҳсолаи охир аз чунин технологияи инноватсионӣ васеъ истифода мебаранд. Исбот шудааст, ки ҳамҷоя намудани методҳои анъанавӣ бо технологияҳои навини иттилоотӣ-иртиботӣ дараҷаи азхуднамоиро дар муҳассилини муассисаҳои томактабӣ батадриҷ баланд намуда, сифати таълим тибқи барнома, инкишофи нутқ, инкишофи малакаи сенсорӣ, баланд бардошта шуд ва суръати расонидани иттилоот ба кӯдакон низ ба сатҳи зарурӣ омада расидааст.

Таваҷҷӯҳи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Пешвои Миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбати қишри осебпазири ҷомеа-кӯдакон беандоза калон мебошад. Дар Паёми ироанамудаи худ ба Маҷлиси олӣ соли 2010 сарвари кишвар иброз доштанд: “Мақсади асосии мо дар ин самт аз он иборат аст, ки ҳифзи иҷтимоии мардум ҳарчи беҳтар таъмин гардад, соҳаҳои маорифу тандурустӣ рушди бештар пайдо намоянд, шабакаи технологияҳои иттилоотӣ тавсеа ёбад, барои тарбияи кӯдакону наврасони солим, таҳсили ҷавонон ва ба воя расонидани мутахассисони ба талаботи замон ҷовобгӯ шароити мусоид муҳайё карда шавад”.

Технологияи нави иттилоотӣ ва иртиботӣ аз педагог дониши техникӣ ва малакаи баланди истифодаи онро тақозо менамояд. Инчунин барои дар раванди машғулиятҳои таълимӣ истифода кардани технологияҳои навини иттилоотӣ бояд таври дуруст истифода кардани онҳоро тавонад. Таҳти калимаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ

на танҳо компютер ва таъминоти барномавии онҳо, балки истифодаи компютер, шабакаи Интернет, видео, телевизион, технологияи чандрасонагӣ, ҳар гуна таҷҳизотҳои аудиовизуалӣ, DVD, CD ва дигар имкониятҳои иртиботӣ фаҳмида мешавад.

Педагогро зарур аст, ки истифодаи ҳамаи намуди технологияҳои муосирро тавонад ва дар раванди таълим аз онҳо васеъ истифода намоянд. Аз бозиҳои шавқовари математикӣ оғоз намуда, то бозиҳои гуногунҷабҳаи шавқовари компютериро истифода намудан ба ин васила кӯдаконро ба донистану ёдгирӣ шавқманд намояд. Чистону муаммоҳоро аз наворҳои тайёрнамудаи мураббия, ки тариқи монитори телевизион нишон дода мешавад, чӣ тавр сохтани хонача ва дигар намуди шаклҳои геометриро ба кӯдакон фаҳмонад. Дар навбати худ кӯдакон ба сохтани онҳо аз навор оғоз намоянд ва натиҷаашро ба мураббия пешкаш намоянд [3]. Ба мисоли бозиҳои компютерии шавқовар мисол шуда метавонад: «Ҳисоб кардан», «Ҷазираи арифметика», «Математика барои кӯдакон», «Алифбои ман», «Мусиқӣ месароем», «Ҳайвонотро мешиносем», «Рассоми ҷавон», «Ҷаҳони компютер» ва ғайра. Мутаассифона на ҳамаи ин бозиҳои компютерӣ вориди барномаи таълимии муассисаҳои таълимии томактабӣ гардидаанд.

Технологияҳои иттилоотӣ-иртиботиро метавон ҳамчун системаҳои худкори идоракунии раванди таълим истифода намуд. Раванди таълимро тариқи шабакаи локалӣ то ҷое идора кардан мумкин аст. Аз афзорҳои назоратии электронӣ (видеокамераҳо) истифода намуда, назорат, мониторинг, тарзи кори педагогон, табибон ва дигар кормандони муассисаро зери назорат ва таҳлил қарор додан мумкин мебошад. Дар ин ҳолат технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ сатҳи баланди таълимро дар муассисаҳои таълимии томактабӣ таъмин менамояд ва инчунин ҳангоми таълими кӯдакон дар шароити таҳсилоти инклюзивӣ васеъ намудани муҳити таълимии кӯдаконро фароҳам меоварад.

Ҳангоми кор бо компютер ва дигар техникаи муосир мураббияҳо бояд донанд, ки дар назди монитор вақти зиёд гузаронидан ба саломатии кӯдакон таъсири манфии физикӣ ва психикӣ мерасонад. Инчунин, барои ворид намудани технологияҳои таълими компютерӣ масрафи зиёд лозим аст. Барои ҷудо намудани утоқҳои муҷаҳҳазгардонидашуда ва онро бо шабакаи локалӣ пайваст намудан, инчунин, бо камераҳои назоратӣ таъмин намудани он ва харидорӣ кардани барномаи компютерии лозимаи дорои литсензия, на ба ҳар муассисаи таълимии томактабӣ имкон медиҳад [11]. Мушкилоти дигар набудани маҳорати универсалии педагогон ва кор карда тавонистани онҳо бо технологияҳои навини иттилоотӣ, шабакаи Интернет ва сохтани маводҳои таълимии электронӣ мебошад.

Масъалаи ворид намудани технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ ба муассисаҳои таълимии томактабӣ ҳанӯз аз даврони ҳокимияти Шуравӣ зери суол монда буд. Олимони ва мутахассисони пешқадами соҳаи томактабӣ (Духанина Л.Н., Волосовец Т.В., Веракса Н.Е., Дорофеева Э.М., Комарова Т.С., Алиева Т.И., Комарова И.И., Белая К.Ю.) ақидаҳои худро нисбати истифода кардан ва ё накардани он дар муассисаҳои таълимии томактабӣ иброз дошта буданд. Муқобилони ин ақида собит менамоянд, ки муддатҳои зиёд нишастан дар назди монитори компютер ба кӯдакон зарари физикӣ ва равонӣ мерасонад. Таҷрибаҳо нишон доданд, ки истифодаи гурӯҳии технологияи навини иттилоотӣ-иртиботӣ дараҷаи фикрронии кӯдаконро васеъ намуда, онҳоро ба омӯхтани босуръати маводҳои таълимӣ равона месозад [9].

Иттилоотикунонии ҷомеа дар назди педагогони муассисаҳои томактабӣ вазифаи муҳимеро пеш мегузорад. Онҳоро мебояд, дар замони технологияҳои навин миёни кӯдакон ва техника роҳбалад шаванд, шахсияти онҳоро дар ҷомеаи иттилоотӣ муайян намуда, фарҳанги иттилоотии онҳоро баланд бардоранд. Дар рушди шахсияти кӯдакони синни калони томактабӣ технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ саҳми калон мегузорад. Қишри осебпазири ҷомеаро мебояд чун гавҳараки чашм нигоҳ дорем ва ҳар яки онҳоро мисли фарзандони худ дӯст дорем. То ин ки як насли солим, худогоҳу худшиносро ба ҷомеа ба камол расонем.

АДАБИЁТ

1. Барномаи давлатии компютеркунонии соҳаи маориф 2008. 24с
2. Горвиц Ю., Поздняк Л. Кому работать с компьютером в детском саду. Дошкольное воспитание, 1991г., № 5
3. Дадабоева М., Қурбонова Г., Худ бисоз, бо мо бисоз. Маводи таълимӣ. Душанбе 2009.
4. Новейший самоучитель по работе в Интернете // Под ред. Симоновича С. – М.: Десс, 2000. -228с

5. Симонович С., Евсеев Г., Мураховский В. Интернет: лаборатория мастера. Практическое руководство по эффективной работе в Интернет. – М.: АСТ-ПРЕСС, 2000. -316с. с18.
6. Телефони мобилӣ: зарар ва фоидаи мошинаи боҳуш.//манбаи интернетӣ. ttps://www.google.com/search?clien=opera&tbm =isch&sxsrf= ACYBGNRBtxShGBOJksD_h-nltLMosgBW6Q %3A1569477380003&sa
7. Усова А.П. Роль игры в воспитании детей. Под редакцией А.В. Запарожца, Москва 1976.
8. Швайко Г. С. Игры и игровые упражнения для развития речи: пособие для практических работников ДОУ. – 4-е изд. – М: Айрис-пресс, 2007. – 176 с. http://festival.1september.ru/articles/649942/
9. Калинина Т.В. Управление ДОУ. «Новые информационные технологии в дошкольном детстве». М, Сфера, 2008
10. Моторин В. "Воспитательные возможности компьютерных игр". Дошкольное воспитание, 2000г., № 11
11. Новоселова С.Л. Компьютерный мир дошкольника. М.: Новая школа, 1997

ВЛИЯНИЕ ИНФОРМАЦИОННО-КОММУНИКАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ НА ДЕТЕЙ

В данной статье рассматривается вопрос внедрения информационно-коммуникативных технологий в дошкольных образовательных учреждениях и их влияние на развитие детей старшего дошкольного возраста. Также указываются негативные воздействия электронных устройств на детей.

***Ключевые слова**: дошкольные образовательные учреждения, информационно-коммуникационные технологии, дети, роль электронной доски, педагог.*

THE IMPACT OF INFORMATION AND COMMUNICATION TECHNOLOGY ON CHILDREN

This article discusses the implementation of information and communication technologies in preschool educational institutions and their impact on the development of older preschool children. The negative effects of electronic devices on children are also indicated.

***Keywords:** preschool educational institutions, information and communication technologies, children, the role of the electronic board, teacher.*

Сведения об авторе:

***Ёров Акмал** - аспирант кафедры обшей педагогики Таджикского государственного педагогического университета именни Садриддина Айни, электронная почта: akmalyoron@gmail.com Тел: (+992) 918120314*

About the author:

***Yorov Akmal** - Graduate Student of the Chair of General Pedagogy, Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni, tel: (+992) 918-12-03-14, E – mail yorov.akmal@mail.ru*

АФСОНАҲОИ ХАЛҚ ҲАМЧУН САРЧАШМАИ ТАРБИЯ ВА ОМОДА НАМУДАНИ ҶАВОНОН БА ҲАЁТИ ОИЛАВӢ

Сарбозова З.

Донишкадаи давлатии омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт

Халқ бузургтарин эҷодкори дарси ҳаёт аст. Ӯ дар рафти зиндагӣ худ панд омӯхт ва ганҷинаи мусавӣ надоштаеро дар бораи инсон ,хусусан симои маънавии ӯ ба вуҷуд овард. Чунки халқ ҷӯяндаи марворид, гаҳвораи панду ҳикмат ва сухан буда, дар давоми садсолаҳо беҳтарин офаридаҳоро сайқал ва маҳфуз дошта аз насл ба насл мерос гузошт. Он дар хотири наслҳо нақш баста умри дароз дид. Яке аз ин гуна офаридаи халқ - афсонаҳои халқӣ мебошад. Афсонаи халқї чун як жанри ґаниву пурмазмуни эљодиёти шифоњї аз тарафи олимони соњаи адабиётшиносї Раљаб Амон, Бањром Шермуњаммадов ва дигарон хеле васеъ тањкиқу тањлил гардиданд.

Дар афсонаҳои халқӣ панду ҳикматҳои оқилонаи халқ бештар инъикос ёфтааст.Бинобарин наслҳо ин ганҷинаи бузурги аҷдоди худро сармашқи ҳаёт намуда ,аз он дарси зиндагӣ меомӯзанд.Аз ин рӯ онҳо дар таълим ва тарбияи насли наврас мақоми муҳим мебозанд ва дастраси оммаи хонандагон гардондани ин гавҳари ноёб аз аҳамияти калони тарбиявӣ орӣ,холӣ нест.

Афсонаҳои халқи тоҷик аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа ниҳоят гуногун ва пуробуранг буда ,ҳодисаҳои иҷтимоӣ,таърихӣ, маишӣ-оилавӣ, ахлоқӣ, меҳнатии халқи тоҷик ва дигар паҳлӯҳои ҳаёту зиндагӣ,симои маънавию ахлоқӣ, ғамхорӣ дар ҳаққи инсон, ҳисси эҳтироми бепоён нисбати падару модар, ятимону бенавоён орзую ормон ва дигар мазуъҳои ҳаётиро дар бар мегирад.

Муҳаққиқи педагогикаи халқӣ Г.Н.Волков таъкид намуда буд,ки

«афсонаҳои халқӣ -ин боигарии маънавӣ ва дурдонаҳои ақлу заковати халқ мебошанд, ки дар онҳо руҳияи халқ, муносибати халқ ба тамоми паҳлуҳои зиндагӣ хеле образнок, вале оддӣ ифода ёфтааст».1 афсонаҳои халқӣро ҳамчун

2.Волков Г.Н.Этнопедагогика.Чувашская народная педагогика,Чебоксары 1974-376с.

маҳсули ҷабҳаҳои гуногуни тарбияи этникӣ, миллӣ ва умумибашарї таҳлил

намуда таъкид менамояд, ки дар афсонаҳои халқӣ усулҳои таъсиррасонӣ ба шахсият, шароитҳои умумии тарбияи оилавӣ, мазмуни тарбияи ахлоқӣ ва дигар масъалаҳо мавриди таҳлил қарор додааст. Дар афсонаҳои халқї ғояҳои тарбиявӣ ва мисолҳои ҳаётӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, ки мо тасдиқи ин ақидаҳоро дар афсонаҳои ҳалқии тоҷикӣ мебинем, чунки орзую ормон, ҷаҳонбинӣ, тафаккури бадеї ва завқи эстетикии наслҳои зиёд дар тарбияи наслҳои минбаъда ҳам хизмати босазое хоҳад кард.

Афсона муҳимтарин ва дилафрӯзтарин ҳодисаҳои ҳаёти маънавии халқҳо ва замонҳои гуногунро таҷассум менамояд. «Беҳтарин суханҳо аз халқ мебароянд»- гуфтааст бузурге. Аз ин сабаб афсонаҳо дар натиҷаи суфта шудану сайқал хӯрдан, як гуҳар ва як марворидест тайёр. Баъзан мешавад ки афсона дар нақли халқе ё мавзее ба дигар шакл сурат мегирад, аммо дар макони дигар бо намуди дигар.Ин ба кадом дарди мардуми маҳаллӣ бархӯрдан ва то ба кадом дараҷа таҷассуми орзую ормони онҳо вобаста аст.

Аксари онҳо дар тӯли асрҳо ба туфайли сайри ҷаҳон кардани худ аз сарватҳои маънавӣ ва таҷрибаи рӯзгори халқҳои гуногун баҳра гирифта, то замони мо омада расидаанд. Эҷодкунандагони афсонаҳо гӯё шабеҳи байти машҳури оламушшуаро Абӯабдӯллои Рӯдакӣ мебошанд.

Бирав зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,

Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд.

Халқ дар афсонаҳо қаҳрамонҳое офаридаанд, ки маҳз ба туфайли соддадил вонамуд кардани худ, корнамоиҳои аҷоибу ғароиб нишон медиҳанд, ки ин дили шунавандаро ба такон меоварад. Содадилон бошанд, бо ҳазлу шӯхии ширину намакини худ ба шунаванда завқ мебахшанд, онҳоро хушҳол мегардонанд, хастагиро аз байн мебаранд,ки ин мувофиқ ба табиати мардуми мост .

Афсонаҳои «Булбулаки саргашта», «Зани ҳунарманд» аз зумраи чунин афсонаҳо мебошанд.Устувории мардум дар он, ки одамон ба зиндагӣ бо чашми ақл нигаристаанд. Аз ин рӯ ин қабил қаҳрамонҳо ҳам ба он далолат мекунанд, ки инсон ба кадом вазъияте, ки гирифтор шавад, бояд ноумед нагардад,чунки «поёни шаби сиёҳ сафед аст».

Яке аз мушкилот ва доғи рӯзи имрӯзаи Тоҷикистони азиз ин пошхӯрии оилаҳои ҷавону тавлиди фарзандони носолим аз ҳисоби бунёди оилаҳои ба ҳам хешу табор ба ҳисоб меравад, ки пайваста Пешвои миллат, асосгузори сулҳу ваҳдати милли, президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баромадҳои худ ин масъаларо баррасӣ менамоянд.Ҳамин буд, ки баъди ироаи Пайёми навбатӣ дар Маҷлиси Олӣ соли 2015-ро «Соли оила» эълон доштанд.

Аҳамияти тарбиявии афсонаҳои мардумї дар он аст, ки дар онҳо арзишҳои маънавии инсонї: меҳнатдӯстї, инсонпарварї, ҳушёриву зиракї,чусту чолокї, дилсӯзию накӯкорї, мавриди ситоиш қарор гирифта, танбалї, дуруғгӯи, дурӯягї, ҳабру зулм, бадхоҳию бадбинї барин хислатҳои нораво ва паст маҳкум карда мешаванд.

Оилаи солим боигарии чӣ худи ҳамон оила ва чӣ давлат ба ҳисоб меравад. Аммо мутаасифона рашку ҳасад, ҳамдигарнофаҳмӣ ва дигар омилҳои номатлуб боиси пош хӯрдани оилаҳо мегардад, ки таҳлил ва баррасии афсонаи «Булбулаки саргашта» ҳамин мавзуъро фарогир мебошад.Воқеаву ҳодисаҳое, ки дар афсонаи «Булбулаки саргашта» сурат мегиранд гӯё сад дар сад ба замони имрӯза мутобиқанд.

Дар афсона асосан золимии моиндар ба фарзандони шавҳар,беэҳтиромӣ ба худи шавҳар, азобу ранҷи тоқатфарсои ятимон, дар симои Майрамбиву Насим ва дар охир пушаймонии моиндару бо ҳам омадани Майрамбиву додаракаш Насим ва падару моиндар, аз парокандагӣ эмин мондани оилаи онҳо маълумот гирдоварӣ шудааст. Баъди марги модари Майрамбиву Насим падарашон зани нав мегирад. Моиндар ин ду фарзанди ятимро чашми дидан надорад ва онҳоро пайваста гапҳои дурушту даҳал гуфта, як луқмаи даҳонашонро бар танашон заҳру заҳум мегардонд.

Ин ҳама кифоягӣ накарда, зан худро рӯзе бемор месозад, баъди аз кор баргаштани – падари Майрамбиву Насим мегӯяд, ки аз дасти фарзандонат бемор гардидам. Падари фарзандон ин суханро ҳақиқат пиндошта Насимро лату куб менамояд, ки боиси аз хона баромада рафтани ӯ мегардад. Дар ин ҷо кас ба чунин хулоса меояд, ки падари Насиму Майрамбӣ мутеи иродаи зани дувуми худ буда, аз хати кашидаи ӯ баромада наметавонад ва найранги ҳамсарро насанҷида, фарзандонро азобу уқубат медиҳад.

Аз дигар паҳлӯ дар афсонаи мазкур симои модари угай чун шахси фиребгару дуруғгӯй, маккору ҳиллагар, сангдилу манфур пеши чашми хонанда ҷилвагар мешавад,ки ҳақиқатан ҳам чунин аст. Қисми зиёди занҳои имрӯза, ки бо сабабҳои гуногун оилавайрон гашта, дар ҷустуҷӯи бахт дуввумбора оила барпо карданӣ мешаванд, ба авлиёю анбиё ва худою расул савганд ёд менамоянд, ки дар бунёди оилаи навбатӣ албатта ба ҳама мушкилот тоб оварда, хоки он даргоҳро бо дидаҳо рӯфта, фарзандони шавҳаршавандаамро (агар мард фарзанд дошта бошад) чун фарзандони хеш ќабул мекунам ва онњоро ба мисли гавҳараки чашм пуштибонӣ хоҳам кард.

Албатта мо гуфтанӣ нестем, ки ҳамаи занон- моиндарҳо чунинанд.Аммо чун ба он хона ворид мегарданд ин ҳама савганди хӯрдаашонро фаромӯш карда, аз паи озор ва дилхарошии фарзандони шавҳар мегарданд. Ба ақидаи маъмули мардумӣ «Ҳоло худамро ҷо кунам,баъд бубин чиҳо кунам» амал менамоянд. Афсонаи «Булбулаки саргашта» моиндар – модарони ӯгайро ҳушдор медиҳад, агар хоҳанд, ки дар хонаи шавҳар рӯз бинанду бахташон омад намояд, фарзандони шавҳарро азобу шиканҷа надиҳанд, то онҳо низ дуогӯи моиндар гашта, бемодарии хешро, ки тақдир ба сарашон овардааст, эҳсос нанамоянд.

Бо чашми аќл ва нигоҳи неку хайрандешӣ ба атроф назар андозем, мебинем, ки модарон на танҳо барои фарзандони шавҳар, ки бо сабабҳои гуногун аз зани аввал дар оила ва чорраҳаи зиндагӣ ҳайрону саргардон мондаанд, балки меҳру муҳаббат ва мададу хайрхоҳӣ менамоянд ва ба фарзандони ширмаку тифлакони бегонаро ҳам ба фарзандӣ ќабул менамоянд.

Дар баробари ин афсонаи мазкур ба волидайн талқин менамояд, ки ҷиҳати равонию хусусиятњои синну соли фарзандонро ба инобат гиранд, зеро на ҳамаи он суханоне, ки хурдтаракон бардошт мекунанд, наврасон онро бардошта метавонанд. Синни наврасӣ бисёр ҳассосияту нозукиро дар худ меғунҷонад, ки падару модарро лозим аст дар ин овон ба фарзандон зиракона ва дурбинона муносибат намоянд.

Як сухани беандешона ва пасту баланд метавонад фарзандро ба ҷониби фалокат раҳнамун созад, махсусан, дар замоне ки ба ҳиссиёт, шуур ва рафтори хурду бузурги ҷомеа, аз ҷумла наврасону навҷавонон маводҳои намоиши тибќи васоити ахбори умум, барномаҳои телевизионӣ, фитаҳо, интернет таъсири номатлуб мерасонанд ва гоҳо ќасд ба ҷони худу дигарон менамоянд.

Ҳамчуноне ки мо инро дар афсонаи «Булбулаки саргашта» дар симои Насим дидем .Сухани беандеша ва ғаразонаву сарду пуч аз ҷониби чи волидайн ва чи моиндар боиси худсӯзӣ, ғарқкунӣ ва нобудсозии фарзандон мегардад, ки ин амалест нобахшиданӣ.

Дар ҳоле, ки тамоми дунё 1-уми июнро чун «Рӯзи байналхалқии ҳифзи кӯдакон » эълон доштаву бо ташаббуси пешвои миллат, асосгузори сулҳу ваҳдат Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имсол дар маркази пойтахти кишвар шаҳри Душанбе Институти ваколатдор оид ба ҳифзи кӯдак роҳандозӣ гардидааст. Мо набояд аз тақдири тифлону наврасон худро дар канор гирем.

Бетарафӣ, бемасъулиятии волидайн фарзандро ба роҳи номатлуб – нашъамандӣ, дуздӣ, одамкушӣ, ифротгароӣ бурда метавонад. Баъди дар ин роҳҳо оғоз намудани фарзандон пушаймонӣ ба бор меоранд, ки дигар аз он суде нест, чуноне, ки ин пушаймониро мо дар симои моиндари Насим дар афсонаи «Булбулаки саргашта» дидем.

Дар мақтаи сухан ҳаминро бояд афзуд, ки дар ҳар як афсонаи халқӣ чи навъе ки қаблан зикр намудем қисмате аз ҳақиқат маҳфуз буда, он барои тарбияи насли наврас ва ҳам волидон хизматҳои бузурге ба сомон мерасонад.

Бояд ќайд кард,ки тарбияи кӯдак дар оила ин раванди идоракунӣ ва роҳбарии волидон ба муносибатҳои байниҳамдигарӣ, таъсирасонии маќсаднок ба фарзандон ва худ тарбиякунии волидон низ мебошад. Аз ин рӯ онҳо бояд ба худтарбиякунӣ, яъне аз худ кардани донишҳо, маҳорату малакаи таъсиррасонӣ диќќати ба њиссиёт, шуур ва рафтори кӯдакон ҷиддӣ диҳанд, ки дар иҷрои ин амал ба онҳо афсонаҳои халќии тоҷикӣ мададрасон шуда метавонанд. Ба монанди афсонаҳои «Булбулаки саргашта» ва «Зани ҳунарманд».Афсонае, ки мо зери таҳлил қарор дода будем дар тарбияи имрӯзи оила нақши бориз бозида, ҳушдор медиҳад, ки ҳамеша дар зиндагӣ ҳақиқат аз болои дурӯғ, некӣ аз болои бадӣ, рушноӣ бар зулмот ва сахо аз болои хасисиву мумсикӣ ғолиб хоҳад омад.

Ҳар касе ки оилаеро вайрон карда, аз ҳисоби вайронии он ба худ кошонаи бахт сохтанӣ мешавад (дар симои моиндари Насим) ҳеҷ гоҳ ба мақсад намерасад. Ва шояд дар ивази ин амалҳои номатлуб бахшишгаре чун Насим наёфта, тамоман хонавайрону дарбадар гардад ва пушаймонї суде набахшад.

Дар афсонаи «Зани ҳунарманд» бошад, нуқсонҳои фардии инсон ки ба ҳаёти ҷамъиятӣ ва шахсӣ зараровар аст инъикос гардидаанд. Зеро ин хислатҳои манфии инсон: ҳавобаландӣ,

зулму ситамгарӣ, пулу чизпарастӣ ва ғайраҳо дар симои шавҳар воқеан сазовори сарзаниш аст.

Дар афсонаи «Зани ҳунарманд», духтар ба ҳаёти оилавӣ тайёр буда, дар оила тарбияи хуб гирифта буд. Аз зулму ситами бой баромада, ҳаёти оилавии хубу орому осударо дарёфт.Албатта халқ дар ин афсона аз мушкилоту нобасомониҳои зиндагӣ роҳи гурез пеш гирифтани занро талқин накардааст, балки мардумро, махсусан, шахсони бадахлоқу золим, носипосу ҳавобаландро ҳушдор менамояд, ки оқибати чунин амалҳо сабаби хонавайронию пушаймонӣ шуда метавонад.

Дар афсонаи «Зани ҳунарманд» зан дар оилае умр ба сар мебурд, ки шавҳараш нисбати ӯ бераҳм, ситамгар ва иғвоангез буд. Баъд аз субҳона кардан болои ҳафт қабат курпача нишаста ба худтаърифкунӣ сар мекард.

- Ту эй зан, дар сояи давлати безаволи ман роҳат дорӣ, ба шарофати обрӯи калони ман дар байни ҳама обрӯманд ва иззатманд гардидаӣ. Аз боигарии ман шикамат сер ва танат пӯшидааст. Ба Худо ҳазор бор шукр кун, ки ман барин як шахси соҳиби ақли комил ва давлати фаровон шавҳари туам..

Зан, ки боодобу бономусу бошарм буд, сар хам карда гӯё нашунида мегузашт. Аз пагоҳ то бегоҳ аз қафои кору бори хона буд. Гов медӯшид, ба гӯсфандон хӯрок медод, хонаю ҳавлиро рӯбучин мекард, наҳорӣ тайёр менамуд, ҳар пешину бегоҳ барои шавҳараш ва меҳмонони ӯ таомҳои болаззат тайёр менамуд ва дар вақтҳои бекориаш тӯппидӯзӣ мекард . Зан тӯппиҳои хеле зебо медӯхту хизматгорони бой бо нархи қимат фурӯхта, пулашро оварда ба бой медоданд .

Рӯзе ҳамин ки бой аз нав ба таъриф сар кардани худ ва наҳ задани зан сар кард, зан дигар тоқат накарда гуфт :

- Ман аввало гумон мекардам, ки аз давлати шумо ишкамам сер ва танам пӯшидааст, вале акнун мебинам,ки боигарии шумо бе меҳнати ман зиёд намешавад. Ин гапҳоятон беҳудаанд!

- Бой аз шунидани ин суханон дар ғазаб шуда, аз ҷояш хесту фарёд зад:

- Ту зани аҳмақ, ту мӯйдарози кӯтоҳақл, чи хел гапҳо мегӯи? Ту бе ман гадо мешавӣ, гум шав аз назарам, дигар ба назарам нанамо! Зан аз суханони бой наҳаросида дар ҷавоби гапаш гуфт:

- Хуб ман аз назари шумо гум мешавам, вале хотирҷамъ бошед, гадо намешавам, балки ба камбағалтарин мард зан шуда, ӯро хушбахт мегардонам! 1

Дар афсонаи «Зани ҳунарманд» мо мебинем, ки зани меҳнатқарину бономус бо ҳуввaю тавоноии хеш бовар намуда аз он хонае, ки доим зулму ситам дошт баромада рафт. Агар дар оила байни зану шавҳар ҳамдигарфаҳмӣ набошад, ин оила пойдор намемонад, яъне пароканда мешавад. Дар шароите, ки занҳои мо зиндагӣ доранд агар, ҳунарманд намебуданд дар чорсӯи зиндагӣ мемонданд. Вобаста ба шароити иқтисодии Тоҷикистон солҳои зиёд аст,ки мардҳои мо дар муҳоҷирати меҳнатӣ ҳастанд. Зан ба ҳайси падар, зан ба ҳайси модар аз думболи зиндагӣ шабу рӯз мегардад.

Афсонаи «Зани ҳунарманд» духтарону занони моро бори дигар барои ҳунаромӯзию азхудкунии касб, ки сарчашмаи на танҳо даромади пулию молӣ, инчунин маромии осудаҳоливу хушбахтии оилавӣ аст даъват менамояд.

1 .Раҷаб Амонов. Афсонаҳои халқи тоҷик. Душанбе, «Ирфон»,1990 – 270с.

Аз худ кардани ҳунарҳои тӯппидӯзӣ, заргарӣ, гулдӯзӣ, ҳолинбофӣ ва ғайраҳо буд. Эҳё намудани арзишҳои моддию маънавии халқ буда, онҳо рисолату тавоноии бунёдкории духтарону занони тоҷикро нишон медиҳанд.

-Мо инро дар давоми афсонаи ибратомӯз дида метавонем. Зан ба гуфтаи худ амал кард. Марди камбағале буд бо номи Саид. Саид ҳар рӯз ба кӯҳ рафта як пуштор ҳезум карда, оварда муфурӯхт ва аз маблағи он рӯз мегузаронд. Зан хонаи Саидро бо меҳнатдӯстиву ҳалолкории худ обод намуд.

Минбаъд Саид ҳезум мекард, зан бошад ғайр аз корҳои хоҷагӣ боз тӯппидӯзӣ мекард. Саид ҳезум ва тӯппиҳоро бурда мефурӯхт. Торафт зиндагиашон хуб мешуд. Як бегоҳ дар вақти хӯрдани хӯрок зан ба шавҳараш гуфт:

Мардак чи мешавад, ки як бегоҳ калонони ин шаҳрро ба меҳмонӣ даъват кунем !

-Бисёр хуб мешавад,- гуфт Саид ва аз ин пешниҳоди ҳамсараш хурсанд шуд. Калонон ва обрӯмандони шаҳрро даъват намуданд. Дар қатори бойҳои шаҳр номи шавҳари пештараашро гирифт. Зан барои меҳмонон тайёрии хуб дид. Меҳмонон ба хонаи Саиди камбағал омаданд. Ҳуш аз сари меҳмонон парид, ки ин Саиди камбағал дар муддати кӯтоҳ соҳиби хонаю дар ва ин қадар боғу роғ шудааст.

Дар айни авҷи сӯҳбат яке аз меҳмонон аз Саид пурсид, ки ин қадар боигариро аз куҷо ба даст овардааст? Саид аз аввали кор то охир нақл кард.

Аз ин ҷавоб бой фаҳмид, ки ин зани аввалаи ӯст. Суханҳои гуфтаи зан ба ёдаш омад : «Ман шахси камбағалтаринро осудаҳолу хушбахт мекунам». Аз мазмуни ин афсона бар меояд, ки ин ба мавзӯи сифатҳои ахлоқӣ, ҳунармандӣ ва хирадмандии занон бахшида шудаанд . Афсона собит менамояд, ки агар зан поку бегуноҳ бошад, аз ҳар гуна вазъияти ногувор мебарояд, чунки ба шахси поку бе гуноҳ ҳамеша зафар ёру толеъ мададгор мешавад.

Чӣ тавре дар афсонаи «Зани хунарманд» дар боло зикр гардид,омадагии ин зан ба ҳаёти оилавӣ ва тарбияи фарзанд тайёр буда, ба ҳама сахтиҳо тоб оварда, охир ба комёбии калон ноил шуд. Ба бои золим бошад, аз баромада рафтани ин зан ба хонааш наҳсу касодӣ расид . Сухани гуфтааш ба ягон кас таъсир намерасонд. Бой доим афсӯс мехӯрд, ки ин чи кори кардаам буд, аз зани соҳибҷамолу покдоман ва меҳнатдӯст аз пушти суханҳои қабеҳу малолкунандаи худ маҳрум шудам . Беҳуда нагуфтаанд.

Бетамизиҳои мардум аз сухан пайдо шавад,

Пистаи бемағз агар лаб во кунад расво шавад.

Маҳбубияти афсонаҳои халқии тоҷикиро ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

Ҷадвал

№	Номи афсона	Қаҳрамони дӯстдошта	Беҳтарин ахлоқи қаҳрамони дӯстдошта	Амалу рафтори мусбати қаҳрамон
1	«Булбулаки саргашта»	Майрамбӣ, Насим, булбул.	Дилсӯз,ғамхори додараки худ.	Насим хоҳару хонаводаашро дӯст медорад, суруд мехонд ва боз ба хонааш баргашт
2	«Зани ҳунарманд»	З ан- ҳамсари бои бадхӯй ва Саид	Меҳнатдӯст, меҳрубон, оқила,хирадманд.	Саиди ҳезумкаш ва камбағалро бо ҳунари волои хеш бой гардонид.
3	«Донак»	Писарак-Баҳром	Боақл, қавиро дада ,гап даро, меҳнат дӯст, ҳушёр.	Ба гапи модараш гӯшкарда, донакро ба замин корид, меҳнат кард ва меваи ширин насибаш гардид.

Аз таҳлилу баррасии мазмун ва мақсадҳои эҷоди афсонаҳои «Булбулаки саргашта», «Зани ҳунарманд» ва ғайрааз тарафи халқи меҳнаткаш бори дигар ба хулоса омадан мумкин аст, ки инҳо ва дигар афсонаҳо дар худ мақсад ва вазифаҳои тарбиявиро таҷассум намудаанд.Дикқати волидонро ба як қатор мушкилотҳои тарбияи хонаводагї, омода намудани фарзандон ба хаёти оилавї ва оиладорї ҷалб намоянд, ки он ҳалли талаботи равонӣ, иҷтимой,ахлоқии ҷомеа гардидааст. Ба монанди:

1). истифодабарии методҳои демократии тарбия ба ҳамаи фарзандон (хоҳ угай бошад,хоҳ худӣ), барқарор намудани муносибатҳои дӯстона, ҳамдигарфаҳмӣ,дӯстӣ ва ғайраҳо;

2).баҳисобгирии хусусиятҳои фардию синнусолии фарзандон;

3).зарурати омӯзонидани касбу ҳунар ва ҳисси тарбияи меҳнатдӯстӣ;

4).ба ҳаёти оилавӣ тайёр намудани фарзандон бо роҳи омӯзонидани касбу ҳунар;

5).боварию эътимод доштан ба қувваю тавоноии шахсӣ дар бартараф

намудани мушкилотҳо;

6).ёд додани одоби муносибату муошират бо атрофиён;

7).дурандешӣ ва таҳаммулпазир будан ва ғайраҳо.

Боиси таасуф аст, ки анъанаи истифодаи афсонаҳо дар тарбияи оилавӣ имрӯз мақоми худро бо тамошои маводҳои иттилоотӣ бо мадади телевизиону фиттаҳо, интернету бозиҳои электронї иваз намуда истодааст. Афсонаҳо ин маҳсули на танҳо тахаюллоту эҷоди шифоҳии халқ аст, балки ифодагари ғояҳо ва таҷрибаи амалии мардум дар тарбияи фарзандон аст ва он бояд имрӯз мақоми болотаре дошта бошад. Афсона низ ифодагари ҳуввияти миллӣ, тарбияи миллӣ,худшиносиву худогоҳии халқу миллат аст.

АДАБИЁТ

1. Волков Г.Н.Этнопедагогика. Чувашская народная педагогика, Чебоксары 1974-376с.
2. Маҷидова Б. Нақши афсонаҳо дар тарбияти кӯдакон. Маҷмуаи
3. мақолоти илмӣ «Маънавиёт ва мушкилоти омӯзишу парвариш» зери
4. назари Х.Асозода. Душанбе, 2008, с 95-108.
5. РахимовБ., Нуров А. Педагогикаи этникӣ ва мардуми тоҷик.
6. Душанбе «Шарқи озод»- 2008,-296с.
7. Подласый И.П.Педагогика. В 2 книгах, Книга 2., Москва 1999-256с.
8. Рачаб Амонов. Афсонаҳои халқи тоҷик. Душанбе, «Ирфон»,1990 – 270 с.

НАРОДНЫЕ СКАЗКИ КАК ИСТОЧНИК ВОСПИТАНИЯ ДЕТЕЙ В СЕМЬЕ

В данной статье автор рассматривает роль и место таджикских народных сказок в воспитании и подготовке молодого поколения к семейной жизни. Особо подчеркивается необходимость создания положительной морально-психологической атмосферы в семье и освоение ремёсел, способствующих обеспечению материального и духовного благополучия в семье.

Автор считает, что современным семьям необходимо изучение воспитательных идей народа, отражающих многовековой опыт формирования культурных и духовных качеств молодого поколения.

Ключевые слова: *народные сказки, духовные ценности, семейное воспитание, подростки, родители, целепнавправленное воздействие, образ жизни, ремесла, трудолюбие, толерантность, средство, воздействие, взаимопонимание, нравственные качества, формирование, менталитет, самосознание.*

FOLK TALES AS A SOURCE OF EDUCATION OF CHILDREN IN THE FAMILY

In this article, the author considers the role and place of Tajik folk tales in the education and preparation of the young generation for family life. Particularly emphasized is the need to create a positive moral and psychological atmosphere in the family and the development of crafts that contribute to ensuring material and spiritual well-being in the family.

The author believes that modern families need to study the educational ideas of the people, reflecting the centuries-old experience of forming the cultural and spiritual qualities of the young generation.

Keywords: *folk tales, spiritual values, family education, adolescents, parents, purposeful influence, lifestyle, crafts, tolerance, means, impact, mutual understanding, moral qualities, formation, mentality, self-awareness.*

Сведение об авторе:

Сарбозова Зебо - *преподаватель кафедры педагогики и психологии Таджикского педагогического института в Раштском районе. Раштский район, улица Ялдамич Телефон (+992) 918144019, электронная почта: 08zebo@mail.ru*

About the author

Sarbozova Zebo *– An Instructor of the Chair of Pedagogy and Psychology, Tajik Pedagogical Institute in Rasht district. Rasht district, village Yaldamich Phone: (+992) 918144019, E - mail: 08zebo@mail.ru*

НАҚШИ АДАБИЁТИ БАДЕӢ ДАР ИНКИШОФИ НУТҚ ВА ТАРБИЯИ ОДОБИ МУОШИРАТ ДАР ХУРДСОЛОН

Ҷалолова Г.С.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Соли сеюми ҳаёт-марҳиллаи муҳими рушдёбии кӯдак буда, дар ин давра инкишофёбии муошират бо ҳамсолон ва калонсолон бо шиддат идома меёбад.

Дар муоширату муносибати кӯдак бо одамони гирду атроф дигаргуниҳои ҷиддӣ ба вуҷуд меояд, яъне ӯ бо хоҳиши худаш амал мекунад, хоҳишу талаботҳои ӯ бо талаботҳое, ки калонсол пешниҳод мекунанд, на ҳама вақт мувофиқат намекунад. Дар ҳаёти кӯдаки 2-3 сола бозиҳои серҳаракат ва шаклгирии бозиҳои сужетӣ мазмундор мавқеи калонро ишғол мекунад. Дар раванди фаъолиятҳо кӯдак ба амалиёти калонсолон тақлид намуда тарзи истифодаи дурусти бозичаҳо ва дигар ашёҳоро аз худ мекунад.

Дар инкишофи нутқи кӯдак истифодаи суруду таронаҳои навозишию дӯстдориҳо, адабиётҳои бадеӣ -ҳикоячаҳо, афсонаҳои ҳаҷман хурд, қофиябозиҳо ҳангоми муошират нақши муҳим мебозад. Инчунин ӯ мазмуни афсонаҳоро якчанд маротиба ба намоиш додани расму тасвирҳо, бозичаҳо нақл менамояд. Ин амал имконият медиҳад кӯдак афсонаро ҳамчун матни адабӣ идрок намояд мазмуни онро дар хотир нигоҳ дорад, захираи луғавии худро боӣ гардонад, ба шунидану дарк намудани матни адабӣ омода шавад.

Бинобарин, дар барномаи тарбия таълим ва инкишофи синни томактабӣ «Рангинкамон» ба шинос намудани кӯдакон бо адабиётҳои бадеӣ дар гуруҳҳои 2-3 солаҳо қисмати алоҳида ҷудо карда шудааст. Мураббия баъди нақл намудани мазмуни афсона ба кӯдакон тамошо кардани китобчаҳои бо расмҳои ранга ороддашударо барои мустақилона тамошо кардан пешниҳод менамоянд. Намоиши расму тасвирҳо имконият медиҳад, ки кӯдакон аксу тасвирҳои қаҳрамонони матни адабии шунидаашонро ба хотир оранд, онҳоро номбар намоянд, ба

мураббия саволҳо диҳанд, дар навбати худ кӯдакон метавонанд ба саволҳои мураббия ҷавоб диҳанд, ки он воситаи муҳими ташаккулдиҳии сохти грамматикии нутқ, омӯзонидани нутқи мураттаб аст, онҳо андешаи ҳамсолонро шунаванд, бо муоширату муносибат ворид гардида эҳтиёҷоти маънавии худро қонеъ созанд. Тибқи нишондоди олимон Д.Б Элконин, А.Д. Люблинская ва дигарон маҳз муошират асоси бунёдии олами фарҳангии кӯдак мегардад.

Таҳлили таҷрибаи кормандони муассисаҳои томактабӣ нишон медиҳад, маҳз нақл намудани мазмуни афсона, нақли кӯтоҳи ҳикояҳои аз воқеаҳои дидаю шунидани кӯдакон аз лаҳзаҳои гуворою ҳаловатбахш (идҳо, дилхушиҳо,бозиҳои дӯстдошта, либосҳои шинаму зебои ҳамсолон, таҳсину руҳбаландкунӣ) буда замина барои ёдгирии нутқи шифоҳӣи мураттаб мегардад. Ҳама вақт калонсолон ба кӯдак на танҳо намунаи хуби одоби муоширатро пешниҳод менамоянд, инчунин мунтазам риояи қоӣда ва меъёрҳои одоби муоширатро дар хона, гуруҳи кӯдакистон, ҷоӣҳои ҷамъиятӣ таъкид мекунанд.

Бояд қайд кард, ки бо диққат ва шунида тавонистани сухани атрофиён, мазмуни матни асарҳои бадеӣ низ ифодагари риояи одоби муошират, эҳтироми калонсолон мебошад, ки он дар педагогикаи миллии тоҷик ҳамчун сифати арзишманди шахс дар ҳамаи даврахои синну солии ҳаёти одам эътироф карда шудааст. Тарбияи одоби муошират чун қисми таркибии тарбияи ахлоқии кӯдакон таъсиррасонӣ ба шуур, ҳиссиёт ва рафтори кӯдакро таъмин менамояд. Кӯдак ҳамон вақт ба қоӣда ва меъёрҳои одоби муошират риоя менамояд, ки зарурияти онро эҳсос намояд, ба таҷрибаи ҳиссӣ такя намуда хоҳишу талаботҳои худро ба талаботҳои калонсолон тобеъ гардонда тавонад.

Дар асоси баҳисобгирии талаботҳои барномавӣ ва таҷрибаи бисёрсолаи худ мо таъсири адабиётҳои бадеиро дар ташаккулёбии сифатҳои ахлоқӣ, аз он ҷумла одоби муошират мавриди омӯзиш қарор додем. Маълум аст, ки вобаста ба мазмуни як қатор афсонаҳои дӯстдоштаи кӯдакон филмҳои тасвирӣ наворбардорӣ гардидаанд, ки кӯдакон онҳоро тамошо мекунанд, матнро мешунаванд, аз онҳо лаззат мебардоранд. Чунин афсонаҳо ба монанди «Мурғи чипор», «Кулчача», «Бузаки ҷингилапо», «Ду бузича», «Шалғам»ва ғайраҳо барои хурдсолон хеле шавқовар ва ҳаловатбахш аст. Ба андешаи мо нақл намудани мазмуни ин афсонаҳо, намоиш додани расму тасвирҳои китобчаҳо хусусияти ба худ хоси таъсиррасонӣ ба инкишофи нутқ ва одоби муоширати кӯдакон дорад. Чунки асоси онро сухани зиндаи калонсол бо истифодаи воситаҳои ифоданокии нутқ (оҳанг, истҳо, суръат ва қувваи овоз тағйирдиҳии оҳангу суръати овоз), ҳаракатҳои қиёфа ва имою ишора (мимика ва пантомима) ташкил намуда, муоширати нутқию ҳаракатии гӯянда-мураббия ва шунаванда-кӯдакон таъмин менамояд. Махсусан афсонаи халқии рус «Кулчача»-ро бо завқу шавқи калон мешунаванд. Ба овози қаҳрамонҳои афсона; бобо, бибӣ, кулчача, харгуш, гург, хирс, рӯбоҳ ба образҳои манфӣ ва мусбӣ баҳо дода метавонанд. Чунки ҳангоми нақл намудани афсонаи мазкур, намоиш додани расмҳо мураббия махсус сифатҳои қаҳрамонҳои афсонаро таъкид менамояд.

Масалан, гурги нодони гурусна, рӯбоҳи маккори фиребгар, кулчача нодону зудбовар ва ғайра.

Кӯдакон шунидани афсонаи халқи рус «Шалғам»-ро ки дар онҳо бобо, бибӣ, набера, сагча, гурба ва мушак иштирок мекунанд писанд аст,мураббия ва ё калонсол ҳангоми афсонаро нақл кардан диққати онҳоро бо қоӣда ва меъёрҳои муоширату муносибатҳои байниҳамдигарии қаҳрамонон шинос мекунанд. Ин амал имконият медиҳад дар кӯдакон оид зарурияти муоширату одоби муносибат тасаввуротҳои пайдогардад ва бинбаъд дар таҷрибаи амалӣ аз он истифода барад.

Кӯдакони синни 2-3 сола бо воситаи машғулиятҳои гуногуне, ки дар асоси баҳисобгирии хусусиятҳои синнусолии онҳо ба тарзи бозӣ ташкил ва баргузор мегардад ва онҳо барои хурдсолон хеле шавқовар ва ҳаловатбахш аст, доир ба арзишмандии маҳорати одоби муоширати хуб маълумот ҳосил менамоянд. Афзалияти истифодаи матнҳои хурди адабӣ дар он аст,ки кӯдакон бо баробари фаҳмидани мазмуну онҳо маҳорати гӯш кардану шунидани фикри калонсолонро ёд мегиранд, ба таллафузу истифодаи овозҳо, калимаю ибораҳо диққат дода ба қолабҳои забони адабӣ шинос мегарданд, ба саволҳо ҷавоб дода нутқи мураттабро аз худ мекунанд.

Мураббиён дар кӯдакистон инчунин аз эҷодиёти шифоҳии халқ, ки дар шакли шеърҳо, суруду таронаҳои навозишию дӯстдорӣ, қофиябозӣ, ҳазлу шухиҳо, бозиҳои ангуштӣ ва ғайра эҷод шудаанд васеъ истифода мебаранд.

Бояд қайд кард, ки шеърҳо, суруду таронаҳои навозишию дӯстдории халқи тоҷик аз тарафи Р.Амонов, Б. Шермуҳаммедов, Д. Обидов ва дигарон таҳқиқ ва гирд оварда шудаанд, ки аз онҳо чун хазинаи бебаҳо ва воситаи муҳими таълиму тарбияи хурдсолон истифода бурдан мумкин аст. Масалан шеърҳои «Офтоб барод ба рӯям», «Мусичаи бегуноҳ», «Шоҳпариё, шоҳбарӣ», «Дарвоза нигин дорад», «Чойрезаки додо» ва ғайраҳо даҳсолаҳо аст, ки дар оила аз

тарафи калонсолон ва дар кӯдакистон аз тарафи мураббияҳо чун воситаи инкишофи нутқ, тарбия намудани шавқу завқи зебопарастӣ ва таъмин намудани хушҳолию болидаруҳии кӯдакон мавриди истифодабарӣ қарор гирифтаанд.

Масалан, мураббия баъди хондани шеъри «Чойрезаки додо» мепурсад: Кӣ падарашро бештар дӯст медорад?, Кӣ ба суханҳои падараш гӯш медиҳад?. Агар калонсолонро гӯш кунад, мо ӯро чи гуна бача мегӯем? ва ғайраҳо.

Ҳангоми хондану саволу ҷавоб оид ба чунин шеърҳои кӯдакона ба тарбияи инсондӯстӣ, меҳрубонӣ, ва ҳамзамон бо диққат будан, ба якдигар халал нарасониданро хотиррасон мекунад. Дар ҷамъбасти машғулият мураббия кӯдаконро бо суханҳои «Чӣ хел кӯдакони ман боадаб, шеърро бо диққат гӯш карданд. Офарин ба Шумо!. Ҳамаи Шумо шеърро фаҳмидед? Шеър маъқул шуд?, Ман мебинам, ки ҳамаи Шумо хушҳол ҳастед!» ҳавасманд мегардонад.

.Дар хурдсолӣ захираи луғавии кӯдак аз ҳисоби тақлид ба тарзи талаффуз ва муроҷиати калонсол меафзояд. Хусусан шеъри халқии «Ҳавзак-ҳавзак» ки он дар якҷоягӣ ва бозии ангуштӣ дар якҷоягӣ истифода бурда мешавад ва ба саҳначаи театрӣ табдил додан мумкин аст. Ҳангоми хондани шеър ва ташкили бозии миллии «Ҳавзак-ҳавзак» калонсол-мураббӣ дасти кӯдакро гирифта, оҳиста сила карда бо панҷаи ишоратии худ кафи дасти кӯдакро молиш медиҳад ва хатҳои печида тасвир намуда мехонад:

Ҳавзак-ҳавзак
Гирдаш сабзак
Оҳу омад об хурд
Ору омад об хӯрд (бо ангушти худ ду маротиба мезанад)
Сипас панҷаҳоро бо навбат аз нарангушт сар карда хобонда мегӯяд;
Ин гов кушт,
Ин пӯст канд,
Ин шӯрбо пухт.
Ин шӯрбо хӯрда ноз кард,

Ин майдача (яъне ангушти охирини майдача) куҷо буд, ки ба вай шӯрбо нарасид ва онро ба шиками кӯдак расонида хушҳолона мегӯяд: Чулулу, барги каду!!.

Мақсади асосии ташкили бозиҳои ангуштӣ ҷалб намудани диққати кӯдакон ба ҳаракати майдаи мушакҳои хурди панҷаҳо, ба мазмуну оҳанги матн аст, ки ба инкишофи нутқ, диққат, бахотиргирӣ, идора карда тавонистани ҳаракатҳо равона карда шудааст. Ин бозии ангуштӣ ба кӯдак имконият медиҳад, ки мувофиқи ҳаракатҳои ангуштҳо хондани матнро мушоҳида намоянд аз он лаззату ҳаловат баранд. Дар натиҷаи якчанд маротиба такрор кардан матнро аз худ карда, ин бозиро минбаъд бо ҳамсолону ва хурдтаракон мустақилона такрор карда тавонад. Дар асоси ба ҳисобгирии хусусиятҳои психологии синнусолӣ, имконияти омӯзишӣ шавқу рағбати кӯдакон ба истифода аз бозиҳои ангуштӣ бедор карда мешавад ва ҳангоми бозӣ истифодабарии онро меомӯзанд, ва кӯдаконро ба интизомнокӣ, хушрафторӣ, то охир гӯш кардани сухану талаботи дигарон одат мекунанд.

Ҷабҳаи дигари тарбиявии ин бозиҳо дар он аст, ки волидону ва мураббиён бо кӯдак бозӣ карда дилбастагии худро ба ӯ нишон медиҳад, ҳангоми бозӣ матн, калимаву ибораҳои ҳамқофияро якчанд бор такрор менамояд то ин, ки кӯдак онҳоро аз худ кунад ва минбаъд мустақилона дар нутқи худ ҳангоми бозкунӣ истифода бурда тавонад. Мураббия метавонад бо мурури вақт ба бозиҳои ангишти бо истифодаи матну ибораҳои ҳамқофияро иваз намуда такмил медиҳад. Калонсол ҳангоми ташкилу гузаронидани бозиҳо бо нутқи худ оҳанги махсуси меҳрубонию дӯстдориро ворид намуда кӯшиш менамояд муошират мусбии эмотсионалиро таъмин намояд, то кӯдакон минбаъд чунин тарзи хондану муошират намуданро ёд гиранд.

Сурудҳои навозишии кӯдакона дар фолклори тоҷик мавқеи хоса доранд. Модарону, модаркалонҳо суруд хонда, кӯдаконро «алла» гуфта навозиш мекунанд. Баъдан модарон, мураббиён ба кӯдакон суруд ёд медиҳанд, ҳангоми меҳру навозишкунӣ аз қофиябозиҳо вобаста ба вазъият ва руҳияи кӯдакон истифода мебаранд. Ба монанди;

Духтаракам гул барин
Дастаи сумбул барин,

Духтари донои ман
Духтари зебои ман.

Кӯдакон моҳи дурахшонро дида, шодикунон суруд мехонанд:

Моҳмомо кулча те
Кулчаи бомазза те.

Ҳангоми мушоҳидаи табиат мураббия диққати кӯдаконро бо нурпошии офтоб ҷалб намуда чунин шеъри халқиро мехонад;

Офтоб баро ба рӯям,
Нуқрапӯшак ба мӯям,
Ҳалқаи зар ба гӯшам,
Чойники чой ба пешам
Рехта диҳам ба очам,
Очам гӯяд –балочам.

Мазмуни шеъру сурудҳо, қофиябозиҳо агарчи оддӣ бошанд ҳам, дар онҳо муносибату муошират одамон ба якдигар, ба ҳодисаҳо, ашёҳою ҳодисаҳои табиат тасвири худро ёфтаанд.Дар хурдсолӣ захираи луғавии кӯдак аз ҳисоби тақлид ба тарзи талаффуз ва муроҷиати калонсолон меафзояд. Ба захираи луғавии кӯдак калимаю ибораҳои нав дохил мешавад. Аз ин рӯ мураббия ва ё волидон диққати махсус диҳанд ва бо забони адабӣ муошират намоянд ва истифодаи онро ёд диҳанд. Дар хурдсолӣ ба кӯдак омӯхтани маданияти муошират рафтор бо воситаи истифодаи асарҳои бадеи аҳамияти калон дорад.

Мушоҳидаҳо ва таҷрибаи бисёрсола оид ба таҳқиқи таъсири адабиёти бадеӣ ба инкишофи нутқи кӯдакон нишон медиҳад, ки онҳо новобаста ба мавҷудияти нуқсонҳо дар таллафузи овозҳо, ки ба хусусияти синнусолӣ дорад, кӯдакон ба матни адабӣ, махсусан, афсонаҳо, шеъру таронаҳо, қофиябозиҳо таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамоянд. Маҳз дар ҳамин давра матни адабиро ҳамчун воситаи инкишоф додани нутқ, истифода бурдан мумкин аст. Дар айёми ду-се солагӣ, рисолати нутқ барқарор намудани муошират,ҷавоб ёфтан ба саволҳоро иҷро мекунад ва он воситаи тарбия намудани одоби муошират имконият вазифаи волидону мураббиён аст.

АДАБИЁТ

1. Барномаи тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ « Рангинкамон» 2012
2. Маҷидова Б «Бозиҳои ангиштӣ барои кӯдакони синни томактабӣ». Паёми Академияи Таҳсилоти Тоҷикистон №1 (28) Душанбе 2015
3. Лутфуллоев В М., Иматова Л «Лафзи ширин» 2015
4. Развитие речи детей дошкольного возраста под.ред.Ф А Сохина Москва, 1979

РОЛЬ ХУДОЖЕСТВЕННОЙ ЛИТЕРАТУРЫ В РАЗВИТИИ РЕЧИ И ОБЩЕНИИ ДЕТЕЙ 2-3-х ЛЕТНЕГО ВОЗРАСТА

В данной статье автором проанализирована роль художественной литературы в развитии речи и общении детей, народные сказки фольклор, потешки и пальчиковые игры, как средство развития мелкой моторики, активизация умственной деятельности детей раннего дошкольного возраста. Предъявляются педагогические требования, способствующие повышению воспитательной эффективности общения и развития речи детей 2-3 – х летнего возраста.

Ключевые слова: *развитие речи, общение, художественная литература, пальчиковые игры, маленькие дети, сказки, наслаждение, потешки, стихи, воздействие, умственные действия, игры упражнения, воздействие, эффективность.*

THE ROLE OF ART LITERATURE IN DEVELOPMENT SPEECH AND COMMUNICATION OF CHILDREN 2-3 YEARS OF AGE

In this article, the author analyzed the role of fiction in the development of speech and communication of children, folk tales folklore, rhymes and finger games, as a means of developing fine motor skills, enhancing the mental activity of children of early preschool age. Pedagogical requirements are being made that contribute to improving the educational performance of communication and the development of the speech of children 2-3 years.

Kaywords: *Speech development, communication, fiction, mental actions, exercise games, action performance.*

Сведения об авторе:

Джалолова Гулчехра Субхоновна *- ассистент кафедры общей психологии и педагогики факультета психологии и инклюзивного образования Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни город Душанбе улица Рудаки, 121. тел; (+992) 915766100*

About the autor:

Jalolova Gulchthra Subhonovna *- Assistant of the Chair of General Psychology and Pedagogy, Faculty of Psychology and Inclusive Education, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni. Dushanbe, Rudaki street, 121. Phone: (+992) 915766100*

ТАШКИЛУ ГУЗАРОНИДАНИ МАШҒУЛИЯТҲОИ БЕРУНИСИНФӢ АЗ ФИЗИКА БАҲРИ ТАШАККУЛИ ҚОБИЛИЯТИ ЭҶОДИИ ХОНАНДАГОН

Мавлонов И.Ш., Ашӯров А.Ҳ.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Яке аз вазифаҳои дидактикии омӯзиш, ин ташаккул додани қобилияти эҷодии хонандагон мебошад. Дар раванди таълими физика баҳри ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон роҳу усулҳои зиёд мавҷуд мебошад. Яке аз ин роҳҳо ташкил намудани кори мустақилона баҳри ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон ҳангоми гузаронидани машғулиятҳои берунисинфӣ мебошад.

Бояд гуфт, ки доир ба хусусиятҳои ташкили корҳои мустақилона аз физика, дар адабиётҳои методӣ [2, 3] ба таври умумӣ, маълумот оварда шудааст, вале доир ба ташкил намудани корҳои мустақилонаи тавсифоти эҷодидошта ва хусусан, ташкил намудани корҳои мустақилонаи тавсифоти эҷодидошта ҳангоми гузаронидани машғулиятҳои берунисинфӣ камтар аҳамият дода шудааст. Ҳол он ки баҳри ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон ҳангоми гузаронидани машғулиятҳои берунисинфӣ низ корҳои мустақилона ташкил намудан мумкин аст. Бинобар ҳамин, мо тасмим гирифтем, роҳу усулҳои ташкил намудани корҳои мустақилонаи тавсифоти эҷодидоштаро ҳангоми гузаронидани яке аз навъҳои маъмулии машғулиятҳои берунисинӣ – саёҳатҳои физикӣ нишон диҳем. Зеро саёҳатҳои физикӣ яке аз воситаҳои муҳим баҳри ташкили корҳои мустақилонаи тавсифоти эҷодидошта аз физика ба ҳисоб рафта, мувофиқи барномаи таълимӣ [1] барои ҳар як зинаи омӯзиши курси физикаи мактабӣ пешбинӣ шудааст.

Бояд гуфт, ки корҳои мустақилонае ки баҳри ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон ташкил карда мешаванд, тавсифоти эҷодӣ доранд ва аз ҳамин сабаб онҳоро ҳамчун корҳои мустақилонаи тавсифоти эҷодидошта ном бурдан мумкин аст. Ташкил намудани корҳои мустақилонаи тавсифоти эҷодидошта ҳангоми гузаронидани машғулиятҳои берунисинфӣ аз физика ба васеъ намудани ҷаҳонбинии маърифатӣ-илмии хонандагон мусоидат менамоянд.

Ҳангоми гузаронидани ҳама гуна машғулиятҳои берунисинфӣ аз физика кори мустақилонаи тавсифоти эҷодидоштаро ташкил намудан мумкин аст. Барои мисол, мо дар зер ташкил намудани кори мустақилонаи тавсифоти эҷодидоштаро ҳангоми гузаронидани саёҳатҳои физикӣ муоина менамоем.

Зимни ташкили корҳои мустақилонаи тавсифоти эҷодидошта дар ҷараёни саёҳатҳои физикӣ чунин омилҳоро бояд ба эътибор гирифт:

- баланд шудани дараҷаи мушкилии супоришот;
- барқарор кардани назарияи физикӣ бо амалия дар шароити воқеӣ;
- хулосабарорӣ ва ҷамъбасткунии кори мустақилона [7].

Аз таҳлили хулосаҳои дар боло овардашуда бармеояд, ки корҳои мустақилона баҳри ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон, бояд ба таври системанок, аз содда ба мураккабшавии мавод ҷараён гирифта, дар маводи пешниҳодшаванда татбиқи амалии он бо амалия бояд инъикос карда шавад.

Хусусияти дигари ташкили корҳои мустақилонаи тавсифоти эҷодидошта дар он аст, ки сатҳи тайёрии математикӣ ва захираи дониши физикии хонандагон гуногун буда, барои байни онҳо тақсим кардани супоришот мушкилӣ эҷод карданаш аз эхтимол дур нест. Инчунин, сатҳи тайёрии хонандагон барои иҷро намудани шаклҳои гунонуни корҳои мустақилона якхела нестанд. Баъзе аз хонандагон дар синф бо китоби дарсӣ мустақилона кор накардаанд ва мустақилона масъала хал накардаанд (ба истиснои корҳои санҷишӣ) [4]. Ҳамазамон, на ҳамаи хонандагон аз ӯҳдаи иҷрои дилхоҳ супорише, ки аз тарафи омӯзгор, барои мустақилона иҷро намудан пешниҳод карда мешаванд, мебароянд.

Омилҳои зикршуда хусусияти мазмун ва методикаи роҳбарӣ ба корҳои мустақилонаи тавсифоти эҷодидошта дар ҷараёни саёҳатҳои физикӣ, шаклҳои гуногуни машғулиятҳои таълимӣ, ки дар доираи онҳо ин корҳо ташкил карда мешаванд, усулҳои назорат ва ғайраро муайян менамоянд.

Дар ҷараёни саёҳатҳои физикӣ ба ташаккулёбии фикронии назариявӣ ва маҳорати аз назарияи умумӣ (бо методи дедуктивӣ) ба фикрронию хулосабарории ҷузъӣ ноил гаштани хонандагон, диққати асосӣ додан зарур аст. Навъҳои гуногуни корҳои мустақилонаи тавсифоти эҷодидошта, ки хонандагон дар ҷараёни саёҳатҳои физикӣ

ичро мекунанд, бояд пурмаҳсулу самаранок бошанд ва бо сарфи ками вақт ичро шаванд [5, 6].

Акнун, дар мисоли мушаххас методикаи ташкил кардани кори мустақилонаи тавсифоти эҷодидоштаро дар ҷараёни саёҳати физикӣ ба соҳили дарё пешниҳод менамоем.

Мавриде, ки хонандагон ба соҳили дарё меоянд, роҳбалад диққати онҳоро ба моҳиҳое, ки дар наздикиҳои соҳил шино мекунанд ва инчунин обсабзҳо равона карда, чунин супоришоти тавсифоти эҷодидошта пешниҳод менамояд [5, 6]:

1. ***Ба шакли моҳиҳо диққат диҳед***. Чаро моҳиҳо чунин шакл доранд? (**Ҷавоб.** *Чунин шакл доштани моҳиҳо ҳангоми ҳаракати онҳо дар об баҳри кам кардани муқовимати он мусоидат мекунад*) (Дар ин ҷо баъдан ҷавоби хонандагон оварда мешаванд).

2. ***Мушоҳида кунед***. Оё ҳангоми ҳаракат мавқеи қанотҳои моҳӣ тағйир меёбанд ё на? (**Ҷавоб.** *Ҳангоми ҳаракат мавқеи қанотҳои моҳӣ тағйир меёбанд, зеро моҳиҳо қанотҳои худро ба ҳаракат дароварда, тавассути болҳо ба об таъсири мутақобил карда, ҳамин тариқ аз об тела мехӯранд. Мавриди тез ҳаракат кардан, моҳиҳо қанотҳои худро ба танаашон зич мекунанд, ки ин баҳри кам кардани муқовимати об мусоидат менамояд*).

3. Озмоиш гузаронида гӯед, ки моҳиро дар даст нигоҳ доштан осон аст ё мушкил? Чаро мушкил аст? (**Ҷавоб.** *Моҳиро дар даст нигоҳ доштан мушкил аст, чунки танаи он бо моддаи луобӣ пӯшида шудааст, ки ин модда соишро кам карда, бадани моҳиро лагжонак мекунад*).

4. Пояи растаниҳои обиро, ки нисфаш дар даруни об асту нисфи дигараш берун аз об, мушоҳида карда гӯед, ки он дар назаратон чӣ гуна мушоҳида менамояд? (*Пояи ин растаниҳо гӯё шикаста ё қатшуда менамоянд*). Шарҳаш поёнтар.

5. Пояи растаниҳои обӣ ва растаниҳои дар соҳил сабзандаро мушоҳида карда, онҳоро муқоиса кунед. Онҳо чӣ фарқият доранд ва барои чӣ? (Пояи растаниҳои обӣ назар ба растаниҳои дар соҳил сабзанда бориктаранд, чунки онҳоро дар об қувваи «болотеладиҳанда» нигоҳ медорад).

Чунин озмоишҳо гузаронед: 1. Ба ягон нуқтаи сатҳи оби оромдоштаи дарё сангчаеро партофта, онро мушоҳида кунед. Гӯед, ки Шумо чиро мушоҳида кардед? (Ҳангоми ба оби ором партофтани сангча, аз нуқтаи афтиши он ба ҳар тараф мавҷ паҳн мешавад).

2. Гӯед, ки оё ягон барг ё хаси дар сатҳи мавҷи рӯйи об мавҷудбуда, ба ягон тараф ҷой иваз мекунад ё на? Ҷавобатонро дар таҷриба санҷед. (Одатан хонандагон ҷавоб медиҳанд, ки барг ё хаси дар сатҳи мавҷи рӯйи об мавҷудбуда, ба самти паҳншавии мавҷ ҷой иваз мекунанд, вале онҳо озмоиш гузаронида, баръакси инро мебинанд. Озмоиш нишон медиҳад, барг ё хас дар сатҳи об ҷой иваз накарда, дар ҷояш лаппида меистанд).

3. Дар қаъри оби наздикиҳои соҳил сангҳои на он қадар калон мавҷуданд. Ягон асои рости чӯбинро гирифта кӯшиш кунед, ки нӯги асоро ба яке аз сангҳои зери об расонед. Инро ҳаминҷо қайд кардан ҷоиз аст, ки ин корро ба осонӣ ичро намудани хонандагон ғайриимкон аст. Хонандагон ҳарчанд кӯшиш кунанд, ҳам аз ӯҳдаи ин кор баромада наметавонанд. Гарчанде онҳо дуруст нишон гирифта, нӯги асоро ба ягон самт равона кунанд ҳам, вале ба он расонида наметавонанд. Сабаби ин дар чист? (**Ҷавоб.** *Сабаби ин ва сабаби шикаста ё қатшуда ба назар намудани пояҳои растаниҳои обӣ, ин шикасти нури рӯшноӣ ҳангоми аз об ба ҳаво гузаштан аст*).

4. Гӯед, ки сангеро дар дохили об бардоштан осон аст ё дар соҳил? Ҷавобатонро дар таҷриба санҷед ва асоснок кунед. (**Ҷавоб.** *Сангро дар дохили об бардоштан осонтар аст, чунки дар ин маврид қувваи «болобурд» (қувваи архимедӣ) ёри мерасонад. Хонандае ягон сангро гирифта, аввал дар соҳил онро то миён боло мебардорад ва боз ҳамон сангро дар дохили об ба ҳамон баландӣ бардошта, ба дурустии ҷавоб боварӣ ҳосил мекунад*).

5. Ба сатҳи оби дарё бодиққат нигоҳ кунед. Сатҳи оби дарё ҳамвор аст. Гӯед, ки оё он уфуқист? (**Ҷавоб.** *Не, уфуқӣ нест. Агар он уфуқӣ мебуд, он гоҳ оби дарё ҷорӣ намешуд*).

6. Ба ҷараёни оби дарё бодиққат нигоҳ карда гӯед, ки дар кадом нуқтаи он суръати ҷоришавии об зиёд аст: дар наздикии соҳил ё дар қисми мобайнии он? Ҷавобатонро дар таҷриба санҷед ва онро шарҳ диҳед. (**Ҷавоб.** *Суръати ҷоришавии об дар қисми мобайнии дарё зиёдтар аст*). Барои санҷидани ҷавоб хонандагон чунин озмоиш мегузаронанд: ду хонанда 25-30 м аз хонандагони дигар ба самти муқобили ҷараёни оби дарё боло рафта, дар фосилаи баробари вақт ҳар яке (яке ба оби наздикии соҳил, дигаре ба қисми мобайнии дарё) ду шохчаи чӯбини хушкро ба рӯйи об мепартоянд. Хонандагони дигар мушоҳида мекунанд, ки чӯби дар қисми мобайнии дарё партофташуда тезтар ҳаракат

карда, аз назди онҳо назар ба чӯби дар канори дарё партофташуда тезтар мегузарад. Хонандагон сабаби кам шудани суръати ҷоришавии обро мефаҳмонанд.

7. Акнун гӯед, ки дар қисми мобайнии дарё шино кардан осонтар аст ё дар қисми канории он? (**Ҷавоб.** *Дар қисми канории дарё (наздикии соҳил) шино кардан осонтар аст, чунки суръати ҷоришавии об дар наздикии соҳил кам аст*).

8. Акнун биёед, тақрибан ҳам бошад, суръати ҷараёни оби дарёро муайян кунем. Барои ин чӣ кор кардан лозим аст? (Барои муайян кардани ҷараёни оби дарё чунин рафтор мекунанд: дар соҳил ду нишона мегузоранд. Масофаи байни ду нишонаро чен карда, қайд мекунанд. Аз нишонае, ки дар қисми болоии ҷараёни оби дарё воқеъ аст, ягон лавҳаи чӯбинро ба қисми мобайнии оби дарё партофта, бо баробари ба об задани он ҳисоби вақтро (тавассути сониясанҷ) оғоз мекунанд. Мавриди аз назди нишони дуюм гузаштани лавҳаи чӯбин, вақтро ба ҳисоб мегиранд. Пас аз он масофаи тайкардаи лавҳаи чӯбинро (масофаи байни нишонаҳоро) ба вақти ҳаракати он тақсим намуда, суръати ҷоришавии обро ҳосил мекунанд).

9. Гӯед, ки дар кадом қисми дарё фишори об зиёдтар аст: дар мобайн ё дар наздикии соҳил? (**Ҷавоб.** *Фишори об дар қисми мобайнии дарё зиёдтар аст, чунки чуқурии қаъри об дар мобайни дарё назар ба наздикии соҳил зиёдтар мебошад ва фишори моеъ (об) бо афзудани чуқурӣ меафзояд*).

Пас аз он, ки хонандагон оббозӣ карда, ба соҳил мебароянд, ба онҳо пешниҳод намудани чунин супоришҳо бамаврид аст:

1. Гӯед, ки сатҳи болоии об гармтар аст ё сатҳи поёнии он? Ҷавобатонро дар амал санҷед ва шарҳ диҳед. (Ду хонанда ҳарорати обро дар сатҳи болоии об ва сатҳи поёнии он ба ҳароратсанҷ чен карда, натиҷаҳои ченкуниашонро чунин шарҳ медиҳанд: *аз сабаби он ки зичии оби гарм назар ба зичии оби хунук камтар аст, бинобар ҳамин оби гарм дар қабати болоӣ ҷойгир мешавад*).

2. Ҳозир ҳамаатон оббозӣ карда, аз об ба соҳил баромадед. Акнун гӯед, ки чаро гарчанде ҳавои соҳил гарм бошад ҳам, ҳангоми аз об баромадан, Шумо худро хунукхӯрда ҳис кардед, ҳатто аз хунукӣ ларзидед? (**Ҷавоб.** *Ҳангоми ба хушкӣ баромадан оби бадани инсон мунтазам бухор шуда, оби бухоршудаистода як қисми гармиро бо худ мебарад. Аз ҳамин сабаб, ҳарорати бадани одам паст шуда, одам худро хунукхӯрда ҳис мекунад*).

3. Гӯед, ки барои чӣ дар фасли тобистон ҳарорати об дар обанборҳои кушод (баҳрҳо, кӯлҳо, дарёҳо) ҳамеша аз ҳарорати ҳавои атроф пасттар аст? (**Ҷавоб.** *Об моеи зудбухоршаванда буда, мунтазам бухор шуда меистад ва дар раванди бухоршавӣ ҳамон молекулаҳое, ки энергияи кинетикиашон нисбатан зиёдтар аст, аз сатҳи об канда шуда мешаванд. Бинобар ҳамин, энергияи дохилии об кам ва ҳарораташ паст шуда меистад*).

Ба ақидаи мо, ташкили мусалсали корҳои мустақилонаи тавсифоти эҷодидошта ҳангоми гузаронидани саёҳатҳои физикӣ баҳри баланд бардоштани савияи дониш, ташаккули қобилияти эҷодӣ, маҳорат ва малакаҳои амалии хонандагон ёрӣ мерасонад. Аз ин рӯ, омӯзгорони фанни физикаи МТМУ метавонанд, ҳангоми гузаронидани саёҳатҳои физикӣ, ва умуман дар ҳама гуна шаклҳои машғулиятҳои берунисинфӣ аз физика корҳои мустақилонаи тавсифоти эҷодидоштаро ташкил намоянд.

АДАБИЁТ

1. Барномаи физика барои синфҳои 7-11-и мактабҳои таҳсилоти умумӣ. – Душанбе: Матбуот, 2004. – 46 с.
2. Дикова Л.О. О самостоятельной работе учащихся. // Физика в школе, 1979, №1, С. 81-82.
3. Рева Ю.В. Самостоятельная работа учащихся. // Физика в школе, 1981, №3, С. 46-50.
4. Умаров У.С., Мавлонов И.Ш. Ташкили кори мустақилонаи тавсифоти эҷодидошта дар машғулиятҳои лабораторӣ. // Маҷмӯаи «Маводи конференсияи илмӣ - методии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Проблемаҳои муосири илмҳои табиӣ-математика ва таёрии касбӣ - методии муаллимон». – Душанбе : ДДОТ, 2013, С.67-68.
5. Умаров У.С., Рачабов У.Х. Корҳои беруназсинфӣ аз физика. Васоити методӣ. – Душанбе, ДДОТ, 2006. – 192 с.

ОРГАНИЗАЦИЯ И ПРОВЕДЕНИЕ ВНЕКЛАССНЫХ ЗАНЯТИЙ ПО ФИЗИКЕ С ЦЕЛЬЮ РАЗВИТИЯ ТВОРЧЕСКИХ СПОСОБНОСТЕЙ УЧАЩИХСЯ

Развитие творческих способностей учащихся в процессе преподавания, в том числе преподавания физики, является одной из основных задач в обучении. Для развития творческих способностей учащихся, существуют различные пути и методы. Одним из основных путей

развития творческих способностей учащихся является организация самостоятельных работ творческого характера при проведении внеклассных занятий, в том числе, экскурсии по физике. В этой статье затрагивается содержание этой проблемы. В ней авторы выражают свою точку зрения по поводу методической организации самостоятельной работы творческого характера при проведении внеклассных занятий. Приводится пример задания по организации самостоятельных работ учащихся по физике во время экскурсий на набережную реки. С точки зрения авторов, организация самостоятельной работы творческого характера при проведении внешкольных занятий, в том числе экскурсий по физике, является хорошим средством развития творческих способностей учащихся. Поэтому учителя физики СОУ могут воспользоваться этим методом и методическими рекомендациями в своей практической деятельности.

Ключевые слова: *самостоятельная работа, экскурсия, внеклассная работа, творческая способность, знание, умение, навык..*

ORGANIZATION AND CONDUCT OF EXTRACURRICULAR PHYSICS CLASSES WITH THE AIM OF DEVELOPING STUDENTS CREATIVE ABILITIES

The development of students' creative abilities in the teaching process, including the teaching of physics, is one of the main tasks of instruction. For the development of students' creative abilities, there are various ways and methods. One of the ways to develop students' creative abilities is to organize independent creative work during extracurricular activities, including guided tours of physics. This article addresses the content of this issue. In it, the authors expressed their views on the methodological organization of independent work of a creative nature during extracurricular activities. An example of a task for organizing independent work during physical excursions to the embankment of a river is given. From the point of view of the authors, the organization of independent work of a creative nature during extracurricular activities, including physical excursions, is a good way to develop students' creative abilities. Therefore, physics teachers of the SDA can use this method and methodological recommendations in their practical activities.

Keywords: *independent work, excursion, extra-curricular work, creative ability, knowledge, skill, skill.*

Сведения об авторах:

Мавлонов Изатулло Шашаевич *– ассистент кафедры методики преподавания физики Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни.* ***Адрес:*** *734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, район И. Сомони, проспект Рудаки 121. Тел.: (+992) 918 14 64 10.*

Ашуров Ашурмахмад Хусинович *– ассистент кафедры методики преподавания физики Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни.* ***Адрес:*** *734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, район И. Сомони, проспект Рудаки 121. Тел.: (+992) 93 807 80 81.*

About the authors:

Mavlonov Izatullo Shashaevich *– Assistant of the Chair of Physics Teaching Methodology of the Tajik State Pedagogical University named by S. Ayni.* ***Address:*** *734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 121. Tel.: (+992) 918 14 64 10.*

Ashurov Ashurmahmad Husinovich *– Assistant of the Chair of Physics Teaching Methodology of the Tajik State Pedagogical University named by S. Ayni.* ***Address:*** *734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue 121. Tel.: (+992) 93 807 80 81.*

УДК: 372.8 (575.3)

ХУДОМӮЗӢ ОМИЛИ МУҲИМИ РУШДИ МАҲОРАТИ КАСБИИ ОМӮЗГОР

Корвонбекова И.

Пажуишгоҳи рушди маориф Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

«Равшанкунандаи хиради башар ва афрӯзандаи машъали илму донишу тавоноӣ- омӯзгор, муаллим ва устод аст»

Эмомалӣ Раҳмон

Арзёбӣ шудани соҳаи маориф ҳамчун соҳаи афзалиятнок ва калидӣ аз ҷониби Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, воқеан ба рушди устувор ва пешравии соҳа фазои мусоид фароҳам овард. Пешрафти устувори иқтисодӣ, таҳвияти нерӯи инсонӣ, истифодаи навгонию бозсозии тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи кишвар, бахусус, дар самти татбиқи ислоҳоти маориф иқдоми арзишманд маҳсуб меёбад.

Дар Паёми имсолаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд карда шудааст:"…таҳким бахшидани иқтидори илмии кишвар, ҷорӣ кардани ихтироот дар истеҳсолот, устувор гардонидани пояҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ҷалби боз ҳам васеи истеъдодҳои ҷавон ба омӯзиши технологияҳои муосир ва корҳои эҷодиву техникӣаз ҷумла соҳаи илму маориф мебошад». [1].

Омӯзгор ҳамчун пешбарандаи сиёсати давлат дар соҳаи маориф, пеш аз ҳама, бо истифода аз технологияи муосири таълим ҳамчун омӯзгори соҳибкасб, мутахассиси варзидаи аз нозукиҳои касб бохабар дар таълиму тарбияи насли наврас ба дастовардҳои назаррас ноил мегардад. Омӯзгори муваффақбояд пайваста сатҳи донишу малакаи худро такмил дода, мунтазам дар ҷустуҷӯҳои эҷодӣ бошад. Яке аз омилҳои муҳими такмили маҳорати касбӣ дар марҳилаи кунунӣ ин худомӯзии омӯзгор арзёбӣ мегардад.

Худомӯзӣ – фаъолияти максаднокест, баҳри ба даст овардани донишҳои иловагӣ ва мустақилона, расидан ба ҳадафҳои дар пешгузошта мебошад. Худомӯзии омӯзгор аз як тараф ба хусусияти хоси фаъолияти таълимӣ ва нақши иҷтимоии он, аз тарафи дигар ба воқеият ва майлҳои таҳсилоти давомдор, ки бо шароити доимии корҳои педагогӣ, эҳтиёҷоти ҷомеа, эволютсияҳои илмӣ ва амалияи он зич алокаманд мебошад.

Академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, М. Лутфуллозода қайд мекунад, ки худомӯзӣ дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ беҳтарин роҳи баланд бардоштани такмили ихтисоси кадрҳо шумурда мешавад. «... бузургони ҷаҳонро худомӯзӣ бузург кардааст» [2]. Собиқадори соҳаи маориф Ҳ. Бобоев чунин қайд намудаст: "Сатҳи омодагии касбӣ ва салоҳиятнокии омӯзгор аслан аз худомӯзии омӯзгор... вобаста аст"[3].

Ҷим Рон педагоги машҳур қайд мекунад, ки«...таҳсилоти маъмулӣ ба кас кӯмак мерасонад, ки зиндагӣ кунад, худомӯзӣ бошад ӯро ба муваффақият комёб мегардонад» [4].

Сенека Л.А.таъкид намудааст: «Мо барои мактаб не, балки барои ҳаёт меомӯзем» [5].

Бояд қайд намуд,ки муҳити муосири иттилоотӣ чунон тағйирпазир аст, ки агар Шумо маълумоти олиро 10-15 сол пештар гирифта бошед, имрӯз маълумотатон куҳна пазируфта шуда, такмили маълумоти касбӣ на танҳо барои шумо, балки барои муассисае, ки шумо дар он фаъолият доред, зарур шуморида мешавад.

Аз хулосаҳо бармеояд, ки худомӯзӣ ин фаъолияти мақсадноки доимӣ ва раванди мунтазами ҷустуҷӯ, дарёфт, таҳлил, ҷамъбаст, хулосабарории маводи муосири таълимию методӣ ва истифодаи эҷодии онҳо дар фаъолияти педагогии доимии омӯзгор маҳсуб меёбад. Худомӯзӣ барои фаъолияти самарабахши мунтазами касбии омӯзгор шарти зарурӣ арзёбӣ мегардад. Ҷомеа ҳама вақт талабот ба омӯзгори дорои тахассуси баланд дошт, дорад ва хоҳад дошт.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон дар Рӯзи дониш ва дарси сулҳ (1.09.2014) хеле бамаврид қайд намуданд: "Мо заҳмати устодону омӯзгоронро ҳамеша баланд арзёбӣ мекунем ва ғамхориро дар ҳаққи онҳое, ки дар ин соҳа хизматҳои шоиста кардаанд, идома медиҳем. Лекин пешрафти ҷомеа, тараққиёти илму техника ва технология тақозо мекунад, ки онҳо низ барои баланд бардоштани сатҳи касбияти худ мунтазам кӯшиш кунанд. Агар омӯзгор сатҳи баланди касбият надошта бошад, мо ҳеҷ гоҳ ва бо ягон восита сифати таълиму тарбияро беҳтар карда наметавонем" [6].

Вақеан, барои он, ки дигаронро омӯзонед бояд дониши назариявӣ ва амалии замонавӣ дошта бошед. Аз ин рӯ, омӯзгор бояд мунтазам дар пайи чустуҷӯи навгонӣ ва як умр омӯзанда бошад. Дар марҳилаи кунунии рушди муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани сифати таълим пурра ба сатҳ ва сифати худомӯзӣ вобастагӣ дорад.

Худомӯзӣ бояд ба рушди тафаккур, азхудкунии малакаҳои эҷодӣ, таҳлили шароити муҳити омӯзишӣ, арзёбии захираҳои нерӯи зеҳнӣ, пешгӯии натиҷаи фаъолиятҳои таълимӣмуайян намудани ниёзҳои ҷомеа дар даврахои муайян ва таҳия намудани моделҳои таълимӣ-чандирӣ мутобиқи талаботи ояндаи ҷомеа нигаронида шавад.

Барои ба роҳ мондани худомӯзи амалҳои зеринро ба эътибор гирифтан муҳим аст:

- кор бо манбаъҳои иттилоотӣ дар мавзӯи худомӯзии педагогӣ;
- истифодаи самараноки объектҳои мултимедӣ дар раванди таълим;
- арзёбии маводи электронӣ ва истифодаи мақсадноки он дар раванди дарс;

- тасаввуроти пурра доштан дар бораи маълумоти иловагӣ ва таълимӣ-медиавӣ тавассути шабакаи интернет, истифодаи тавсияҳо дар раванди дарс ва истифода бурда тавонистани онҳо, иҷро кардани супоришҳои гуногуни фаъолкунандаи тафаккур ва ғайра;

- маълумот доштан дар бораи санадҳои соҳавӣ, аз ҷумла тавассути интернет, ворид намудани ҳуҷҷатҳо, маводи методӣ ва мониторинг.

Худомӯзии омӯзгор бо ду роҳ амалӣ мешавад:

а) Ба таври инфиродӣ:

- таҷрибаи корҳои озмоишӣ;
- мунтазам мутолиа намудани рӯзномаву маҷаллаҳои соҳавӣ;
- пайваста мутолиа намудани васоити таълимию методӣ ва адабиёти бадеӣ;
- аз назар гузаронидани маълумотҳои интернетӣ (навгониҳо) дар бораи маводи дарсӣ, пешрафти илми педагогика, психология, технологияи педагогӣ;
- ҳалли масъала, машқ, тест(санҷишҳо), кроссворд ва дигар масъалаҳои мураккабӣ таълимӣ;
- намоиши маводи дарсӣ ва таҳқиқотӣ.

б) Ба таври гурӯҳӣ:

- иштирок дар семинар, тренинги омӯзишӣ, конференсияи илмию методӣ, маҳфил, шабҳои саволу ҷавоб;
- иштирок дар дарсҳои якдигар (таҷрибаомӯзӣ);
- кор дар гурӯҳҳо;
- мунтазам гузаштани курсҳои такмили ихтисос;
- иштирок дар ҷаласаҳои иттиҳодияҳои методии мактабию ноҳиявӣ (шӯроҳои педагогӣ ва методӣ);
- ташкили маҳфилҳои беруназсинфӣ доир ба мавзуъҳои дарсӣ;
- иштирок дар мусобиқа ва олимпиадаҳои сатҳи гуногун;

Нақшаи инфиродии худомӯзии омӯзгор азқисмҳои зерин иборат аст**:**

- мавзӯъ;
- мақсад;
- масъала (вазифа, проблема);
- натиҷаҳои чашмдошт;
- нақша;
- муҳлати иҷрои ҳар як масъалаи банакшагирифташуда;
- иҷро ва чораандешӣ намудани мавзӯъ дар раванди кор;
- усул ва роҳҳои тарғиб намудани натиҷаи кор;
- ҳисобот.

Омӯзгор барои баланд бардоштани сатҳи тайёрии илми-методӣ ва маҳорати касби худ пайваста дар омӯзиш мебошад. Сифати таълиму тарбия аз фаъол будани маҷмӯи омилҳои ба он таъсиррасон, бахусус, аз сатҳи тайёрии касбии омузгор, омода будани таълимгиранда ба таҳсил, сатҳи саводнокӣ ва маърифати падару модар, муҳити зист, истифодаи васеи воситаҳои фаъолгардонии таълим ва таъмини иттилоотию иртиботии он вобаста аст. Омӯзгор дар шароити имрӯза на танҳо ба ташкили ҷараёни таълим, инчунин бештар ба натиҷаи он, дарёфти механизмҳои бедоркунии ҳаваси хонандагон ба донишомӯзӣ, таъмини афзоиши малакаи ҳаётии хонандагон мутаваҷҷеҳ бошад, ки ин омӯзгорро водор месозад, ки тавассути сарчашмаҳои худомӯзӣ сатҳи омодагии худро ба дарс пайваста такмил диҳад.

Сарчашмаҳои худомӯзӣ:

- адабиёт (методӣ, оммавӣ, бадеӣ ва г.): омӯзгор метавонад малакаву маҳорати касбии худро мунтаззам тавассути мутолиаи китоб ва маводи таълимӣ, методӣ ва илмӣ такмил диҳад. Иҷрои ин амал сатҳи маърифатмандӣ, эҷодкориву навоварӣ, маҳорати омӯхтан, иртиботию коммуникативӣ ва тафаккури мантиқии омӯзгорро баланд мебардорад;

- *телевизор (оинаи нилгун):* - тамошои барномаҳои таълимию тарбиявӣ вобаста ба касбияти омузгор;

- *рӯзнома, маҷаллаҳо*: омӯзгорпайваста ба мутолиаи рӯзномаю маҷаллаҳои соҳавӣ машғул шуда, аз навгониҳои соҳа (методика ва методология) бохабар мегардад;

- *интернет:*омӯзгори имрӯза дар шароити гузариш ба муносибатҳои нави таълим фаъолият менамояд. Истифодаи шабакаи умумиҷаҳонии Интернет яке аз унсурҳои асосии раванди худомӯзӣ буда, омӯзгорро барои дарёфти воситаҳои нави таълим ва навгониҳои илмӣ, педагогикаю психология роҳнамоӣ менамояд;

- *маълумотҳои гуногуни аудиоӣ ва видеоӣ;*

- *семинар ва конференсияҳо:*омӯзгор метавонад дар семинарҳои омӯзишӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалии доимоамалкунанда дар сатҳи муассисаи таълимӣ, ноҳиявӣ ва ҷумҳуриявӣ фаъолона иштирок ва баромад намояд;

- *мастерклассҳо*:-ҳамчун синтези фаъолияти шахсӣ, корӣ, сифати шахсӣ ва муайянкунандаи натиҷаи баландтарини раванди педагогӣ мебошад;

- *чорабиниҳо доир ба муҳодилаи таҷриба*: омӯзгор барои сайқал додани маҳорати худ омӯзиш, шиносоӣ ва тарғиби таҷрибаи пешқадами педагогии самарабахши омӯзгори соҳибтаҷрибарро ба роҳ монда, иштирок дар дарсҳои якдигар ва ташкили дарсҳои кушодро низ роҳандозӣ намояд;

- *экскурсия, театр, намоиш, музей, консертҳо;-*

- *курси такмили ихтисос ва семинар*ҳои *омӯзишӣ*:-ин ҷараёни доимии сайқал додани маҳорати касбии омӯзгор бо роҳи худомӯзӣ, иштирок дар кори иттиҳодияи методӣ, конфронсу семинарҳои омӯзишӣ, омӯзиши таҷрибаи пешқадами педагогӣ ва таҳсил дар курсҳои такмили ихтисос мебошад;

- омӯзгор дониши иловагӣ гирифта, ба худомӯзӣ машғул мешавад ва ба воситаи истифодаи технологияи муосири таълим идоракунандаи ҷараёни ояндаи таълим гашта, малакаҳои эҷодкории худро ганӣ гардонда, шаклу мазмуни нави таълимро истифода менамояд.

Ҳар як амал агар натиҷа ва ё дастоварде надошта бошад, бе манфиат арзёбӣ мегардад.Худомӯзии омӯзгор ҳам он вақт самара мебахшад, ки агар омӯзгор мунтазам ва пай дар пай бо омӯзиш ва дарёфти навгониҳо машғул буда, ментазам дар ҷустуҷӯ ва эҷод бошад.

Натиҷаҳои худомӯзӣ чунин метавон буд:

- таҳия ва нашри дастурҳои методӣ, мақола, барнома, сенария ва таҳқиқот;
- таҳия ва коркарди метод ва усулҳои нави омӯзишию тадрисӣ;
- ҳисобот, баромадҳо;
- таҳияи маводи дидактикӣ, тест- санҷиш, асбобҳои айёнӣ;
- коркард ва тавсияҳои методӣ барои татбиқи технологияҳои нави иттилоотию иртиботӣ;
- таҳия ва гузаронидани дарсҳои намунавӣ бо истифода аз технологияи нави педагогӣ;
-ташкил ва таҳия намудани маҷмуаи корҳои педагогӣ;
- гузаронидани тренинг, семинар, конференсиямастер-класс, ҷамъбасти маълумот доир ба проблемаҳои таҳқиқшуда;
- баланд бардоштани сифат ва самаранокии раванди таълиму тарбия;

Омӯзгор чӣ қадар зиёд аз маълумотҳои нав, метод, усул ва воситаҳои таълим истифода барад, манбаю шаклҳои мухталифи худомӯзиро истифода намояд, ҳамон қадар бештар барои такмил додани маҳорати касбии худ замина мегузорад.

АДАБИЁТ

1. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Рӯзи дониш ва дарси сулҳ аз 01/09-2014
2. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон баМаҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистоназ 26/12-2018
3. Лутфуллозода М., Бобизода Ғ. Андешаҳо перомуни салоҳиятҳо ва ташаккули онҳо Душанбе, 2017. - 76с.
4. Бобоев Ҳабибулло. Мавқеъ ва мақоми такмили ихтисос дар низоми миллии таҳсилот. Душанбе-2019, 48с.
5. Рон Ҷим. Хазинаи ҳикмат: муваффақият, мансаб, оила. Нашриёти Алпина Паблишерз, 2010. ISBN 978-5-9614-1196-6
6. Сенека Л.А. Мактубҳои маърифатӣ ба Лутсил. Рим. 1967.-187 С. (ба заб. русӣ)
7. Рачабов М., Қодиров Н. Раҳнамои маводи омӯзиши барои директорони МТМУ оид ба таҳвияти чорабиниҳо барои беҳтар намудани малакаҳои хониш дар синфҳои ибтидоӣ саҳ.6

САМООБРАЗОВАНИЕ - ВАЖНЕЙШИЙ ФАКТОР ПОВЫШЕНИЯ ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО МАСТЕРСТВА УЧИТЕЛЕЙ

В статье автор обосновывает важность самообразования как одного из факторов повышения профессионального мастерства учителя и качеста образования, а также

описчвает его положительное влияние на формирование личностных, интеллектуальных и профессиональных навыков учителя в условиях развития рынка труда.

Автор утверждает, что повышение профессионального матерства путём самообразования и саморазвития в условиях перехода на компетентностный подход в обучении, обеспечивается как фактор качественного образования.

Самообразование - как важнейшее средство повышения методического мастерства, способствует творческому поиску новых путей использования инновационной технологии, вовлечения учащихся в активный творческий процесс на уроках, выбору творческих решений и

развитию интеллектуальных способностей учащихся.

Ключевые слова: *творчество, инновация, самообразование, совершенствование, профессионализм, поиск, анализ, квалификация, качественное образование.*

SELF-EDUCATION - THE MOST IMPORTANT FACTOR OF INCREASING PROFESSIONAL SKILLS OF TEACHERS

In the article, the author substantiates the importance of self-education as one of the factors for increasing the teacher's professional skills and the quality of education, and also describes its positive impact on the formation of the teacher's personal, intellectual and professional skills in the development of the labor market.

The author argues that increasing professional motherhood through self-education and self-development in the context of the transition to a competency-based approach to learning is provided as a factor in quality education.

Self-education - as the most important means of increasing methodological skills, contributes to the creative search for new ways to use innovative technology, involving students in the active creative process in the classroom, choosing creative solutions and

development of students' intellectual abilities.

Keywords*: creativity, innovation, self-education, improvement, professionalism, search, analysis, qualification, quality education.*

Сведения об авторе:

Корвонбекова Иклима *– соискатель Институт развития образования Академии образования Таджикистана. Тел: (+992) 502075841*

About the autor:

Korvonbekova Iqlima *- Researcher of the Institute of Educational Development Academy of Education of Tajikistan. Phone: (+992) 502075841*

БАЪЗЕ ПРОБЛЕМАҲОИ ТАШАККУЛ ДОДАНИ САЛОҲИЯТҲОИ ТАДҚИҚОТИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ДАР ДАРСҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ

Табаров Д.Д., Алимов С.Ш.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Яке аз талаботҳои давлат ва ҷомеаи башарии имрӯза аз кормандони соҳаи маориф аз он иборат аст, ки хонанда баъд аз хатми мактаб бояд дорои он салоҳиятҳое бошад, ки донишҳои дар мактаб андӯхтаашро дар ҳаёти воқеии шахсию ҷамъиятиаш бомаҳорат истифода бурда, аз он суд бурда тавонад. Имрӯз мақсаду маромии соҳаи Маорифи Тоҷикистон, низ ба он нигаронида шудааст. Барои амалинамоии ин ҳадаф аз тарафи Вазорати Маориф чораҳои зиёд андешида шуда истодааст. Гузаронидани курсҳои омӯзишӣ, семинару тренингҳо ва корҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни муаллимони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, умумӣ, литсею колеҷҳо ва мактабҳои олии кишвар бо таври густурда идома дорад. Барои пурра амалишавии таълими босалоҳият дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ корҳои зиёде ба анҷом расида истодааст.

Зеро дар синфҳои ибтидоӣ, дар хонандагони хурдсол салоҳиятҳое пайдо мешаванд, ки минбаъд ташаккул ёфта ба салоҳиятҳои калидӣ табдил меёбанд. Ҳосил намудан ва ташаккул додани салоҳияҳои тадқиқотӣ дар хонандагони хурдсол мушкиле мебошад, ки ҳалли он вазифаи аввалиндараҷа ва асосии муаллимони синфҳои ибтидоӣ мебошад. Пас худи салоҳият чист? Салоҳият қобилияти дар фаолиятҳои ҳаётӣ бо маҳорати баланд амалӣ карда тавонистани донишҳои андӯхташуда буда зина ба зина ташаккул меёбад.

Чунончи педагог ва психологи бузурги рус А.В.Хуторский, тасдиқ мекунад, ки салоҳиятнокӣ ҳамбастагии томи сифатҳои шахсият (дониш, маҳорат, малака, ва

усулҳои амалинамоии онҳо) буда ба доираи муайяни предмету протсесҳо нигаронида шудааст ва барои фаолиятҳои босифату сермаҳсул зарур аст [10, 11]. Ҳамчунин, олим қайд мекунад, ки ҳосилшавии салоҳиятҳо дар хонанда аз синни хурди мактабӣ зарур буда, дараҷаи ташаккулёбии онҳоро дар рафти иҷрои фаолонаи амалҳо санҷида баҳогузорӣ менамоянд. Дар натиҷаи ҳосил шудани салоҳиятҳо фаолияти инсон ба раванди тарҳрезишуда табдил меёбад.

Раванди ташаккулёбии салоҳиятҳо, махсусан салоҳиятҳои эҷодкорӣ ва таҳқиқотии хонандагон дар мактаби ибтидоӣ, пеш аз ҳама дар рафти таълими Табиатшиносӣ ва махсусан гузаронидани корҳои амалию озмоишҳо вусъат меёбад. Озмоиш (эксперимент) гуфта, фаолиятҳои эҳсосотӣ-модии шахсиятро меноманд, ки барои ба даст овардани донишҳои нави илман асоснок ва ё дар амал санҷидани донишҳои назариявии қаблан ба даст овардашуда иҷро менамоянд. Агар мушахассан бигӯем озмоиш ин иҷроиши амалии донишҳо ва санҷидани дурустии тахмину назарияҳо буда дар раванди дарсҳои табиатшиносии мактаби ибтидоӣ яке аз ҷанбаҳои дорои нерӯи азими ҳосилкунандаи донишҳои нав, маҳорату малакаҳо ва салоҳиятҳои калидӣ дар хонандагони хурдсол ба шумор меравад. Ҳангоми гузаронидани озмоишҳо дар дарсҳои табиатшиносӣ ҷаҳонбинии кӯдак инкишоф ёфта, шароити ташаккулёбии идрокию-таҳлилии хонанда иҷро мешаванд. Озмоишҳои дар мактаб гузаранда, аз фанни табиатшиносӣ бояд бо муҳити иҳотанамудаи шахсият ва фаолиятҳои ҳаётии ҳамарӯзаи хонандагон алоқаманд бошанд. Яке аз принсипҳои педагогикаи классикӣ, низ аз кормандони соҳаи маориф талаб мекунад, ки ҳам китоби дарсӣ, ҳам барномаҳо бояд тарзе тартиб дода шаванд, ки бо ҳаёти хонанда, табиати маҳал, урфу одатҳо ва фаолиятҳои меҳнатии мардум алоқаманд бошанд. Донишҳое, ки дар чаҳорчӯбаи ба ҳам алоқамандгардонии дарси анъанавӣ ва иҷроиши амалии он дар шароити беруназсинфию беруназмактабӣ ба даст меоянд бисёр амиқ ва мустаҳкам буда ба рушди маҳорату малака ва салоҳиятҳои тадқиқотии хонандаи хурдсол оварда мерасонанд. Дар доираи фаолиятҳои мустақилонаи таълимӣ, амалинамоӣ ва ё санҷидани ҳаққонияти донишҳои назариявии дар раванди таълими табиатшиносӣ гирифташуда ва дар асоси он ба фаолиятҳои мустақилонаи тадқиқотӣ пардохтани хонандаи хурдсолро аксари муҳаққиқони методисти фанни табиатшиносӣ таъкид намудаанд. Чунончи ба ақидаи педагоги барҷастаи рус Б.Е.Райков, методи тадқиқотӣ дар табиатшиносии мактаби ибтидоӣ, исботкунандаи имконпазирии аз тарафи хонандаи хурдсол мустақилона дарёфтани алоқамандии байни фактҳои илмӣ ва муқоисанамоии предмету ҳодисаҳои гуногун ва дар фаолиятҳои ҳаётӣ амалинамоии ин донишҳо мебошад.[8, с.145]. Дар раванди таълим бевосита аз тарафи хонанда иҷрои супоришҳои мустақилонаи амалӣ - озмоишӣ савияи донишандӯзии онро баланд намуда дар ташаккулёбии мустақилият ва эҷодкории ӯ нақши асосиро мебозад. Зеро «Объект ҳамон вақт хотирмон мешавад, ки ба объекти фаолияти амалии субъект табдил ёбад…» [4, с.173].

Раванди ҳосилшавии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони хурдсол ҳамон вақт сермаҳсул мегузарад, ки он барои ҳар як дарс, мавзӯъ, фаолиятҳои таълимии беруназсинфию беруназмактабӣ ва умуман тамоми раванди таълим ба ҳадафи асосӣ табдил ёбад. Дар баробари ба ҳадафи асосӣ табдил ёфтани ташаккулёбии салоҳиятҳои тадқиқотӣ дар хонандаи хурдсол ташкили як қатор шароити педагогӣ ҳатмӣ буда бояд барномаҳои таълимӣ тарзе ташкил шаванд, ки ҳодисаҳои табиии омӯхташаванда, ҳадалимкон хонандаро ба гузаронидани озмоиш таҳрик диҳанд. Супоришҳои характери озмоишӣ дошта бояд «муайян, возеҳ, мушаххас» [12 с.59] буда, мазмунан барои хонанда фаҳмо бошанд. Фаолияҳои таълимӣ бояд бо роҳу усулҳое ташкил карда шаванд. ки самаранокии ташаккулёбии салоҳиятҳои тадқиқотии хонандаи хурдсолро дар рафти озмоишҳо таъмин карда тавонанд. Ва дар охир бояд роҳҳои ташхиснамоии дараҷаи ташаккулёбии салоҳиятҳои тадқиқотиро, ки дар хонандаи хурдсол дар раванди озмоишҳо ҳосил мешаванд коркард ва амалӣ бояд намуд.

Барои он, ки ба масъалаи истифодаи озмоишҳо бо мақсади вусъатбахшии ташаккулёбии салоҳиятҳои тадқиқотӣ дар хонандаи хурдсол равшанӣ андозем бояд пеш аз ҳама таҳлили таърихӣ-муқоисавии истифодаи озмоишҳоро дар раванди таълими табиатшиносӣ гузаронем.Дар асоси таҳлили адабиётҳои психологӣ-педагогӣ маълум гардид, ки истифодаи озмоишҳо дар раванди таълими табиатшиносӣ бо мақсади рушди маҳорату малакаҳо ва татбиқи амалии онҳо дар ҳаёти воқеъи падидаи нав набуда таърихи тӯлонӣ дорад. Ҳанӯз аввалин методист - педагоги соҳаи илмҳои табиатшиносӣ, ки аввалин барномаи таълимии табиатшиносӣ ва дастурамали таълимии онро навиштааст, В.Ф. Зуев оиди ташкил намудани кабинети махсусгардонидашудаи

табиатшиносӣ ва гузаронидани озмоишу мушоҳидаҳо дар табиат таъкид намуда буд [8, с.33 - 35]. Баъдтар Август-Генрих Любен, ки аввалин шуда дар таълими табиатшиносӣ принсипҳои умумидидактикии Песталотсӣ, Дистерверг ва диг. ҷорӣ намуда буд, фаолиятҳои мустақилонаи хонандагонро дар мадди аввал гузошта ба ташаккулдиҳии малакаҳои тадқиқотии хонандагон дар рафти дарсҳои табиатшиносӣ диққати ҷиддӣ дода буд. [8, с.50]. А.Я Герд ба масъалаи корҳои беруназсинфию беруназмактабии хонандагони хурдсол дар раванди дарсҳои табиатшиносӣ дахл намуда гуфта буд, ки « таълими табиатшиносӣ бояд дар доираи имконият дар боғ, саҳро ва ботлоқ оғоз ёбад…», зеро танҳо дар ин ҷо ҳодисаю ашёҳоро дар ҳолати табииашон мушоҳида намудан имконпазир аст. [12, с.14]. Агар корҳои озмоишию беруназсинфӣ аз табиатшиносӣ то асри ХХ асосан ҷанбаи заминшиносӣ дошта бошад, пас дар ибтидои асри ХХ дар он равияҳои биологӣ, физикӣ, метеорологӣ пайдо намуд. Махсусан В.В Половсов дар китоби «Асосҳои методикаи табиатшиносии умумӣ» (соли 1907, 1922 дар таҳти таҳрири Б.Н.Райков) самти биологии таълими табиатшиносӣ диққати ҷиддӣ дода аст. Ба ақидаи В. В. Половсов дар дарсҳои табиатшиносӣ оиди растанию ҳайвонот танҳо маълумоти соддатарин дода мешавад ва маълумотҳои асосиро хонанда дар табиат дар вақти гузарнонидани мушоҳида ва озмоишҳои мустақилона дар табиат (албатта бо роҳбари ва роҳнишондиҳии муаллим) ба даст меорад[12, с.18]). Дар замони Ҳукумати Шӯравӣ методикаи таълими табиатшиносӣ асосан дар таҳти принсипи бо ҳаёти меҳнатии воқеии мардум алоқаманд гардонидани барномаҳо ва маводи таълимӣ тараққӣ намуда ба корҳои мустақилонаи беруназсинфию беруназмактабӣ ва меҳнати муфиди ҷамъиятии хонандагон аз синни хурди мактабӣ диққати ҷиддӣ дода шуд. Қариб дар тамоми шаҳру ноҳияҳо марказҳои махсуси озмоишию тадқиқотии кӯдакону наврасон бо номҳои Натуралистони ҷавон ба фаолият сар кард. Дар ин марказҳо маҳфилҳои Селексионери ҷавон, Табиатдӯсти ҷавон, Харгӯшпарварӣ, Мурғпарварӣ, Мурғобипарварӣ, Дӯстдорони табиат ва ғ. амал мекарданд, ки натиҷаи кори онҳо бевосита вориди истеҳсолот мегардид [7]. Дар барномахои таълимӣ бошад боби махсус- Корҳои беруназсинфӣ – пайдо шуд, ки дар он тарҳи фаолиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ бо шарҳаш пешниҳоди муаллимон мегардид [13]. Яке аз вазифаҳои асосии мактаби Шӯравӣ ин ба хонандагон омӯзонидани мустақилона кор кардан буд [12, с.91]. Корҳои мустақилона ба хонандагон имконияти ташаккулдиҳии фикрронӣ, малакаҳои гузаронидани озмоишу мушоҳидаҳо, мустақилона ба даст овардани донишҳо, инкишофи нерӯи эҷодӣ ва маҳорати истифодаи донишҳои ба дастовардашударо дар амал медиҳад. [12, с.91]. Бо таври васеъ истифодабарии корҳои мустақилонаи беруназмактабӣ дар раванди таълим, формализм ва авторитаризм дар таълим пешгири менамояд.

Умуман дар ин давра дар ҷодаи корҳои беруназсинфию беруназмактабии мустақилонаи хонандагони синни хурди мактабӣ дар рафти дарсҳои табиатшиносӣ тадқиқотҳои зиёди педагогӣ-психологӣ гузаронида шуда (Б. Н. Райков, К.П. Ягодовский, М.Н.Скаткин, В. Ф. Шалаев, Я.И.Пелерман, баъдтар, В.П.Горошенко, Л.Ф.Мелчаков, В. М. Пакулова, З.А. Клепинина ва ғ.) адабиётҳои зиёде пашкаши оммаи васеъи муаллимон гардид.

Солҳои 80-уми асри гузашта чун дигар соҳаҳои хоҷагии халқ дар соҳаи маориф низ таҳаввулоти ҷиддӣ ба амал омад. Соли 1984 ба муҳокимаи аҳли маориф « Самтҳои асосии реформаи таҳсилоти умумӣ ва касбӣ» гузошта шуд. Акнун мактаби ибтидоӣ 4 сола ва дар назди муаллимони синфҳои ибтидоӣ вазифаҳои нав гузошта шуда, тибқи барномаҳои нав хонандагони синфҳои ибтидоӣ (синфҳои I-IV) дар баробари донишҳои умумӣ бояд, усулҳои оддитарини ичрои корҳои дастиро ба монанди парвариши растаниҳои хоҷагии қишлоқ, таъмир ва таёр намудани воситаҳои айёнии таълимӣ, сохтани бозичаҳо, ва дигар ашёҳои зарурии мактабу боғчаи бачагонро аз худ менамуданд [6, с.35].) Чорсола гардидани мактаби ибтидоӣ иконияти дуруст хату савод баровардан ва омӯзиши амиқи донишҳои элементарии табиатшиносиро барои хонандагони хурдсол фаррохтар намуда, барои зина ба зина омӯхтан ва ҳосил намудани маҳорату малакаҳо шароити хубтаре таъмин намуд.

Солҳои 90-уми асри гузашта дар тамоми ҷаҳон дигаргунии азиме ба амал омад. Пошхӯрдани Иттифоқи Шӯравӣ ва барҳамхӯрии низоми ҷаҳонии сотсиалистӣ дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ, аз ҷумла соҳаи маориф дигаргуниҳои ҷиддиро ба амал овард. Шаклҳои нави таълим, хусусигагардии он, ташкили гимназияу литсейҳо, таълими равиявӣ, таълими тафриқа, таълими ҳамгиро ва ғ. заруратеро ба миён овард,

ки ба низоми таълиму маориф стандартҳои нав ворид гардида, аз нуқтаи назари педагогию психологӣ тачдид ва бозомӯзи гардад.

Дар ин давра адабиётҳои илмии зиёде нашр гардиданд, ки ба фаолиятҳои таълимӣ – тадқиқотии хонандагон аз нуқтаи назари ташкили шароит барои амалинамоии нерӯи эҷодкории худи хонанда нигаристанро зарур мешуморанд. Таҷрибаи ватании ташаккулдиҳии шахсияти мактаббача, ки ба тарбияи шахсияти озоди дорои хусусиятҳои эҷодкорӣ ва худамалинамоӣ нигаронида шуда буд, ба чунин фаъолиятҳои тадқиқотӣ ба монанди: созандагӣ, мақсаднокӣ, маҳсулнокӣ ва худидоракунӣ диққати ҷиддӣ медод. Дар алоқаманди бо ин фаолиятҳои таълимӣ-тадқиқотии хонандаи хурдсол, чи дар мактаб ва чи дар рафти фаолиятҳои беруназмактабию озмоишҳои хонагӣ, хусусияти мустақилӣ ва худидоракунию худамалинамоӣ мегирад.Заҳматҳои зиёди педагогӣ шаҳодати онанд, ки фаолиятҳои таълимӣ-тадқиқотӣ, аҳамияти баланди самаранокии он ба эҳсосот ва тафаккури хонанда таъсири калон мерасонад. Мо ташкили фаолиятҳои тадқиқотии хонандаи хурдсолро дар шароити фаолиятҳои беруназсинфию озмоишҳои хонаги аз фани табиатшиносӣ таҳлил намуда ба хулосае омадем, ки барои амалинамоии таълими инкишофёбанда ба ташкили озмоишҳои хонагӣ ва натиҷагирии онҳо, муносибат, муошираты байниҳамдигарии хонандагон ва хонандаю муаллим диққати ҷиддӣ додан лозим аст. Зеро раванди таълим дар назди хонанда пеш аз ҳама зарурати муносибати байниҳамдигарии хонандагонро ба миён оварда бевосита онҳоро иштироккунандаи фаолияитҳояш месозад.

Фаолияти талимӣ-тадқиқотӣ худ аз худ яке аз фаолиятҳои эҷодӣ ба шумор рафта, маҳсули он донишҳои нав мебошад.

Аз таҳлили адабиётҳои муосири педагогӣ-психологӣ [2, 3, 5, 9, 10,], хусусиятҳои зерини фаолиятҳои таълимӣ-тадқиқотии хонандагони хурдсолро дар мактаби ибтидоӣ ҷудо намудан мумкин аст:

- ба аз худ кардани дониш ва малакаҳо нигаронида шудааст;
- ба аз худ кардани роҳҳои методии идроки илмӣ нигаронида шудаст;
- ба тағирёбӣ ва ташаккулёбии шахсияти хонанда таъсир мерасонад (боазмӣ, кунҷкобӣ, инкишофи нерӯи эҷодӣ).

Бояд қайд намоем, ки дар адабиёти илмии доир ба методикаи таълими табиатшиносӣ, роҳи халли мушкилоти ба фаолиятҳои мустақилонаи беруназсинфӣ ва озмоишҳои хонагӣ ҷалб намудани хонандаи хурдсол бо воситаи корҳои иловагии фаҳмондадиҳӣ, омӯзиши методикаи тадқиқот ва дар хонанда бедор кардани дарки мушкилот, зарурати ҳалли мушкилот ва аҳамияти ин мушкилот дар ҳаёти воқеи нишон дода шудааст.

Дар адабиётҳои методии педагогӣ-психологӣ, ки ба масъалаи ҷалб намудани хонандагони хурдсол ба фаолиятҳои тадқикотӣ ва озмоишҳои хонагӣ бахшида шудааст, тасдиқ шудааст, ки дар натиҷаи ин фаолиятҳо на танҳо салоҳиятҳои тадқиқотии хонандагон инкишоф меёбад, балки боз донишҳои гирифта шуда мустаҳкам гардида ба низом медароянд ва хулосабарорӣ мегарданд.

Нуқтаҳои назари гуногунро оид ба муаянкунии мафҳуми фаолияти таълимӣ-тадқиқотии хонандагон, омӯхта ба хулосае омадан мумкин аст, ки он маҳаки амалинамоии донишҳои андӯхташуда дар шакли фаолияти эҷодӣ, ки маҳсулаш пеш аз ҳама боз ҳам донишҳои нав мебошанд, роҳҳои фаолият ва методҳои ба дастоварии донишҳои нав буда, ҳамчун воситаи мақсаднокӣ инкишофи мактаббача таҳрикдиҳандаи фаолиятҳои эҷодию идрокии онҳо буда, дар онҳо андешаронии мантиқиро ташаккул дода воситаи амалинамоии нерӯи эҷодиашон мегардад.

Барои он, ки хонанда фаолияҳои таълимӣ-тадқиқотиро мустақилона иҷро карда тавонад ва ё дар ҷодаи фаолияти таълими-тадқикотӣ босалоҳият бошад, ӯ бояд гурӯҳи муайяни салоҳиятҳоеро дошта бошад, ки барои бадастоварии натиҷаҳои самараноки фаолиятҳои таълимӣ-тадқиқотӣ заруранд.

Дар ин ҷой ба истилоҳоти «салоҳият» ва «салолоҳиятнокӣ» диққат медиҳем.

Чуноне ки болотар қайд намудем, А.В.Хуторский тасдиқ мекунад, ки салоҳиятнокӣ ҳамбастагии томи сифатҳои шахсият (дониш, маҳорат, малака, ва усулҳои амалинамоии онҳо) буда ба доираи муайяни предмету протссесҳо нигаронида шудааст, ки барои фаолиятҳои босифат ва сермаҳсул заруранд [10,11]. Салоҳиятнокӣ ҳамчун қобилиятнокии умумии бо донишҳо асоснок кардашуда, таҷриба, арзишнокӣ ва майл ба фаолиятҳо буда дар натиҷаи омӯзиш ба даст меояд. Ба қавли муаллифон, салоҳиятнокӣ он чизе мебошад, ки аз малакаҳои амалӣ пайдо шуда, донишҳоро бо ҳолатҳои воқеи алоқаманд мегардонад, ва ё кушодтар гӯем – ёфтани донишу амалҳои

зарури барои ҳалли мушкили мебошад. Истилоҳҳои «салоҳият» ва «салоҳиятнокӣ» аксар вақт ҳамчун термин истифода шаванд, ҳам вале чун термини устувор ҳоло қабул нагардидаанд.Таҳлили тадқиқотҳои Хуторский А.Б., Савенков А.И., Занина Л.В., Меньшикова Н.П. [9, 10,11, 3]. ва нишон медиҳанд, ки ҳосилшавии салоҳиятҳо марҳила ба марҳила ба амал омада зинҳои зерринро дар бар мегирад:

-муқаддимаи салоҳиятнокӣ (қобилиятнокӣ, лаёқат, аз худ кардани донишҳо);

-фаолияти кӯдак ба раванди тарҳрезишуда табдил меёбад (ҳосилшавии маҳорату малака);

-фаолияти амалӣ меҳнатӣ (дар ҳолати зарури дар зиндагии ҳамарӯза истифода бурда тавонистани донишу маҳорат ва малакаҳои ҳосилшуда);

Дар ҳамаи ин ҳолатҳо ба дастоварӣ, мустаҳкамкунӣ ва амалинамоии донишҳо давом ёфта натиҷаи он дар маҳсули фаолияти кӯдак таҷҷасум меёбад. Яъне салоҳиятнокӣ хусусиятҳои хосе мебошад, ки барои иҷрои самарноки амалҳои конкретӣ, бо истифодаи донишҳо, малакаҳои хос ва усулҳои фикрронӣ нигаронида, дар асоси он шавқмандии фардии шахсияти кӯдак барои иҷрои супоришҳо меистад.

Яке аз хосиятҳои муҳими салоҳиятнокӣ таҷрибаи фаолиятҳои мустақилонаи дар асоси донишҳои универсалӣ ба даст омада мебошад.

Мафҳуми «салоҳиятнокӣ» ҳамчун тавсифи натиҷаи маълумотгирӣ, дар натиҷаи вокуниши маориф ба даъватҳои ҷомеа, истеҳсолот ва пешниҳоду хоҳишҳои корфармо ба миён омадааст. Дониш ва маҳорат ҳамчун самараи воҳиди таҳсилот заруранд, вале барои ҷомеаи иттилооти имрӯза нокифояанд. Барои инсони имрӯза доштани донишҳои энсиклопедӣ на, балки қобилияти истифода бурда тавонистани донишҳои умумӣ ва маҳорат дар ҳалли мушкилот ва ҳолатҳои конкретӣ бо таври фавқулодда зарур аст.

Мо дар натиҷаи таҳлилҳо ва омӯзиши адабиёти марбута ба хулосае омадем, ки дар таҳти мафҳуми «салоҳиятнокӣ» алоқамандии томи сифатҳои шахсият (дониш, маҳорат, малака, қобилияти фаолият) меистад, ки барои фаолияти босифати сермаҳсул зарур буда, салоҳиятнокӣ ҳамчун доштани салоҳиятҳо мебошад.

Имрӯз таснифоти ягонаи салоҳиятхо мавҷуд нест, зеро, ки то ҳол оиди чи миқдор ва то кадом меъёр ташакккулёбии намудҳои салоҳиятҳое, ки барои инсон зарур аст, нуқтаи назари ягона дида намешавад.

А.В.Хуторский се зинаи салоҳиятҳоро ҷудо намудааст, ки дар зер меорем:

-салоҳиятҳои калидӣ, ки ба мазмуни умумии таҳсилот таалуқ доранд;

-салоҳиятҳои умумифаннӣ, ки ба доираи муайяни фанҳои таълимӣ ва самтҳои маълумот таалуқ доранд;

-салоҳиятҳои фаннӣ, ки ҷузъан нисбати зинаҳои пешинатавсифи мушаххас дошта имконияти дар доираи фани алоҳидаи конкретӣ ташаккулёбиро доранд [10,11].

Дар натиҷаи таҳлили адабиётҳо чор самти таълими салоҳиятнокиро дар дарсҳои табиатшиносӣ ҷудо намудан мумкин аст:

-салоҳиятҳои калидӣ;

-салоҳиятҳои калидии умумӣ;

-салоҳиятҳои фании амалӣ;

-малакаҳои ҳаётӣ.

Самти аввал ба ташаккулёбии салоҳиятҳои калидии хусусияти болоифанидошта нигаронида шудааст мисол: ташаккулёбии маҳоратҳои дарки маънии матни хондашуда, таҳлили маълумотҳои гуногун оиди ҳодисаҳою ашёҳо, амал дар гӯрӯҳ бо мақсади ба дастовардани донишҳо.

Самти дуюм бо ташаккулёбии салоҳиятҳои хусусияти умумифанидошта нигаронида шудааст. Мисол: чен карда тавонистани ҳарорат ва масофа, ҳисоб карда тавонистани ҳарорати миёнаи рӯзона, хонда ва шарҳ дода тавонистани нақшаи маҳал, таблитса ва расмҳо.

Самти сеюм ба пурқувваткунии салоҳиятҳои хусусияти санъати амалӣ доштаи тамоми таҳсилоти ибтидоӣ бояд нигаронида шавад. Яъне фаолиятҳои кӯдак характери мустақилият пайдо намуда эҷодкорона гардида, барои озмоиш ва ё ташкили мушоҳидаҳо дар табиат худаш шароит муҳайё карда тавонад.

Самти чорум барои аз худ кунии «малакаҳои ҳаётӣ» нигаронида шуда, маҳорату малака ва салоҳиятҳои ҳосилшударо бо мақсадҳои гуногун дар ҳаёти воқеи истифода бурда тавонистан. [1,10,11]

Бо вуҷуди дар ҳамаи фанҳои таълимии мактаби ибтидоӣ мавқеъ доштани корҳои таълимӣ-тадқиқотӣ, дар раванди дарсҳои табиатшиносӣ хусусияти хосеро касб менамояд.

Аввалан табиатшиносӣ, фанне мебошад, ки гӯруҳи калони илмҳо оиди табиатро дар бар мегирад, ки ба тамоми соҳаҳои илм, техника, истеҳсолот ва хаёти мардум реша давондаанд. Имрӯз доштани донишҳо оиди табиат кифоя набуда, балки доштани салоҳиятҳое зарур аст, ки ин донишҳоро дар шароитҳои барои мо ношинос ва номуаяни ногаҳонӣ истифода бурда тавонем. Бинобар ин доштани малакаҳои тадқиқотии характери табиатшиносӣ дошта барои тайёр намудани инсон ба фаолиятҳои эҷодию меҳнатӣ дар самтҳои гуногуни ҳаётӣ зарур аст.

Баъдан табиатшиносии мактаби ибтидоӣ фанне мебошад, ки барои омӯзиши баъдинаи тамоми фанҳои дақиқ дар зинаҳои минбаъда замина муҳаё намуда таҳкурсӣ мегузорад.Бинобар ин малакаҳои тадқиқотие, ки дар курси табиатшиносии мактаби ибтидоӣ ҳосил мешаванд, ба рафти кори талимӣ дар зинаҳои минбаъдаи таҳсилот таъсири калон мерасонад.

Чуноне, ки дар натиҷаи омӯзишу таҳлил мо салоҳиятнокиро чун доро будан ба гурӯҳи салоҳиятҳо муайян намудем, аммо барои он, ки хонанда худро дар самти корҳои тадқиқотӣ-таълимӣ салоҳиятнок эҳсос намояд, бояд дорои як қатор салоҳиятҳои хоси тадқиқотӣ бошад. Салоҳиятҳои тадқиқотиро мо ҳамчун салоҳият калидии хонанда дониста, чунин мешуморем, ки он ба хонанда дар худташаккулёбӣ, муваффақ будан дар ҳаёти минбаъда кӯмак расонида ба таёр гардидани хонандаи хурдсолро ба фаолиятҳои эҷодӣ дар ҷодаҳои гуногуни фаолият таъмин менамояд.

Фаолияҳои таълимӣ-тадқиқотии хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим хосиятҳои зеринро мегиранд:

- ба азхудкунии дониш ва малакаҳо нигаронида шудаанд;

-ба азхудкунии роҳу усулҳои методии идрокӣ нигаронида мешаванд (таҳлилӣ, индуксия, дедуксия) ;

-ба тағирёбии шахсияти худи хонанда ва инкишофи ӯ таъсир мерасонад (қаввиазмӣ, кунҷкобӣ, инкишофи нерӯи эҷодӣ).

Омӯзиш ва баррасии адабиётҳои марбута нишон доданд, ки инкишофёбии шавқмандии кӯдак ба фаолиятҳои таълимӣ-тадқиқотӣ дар марҳилаҳои зерин мегузарад:

Дар зинаи аввал хонандагон пассивона рафтор намуда, ба ҷустани шарҳу исботи ҳодисаҳои мушоҳидашаванда ташшабус нишон намедиҳанд.

Дар зина дуюм хонандагон каме кӯшиш намуда, гоҳ-гоҳе барои ҳали масъалаҳои наонқадар мураккаби тадқиқотӣ ташшабус нишон диҳанд ҳам вале на ҳама вақт корро ба пуррагӣ анҷом медиҳанд.

Дар зинаи сеюм шавқу хоҳиш ва кӯшидан ба фаолиятҳои таълимӣ-тадқиқотӣ афзуда корро анҷом медиҳанд вале дар банду баст ва хулосабарорӣ душворӣ мекашанд.

Дар зинаи чорум хонандагон бо ташшабуси худ кӯшиши ҳал намудани масъалаҳои тадқиқотиро намуда онро мувффақона ҷамъбаст менамоянд.

Дар зинаи панҷум, хонандагон бо таври доимӣ ва шавқмандии афзоянда мустақилона ба ҳали масъалаҳои тадқиқотӣ машғул шуда онро бомувффақият ҷамъбасту муаррифӣ мекунанд [1].

Бояд гуфт, ки муваффақияти хонандагон дар раванди фаолиятҳои таълимӣ-тадқиқотӣ бо чунин хислатҳои шахсият чун қавиазмӣ, қатъият, устуворӣ, интизом, масъулиятнокӣ, кӯшидан ба дастовардҳои эҷодӣ, кӯшиш ба худмаълумотгирӣ ва ғ. алоқаманд аст. Ба ақидаи равоншиносон сабаби суст инкишоф ёфтани қаввиродагии хонандагон мумкин аст, тарс аз масъулият, номуайянии оқибати кор, гум кардани боварӣ ба қувва ва имкониятҳои худ бошад. Тахмин меравад, ки қаввиазмӣ ин маҳорати дуруст ташкил ва тақсим намудани вақти кории худ, дидани дурнамои кори худ ва зинаҳои минбаъдаи он мебошад.

Фаолиятҳои таълимӣ-тадқиқотии хонандаи хурдсол пеш аз ҳама ба гузориши проблема, ҷустани роҳи ҳал, аз дараҷаи инкишофи кунҷкобии онҳо вобаста аст. Кунҷкобӣ, ин дараҷаи нисбатан баландтари шавқмандии идрокӣ мебошад. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки кунҷкобӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ то як андоза нисбати хонандагони синфҳои болоӣ зиёдтар ба мушоҳида мерасад [5].

Ҳамин тавр ташаккул додани хислатҳои эҷодкорӣ-тадқиқотии хонандагон дар синфҳои ибтидоӣ, дар ҷодаи донишандӯзии ояндаи онҳо дар синфҳои болоӣ қадами басо муҳим ва ҷиддӣ буда, беаҳамияти нисбати ин самти таълиму тарбия боиси тамоми ҳаёт ба душворӣ ва мушкилот рӯ ба рӯ гардидани шахсият мегардад. Имрӯз мақсади ниҳоии муносибати босалоҳият ба таълим ва умуман мактабу маориф низ тарбия ва ташаккул додани шахсиятҳое мебошад, ки ба мушкилоти рӯзафзуни зиндагӣ дар шароити иқтисоди бозаргонӣ ва ҷаҳони зудтаҳаввулотёбанда тайёр бошанд.

АДАБИЁТ

1. Андреев В.И. Учебный курс для творческого саморазвития.-3-е изд.- Казан: центр иновационных технологий, 2012-608с.
2. Блинов В. И, Сергеев С .И., Как реализовать компетентностный подход на уроке и во внеурочной деятельности : практическое пособие– М.: АРКТИ, 2007. – 132 с.
3. Занина Л.В., Меньшикова Н.П. //Основы педагогического мастерства/Серия «Учебники, учебные пособия». - Ростов н/Д.: Феникс,2008.-С.110-11,
4. Зинченко.П.И. Непроизвольное запоминание. М., Изд-во АПН РСФСР, 1961, - 173с.
5. Мухина В. С. Возрастная психология. Феноменология развития : учебник для студ. высш. учеб. заведений / В.С.Мухина. — 10-е изд., перераб. и доп. — М.: Издательский центр «Академия». - 608 с. 2006
6. Пакулова В. М. Кузнетсова В.И. Методика преподования природоведения - Москва: Просвещение-1990, -192 с.)
7. Пономарев В.А.Опытническая работа юных натуралистов – Москва : Гос. изд. Мин. Просвещения РСФСР 1962-240 с).
8. Райков Б.Е. Общая методика естествознания Москва-1947 210 с.
9. Савенков А. И Содержание и организация исследовательского обучения школьников. М: Ось-89, 265 с/2004
10. Хуторской А. В.Современная дидактика: Учебник для вузов. – СПб: Питер, 2001. – 544 с.
11. Хуторской А.В. Педагогика. Учебник для вузов. Стандарт третьего поколения. - СПб.: Питер, 2017. – 720 с.
12. Шалаев В.Ф учпедгиз Москва 1946 208 с.
13. Ягодовский К.П. Практические занятия по Естествознанию в начальной школе-Гос. Учебно-педагогическое издательство наркомпросса РСФСР, Москва: 1938-316 с.

НЕКОТОРЫЕ ПРОБЛЕМЫ ФОРМИРОВАНИЯ ИССЛЕДОВАТЕЛЬСКИХ КОМПЕТЕНЦИЙ УЧАЩИХСЯ НАЧАЛЬНЫХ КЛАССОВ НА УРОКАХ ПРИРОДОВЕДЕНИЯ

В статье, на основе аналитического изучения методической, педагогической и психологической литературы, обосновывается актуальность формирования самостоятельности и исследовательско-творческих качеств в младшем школьном возрасте, как развивающие условия исследовательской компетенции.

Отмечается, что развивающий ресурс самостоятельных внеклассных учебных работ, как развивающий фактор развития личности в условиях перехода на новые образовательные стандарты, требует изучения и переоценивания.

Следует отметить, что успехи учащихся в процессе учебно-исследовательской деятельности имеют связи с такими качествами личности, как устойчивость, целеустремленность, решителность, ответственость, дисциплинированность, стремление к самообразованию и к творчеству. По мнению психологов, причинами слабого развития волевых качеств у детей младшего школьного возраста могут быть боязнь от непредвиденных последствий деятельности, боязнь ответственности, потеря веры в свои силы и возможности.

Предпологается, что целеустремленность - это умение правильно распределить время и организовать свой труд, видеть рузультат работы и её последовательные ступени.

Ключевые слова: *младший школьник, начальная школа, умение, навык, компетенции, исследование, творчество, педагого-психологическое развитие личности, образование.*

SOME PROBLEMS OF FORMATION OF RESEARCH COMPETENCES OF PUPILS IN LEARNING NATURAL SCIENCE IN PRIMARY CLASSES

The article, based on the analytical study of methodological, pedagogical and psychological literature, substantiates the relevance of the formation of independence and research and creative qualities in primary school age, as developing conditions for research competence.

It is noted that the developing resource of independent extra-curricular studies, as a developing factor in the development of personality in the context of the transition to new educational standards, requires study and reevaluation.

It should be noted that the success of students in the process of educational research activity is associated with personality traits such as stability, determination, determination, responsibility, discipline, the desire for self-education and creativity. According to psychologists, the reasons for the weak development of volitional qualities in children of primary school age may be fear of

unforeseen consequences of activity, fear of responsibility, loss of faith in one's strengths and capabilities.

Purposefulness is supposed to be the ability to correctly distribute time and organizing the work, to see the result of this work and its successive steps.

Key words: *primary school student, elementary school, habit, skill, competence, research, creativity, teacher-psychological development of personality, education.*

Сведение об авторе:

Табаров Дилшод Давлатхуджаевич *– ассисент кафедры методики начального образования Таджикского государственного педагогического университета имени С.Айни Электронная почта : tabarov72@list.ru Тел (+992) 934000369*

Алимов Сироджидин Шералиевич *- кандидат педагогических наук, доцент кафедры методики преподавания химии Таджикского государственного педагогического университета имени С.Айни, Тел: (+992) 918499602 электронная почта jmaveuda @inbox.ru*

About the author:

Tabarov Dilshod Davlatkhujaevich *– Assistant of the Chair of Primary Education Teaching Methodology, Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni. E-mail: tabarov72@list.ru Тел:(+992) 934000369*

Alimov Sirodzhidin Sheralievich *- Candidate of Pedagogical Sciences, Dotsent of the Chair of Chemistry Taching Methodology, Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni, Тел: (+992) 918499602 E-mail: jmaveuda @inbox.ru*

К ВОПРОСУ О НЕКОТОРЫХ ОСОБЕННОСТЯХ ТЕХНОЛОГИИ ФОРМИРОВАНИЯ КОММУНИКАТИВНО-РЕЧЕВЫХ УМЕНИЙ

Махмадуллаева Ш.Н.

Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни

Ещё на начальной стадии своей независимости, таджикское правительство, в соответствии с потребностями экономического, политического, социального развития общества, столкнулось, с тем, что реформированию и изменению подлежали многие сферы жизни, среди которых важное место занимала система образования на всех уровнях. Естественно, когда образовани определяется в узком смысле - как единый процесс воспитания и обучения, при котором приобретаются совокупность ценностных установок, таких как знания, навыки, умения, функции, компетенции и опыт, а в широком смысле её можно определить как процесс вырабатывания характера и физических способностей формирования ума, личности. В переходном же периоде, в первую очередь, данная сфера нуждается во внедрении такой технологии образовательного процесса, которая была бы способна помочь субъекту войти в культуру, освоить её ценности и с успехом выступать в развитом бытие. Поэтому, обновление содержания и форм образовательного процесса нуждается во внедрении универсальных требований к компетентности подрастающего поколения, которые опять-таки зависят от технологии. Система образования в данном случае должна включать комплекс мер, устремленных на постижение не только необходимых особенных запасов знаний, но и на вырабатывание важнейших элементарных качеств человека, таких как коммуникативная и речевая активность. [7, с.226-229]

Нет никаких сомнений в том, что технология коммуникативно-речевой деятельности в процессе развития, воспитания и обучения ребенка является главным инструментом. Любая деятельность в воспитании и образовании сегодня не представляется без осознания или практического использования таких понятий, как «воспитательные технологии», «образовательные технологии», «педагогические технологии», «технологии воспитания» «технологии обучения», «технологии управления», «дидактические технологии» и т.п.

Ещё в XVII веке основоположник научной педагогики Я.А. Коменский одним из первых заложил и создал предпосылки для интерактивных и проектных технологий и таким образом идеи технологизации воспитания и образования принадлежат ему. Или же можно и привести такой пример: «сравнение учебного процесса с часами в произведении «Великая дидактика», интерпретируется как введение технологического подхода»: «Итак, искусство обучения не требует ничего, кроме умелого распределения времени, предметов и метода ... ». [5, с.27-30]

Методология науки утверждает, что любая технология создаётся с целью овладения процессом при помощи поставленные последовательно задачи с применением необходимых средств и действий, т.е. в практическом и процессуальном смысле именно технология

должна давать результаты, которые бы смогли отвечать на вопрос: Как достичь определённого результата в процессе совместной деятельности (имеется в виду каким образом?) Понятие технологии при этом отражает направленность научных или практических действие (в том числе образовательных, воспитательных или педагогических) на действенное совершенствование активности человека, повышения ее результативности.

В современных педагогических исследованиях по проблеме разработки и внедрений технологий воспитания и обучения рациональной является классификация технологий по направлениям: 1) технологии, выявленные на уровне теории воспитания, педагогических теорий и концепций, методологические технологии подходов в воспитательные и образовательные процессы 2) технологии организационной формы взаимодействия; 3) тактические образовательные технологии (на уровне методики, метода, приема воспитания и обучения.[5, с.192]

К тому же, в условиях современного информационного общества и формирования глобального информационно-коммуникативной среды нужны новые подходы к организации воспитательно-образовательных процессов. Сознавая такую важность технологии в Таджикистане, система образования направлена на удовлетворение запросов на услуги определенного уровня и качества. Отсюда важно, чтобы подготовка детей отвечала динамичным изменениям во всех областях, в том числе развитии новой технологии и прогресса в социальной среде для получения и совершенствования умений и знаний на всех этапах развития человека.

Современная концепция модернизации предусматривает внедрение компетентностного подхода, который характеризуется углублением внимания к качеству воспитания и образования детей, их подготовки к жизни и социализации.

Персональная ориентация общения, является одним из важных компонентов развития коммуникативно-речевой деятельности. Каждый человек отличается и своими природными свойствами (способностями), и способностью осуществлять речевую деятельность, и характеристиками как личностью. Набор специфических чувств и эмоций в коммуникативном обучении предполагает рассмотрение всех личностных характеристик, поскольку только таким способом можно достигнуть результата в способе общения. Благодаря коммуникативной мотивации обеспечивается целенаправленная речь, сформированные отношения, коллективное взаимодействие и т. д.

К примеру, в школах фонетические навыки практикуются в скороговорках, короткие тематические рифмы или использование игр (фонетических, орфографических, грамматических и лексических), которые позволяет делать тоскливую работу более увлекательной и интересной для детей. Самостоятельность в решении коммуникативно-речевых задач в отдельных формах работ, быстрое реагирование при работе с групповыми формами, предельная мобилизация коммуникативно-речевых навыков, всевозможные качества коммуникативно-речевой деятельности проявляются во время игр [8].

Таким образом, новая модель современных технологий подготовки позволяет сделать акцент, как на психологическое развитие, так и на интеллектуально-нравственное развитие личности, формирование у детей мировоззренческих, поведенческих качеств, нужных и необходимых для продуктивной активности в условиях развития современного общества.

Забегая вперед скажем, что еще труднее обеспечивать гарантию достижения целей коммуникативно-речевых умений и прогнозировать результат, поскольку в образовательных и воспитательных процессах ведущую роль играет их педагогический фактор и технология их внедрения. Хотя, значение родителей в воспитании детей дошкольного возраста существеннее, чем в обучении, но результат педагогических действий деятельнее от врожденных способностей, но даже при этом технология выступает в качестве ведущей. Следовательно, необходимо найти элементы такого воспитания, которые называют технологиями. И, наоборот, реализуя воспитательно-образовательные технологии, нужно соблюдать обоснованные требования.. Ещё до появления терминов «воспитательная технология», «образовательная технология» и «педагогическая технология» в Таджикистане, как и во всех странах постсоветского пространства, использовались методики, которые теперь трактуются как технологии:

- технология жесткого коллективного воспитания и обучения (А. Макаренко);
- технология гуманного коллективного воспитания и обучения (В. Сухомлинский)

В последние десятилетия одной из распространенных воспитательных технологий в формирования коммуникативно-речевых умений является технология личностно ориентированного воспитания, место которой в классификации воспитательно-

образовательных технологий окончательно не определено, поскольку они тесно взаимосвязаны с социально-общественными процессами в нашем современном мире.

Да и сама коммуникативная функция, которая присуща как семье, так и обществу, в том числе сфере образования, удовлетворяет потребности человека в общении и от характера общения, морально-психологического климата зависит здоровье человека, его эмоциональная культура. Поэтому неслучайно сегодня во всем мире усиливается интерес к технологиям раннего развития и образования ребенка.

Дошкольное воспитание и обучение заключается в том, чтобы как можно больше развивать различные формы личностной активности детей, их самостоятельное творчество во всех видах деятельности, формировать широкий и устойчивый интерес к познанию различных сторон окружающей действительности. [4] Исследователи физиологии мозга ребенка, также как и детской психологии, указывают на то, что ключ к хорошему развитию его умственных способностей лежит в личном опыте познания, которые формируются посредством коммуникативно-речевой деятельности ещё в первые сознательные годы жизни.

На наш взгляд, то, что было предложено ещё на заре формирования педагогической науки, издавать для детей раннего возраста книги с картинками, имеющих важное значение для их наглядности остаётся актуальным и по ныне. Или то, что было предложено классиками педагогики для формирования и развития активности через игру – не теряет своего значения для вида деятельности детей. Таким образом, немаловажную роль в развитии детей «материнская школа», и отсюда проблема сотрудничества семьи, педагога и психолога в проблемах воспитания детей является архиважной. Но опять-таки слова классика педагогической науки, о том, что родители являются законными представителями ребёнка и остаются главным воспитателем и учителем, но после наставника [5, с.56-60].

В гуманитарных науках к формированию и развитию коммуникативных умений подходят как к сложному процессу постепенного превращения биологического индивида в социальное существо, т.е. – личность, а к речи и языку, как к социальным явлениям, существующие независимо от того или иного индивидуума. Ясно, что человеческие формы поведения, психические функции и способности, коммуникативно-речевые навыки не предоставлены ребенку от рождения, а они формируются в первые годы жизни под влиянием целенаправленного воспитания, обучения и условий жизни в обществе. Одна из важных задач совместных усилий родителей и воспитателей - ранняя и полноценная помощь детям в приобретении коммуникативно-речевых навыков является развития языковой устной и письменной речи, интеграции их в процесс обучения, повышения уровня независимости в школе и социальной жизни.

Однако, в формировании личности, как родителям так и педагогам необходимо соблюдать определенные правила: всесторонне познавать объект воспитания и обучения, тщательно пытаться их понимать; найти в каждом нечто исключительное и рассказать им об этом; распознавать настоящие интерес объектов, предлагая деятельность по душе; организовать занятия, посвященные обсуждению хобби, чтобы узнать друг друга; найти область, в которой каждый воспитанник и ученик может достичь успеха. Эти правила будут действенными, если родители и педагоги поддерживать у этих объектов веру в себя и высокую самооценку.

Технология личностно-ориентированный подход основан на новейших достижениях педагогической науки, а технология индивидуального подхода- на традиционных истинах. Они могут отличаются также по целям: целью личностно ориентированного подхода является развитие особых качеств, склонностей, способностей, привлечение к самодеятельности, а цель индивидуального подхода - развитие социально-типичных качеств (воспитание среднего). Внедрение индивидуального подхода предполагает учет возрастных и индивидуальных особенностей объектов.[6]

К тому же, в раннем возрасте формирование у детей коммуникативно-речевая активность в устном языке особенно важно для взаимодействия, социальных отношений и дружбы, а также для построения чувство принадлежности. Эти навыки являются решающим фактором для взаимодействия, как родителей и детей, так и педагога и ребенка в развитие устной речи, начиная с раннего этапа его развитии. Семья и педагоги при этом помогают развивать хорошие устные языковые навыки как напрямую через их языковое взаимодействие с ними и косвенно путем создания среды, богатой в процессе освоения и формирование мировоззрения. Различие этих навыков семьи и родителей от педагога в том, что навыки устной коммуникации учителей способны активно поддерживать реализация учебной программы и достижение ее целей.

Коммуникативные теории ставят вопрос о создании педагогически целесообразных условий общения. Некоторые представители этого направления, считают, что педагогическое общение предполагает прежде всего изменения установок молодежи, их знаний, умений, ориентаций, поведения и т.п. В последние годы коммуникативная педагогика внедряется в педагогическом процессе. Согласно ее установками разрабатываются цели воспитание, содержание обучения, учебники, методическая литература для учителей. В системе подготовки х кадров придается большое значение процесса формирования коммуникативных умений. Разрабатываются специальные программы коммуникативных тренингов, широко применяются методы визуальной, аудиовизуальной коммуникации. К примеру, спецификой протекания коммуникационного процесса межличностное общение непосредственно или опосредованно), существует ряд феноменов, требующих рассмотрения: психологическая обратная связь, наличие коммуникативных барьеров, коммуникативное влияние и существование различных уровней передачи информации. [9]

В этом смысле, недостаточно изученной в Таджикистане остается пока даже сама проблема теоретических основ коммуникативного развития на ранних этапах онтогенеза и определяющих его факторов, К тому же исследования должно акцентировать внимание на особенностях структуры межличностных отношений детей. Когда изменились требования к подготовке подрастающего поколения и будущих специалистов, таджикское правительство рассматривая различные варианты при реформе посчитало более приемлемой кредитная технология обучения. Система обучения, которая признанно на основе свободного выбора и свободного планирования изучения дисциплин с применением кредита как унифицированной единицы измерения объема работы обучающегося и преподавателя.

Безусловно, главной задачей образования считается формирование субъекта, способного увидеть проблемы, противоречия этого мира, найти новые комбинации известных элементов своей деятельностью, создать недостающие элементы, для того чтобы творческое освещение породило новую культурную реальность, деятельность по созданию культурных ценностей, то Однако, в конечном итоге ведущую роль в образовании сыграет процесс коммуникации (общения)-как основное средство и технология, которые позволяют осуществление и реализации целей и задач воспитания и обучения.

Само по себе «педагогическая технология — это содержательная техника реализации учебного процесса», тогда как теоретически видно, что репутация и привлекательность всякой системы образования в любом виде определяется в правильных методах, которые в свою очередь взаимосвязаны с воспитательными и учебными программами. Именно в программах раскрываются общие основы воспитания и педагогики, проблем их становления и развития, вопросы теории обучения, воспитания и управления учебно-образовательным учреждением, синергетические подходы к формированию личности субъекта учебно-познавательной деятельности. Методическая разработка опирается на тщательных исследованиях известных науку мыслителей: философов, антропологов, педагогов, историков, психологов, социологов, физиологов и других. В совокупности этих факторов подтверждаются слова А. С. Макаренко, который выделял главной задачей педагога в процессе социализации детей – учет системы действующих социальных факторов и обеспечения педагогически целесообразной организации отношений во взаимодействии детей со средой. Он считал, что целью работы педагогов должна быть «программа человеческой личности, программа человеческого характера, проявления внешней и внутренней убежденности, знания и вся картина человеческой пола» Он определял школу как важный социализирующий фактор развития ребенка, который должен согласовываться с другими, как мощное средство воспитания. [1, с.150].

Эффективное формирование коммуникативных умений основывается на организации коммуникативно направленного обучения. Коммуникативная направленность в обучении формируется с помощью речевой направленности учебного процесса, индивидуализации обучения, функционального подхода к анализу языковых явлений и средств. Коммуникативное обучения предполагает организацию процесса обучения как модели процесса общения. Такой подход обеспечивает воспитание языковой личности во время речевой деятельности, предусматривает формирование коммуникативных умений и навыков [1, с.35].

Наконец, самое главное, коммуникативная деятельность осуществляется средствами речи, а речь играет важную роль в общении через реализацию различных функций. Учет такой взаимосвязи позволяет системно взглянуть на процесс коммуникации и

коммуникативную деятельность и естественно при таких условиях целесообразно рассматривать деятельность- как коммуникативно-речевую.

Коммуникативно - речевые умения — это умения, необходимые для эффективного осуществления речевой деятельности в условиях между личностного взаимодействия, то есть в разных ситуациях общения: с разной целью. Основой коммуникативно - речевых умений является частично - речевые умения и обще речевые (умение слушать-понимать, говорить, читать, писать).

Воспитание и обучение речи целесообразно начинать в дошкольном возрасте, ведь наиболее интенсивно "открывает" для себя окружающий мир ребенка 2-5 лет, а в школе активное время усвоения знаний до 10 лет. Способы руководства познавательной и речевой деятельностью, являются технологиями и предусматривают поэтапный характер управления.

ЛИТЕРАТУРА

1. Журавлева В.И. Введение в научное исследование по педагогике: учеб. пособие для студентов педагогических институтов / под ред. - М.: Просвещение, 1988. - 239 с.
2. Коменский Я. А. О воспитании: для педагогов, родителей и педвузов / сост. Н. М. Матвеева. - Москва: Школьная Пресса, 2003. - 192 с.
3. Марчукова С.М. Идеи гуманизма в учении Я. А. Коменского // С.М. Марчукова. Вестник Санкт – Петербургского университета. Сер. 12. Психология, социология, педагогика. – 2010. – Вып.4. С. 56-60.
4. Национальная стратегия развития образования Республики Таджикистан до 2020 года //Постановлением Правительства Республики Таджикистан от 30 июня 2012 года, №334
5. Пережовская А. Н. Вклад Я. А. Коменского в развитие педагогической науки//Инновационные педагогические технологии: материалы II Международного научного конференции. — Казань. 2015. — С. 27-30.
6. Назирова Л. Формирование познавательных интересов учащихся в условиях дифференцированного обучения гуманитарно-естественным дисциплинам. Дисс. пед. наук, -Душанбе. 2006 г.
7. Словарь согласованных терминов и определений в области образования государств-участников Содружества Независимых Государств. — М., 2004. С. 226-229
8. Филология и лингвистика в современном мире: материалы I Междунар. науч. конф. (г. Москва, июнь 2017 г.). — М.: Буки-Веди, 2017. — С. 87-90.
9. Шевандрин Н. И. Социальная психология в образовании. – М.: ВЛАДОС, 1995. – 544 с.
10. https://moluch.ru/conf/phil/archive/235/12045/ (дата обращения: 01.11.2019).

К ВОПРОСУ О НЕКОТОРЫХ ОСОБЕННОСТЯХ ТЕХНОЛОГИИ ФОРМИРОВАНИЯ КОММУНИКАТИВНО-РЕЧЕВЫХ УМЕНИЙ

Статья посвящена вопросам, посвященным особенностям технологии формирования коммуникативно-речевых умений, их разработке и использованию в процессе воспитания и обучения в современных условиях. Автором рассматриваются разные методические и практические аспекты технологии формирования научно подтверждённой коммуникативно - речевой активности детей, а также их содержания.

Автор в обобщённом виде освещает разнообразие технологических подходов, которые могут быть использованы родителями, воспитателями, учителями и педагогами. По мнению автора, каждый, кто занимается с детьми, должны организовать эффективные воспитательные и образовательные процессы, для которых должен сам обладать многими разнообразными воспитательно-образовательными технологиями.

Коммуникативно- речевая деятельность детей может быть эффективной в том случае, если процесс концептуально содержит и объединяет приоритетные цели, а также связанные между собой задачами и содержанием, формами и методами, при которых родители, воспитатели и педагоги создают воспитательно-образовательную систему, в основе которой лежат специфические для данного типа процесса приемы и методики реализации целей.

Ключевые слова: *технология, коммуникативно-речевая деятельность, язык, образовательные технологии, педагогические технологии, научные или практические действия, воспитательные и образовательные процессы, формы взаимодействия, тактические методы, методика воспитания и обучения.*

ON SOME FEATURES OF TECHNOLOGY FORMATION OF COMMUNICATIVE SPEECH SKILLS

The article is devoted to the issues of technological features of the formation of communication and speech skills, their development and use in the process of education and training in modern conditions. The author examines various methodological and practical aspects of the technology for the formation of scientifically proven communicative and speech activity of children, as well as their content.

The author summarizes the variety of technological approaches that can be used by parents, educators, teachers and educators. According to the author, everyone who deals with children should organize effective educational processes, for which he must have many diverse educational technologies.

Communicative and speech activities of children can be effective if the process conceptually contains and combines priority goals, as well as interconnected tasks and content, forms and methods in which parents, educators and educators create an educational system based on specific to this type of process techniques and methods.

***Keywords**: technology, communicative-speech activity, language, educational technologies, pedagogical technologies, scientific or practical actions, upbringing and educational processes, forms of interaction, tactical methods, methods of education and training.*

Сведения об авторе:

***Махмадуллаева Шамсия Негматуллаевна** - ассистент кафедры общей педагогики Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни*

About the author:

***Makhmadullaeva Shamsiya Negmatullaevna** - Assistan of the Chair of General Pedagogy, Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni*

ТАШАККУЛИ ФАЪОЛИЯТИ КАСБИИ ОМӮЗГОРИ ОЯНДА ДАР МАРҲИЛАИ ГУЗАРИШ БА НИЗОМИ КРЕДИТИИ ТАҲСИЛОТ

Азизова Ф.Ш., Саидов М.В.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Мувофиқи талаботи стандартҳои байналмиллалии таҳсилоти тайёр намудани мутахассиси баландихтисос дар асоси хусусиятҳои хоси низомии миллии маълумот ва воридшави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳони тавассути истифодаи технологияи кредитии таълим таҳозои замон аст. Бинобар ин, барқарор намудани ҳамкориҳо доир ба мукаммал намудани стандартҳои маълумоти касбӣ, такмили барномаҳои корӣ ва таълимӣ (СИЛЛАБУС), аз худ намудани технологияи нави таълим, шаклҳои муосир ва самараноки ташкили раванди таълим, бо нигоҳ доштани арзишҳои миллӣ, баромадан аз доираи маҳдуди таҳсилот, ивази таҷриба байни донишҷӯён ва устодони мактабҳои олӣ, баробарарзишии хуҷҷатҳое, ки дар асоси низоми маълумоти миллӣ дода мешаванд, аз масъалаҳои муҳим ва ҳалталаби имрӯза ба ҳисоб мераванд.

Ислоҳоти куллии соҳаи маориф, дар замони ҷаҳонишавии фарҳангҳо бо ташаббус ва таҳти роҳбарии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷараён дорад, ба болоравии сифати таълим, тайёр намудани муттахассиси дар бозори меҳнат рақобатпазир, гузариш ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ равона карда шудааст.

Президенти мамлакат Эмомали Раҳмон, дар вохурӣ бо намояндагони зиёиёни мамлакат 18 марти соли 2015 таъкид намуданд: «Рушди ҳамаҷонибаи соҳаи маориф ва тандурустӣ омили асосии пешрафти ҷомеа, баланд шудани сатҳи дониш, маърифат ва солимии мардум мебошад... Бе ноил шудан ба ин ҳадафҳо мо наметавонем дар радифи давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон ҷой ёфта, амнияти ҷомеа ва арзишҳои фарҳанги худро пуштибонӣ намоем».

Дар шароити ҷаҳонишавии маълумот, шарти асосии сифати тайёрии касбии мутахассиси ояндаро дар маҳорати мунтазам ва аз болои донишандузии худ мустақилона кор карданро маҳсуб медонанд.

Фаъолияти касбии омӯзгори оянда бояд ба талаботҳои ҳозиразамон, ки вобаста ба тағйирёбии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ иваз мегарданд, мутобиқ карда шавад. Вай бояд ба таври мунтазам ва бефосила муккамал гардад. Дар ин

маврид, на донишу маҳорат ва малакае, ки донишҷӯ дар донишгоҳ ҳосил кардааст, омили асосӣ ва муайянкунанда мегардад, балки ташаккули қобилияти фардии донишҷӯ, ки аз болои худаш кор мекунад ва қобилияти худтакмилдиҳӣ дорад, асосӣ мебошад.

Сифатҳои касбии омӯзгори оянда бояд ба талаботҳои чаҳони муосир, ки дар шароити васеъшавӣ ва глобализатсияи муносибатҳои байналхалқӣ ба вуҷуд омаданд, ҷавобгӯ бошанд. Вобаста ба ин барои иҷрои мақсадҳои таълимӣ, техникӣ ва маъмурии технологияи таълими кредитӣ ҳалли масъалаҳои зерин дар мадди аввал гузошта шуданд:

- муайян намудани шароитҳое, ки барои дар сатҳи баланди касбӣ тайёр намудани омӯзгорон мусоидат мекунанд:
- тавсифи раванди ташаккулёбии сифати тайёрии касбии омӯзгорони оянда тибқи технологияи нави таълим;
- муайян намудани болоравӣ ва ташаккули сифати тайёрии касбии омӯзгорони оянда тибқи ташкили самаранокии таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ва педагогӣ;
- таҳлил, хулоса ё мушоидаҳо ва иҷрои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар раванди татбиқи технологияи навин;
- таҳия ва таъбу нашри дастуру васоитҳои методӣ, китобу барномаҳои таълимӣ ва ҳамоҳангсозии ҷараёни таълим ба низоми таҳилоти кредитӣ;
- татбиқи васеъи технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ дар ҷараёни таълим ва мубодилаи босуръати иттилоот.

Дар ҷаҳони муосир, ҳаҷми дониш ва маълумоти барои одамон зарурӣ хеле зиёд шуда, бо суръат боло меравад. Бинобар ин, ягон низоми таҳсилот дар мактаби олӣ ба донишҷӯ он маълумоти зарурие, ки барои тамоми фаъолияти ҳаётӣ ва меҳнатии ӯ лозим аст, дода наметавонад. Вай бояд дар мутахассис маҳорату малакаи худмаълумотгирӣ ва худтакмилдиҳиро тарбия карда тавонад.

Дар низоми кредитии таҳсилот аз се ду ҳиссаи ҳаҷми вақти таълимӣ ва маводи омӯхташаванда ба омӯзиши мустақилонаи донишҷӯ тавсия карда мешавад. Аз тарафи дигар, ҳаҷми соатҳои таълимӣ (лексия, амалӣ, семинарӣ, лабораторӣ) кам шуда, вақт барои кори мустақилонаи донишҷӯ зиёд карда шудааст. Дар ин маврид вазифаи омӯзгор ҳамчун сарчашмаи интиқоли маълумот тағйир ёфта, вай бояд ташкилкунандаи раванди дарккунии донишҷӯ бошад, ба кори мустақилонаи ӯ роҳбарӣ намояд ва фаъолияти илмӣ-техникиро диҳад.

Дар тамоми навгониҳо ва тағйиротҳое, ки барои тайёр кардани мутахассисони баландихтисос, тибқи низоми кредитии таҳсилот истифода мешаванд, таваҷҷӯҳи асосӣ ба татбиқи усулҳои наве дода мешавад, ки маълумотгирӣ ва азхудкунии дониш ба эҷодкорӣ ва фаолияти мустақилонаи донишҷӯ асос ёфта бошад. Инчунин, ташкили шаклҳои гуногуни машғулиятҳои фардие, ки ба раванди донишандузӣ ва кори эҷодии донишҷӯ таъсир мерасонанд бояд мароқангез бошанд.

Бешубҳа, кори мустақилона марҳаллаи ҷамъбасткунандаи ҳамаи намудҳои дигари кори таълим дар мактаби олӣ ба ҳисоб рафта, ба инкишофи тафаккури маърифатии донишҷӯ асоси боэътимод мегузорад. Кори мустақилона фаъолияти фикронии донишҷӯро инкишоф дода ӯро ба кори илмию тадқиқотӣ ва эҷодкорӣ талқин менамояд.

Маҳорати мустақилона аз худ кардани дониш санъати махсусе мебошад, ки ҳар як донишҷӯ аз он бархурдор бошад ва онро ташаккул дода тавонад. Ин санъатро дар зинаи аввал ба донишҷӯ омӯхтан лозим аст.

Ба ташкили кори мустақилонаи донишҷӯ дар ҳама давру замон диққати махсус дода мешуд. Ба ин масъала олимони зиёди собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ диққати ҷиддӣ дода, тадқиқотҳои ҷолиб гузаронида, китобу дастуру васоитҳои таълимии зиёд таҳия намудаанд. Дар ҳамаи ин корҳо, нуқтаи назари асоси ба ташкили дуруст ва самараноки кори мустақилонаи донишҷӯён-яке аз воситаҳои асосӣ ва муҳими донишандӯзӣ арзёбӣ гардидааст. Аммо, эҳтиёҷ ба кори мустақилона ва андухтани малакаҳои ҳамин кор дар донишҷӯён худ аз худ ба амал намеоянд. Ба вуҷуд овардани чунин малакаҳо ба маҳорати кордонию коргузории омӯзгор вобастааст. Дар технологияи кредитии таълим, ташкили кори мустақилонаи донишҷӯ дар ҷараёни таълим ба нақша дароварда шуда, иштироки бевоситаи устод дар фаъолияти мустақилона ва эҷодии донишҷӯ дар назар аст. Ҳама вақт барои омӯзиши фани пешбинишуда 50% барои дарсҳои лексионӣ ва семинарӣ ҷудо шуда бошад, 50% -и дигар барои мустақилона ҳазм кардани маводи омӯхташуда ва мавзӯҳои иловагӣ дода мешавад.

Ҳамин тариқ, кори мустақилонаи донишҷӯён яке аз элементҳои муҳими тайёр намудани мутахассисони баландихтисос мебошад. Ин намуди фаъолият, тавассути кори

мустақилона, донишҷӯёнро ба раванди фаъоли донишандӯзи ҷалб мекунад, маълумотҳои мавҷударо такмил ва тараққӣ медиҳад, донишҳои навро мустаҳкам мекунад, маҳорату малакаҳои навро тарбия мекунад.

Кори мусттақилонаи донишҷӯён бояд ба ташаккули мутахассиси типи нав, ки ахбороти мавҷударо дар мавриди зарурӣ мустақилона интихоб, коркард, таҳлил ва босамар истифода карда тавонад равона карда шуда бошад. Омӯзгорони эҷодкор кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки дар рафти дарсҳои лексионӣ, амалӣ ва семинарӣ усулҳои гуногуни фаъолгардонии амалиёти фикркунии донишҷуёнро ба вуҷуд оварда, ба воситаи корҳои мустақилона рағбати онҳоро барои худомузӣ бедор намоянд.

Мақсади асосии ташкили кори мустақилонаи донишҷӯён мавриди дарс ва берун аз он дар шароити гузариш ба низоми кредитии таҳсилот аз инҳо иборатанд:

1. Васеъшавӣ ва мустаҳкам шудани донишҳои дар синф гирифтаи донишҷӯ;
2. Дар асоси маълумотҳои азбар карда, фаъолона ба даст овардани донишҳои нав;
3. Инкишофи муносибати эҷодкоронаи донишҷӯ ба ҳалли проблемаҳои гузошташуда;
4. Пешравӣ ва ташаккули шахсияти донишҷӯ;
5. Такмили маҳорату малакаи фаъолияти таълимии донишчӯ;
6. Тайёри ба дарсҳои лексионӣ. амалӣ ва лабораторӣ, ки коркард ва аз худ намудани маводи лексионӣ, омӯзиши адабиёти тавсияшуда ва иловагиро дарбар мегирад;
7. Тайёрӣ ва пурсишҳое, ки дар доираи дарсҳои КМДРО (кори мустақилонаи донишҷӯ зери роҳбарии омӯзгор) гузаронида мешаванд;
8. Таҳлил ва омӯзиши саволҳои барои муайян пешниҳодшуда, ки такрори мафҳумҳои асосӣ ва ҳалли масъалаҳоро дарбар мегарад;
9. Омодагирӣ барои ҷавоби саволҳо ва масьалаҳои тестӣ, ки ба мавзӯи алоҳида ё маҷмӯи мавзӯъҳо бахшида шудааст;
10. Тайёрӣ ба корҳои санҷишӣ, супоришҳои фардӣ, ҷустуҷӯи услуби ҳалли масъалаҳо, истифода формулаҳо дар ҳисобкуниҳои гуногун;
11. Иҷрои супоришҳои даврии хонагӣ, ки устод барои кори мустақилонаи донишҷуён пешкаш менамояд;
12. Навиштани рефератҳо оид ба ин ё он проблема дар асоси адабиёти илмии тавсияшуда, таҳлили сарчашмаҳо, ҷамъбаст ва хулосаҳои ниҳоӣ;
13. Тайёр намудани маърузаҳои илмӣ доир ба мавзӯи алоҳида, равия ва проблемаи омӯхташаванда;
14. Навиштани «Эссе» (фикронии мухтасари донишҷӯ доир ба ягон мавзӯь ё дар асоси саволҳои мушаххаси пешниҳодшуда);
15. Ба кори илмӣ-татқиқотӣ машғул шудани донишҷӯён: навиштани корҳои курсӣ, дипломӣ, рисолаҳои хатмкунӣ, корҳои озмунӣ ва ғайра.

Дар баробари ин, шаклҳои дигари фаъолияти мустақилонаи донишҷӯро номбар кардан мумкин аст, ки ҳар яке аз онҳо мақсади муайянро пайгири намуда, дар асоси ин масъалаҳои гуногуни равоншиносию таълимӣ ҳал карда мешаванд.

Таҷрибаи ташкили кори мустақилона дар мактабҳои олии ҷумҳурӣ собит менамоад, ки тартибу низом надоштани системаи ба нақшагирии кори донишҷӯён дар шаш ҳафтаи аввали семестр (рейтинги 1) дар доираи 6-10 соат дар як ҳафта ва дар охири семестр (рейтинги 2) 18 -24 соат ба кори мустақилона машғул мешаванд.

Ташкили самараноки кори мустақилонаи донишҷӯён дар он вақт самарабахш шуда метавонад, ки агар мақсади гузаронидани кори мустақилона маълум бошад, вобаста ба ин ҳама элементҳои он аз тарафи омӯзгори фан дуруст фикр карда шуда бошанд.

Барои ташкили самараноки кори мустақилонаи донишҷӯён якчанд тавсияҳои муҳим пешниҳод мегарданд:

1. Кори мустақилона бояд мутаасил бошад. Кор чунон гузошта шуда бошад, ки доиишҷӯён ба хоҳиши худ ва мунтазам ба омӯзиш машғул шаванд;
2. Кори мустақилона дар асоси мақсадҳои таълимии худ гуногунҷабҳа бошад. Як мавзӯъ ё як супориш малакаю маҳорати заруриро ба вуҷуд оварда наметавонад;
3.Кори мустақилона аз рӯи иммконият бояд шавқовар бошад. Ба донишҷӯ як навъ озодӣ дода шавад, ки супоришро интихоб кунад, дар шакли муайян ва мувофиқ натиҷаи онро пешниҳод намояд;
4. Роҳбарӣ ба кори мустақилонаи дошгшҷӯён пай дар пай ва мунтазам бошад. Аз ҷумла, кори фардиро ба ҳар як донишҷӯ дар назар дошта бошад. Бояд чорабиниҳое пешниҳод шуда бошанд, ки ҳавасмандӣ ва фаъолнокии донишҷуро таъмин намоянд;

5. Дар марҳилаи иҷрои кори мустақилонаи донишҷӯён ва назорати он бояд тадбиқи истифодаи барномаҳои компютерӣ ва дигар технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии таълимӣ пешбинӣ шуда бошанд;

6. Барои дуруст ва амиқ ба нақша даровардани ҳама намудҳои корҳои мустақилонаи донишҷуён дар давоми як мавсим ҷадвал сохта шавад.

АДАБИЁТ

1. Қодиров Б. Алоқамандии фаннӣ: Инноватсия ва андешаи эҷодӣ ва инноватсионии хонандагон . - Душанбе. 2004.
2. Комилов Ф.С. Исмоилов А.А., Раҳмонов З.Ф. технологияҳои компютерӣ ҳамчун воситаи баландбардории омӯзиш. // Маҷаллаи илмӣ - назариявии «Паём» №18-Душанбе: ИПС. 2008-125-128с.
3. Нуъмонов М. Мушкилоти муосири низоми кредитии омӯзиш дар муассисаҳои таълимӣ // Ахбори Донишгоҳи педагогӣ – 2013. – № 4(53). – С.217–220.
4. Назаров Р. Ҷаҳонишавӣ ва раванди демократикунонии низоми таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон//Известия Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон . Серия фалсафа ва ҳуқуқ.- 2008. -№ 4. -С.55-63.
5. Саидов М.В. «Самтнокии инноватсионии фаъолияти педагогӣ». Ахбори ДДОТ ба номи С.Айнӣ №5 (54), 2013 с.
6. Федотова Е.Л. Омодагии иттилоотӣ – компютерӣ дар шароити информатикунонии таҳсилот. // Маълумоти педагогӣ ва илм. – 2010. - № 9. – С. 4-7.
7. Фролов И.Н. Курси технология ва истифодаи он дар таълим // Инноватсия дар маълумот. – 2011.- №1. – С.64-71.
8. Шаропов Ш.А. Истифодабарии технологияҳои нав дар раванди таълим. Маводҳои конференсияи байналмилалӣ - Хуҷанд, 2002. – 154с.
9. Шоев Н.Н.Технологияҳои гуногуни тарбиявии таълимии технология ва лоиҳаҳои таълим дар мактаби олӣ – Душанбе, «Ирфон» 2005 – 310с.

ФОРМИРОВАНИЕПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ В УСЛОВИЯХ КРЕДИТНОЙ СИСТЕМЫ ОБРАЗОВАНИЯ

Статья посвящена проблеме формированиепрофессиональной деятельности будущих учителей в условиях перехода к кредитной системе обучения. Перход к кредитной системе обучения соответсвует требованиям международного стандарта образования и имеет ряд приемуществ. Одной из этих приоритетов развитие самостотятельности студентов при усвоении знаний, приобретение умений и навыков самостоятельной работы.

Ключевые слова: *кредитная система обучения, самостоятельная работа, профессиональная подготовка, бакалавр.*

FORMATION OF PROFESSIONAL ACTIVITY OF FUTURE TEACHERS UNDER CONDITIONS OF CREDIT EDUCATION SYSTEM

The article is devoted to the problem of the formation of the professional activity of future teachers in the context of the transition to a credit education system. The transition to a credit system of education meets the requirements of the international educational standard and has a number of advantages. One of these priorities is the development of students' self-reliance in the assimilation of knowledge, the acquisition of skills and independent work.

Key words: *credit system of education, independent work, professional training, bachelor*

Сведения об авторах:

Саидов Мухиддин Вайсидиннович *– кандидат педагогических наук, доцент, заведующий кафедрой общей психологии Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, тел.: (+992) 904472234;*

About the author:

Saidov Mukhiddin Vaysidinnovich *- Candidate of Pedagogical Sciences, Dotcent, Head of the Chair of General Pcychology, Tajik State Pedagogical University named after Ayni, Tel.:(+992) 904472234; E-mail: saidow. saidow @ yandex.ru*

ТЕХНОЛОГИЯИ ОМӮЗИШИ ЛОИҲАВИИ ЗАБОНИ ХОРИҶӢ ДАР СИНФҲОИ БОЛОИ МАКОТИБИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНА

Ҳаитбоева Ҳ.О., Утаев М.М.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ

Бо вуҷуди тасвир намудани методика истифодаи омӯзиши лоиҳавии забонҳои хориҷӣ дар синфҳои болои мактабҳои таҳсилоти миёна зарур аст ба дида баромадани амалҳои мушаххаси таълимии омӯзгор ва амалҳои таълимии таълимигирандагон дар раванди фаъолияти лоиҳавӣ бо ҳисоби омилҳои асосии равонӣ-педагогӣ ва хусусиятҳои забонҳои хориҷӣ ҳамчун фанни таълимӣ ба шумор меравад.

Хусусиятҳои асосии ташкили кори лоиҳавӣ дар раванди омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар марҳилаи охирини мактабҳои таҳсилоти миёна зоҳир менамоем.

Талаботҳои зарурӣ ба истифодаи методикаи лоиҳавӣ ҳангоми омӯзиши забонҳои хориҷӣ инҳо мебошанд:

1) мавҷудияти шахсияти-пурмазмунӣ дар нақшаи масоили тадқиқотӣ, эҷодӣ (вазифаҳое, ки якҷоякунии донишҳоро талаб менамоянд, ҷустуҷӯ барои ҳалли он): тадқиқоти таърихи пайдоиши идҳои гуногун дар мамлакатҳои англисзабон St. Patrick's Day, Thanksgiving Day, Halloween, Christmas, Mother's Day ва ғ.; ташкили саёҳат дар мамлакатҳои гуногун; мушкилоти оилавӣ; мушкилоти вақти холӣ дар ҷавонон; мушкилоти ҷобаҷокунии хона; мушкилоти муносибат дар байни наслҳо.;

2) мазмуни амалӣ, назариявии натиҷаҳои гумондошта (масалан, барориши муштараки маҷалла, маҷмӯи асарҳои нависандагони гуногун бо хабарнигорӣ аз ҷои чорабинӣ; барномаи сайрхати сайёҳӣ; нақшаи ҷобаҷокунии хона, боғ; тарҳкашӣ ва ҷобаҷогузории манзил.;

3) фаъолияти мустақилонаи таълимгирандагон дар вақти даср ва ё дар вақти берун аз дарс (инфиродӣ, ҷуфтӣ, гурӯҳӣ);

4) қисматҳои таркибии мундариҷавии лоиҳа (бо нишондоди натиҷаҳои даврагӣ ва тақсимоти нақшҳо);

5) истифодаи усулҳои тадқиқотӣ, ки амалҳои муайяни пайдарпайро (алгоритми гузаронидани фаъолияти лоиҳавӣ) пешбинӣ менамояд

- пешбарии фарзияҳо ва ҳалли онҳо;
- муҳокимаи усулҳои тадқиқот (оморӣ, озмоишӣ, мушоҳидавӣ);
- ҷамъ, низомикунӣ ва таҳлили маълумотҳои ба даст овардашуда;
- ҷамъбаст намудан, танзими натиҷаҳо ва намоиши онҳо;
- хулосаҳо, пешбарии мушкилотҳои нави тадқиқот (ниг. Замимаи 4).

Муайянсозии марҳилаҳои коркарди сохтори лоиҳа ва гузаронидани он баъдан ба мақсад мувофиқ мебошад.

Технологияи бавуҷудоварии лоиҳа дар се марҳила пешбинӣ гардидааст: *ибтидоӣ, асосӣ* ва *хотимавӣ*. Дар ҳар як марҳила вазифаҳои муайян ҳал гардида, хислати фаъолияти таълимгирандагон ва омӯзгор муайян мегарданд.

Марҳилаи тарҳии лоиҳакаширо метавон дар ҷадвал мушоҳида намуд.

Марҳилаҳои лоиҳакашӣ

Марҳ илаҳо	Мундариҷаи корҳо	Фаъолияти таълимгирандагон	Фаъолияти омӯзгорон
	1. ИБТИДОӢ		
Марҳилаи ҳавасмандгардон	а)муайяноти мавзӯъ; б) ошкор намудани як ва ё якчанд масъалаҳо; в) аниқ муайян намудани мақсадҳо ва натиҷаҳо; г)интихоби гуруҳҳои корӣ;	Маълумотро муайян менамоянд.Супоришро муҳокима мекунанд. Мушкилотро ошкор менамоянд.	Таълимгирандагонро ҳавасманд месозанд.Ба гузориши мақсадҳои лоиҳа кӯмак менамоянд. Мушоҳида мекунанд.
Марҳилаи банақшагирӣ	а) таҳлили мушкилотҳо, пешбарии фарзияҳо, асоснок кардани ҳар яке аз фарзияҳо. б) муайян намудани сарчашмаҳои маълумотҳо, тарзҳои ҷамъ ва таҳлил намудани он; в) гузориши вазифаҳо ва интихоби меъёрҳои баҳодиҳии натиҷаҳо; г) тақсими нақшҳо ба тимҳо;	Фарзияҳои ҳалли мушкилотҳоро пешбарӣ менамоянд, вазифаҳоро ба шакли муайян медароранд.Сарчашмаи маълумотҳоро муайян мекунанд.Меъёрҳои бобарори худро интихоб ва асоснок менамоянд.	Дар таҳлил ва синтез ёрӣ мерасонад. Мушоҳида мекунад.

Марҳилаҳои қабули қарор	а) муҳокимаи усулҳои санҷиши фарзияҳои қабулгардида («ҳуҷуми майнагӣ»); б) интихоби варианти муносиб; в) муайянамоии тарзи пешниҳоди натиҷа; г) ҷамъи ахборот - мусоҳиба, пурсишнома, мушоҳида, озмоишҳо;	Усулҳои санҷишро муҳокима мекунанд. Варианти муносибро интихоб менамоянд. Сарчашмаи маълумотҳоро аниқ менамоянд.	Мушоҳида менамоянд. Маслиҳат менамоянд.Тавсия медиҳад (бо илтимос). Ғайримустақим роҳбарӣ менамояд.

2. АСОСӢ

Марҳилаи иҷроиши лоиҳа	Ҷустуҷӯи маълумоти зарурӣ, ки фарзияро тасдиқ ва ё рад менамояд. Иҷроиши лоиҳа	Бо маълумотҳо сару кор доранд.Тадқиқот мегузаронанд. Ғояҳоро таҳлил ва синтез менамоянд. Лоиҳаро ороиш медиҳанд.	Мушоҳида менамоянд. Раванди таҳлилро равона месозанд (агар зарурӣ бошад). Кортҳои фардии назорати ҷории фаъолияти лоиҳавиро дар ҳар як таълимгиранда тартиб ва пур мекунанд.

3. ХОТИМАВӢ

Марҳилаи ҳимояи лоиҳа	а) тайёрӣ ва ороиши маърӯза б)асосноккунии раванди лоиҳакашӣ в) натиҷаҳои ба даст омадашударо фаҳмонидан г) ҳимояи коллективии лоиҳа	Лоиҳаро ҳимоя менамоянд	Мушоҳида менамоянд. Раванди таҳлилро равона месозанд (агар зарурӣ бошад). Дар нақши иштирокчии қаторӣ савол медиҳад.
Марҳилаи тафтиш ва	а) таҳлили иҷроиши лоиҳа, натиҷаҳои ноилгардида (барориҳо ва нокомиҳо) б) таҳлили комёбии мақсадҳои гузошташуда в) таҳлили натиҷаҳо, ошкор кардани мушкилотҳои нав	Худтаҳлили лоиҳа ва худбаҳодиҳии коллективӣ.	Дар таҳлили коллективӣ ва баҳодиҳии натиҷаҳои лоиҳа ширкат меварзад.

Аз ҷадвал маълум аст, ки технологияи амалигардонии лоиҳа дар се давра пешбинӣ гардидааст: ибтидоӣ, асосӣ ва хотимавӣ. Дар ҳар як марҳила масъалаҳои муайян ҳал гардида, хислати фаъолияти таълимгиранда ва омӯзгор муқаррар мегардад.

Нақши муҳимтаринро дар ташкили фаъолияти лоиҳавӣ худи омӯзгор иҷро менамояд.

Фаъолияти омӯзгор дар марҳилаҳои гуногун дигаргун мешаванд. Дар марҳилаи ибтидоӣ аз, ташаббускории ғояи лоиҳа ва ё шароит фароҳам овардан барои пайдо гардидани ғояи лоиҳа ва инчунин ёрӣ расонидан ба банақшагирии чорчӯбавии аввалин иборат аст. Ҳамин тариқ, ин ҷо функсияи танзимотӣ – ташкилӣ бартарӣ дорад. Дар ин марҳила амалигардонии лоиҳа омӯзгор дар нақши ёвар, машваратчии оиди масъалаҳои алоҳида, сарчашмаи маълумоти иловагӣ баромад менамояд. Нақши асосиро координатсияи амалҳо дар байни гуруҳҳои хурди алоҳида ва иштирокчиёни лоиҳа кӯчонда мешавад. Яъне дар марҳилаи мазкур функсияи пешбарандаи омӯзгор ин машаваратӣ – мутобиқатӣ мебошад. Дар марҳилаи хотимавӣ нақши функсияи назоратӣ – баҳодиҳӣ меафзояд, чунки омӯзгор дар ҷамъбастии корҳо ба сифати коршиноси мустақил ширкат меварзад.

Функсияи назоратӣ – баҳодиҳии омӯзгор дар баҳодиҳии фаъолияти лоиҳавӣ ва ҷамъбастиҳо ба шумор меравад.

Таҳлили адабиёт оиди масъалаи мазкур имкон медод, ки якчанд тарзҳои баҳодиҳии фаъолияти лоиҳавии омӯзгорро ошкор намояд. Аз ҳама бештар шавқовартарини онҳо ба ақидаи муаллифи рисолаи тадқиқотии магистрии мазкур инҳо мебошанд:

- тарзи баҳодиҳӣ аз тарафи доктори илмҳои педагогӣ, ноиби ректори Академияи такмили ихтисос ва омодагии касбии кормандони маориф И. Чечель коркарда шудааст;
- тарзи баҳодиҳие, ки дотсенти МПГУ П.С. Лернер коркарда баромадааст.

И. Чечель барои талабагони синфҳои болоӣ аз ҳама бештар муносибати рейтингии мураккабе, ки дар он ҷо 10 меъёр ба 5 дараҷа (0, 5, 10, 20 хол) тақсим шуда баҳо дода мешаванд. Баҳо аз суммаи бузургии миёнаарифметикии баҳодиҳии коллективона, худбаҳодиҳӣ ва баҳои омӯзгор гузошта мешавад. И. Чечель 5 меъёри иҷроиш ва 5 меъёри ҳимояи лоиҳаро ки аз онҳо ба алоҳидагӣ баҳо дода мешаванд, ҷудо намудааст.

П.С. Лернер таъсири умумии фаъолияти тадқиқоти ҷустуҷуиро дар раванди таҳсилот баҳо медиҳад.

П.С. Лернер тарзи комплексие, ки қисмати объективиро ҳамчоя намуда (баҳодиҳии коллективонаи коршиносон – таълимгирандагони синфи мазкур) ва қисмати субъективӣ, ки аз худи таълимгиранда бо 12 мавқеъ ташаккул меёбад, дар назар дорад.

Кори лоиҳавӣ дар аксарият ҳолатҳо боз марҳилаи *истифодаи натиҷаҳои лоиҳакашӣ*: таълимгирандагон оиди имконияти истифодаи натиҷаҳои амалии гирифташударо дар ҳаёти шаҳр, мамлакати худ ва инчунин ба тасвият даровардани масъалаҳои нав меояд, зимнан дар назар дорад.

Омӯзгор ҳангоми роҳбарияти умумӣ бояд доимо аз иҷроиши як вазифа ба дигараш "гузаштан" – ро тавонад ва онҳоро ба ҳамдигар мувофиқ кунад. Мушкилии роҳнамоии лоиҳа дар ҳамин ба шумор меравад. На ҳамаи омӯзгорон метавонанд ва ё мехоҳанд, ки аз функсияи пешвоӣ даст кашанд ва машаваратчӣ – ҳамоҳангсоз шаванд, яъне ба таълимгирандагони худ мухторияти ҳақиқӣ ва имконияти ошкоргардии ташаббусӣ ва мустақилнокӣ пешниҳод намояд.

Типологияи лоиҳаҳо таркиботи онҳо, хислати аслии онҳоро акнун дида мебароем.

Дар тадқиқоти магистрии мазкур технологияи истифодаи методики лоиҳавӣ ҳангоми омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар зинаҳои болоии мактаби миёна пеш аз ҳама зарур аст, ки лоиҳаҳо метавонанд гуногун бошанд ва истифодаи онҳо дар раванди таълимӣ аз омӯзгор омодагии ҷиддии кориро талаб менамояд. Усули лоиҳаҳоро ҳамчун дар синфҳои оддӣ дар намуди кори мустақилонаи фардӣ ва гуруҳии таълимгирандагон дар ҷараёни вақти тӯлонӣ, чунки бо истифодаи воситаҳои муосири ахборотии технологӣ, хусусан, телекоммуникатсияи компютерӣ истифода бурдан мумкин аст.

Ҳангоми коркарди лоиҳа дар якҷоягӣ бо талабагони худ ба он тайёр шуда, маълумотҳои заруриро ҷамъ намуда, хусусиятҳои он ва ба таври муносиб ба нақша гирифтани онҳоро аниқ донистан зарур аст. Аз ҳамин сабаб, ба кор аз болои лоиҳаҳо омода гардида, муҳим аст бо типологияи онҳо ошноӣ пайдо намудан.

Муносибати ҳозиразамон ба масъалаи таснифоти лоиҳаҳо, ба тадқиқоти Е.С. Полат такя карда, пеш аз ҳама принсипҳои назди умумидидактикӣ муайян мегарданд.

АДАБИЁТ

1. Мильруд Р.П. Методология и развитие методики обучения иностранным языкам / Р.П. Мильруд // Иностр. языки в школе. – 1995. – № 5. – С. 13-18.
2. Полат Е.С. Метод проектов на уроках иностранного языка / Е.С. Полат // Иностр. языки в школе. – 2000. – № 2. – С. 3-10.
3. Полат Е.С. Метод проектов на уроках иностранного языка / Е.С. Полат // Иностр. языки в школе. – 2000. – № 3. – С. 3-9.
4. Сибирская Н.П. Проектирование педагогических технологий / Н.П. Сибирская // Энциклопедия профессионального образования в 3 т. – М., 1999. – Т.2. – С. 344-345.
5. Чернилевский Д.В. Технология обучения и ее выбор / Д.В. Чернилевский // Энциклопедия профессионального образования в 3 т. – М., 1999. – Т. 2. – С. 248-249.
6. Бим И.Л., Миролюбов А.А. К проблеме уровня обученности иностранным языкам выпускников полной средней школы / И.Л. Бим, А.А. Миролюбов // Иностр. языки в школе. – 1998. – № 4. – С. 3-10.

ТЕХНОЛОГИЯ ПРОЕКТНОГО ОБУЧЕНИЯ ИНОСТРАННЫХ ЯЗЫКОВ В СТАРЩИХ КЛАССАХ ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНОЙ ШКОЛЫ

В данной статье автор выдвигает своё мнение о проектной методике обучения иностранным языкам на основе современной педагогики. Автор отмечает, что проектная методика имеет свои преимущества при обучении иностранным языкам. Она также расказывает о технологии обучения иностранным языкам в современной школе.

Ключевые слова: *Технология обучения, проектная методика, педагогическое целеопределение, умения, навыки, учебно- воспитательная деятельность, профессиональная деятельность.*

PROJECT-BASED LEARNING TECHNOLOGY OF FOREIGN LANGUAGES IN UPPER CLASSES OF SECONDARY COMPREHENSIVE SCHOOL

In this article the author puts forward the opinion on design techniques of training of foreign languages on the basis of modern pedagogics. The author notices that the design technique has the advantage at training of foreign languages. It also tells about technology of training of foreign languages at modern school.

Keywords: *Technology of training, a design technique, pedagogical abilities, technology, abilities, skills, educational activity, professional work, learning technology*

Сведения об авторе:

Хаитбоева Х.О *- преподователь кафедры английского языка Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. E-mail tuk. tuk.89@mail. ru Phone number(+992) 938 868086*

Утаев Маъмурджон *- Зав. кафедрой английского языка Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни E-mail mahmadullo67@mail. ru Phone number (+992) 934 000788*

About an author:

Haitboyeva H.O. *- Lecturer, Chair of English Language, Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni. E-mail tuk. tuk.89@mail.ru Phone number: (+992) 938 868086*

Utaev Mamurjon *- The head of the English language chair Tajik state pedagogical university named after S. Ayni. E-mail mahmadullo67@mail. ru тел: (+992) 934 000788*

УДК: 53:37.016

ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ ТАВСИФОТИ ЭКОЛОГИДОШТА БО НАЗАРДОШТИ ИСТИФОДАИ МАВОДИ МАҲАЛ ДАР ТАЪЛИМИ ФИЗИКА

Мирзозода Ф.Т.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Мираков Н.А.

Коллеҷи техникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ

Дар раванди омӯзиши мавзӯъҳои физикаи мактабӣ бо мақсади ташаккули тафаккури экологии хонандагон, баланд бардоштани савияи дониши маърифати экологии онҳо, ҳал кардани масъалаҳои тавсифоти экологидоштаро бо назардошти маводи маҳал тавсия додан мумкин аст. Таҳлили адабиёти илмӣ-таҳқиқотӣ ошкор намуд, ки доир ба тарбияи экологии хонандагон дар таълими физика олимон Ҳакимов Э. [15], Турдиқулов Э. [7, 8], Храмушин И. В. [16] ва дигарон таҳқиқот бурда, мақолаву дастурҳои методиву таълимӣ нашр кардаанд, доир ба тарбияи экологии хонандагон дар дарсҳои физика тавассути маводи маҳал бошад, танҳо ду мақолаи дотсент Умаров У. С. [9, 10] ва панҷ мақолаи мо бо ҳаммуаллифии дотсент Умаров У. С. [3, 4, 11, 12, 13] нашр шудаасту халос.

Таҳқиқотҳои гузаронидаи мо дар ин самт собит менамояд, ки омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ ҳангоми бо хонандагон ҳал кардани масъалаҳои навъашон гуногун аз адабиёти [1, 5, 6] васеъ истифода мекунанд, ки дар он масъалаҳои тавсифоти экологидошта кам ба назар мерасад. Гуфтан ҷоиз аст, ки то ба ҳол ягон дастури методии мукамале бо забони тоҷикӣ оид ба масъалаҳои физикии тавсифоти экологидошта бо назардошти маводи маҳал вуҷуд надорад. Аз ин лиҳоз, мо тасмим гирифтем, ки доир ба методикаи ҳалли масъалаҳои физикии тавсифоти экологидошта тавсияҳо пешниҳод намоем.

Таҷриба нишон медиҳад, ки дар дарсҳои физика ба таври мусалсал истифодаву ҳал кардани масъалаҳои тасифоти экологидошта фаъолияти маърифатии хонандагонро ташаккул дода, баҳри тарбияи экологӣ ва дар рӯҳияи муҳофизат намудани табиат тарбия кардани хонандагон ва инкишофи сифатҳои маънавии онҳо кӯмак мерасонад.

Акнун намунаи ҳалли масъалаҳои тавсифоти экологидоштаро доир ба мавзӯъҳои алоҳидаи барномавӣ меорем [4, с.214-219]:

Мавриди омӯзиши мавзӯи «Ҳаракати молекулаҳо ва ҳарорати ҷисм» (синфи VII) [2, с. 50] ҳал кардани масъалаҳои зерини тавсифоти экологидошта мувофиқи мақсад аст:

1. Шумо ҳодисаи дар ҳаво паҳн шудани гази карбон (CO_2), дуд, чангу ғубор ва ғ. чӣ тавр шарҳ медиҳед?

Ҳал. Сабаби ҳамаи ҳодисаҳои дар боло овардашуда ҳаракати бетартибонаи молекулаҳои таркиби ин газҳо мебошад. Бо ибораи дигар сабаби ҳамаи ин ҳодисаи диффузия дар газҳо аст.

2. Чарост, ки дуд ҳатто дар ҳавои бешамол ҳар қадаре, ки болотар барояд, ҳамон қадар намоёнтар мешавад?

3. Сабаби ифлосшавии об дар чист?

4. Чарост, ки пас аз борон гарду чанги роҳи хокӣ дигар боло намехезад?

Ҳангоми омӯзиши мавзӯи «Қувваи архимедӣ» (синфи VII) чунин масъалаҳои тавсифоти экологидоштаро ҳал кардан баҳри баланд шудани маърифати экологии хонандагон аз манфиат холӣ нест:

5. Ҳавои гарм боло мебарояду ҳавои хунук сӯйи поён ҳаракат мекунад. Сабаби инро Шумо дар чӣ мебинед?

6. Ҳубоби собуни пури ҳаво дар чӣ гуна газҳо шино мекунад?

Ҳини омӯзиши мавзӯи «Навъҳои нақли гармо» (синфи VIII) [14] мо ба омӯзгорон баҳри баланд бардоштани савияи маърифати экологии хонандагон ҳал кардани чунин масъалаҳои тавсифоти экологидоштаро тавсия медиҳем:

7. Сабаб чист, ки лӯлаи дудкаши заводҳоро хеле баланд месозанд?

8. Кадоме аз лӯлаи дудкаши заводҳо хубтар аст: металлӣ (оҳанин) ё хиштин?

Ҳал. Ҳар қадаре ки фарқи фишорҳои ҳавои беруна ва ҳавои дохили лӯлаи дудкаш зиёд бошад, кашиш ҳамон қадар хуб аст. Ҳар қадаре ки ҳарорати ҳавои дохили лӯла баланд бошад, зичӣ ва фишори он ҳамон қадар кам аст. Гармигузаронии хишт назар ба гармигузаронии оҳан кам аст. Бинобар ин, дар лӯлаи хиштин (мавриди якхела будани шароитҳои дигар) ҳаво (дуд) камтар хунук мешавад ва дар ин гуна лӯлаҳо кашиш хубтар аст.

9. Чаро дар печкаҳо «баландгардан» назар ба печкаҳои «кӯтоҳгардан» сӯйи боло кашида шудани ҳаво хубтар аст?

10. Барои чӣ печкае, ки дар он муддати дуру дароз алов накардаанд, суст мекашад? Агар дар лӯлаи ин печка пешакӣ қоғазеро оташ зананд, кашиши он хуб мешавад. Чаро?

Ҳал. Ҳавои хунуки лӯлаи дудкаш фишореро ҳосил мекунад, ки он ба фишори ҳавои беруна баробар аст. Пас аз гарм кардани ҳавои лӯлаи дудкаш фарқи фишорҳои дохилию берунии лӯла зиёд шуда, кашиш ба вуҷуд меояд.

11. Дар ҳавои ором (бешамол) дуди лӯлаҳои дудкаши биноҳо амудан ба боло мебарояду дуди лӯлаи дудкаши тепловози ҳаракаткунанда дар сатҳи қатора паҳн мешавад. Сабаби инро шарҳ диҳед.

Ҳал. Дар сатҳи болоии лӯлаҳои дудкаши биноҳои ором сели конвексионии ҳавои гарм ба вуҷуд меояд ва онро қувваи архимедӣ амудан ба боло мебардорад. Лӯлаи дудкаши тепловози ҳаракаткунанда миқдори ками ҳавои гармро дар ҷойҳои гуногуни роҳ берун мекунад, ки онҳо оҳиста-оҳиста ба боло мебароянд. Ҳангоми тез ҳаракат кардани қатора бошад, дуд дар сатҳи он паҳн мешавад.

12. Ифлосшавии атмосфера тавассути партовҳои саноатӣ сабаби дар кӯҳҳо кам шудани пиряхҳо мегардад. Барои чӣ? Оқибатҳои ногувори ин ҳодиса чист?

Ҳал. Партовҳои саноатӣ дар шакли гарду ҷанг ба сатҳи пиряхҳо нишаста, бо таъсири нурҳои Офтоб обшавии онҳоро метезонанд. Камшавии пиряхҳо бошад, боиси тағйирёбии иқлим мегардад.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки масъалаи мазкур ба масъалаи №769-и китоби В.И. Лукашик [1] монанд аст ва мо ба омӯзгорон тавсия медиҳем, ки пас аз ҳалли масъалаи №769-и китоби В.И. Лукашик ин масъаларо ҳал намоянд.

13. Танаи дарахтҳои мевадиҳандаро сафед кардан чӣ зарурат дорад?

Ҳал. Қабати сафед нурҳои Офтобро инъикос карда, фурӯбарии онҳоро кам мекунад ва дарахтҳои мевадиҳандаро аз «сӯхтан» муҳофизат мекунад.

Мавриди омӯзиши мавзӯи «Бухоршавӣ» (синфи VIII) [14, с.56] ҳал кардани масъалаҳои зайлро тавсия медиҳем.

14. Марказҳои саноатие, ки дар минтақаҳои иқлимашон серрутубат ҷойгир шудаанд, атмосфераро бисёртар ифлос мекунанд. Чаро?

Ҳал. Гарду чанги партовҳои саноатӣ, ҳиссачаҳои дуд ҳангоми рутубати зиёди ҳавои чангӣ ҳамчун маркази конденсатсияи буғҳои об хизмат мекунанд. Дар натиҷа массаи ин заррахо зиёд ва суръати диффузия кам мешавад. Бинобар ин, гарду чанги партовҳои саноатӣ дар атрофи марказҳои саноатӣ абрҳои дудиро ҳосил мекунанд.

15. Имрӯзҳо дар назди олимон-агрономҳо чунин масъалаи мубраме истодааст: Хоки заминҳои корамро аз шӯршавӣ муҳофизат намудан лозим аст, чунки замини шӯрхок ҳосили баланд намедиҳад. Чаро?

Ҳал. Шӯрхок обро аз растаниҳо ҷабида мегирад ва онҳо хушк мешаванд.

16. Дар вақти хушксолӣ барои эмин нигоҳ доштани кишт дар майдонҳо намӣ (рутубат)-ро чӣ тавр нигоҳ доштан мумкин аст?

Ҳал. Барои нигоҳ доштани намӣ бухоршавиро кам кардани лозим аст. Барои ин хокро сахт мекунанд.

17. Барои чӣ сабзавотҳои аз хунукӣ «тарсанда»-ро дар минтақаҳои наздикии обанборҳо, кӯлҳо, наҳрҳо, баҳрҳо ва дарёҳо кишт кардан беҳтар аст?

Ҳал. Дар ҳавои назди обанборҳо ҳама вақт миқдори зиёди буғҳои об мавҷуданд. Ҳангоми хунукшавии ҳаво ин буғҳои об конденсатсия шуда гармӣ хориҷ мекунанд.

Пас аз омӯзиши мавзӯи «Муҳаррикҳои дарунсӯз» (синфи VIII) [14, с.76] ҳал кардани масъалаҳои зайлро тавсия медиҳем.

18. Дар муҳаррики дарунсӯз баъзан сӯзишворӣ нопурра месӯзад ва ҳамроҳи газҳои сӯхта берун бароварда мешавад. Оё ин ба муҳити атроф асар надорад?

Ҳал. Асар дорад, муҳити атрофро ифлос мекунад.

Мавриди омӯзиши мавзӯи «Ду ҷинси заряд. Таъсири мутақобили ҷисмҳои заряднок» (синфи VIII) [14, с. 87-90] ҳалли масъалаи зеринро ба омӯзгорон тавсия медиҳем.

19. Филтрҳои электростатикӣ, ки дар нерӯгоҳҳои барқии ҳароратӣ ва дигар корхонаҳо барои нигоҳ доштани ҳиссачаҳои сахти дуд хизмат мекунанд, чунин сохт доранд: аз мобайни лӯлаи металлӣ, қад-қади тири он сим (ноқил) гузаронида шудааст. Ин ноқил мусбат заряднок карда мешаваду лӯлаи металлӣ-манфӣ. Амали ин гуна филтро фаҳмонед.

Ҳал. Ҳиссачаҳои сахти дуд дорои заряди мусбатанд. Аз ин рӯ, онҳо таҳти таъсири майдони электрӣ ба тарафи сатҳи дохилии лӯлаи металлӣ ҳаракат карда, ба он ҷазб шуда часпида мемонанд.

Ҳангоми омӯзиши мавзӯи «Мавҷҳои садо» (синфи IX) баҳри баланд бардоштани савияи маърифати экологии хонандагон ҳал кардани масъалаҳои зайлро ба омӯзгорон тавсия медиҳем.

20. Чаро ғалоғулаи сунъӣ (масалан, ғалоғулаи асбобҳои рӯзгор, дастгоҳҳои коркунанда) ба организми зинда таъсироти манфӣ мерасонанд, вале садои табиӣ (масалан, садои бориши борон, шавшуви шамол) ба организми зинда таъсироти фоидабахш мерасонанд?

Ҳал. Тадқиқоти илмӣ собит намуданд, ки ҳамагуна ғалоғулаи табиӣ дар ҳудуди басомади якхела (тартиби 1000 Ҳс) ба амал меоянд. Онҳо ба минтақаи хуби қобили қабули узвҳои шунавоӣ мувофиқат мекунанд ва аз ин рӯ, ба организми зинда таъсироти фоидабахш доранду ҳаловат мебахшанд. Ғалоғулаи сунъӣ бошад, чун қоида ба садоҳои тонашон (оҳангашон) нисбатан баланд тааллуқ доранд, аз ин рӯ ба организми зинда таъсироти манфӣ мерасонанд.

21. Оё ғалоғула фақат зарар мерасонад ё ин ки фоида ҳам дорад?

Ҳал. Маълум аст, ки мавҷҳои садогии шакли ғалоғула қобилияти пароканда кардан ва шинондани гарду чангро доранд. Ин хусусияти онҳо масалан, барои тоза кардани ҳаво дар сехҳои заводҳо истифода карда мешавад.

22. Шумо барои кам кардани ғалоғулаи шаҳр чӣ корҳоро ба сомон расонида метавонед?

Ҳал. Бисёр корҳоро, масалан: баланд накардани садои радио, магнитофон, телевизор ва ғ.; дар хона, мактаб, кӯча, бозор, дохилии нақлиёти мусофиркаш бо овози паст гап задан, ғавғо накардан; шинонидани дарахту буттаҳо, чунки дуруст шинонидани дарахту буттаҳо ғалоғулаи шаҳрро хеле кам мекунад: тобистон онро баргҳо «пароканда мекунанд» ва ё «фуру мебаранд», зимистон бошад, барфҳои шохҳои дарахт ин амалҳоро ичро мекунанд.

Ҳангоми омӯзиши мавзӯи «Физикаи атом ва ядрои атом» дар синфи IX ҳал кардани чунин масъалаҳоро тавсия медиҳем:

23. Аз энергетикаи химиявӣ ба ядроӣ гузаштан чӣ афзалияти экологӣ дорад?

Ҳал. Реакторҳои ядроӣ ҳангоми кори худ оксигенро истифода намекунанд ва ба муҳити атроф дуд ва дигар партовҳо хориҷ намекунанд.

24. Фарз кардем, ки ба атмосфера миқдори баробари атомҳои моддаҳои радиоактивии даври нимтабдилашон гуногун хориҷ гардид. Хатари биологии кадоме аз онҳо зиёдтар аст?

Ҳал. Барои ҳамзамонон ядрои моддаҳои радиоактиви даври нимтабдилашон кам хатарноктар асту барои ояндагон ядрои моддаҳои радиоактиви даври нимтабидлашон зиёд.

Ба ақидаи мо ҳалли чунин масъалаҳои тавсифоти экологидошта бо назардошти маводи маҳал баҳри баланд гардонидани савияи маърифати экологии хонандагон мусоидат намуда, онҳоро дар руҳияи муҳофизат намудани табиати муҳити атроф тарбия менамояд.

АДАБИЁТ

1. Лукашик В.И. Китоби масъалаҳои физика. Дастури таълим барои хонандагони синфҳои 7-8 мактаби миёна. –Душанбе: Маориф, 1991. -190 с.
2. Маҷидов Ҳ., Зубайдов С. Физика – 7. Китоби дарсӣ барои синфи 7-уми мактабҳои миёнаи таҳсилоти ҳамагонӣ. –Душанбе: Алиф, 2008. -281 с.

3. Мирзозода Фирӯз, Умаров У.С. Тарбияи экологии хонандагон ҳангоми омӯзиши физикаи синфи VIII. Дар маҷмӯаи «Маводи конференсияи илмӣ–методии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Проблемаҳои муосири илмҳои табиӣ–математикӣ ва тайёрии касбӣ–методии муаллимон». –Душанбе: ДДОТ, 2013. – С. 55-58.
4. Мирзозода Фирӯз, Умаров У.С. Ташаккул додани маърифати экологии хонандагон тавассути ҳалли масъалаҳои физикии сифатӣ. Дар маҷмӯаи «Маводи конференсияи илмии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Экология ва масъалаҳои таълиму тарбия» бахшида ба 70-солагии мудири кафедраи «технология ва экологияи химиявӣ дотсент И.Н. Шарипов». –Душанбе: ДДОТ, 2014. – С. 214-219.
5. Рымкевич А.П. Маҷмӯаи масъалаҳо аз физика: Барои синфҳои 8-10 мактаби миёна. – Нашри 1.- Душанбе: Маориф, 1989. – 176 с.
6. Тульчинский М. Е. Качественные задачи по физике в 6-7 классах. Пособие для учителей. -М.: Просвещение, 1976. – 127 с.
7. Турдыкулов Э. А. Введение природоохранитепьных понятий // «Физика в школа», 1979, №1. – С. 34-39.
8. Турдыкулов Э. А. Развитие экологических зананий на первой ступени обучениия физике. // «Физика в школа», 1983, №3. – С. 34-39.
9. Умаров У.С. Тарбияи экологии хонандагон тавассути маводи маҳал. Дар маҷмӯаи «Материалы юбилейной научной конференции преподавателей и студентов посвяшенной 5-ой годовщине независимости Реслублики Таджикистан». (Тезисы дохладов), -Душанбе: ТГПУ, 1996. – С. 31-34.
10. Умаров У.С. Тоҳирова Р. Б. Давлатов З. А. Маърифати экологии хонандагон дар ҷараёни таълими физика. // «Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ», 2005, №3. – С. 45-48.
11. Умаров У.С., Мирзозода Фирӯз. Ташаккул додани маърифати экологии хонандагон дар таълими физика. Дар маҷмӯаи «Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмиллалӣ дар мавзӯи «Мақоми педагогикаи халқӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ»». –Душанбе: ДДОТ, 2013. – С. 220-224.
12. Умаров У.С., Мирзозода Фирӯз. Ташаккул додани маърифати экологии хонандагон тавассути ташкил намудани конференсияи таълимӣ. Дар маҷмӯаи «Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Истифодаи воситаҳои техникии муосир дар таълими фанни технология» бахшида ба 20-солагии Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон». –Душанбе: ДДОТ, 2014. – С. 118-124.
13. Умаров У. С., Мирзозода Фирӯз. Формирования экологических знаний в процессе обучения физики с применением краеведческих материалов. Материалы республиканской научно-практической конференции «Достижение инновационной технологии композиционных материалов и их сплавов для машиностроения» посвященной 80-летию профессора кафедры «Технология и машиноведения» Каримова Н. К. –Душанбе: ТГПУ, 2014. – С. 116-120.
14. Умаров У.С., Исупов Ҷ., Икромов М. Физика. Китоби дарсӣ барои синфи 8-уми мактабҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ. –Душанбе: Алиф, 2009. -238 с.
15. Хакимов Э. Экологическое образование учащихся VIII–X классов средней школы в процессе обучения физике: Автореф. дис. … канд. пед. наук. –Баку, 1981. -19 с.
16. Храмушин И.В. Вопросы охраны природы на уроках физики. // «Физика в школе», 1979, №2. -С.53-54

РЕШЕНИЕ ЗАДАЧ ЭКОЛОГИЧЕСКОГО СОДЕРЖАНИЯ С УЧЁТОМ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ КРАЕВЕДЧЕСКОГО МАТЕРИАЛА В ПРЕПОДАВАНИИ ФИЗИКИ

В статье рассматривается многолетнее исследование автора в области использования качественных задач экологического содержания на уроках физики, способствующее формированию экологического образования и воспитания учащихся при изучении школьного курса физики, повышению учебно-познавательной деятельности учащихся и интереса к физике. В данной статье подобраны задачи экологического содержания с анализом их решения по различным темам школьного курса физики, где даются практические методические рекомендации по их использованию.

Ключевые слова: *физические задачи экологического содержания, экологическое воспитание, качественные задачи, движение молекул.*

SOLUTION OF PROBLEMS OF ECOLOGICAL CONTENT BY USING LOCAL HISTORY MATERIAL IN TEACHING PHYSICS

The article discusses the author's long – term research in the field of using quality environmental problems in physics lessons, which contributes to the formation of environmental education and education of students in this of their e study of schools physics course, increasing educational and cognitive activity of students and interest in physics. This article has selected environmental issues with an analysis of their solutions to various topics of schools course physics, where practical guidelines for use are given one.

Keywords: *physical task of environmental content, environmental education, the movement of molecules.*

Сведения об авторе:

Мирзозода Фирузи Талбидаги *– ассистент кафедры методики преподавания физики Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни.* ***Адрес:*** *734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, район И. Сомони, проспект Рудаки 121. Тел.: (+992) 988 33 43 07.*

Мираков Насим Абдурасулович *- асистент кафедры физика и телекоммуникации технического колледжа Таджикского технического универстета имени академика М.Осими. адрес: г Душанбе район Фирдавси улица Кахороа 149 кв 091[a] тел (+992) 93 541 42 37 Nasim.Mirakov@mail.ru*

About the author:

Mirzozoda Firuzi Talbidagi *– Assistant, Chair of Physics Teaching Methodoljgy,Tajik State Pedagogical University named by S. Aini.* ***Address:*** *734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, I. Somoni district, Rudaki Avenue, 121. Tel.: (+992) 9883343 07.*

Nasim Mirakov Abdurasulovich *- Assistant, Chair of Physics and Telecommunication of Technical College, Tajik Tehnical University named after academician M. Osimi. Dushanbe, Kakhorova st., 149, apartment 091[a.] Phone: (+992) 93 541 42 37 Nasim.Mirakov@mail.ru*

МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ БОСАЛОҲИЯТИ АШЪОРИ АБДУРРАҲМОНИ ҶОМӢ ДАР КУРСИ ХОНИШИ АДАБӢ

Бобоева З.Т.

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

Тибқи консепсияи мактаби миллӣ таълими адабиёт дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба се зина ҷудо мешаванд: Курси хониши эзоҳӣ, курси хониши адабӣ ва курси таърихи адабиёт. Мутахассисон мақсад ва вазифаи ҳар се зинаи таълими адабиётро муайян карданд. Ин се зинаи таълим аз якдигар тавофут ва махсусияти хешро доранд ва ба синну солу ҷаҳонбинии хонандагон алоқаманд аст. Тибқи таъкиди методистон, Дар курси хониши адабӣ адабиёт ба таври мавзӯӣ омӯхта мешавад ва он давоми мантиқии таълими хониши эзоҳӣ буда, хониши матни бадеӣ дар он мавқеи асосӣ дорад. Адабиёт бояд инсонсоз бошад ва яке аз вазоифи курси хониши адабӣ тарбияи насли наврас аст, ки ин мақсад бо воситаи таълими матнҳои бадеӣ амалӣ мегардад. Муносибати босалоҳият ба матни бадеӣ метавонад захираи луғавии хонандаро бой гардонад, нутқи шифоҳӣ ва хаттии онҳоро инкишоф диҳад ва нуктаи аз ҳама асосӣ, фаъолияти маърифатии хонандаро дар ҳаёт таъмин менамояд.

Мураттибони “Барномаи таълими адабиёти тоҷик дар синфҳои У-Х1” (2007) барои таълими эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ дар синфи ҳафтум 5-соат ҷудо кардаанд, аммо ин панҷ соат барои таълими ҳикояҳо аз “Баҳористон”-у маснавии “Сисилсилат-уз-заҳаб” ва “Нафаҳот-ул-унс” аст. Муратибони барнома аз ашъори ғиноии Ҷомӣ байтеро ҳам барои хонандагони синфи 7 мувофиқ наёфтаанд ва ё салоҳ надонистаанд. Дар шеваи муносибати босалоҳият ба таълим омӯзгор имкон дорад, ки мавзӯъ ва мундариҷаро вобаста ба талаботи таълим иваз намояд. Аммо пеш аз он ки аз ашъори ғиноии шоир намунае дархури хонандагони синфи 7 биёварем, нишондоди барномаро баррасӣ мекунем, зеро омӯзгорони мактаб бештар ба барнома такя мекунанд ва пойбанд он ҳастанд.

Ҳикояи “Шикояти пиразани мазлум бо Санҷар” аз маснавии “Сисилат-уз-заҳаб”, ки мураттибони барнома пешниҳод кардаанд, дар асл “ Ҳикояти пирзоле, ки роҳ бар Санҷар гирифта ва аз бероҳии як-ду золим додхоҳӣ кард ва зулми эшонро аз роҳ бардошт” унвон дорад ва аз 44 байт иборат аст. Дар китоби дарсӣ унвони ҳикоят ба тариқи мухтасар “Ҳикояти пирзоле, ки роҳ бар Санҷар гирифта” омада, ки қобили қабул аст. Муаллифони китоби дарсӣ ҳикоятро мухтасар намуда, аз 44 байт 29 байтро интихоб намудаанд. Ҳикоятро аз ин ҳам мухтасар кардан мумкин аст, вале набояд қисмати охир, ки Султон Санҷар баъд аз ҷазои золимон ба пирзол боғи ангуру зар ҳадя мекунад ва бевазан аз адлу саховати вай хушнуд мешавад, ҳазф кард:

Бевазанро ато муқаррар кард,
Аз зару қалби зар тавонгар кард.
Дод бо зар яке разаш маъмур,
То аз он кӯдакон хӯранд ангур.

Кардаш аз адлу ҷуди худ хушнуд,
Дар ҷаҳон то ки буд, аз он хуш буд [9].

Дар китоби дарсӣ ба ҷуз аз шарҳи ду калима “Шоҳҷон”, ки мухафафи Шоҳи ҷаҳон асту дар гузашта Марвро чунин ном мебурданд ва борагӣ – асп шарҳу тавзеҳе аз ин ҳикоят наомадааст. Муаллифони китоби дарсӣ дар қисмати “Саволу супориш” доир ба ин ҳикоят суоле гузоштаанд, ки ҳеч ба он дахл надорад ва мантиқан хатост: “Дар ҳикояти “Пирзоле, ки роҳ ба Санҷар гирифта” Ҷомӣ ба кадом бозёфти азим муваффақ ва комёб гаштааст?” Маълум нест, ки муаллифони китоби дарсӣ кадом “бозёфти азими Ҷомӣ”-ро дар ин ҳикоят дар назар доранд. Шояд ҷазо додани золимон аз тарафи Санҷар “бозёфти азим”-и Ҷомӣ бошад?

Тавре ки методистон таъкид кардаанд, таълими асари бадеӣ дар курси хониши адабӣ се марҳила дорад: машғулияти муқаддимавӣ, кор бо матн ва машғулияти ҷамъбастӣ. Аз он ҷо, ки матни ҳикояти болои Ҷомӣ он қадар калон нест, омӯзгор метавонад ҳикоятро бо иштироки фаъоли ҳонандагон дар синф хондаву таҳлил намояд. Шарти аввал дар таҳлили матни бадеӣ он аст, ки матн дуруст қироат шавад. Омӯзгор метавонад дар ибтидо худ матни ҳикоятро қироат кунад. Талаботи муносибати босалоҳият, ки хонандамеҳварӣ ҷавҳари онро ташкил медиҳад, фаъолияти бештари шогирдонро таҳозо мекунад. Агар матнро яке аз хонандагон буррову ифоданок қироат кунад, беҳтар аст.

Шарти дувум шарҳи калимоти душвори матн аст. Методистон рус В.В. Голубков, ки аз бунёдгузорони методикаи таълими адабиёт дар даврони Шуравист, дар ин масъала менависад: “Хонандагон асари бадеӣ мехонанд, ягон калима ва ё ифода барои онҳо ношинос аст ва ба тавзеҳ ниёз дорад, вале аглаби калимот ба ҳадде фаҳмоянд, ки хонандагон метавонанд матнро муҳокима кунанд. Пас омӯзгор танҳо ба шарҳи калитмоти душвор маҳдуд мегардад? На. Бештари калимаҳоро хонандагон на ба ҳадди лозима саҳеҳ шарҳ медиҳанд. Илова бар ин бештари калимаҳоро мефаҳманд, вале дар баёни худ ба кор намебаранд. Бо мақсади ганӣ гардонидани доираи захираи луғавии забони онҳо ин калимаҳоро шарҳ додан, саҳеҳу дақиқ намудан ва аз захираи карахту беҳаракат ба захираи фаъол интиқол додан зарур аст” [30, с.180].

Дар матни мавриди назар қариб дар ҳар як байт калимоти душворе маҷуданд, ки ниёз ба шарҳ доранд. Дар байти якум калимаи “зол”, ки ду бор омадааст, бояд тавзеҳ ёбад. “Зол” ба маънии пир, солхӯрда, одами фартут. Дар мисраи дувум шоир пирзолро ба ҷаҳони куҳан ташбеҳ дода, таркиби “золи ҷаҳон” сохтааст. Ҳамин тариқ дар матн калимаҳои “тазаллум” (шикоят аз зулм, додхоҳӣ), “саркашӣ”, “Кайвон”, “бонг”, “нафир”, “гардун”, “муздурӣ”, “дастмузд”, “гумоштан”, “ҳувайдо”, “нуҳуфт”, “хасм”, “мискинон”, “хусравӣ”, “табоҳӣ”, “мазолим”, “раз” ва “тавонгар” бояд шарҳу тавзеҳ шаванд. Илова бар ин ибораву ифода ва таркиботе дар ин ҳикояти манзум мавҷуданд, ки дар зоҳир фаҳмо менамоянд, аммо дарки маънои дақиқи онҳо на ба ҳар кас даст медиҳад. Масалан, “золи ҷаҳон”, “ханҷари ситам”, “саркашӣ ба Кайвон”, “парешонкор”, “гандапир”, дилашон баҳри нон ба ду ним”, “панҷаи муздур”, “ради адлу зулм”, “ҷигархорон”, “сарои нуҳуфт”, “сардафтари мазолим” ва ғайра, ки ниёз ба шарҳу тавзеҳи дақиқ доранд, то мазмуни матн ва ҳунари шоир ба хонандагон равшан гардад. Омӯзгор бояд калимоти дар боло зикршударо бо истифода аз луғату фарҳангҳо бо иштироки хонандагон шарҳу тавзеҳ диҳад.

Омӯзгор пеш аз нақли мазмуни матни бадеӣ метавонад ба хонандагон супориш диҳад, ки доир ба матни қироатшуда нақша тартиб диҳанд. Сараввал хонандагон дар алоҳидагӣ нақша тартиб медиҳанд. Агар нақша аз тарафи хонандагон дурусту комил мураттаб нашуда бошад, пас, бо роҳбарии муаллим нақшаи дастаҷамъӣ сохта мешавад. Нақша бояд бо назардошти фикру андешаи хонандагон ва баррасию муҳокимаи онҳо хатти ҳаракати персонажҳо таъйин шуда, баёни мазмун мураттаб ва бонизом мураттаб гардад.

Дар низми суннатии таълим, алалхусус дар синфҳои У-У11 маводи асосии корӣ китоби дарсӣ мебошад. Чунон ки дидем, муаллифони китоби дарсӣ матнро овардааанду ба ҷуз шарҳи ду калима ва суоли бемавқеъ чизе илова накардаанд. Шеваи муносибати босалоҳият ба таълим имкон медиҳад ва талаб менамояд, ки омӯзгору хонандагон аз сарчашмаҳои дигар истифода баранд ва маҳдуд ба китоби дарсӣ намонанд. Истифодаи сарчашмаҳои дигар, монанди куллиёти шоир, васоиту дастурҳои таълимӣ шароит фароҳам меоваранд, ки матни бадеӣ ба дурустӣ ва дақиқ таҳлилу баррасӣ шавад. Хонандагон танҳо дар ин сурат метавонанд дар фаҳмиши матни бадеӣ ба салоҳиятҳо комёб гарданд.

Чунон ки зикр намудем, методистон мураттаб намудани нақшаро яке аз анвои асосии кор бо матн дар мактаб ҳисобидаанд. Тартиб додани нақша кори саҳлу осон нест, бояд шеваи тартиб додани онро ба хонандагон омӯхт. Мутахассисон дар таълими адабиёт дар мактаб ду навъи нақша: сода ва мураккабро пешниҳод кардаанд. Нақшаи сода ба ҷиҳатҳои асосӣ, аммо нақша мураккаб тамоми ҷузъҳои матни бадеиро фаро мегирад. Ба тариқи намуна мо дар асоси матни мавриди назар нақша тартиб медиҳем. Ин амал дар синф ҳатман бояд бо иштироки фаъоли хонандагон сурат гирад. Нақша бояд дар асоси рукнҳои сужаи ҳикоят: қисмати аввал аз оғоз, рабт, ҳаракат ва қисмати дувум авҷ ва қатъ мураттаб шавад. Аз ин назар нақшаи содаи ҳикояти мавриди назар бояд чунин сурат гирад:

Нақша сода:

1. Пеши роҳи Султон Санҷарро гирифтани пирзол;
2. Шикояти пирзол аз ду лашкарии султон, ки ангури сабади ӯро ба ғорат бурданд;
3. Худро маломат кардани Санҷар аз шеваи ҳукмронияш, ки мардуми бечора аз дасти зердастони ӯ дар азобанд;
4. Ҷазо додани Санҷар ду лашкариро, ки пирзолро ғорат карданд;
5. Мукофот додани Санҷар пирзолро.

Дар нақшаи мураккаб ҷузъиёти ҳикоят муфассалтар ва дақиқтар нишон дода мешавад. Агар хонандагон дар аввал нақшаи сода ва баъд нақшаи мураккаб тартиб диҳанд, беҳтар аст.

Нақшаи мураккаб:

1. Саргузашти пиразан:

а) Ҳикояти пирзол бо наберагони ятимаш дар Марв;
б) Ангур орзуи кардани ятимон;
в) Ба деҳаи дигар мардикорӣ рафтани пиразан;
г) Як сабад ангур гирифтани пиразан ба ивази кораш;
д) Ғорат кардани ду-се лашкарӣ пиразанро;

2. Пеши роҳи Санҷарро гирифтани пиразан ва накӯҳиш кардан:

а) Бо овози баланд хитоб кардани пиразан Султон Санҷарро;
б) Назди пиразан омадани Санҷар;
в) Нақл кардани пиразан саргузашти худу ятимонашро ба Санҷар;
г) Шикояти пиразан аз ду лашкарии Санҷар, ки дастмузди ӯро ба ғорат бурданд;
д) Тарсондани пиразан Санҷарро аз оқибати кораш;
ё) Танқид кардани пиразан шеваи ҳукмронии Санҷарро;

3.Худро маломат кардани Санҷар, ки аз ҳоли зердастонаш бехабар мондааст:

а) Шунидани Санҷар арзи пиразанро;
б) Маломат кардани Санҷар худро;
в) Ҷазо додани Санҷар он ду лашкарии ғоратгарро;
г) Ато муқаррар кардани Санҷар бевазанро.

Омӯзгор метавонад баъд аз тартиб додани нақшаи матн мазмуни онро пайдарпаю мураттаб аз хонандагон талаб кунад. Нақли шифоҳии мазмуни матн ба ташаккули нутқи шифоҳии хонандагон мусоидат мекунад. Матни “Ҳикояти пирзоле, ки роҳ бар Санҷар гирифт” манзум аст. Хонандагон метавонанд онро мустақилона ба наср гардонанд. Агар нақли мазмуни матн бо таҳлил тавъам ба роҳ монда шавад, хонандагон хубтару беҳтар мақсади адибро дарк мекунанд. Нақли матни бадеиро метавон мухтасар ва муфассал баён кард. Омӯзгор бояд саъй кунад, ки шогирдон мазмуни матнро муъҷазу мухтасар баён кунанд. Ҳангоми шарҳу таҳлили матни бадеӣ хонандагон бояд қаҳрамони асар ва персанажҳои асосиро фарқ карда тавонанд. Масалан, дар матни мавриди назар пирзол қаҳрамон ё худ персонажи асосии асар аст, ки хатти сужет вобаста ба фаъолияти ӯст.

Барои таъйини зинаи қобилияти маърифатии хонандагон, ки аз ҷумлаи талаботи муносибати босалоҳият ба таълим аст, баъд аз хондану таҳлили матн омӯзгор метавонад тавасути саволнома онро амалӣ гардонад. Вобаста ба матни “Ҳикояти пирзоле, ки роҳ бар Санҷар гирифт” барои муайян кардани қобилияти маърифатии хонандагон омӯзгор метавонад чунин саволнома ва супоришҳо тартиб диҳад:

	Савол	Зинаи қобилияти маърифатӣ
1	Барои чӣ пирзол сари роҳи Санҷарро гирифт?	
2	Пирзол Санҷарро ба кадом сабаб гунаҳкор кард?	
3	Ду лашкарӣ чӣ зулм ба пирзол раво диданд?	
4	Оё Санҷар ба воқеаи рӯйдода воқеан гунаҳкор аст?	
5	Оё Санҷар худро дар ин воқеа гунаҳкор медонад?	
6	Санҷар барои ҷуброни гуноҳаш чӣ кор кард?	
7	Ба фикри шумо пирзол ҳақ буд ва рафтори ӯро қаҳрамонӣ номидан мумкин аст?	

Супоришҳое, ки бо такя ба мазмуни матн аз тарафи омӯзгор пешниҳод мегардад, барои таъйини зинаи маърифатии хонандагон аҳамияти бештар дорад:

№	Супоришҳо	Зинаи қобилияти маърифатӣ
1	Матнро хонед ва персонажҳои онро муайян кунед	
2	Ба рафтори пирзол баҳо диҳед	
3	Матнро бори дигар хонед ва унвони дигар, ки баёнгари мазмуни он бошад, гузоред.	
4	Матнро ба қисматҳо ҷудо кунед	
5	Ҷойи қисматҳои матнро иваз кунед, ки хатти сужет халал наёбад.	
6	Дар асоси матн саҳнача тартиб диҳед ва онро ба намоиш гузоред	

Ин супоришҳоро хонандагон метавонанд ҷудогона иҷро кунанд ҷуз аз намоиши саҳнача, ки бояд чанд кас иштирок кунад ва ҳамчунин дастҷамъона метавонанд иҷро кунанд.

Омӯзгор бояд ҳам ҷавоби суолҳо ва ҳам иҷроиши супоришҳоро назорат кунад. Масалан, дар мавриди тағйир додани унвони матн ҳамон хонанда муваффақ мегардад, ки матнро пурра ҳазм карда бошад. Таъйини унвони нав зинаи қобилияти маърифатии хонандаро муайян мекунад. Ҳамчунин муваффақона пасу пеш бурдани қисматҳои матн ба дараҷаи қобилияти маърифатии хонанда вобаста аст. Дар матни мавриди назар нахуст пирзол сари роҳи Султон Санҷарро мегирад ва баъд аз гунаҳгор кардани султон ғорат шуданашро аз ҷониби ду лашкарии вай баён мекунад. Хонандае, ки матнро ба дурустӣ ва комил ҳазм намудааст, метавонад ҷойи қисматҳои матнро иваз кунад, ки ҳеч халале ба хатти сужет наафтад. Масалан, метавон нахуст саргузашти пирзол ва ғорат шуданашро аз ҷониби ду лашкарӣ овард ва баъд аз он гирифтани сари роҳи Санҷару шикоят кардани пирзолро баён кард.

Ба ҳамин минвол метавон чандин роҳу шеваҳои таҳлили матнро ба кор бурд, ки хонандагон ба адабиёти бадеӣ шавқ пайдо кунанду худ мустақилона ба хондану таҳлили матн пардозанд. Омӯзгорон метавонанд ҳикоятҳои дигар, ки дар барнома барои таълим пешниҳод шудааст, ба шевае, ки дар таълими “Ҳикояти пирзол, ки роҳ бар Санҷар гирифт” баррасӣ намудем, таълим диҳанд.

Гарчанде дар “Барномаи таълими адабиёти тоҷик дар синфҳои У-1Х” (2007) аз ашъори ғиноии шоир чизе пешниҳод накардаанд, аммо омӯзгор набояд бо барнома маҳдуд шавад. Шеваи босалоҳияти таълим имконияти тағйир додани мавзӯъ ва мундариҷаро барои омӯзгор зарур донистааст. Абдурраҳмони Ҷомӣ ҳам дар девони ашъор ва ҳам дар маснавиҳояш дар мавриди маромномаи зиндагии худ абёте суруда, ки хеле пандомӯзанд ва дорои аҳамияти бузурги маърифатию тарбиявӣ доранд. Масалан, байтҳои дар маззамати тамаъкорон гуфтаи шоир, ки дар қисмати шарҳи ҳолаш овардаем, дар курси хониши адабӣ истифода кардан хеле бамаврид аст:

Ба дандон рахна дар фӯлод кардан,
Ба нохун роҳ дар хоро буридан,
Ба фарқи сар ниҳодан сад шутур бор,
Зи Машриқ ҷониби Магриб давидан,
Басе бар Ҷомӣ осонтар намояд,
Ки бори миннати дунон кашидан.

Дар абёти боло аксари калимаҳо дар зоҳир барои хонандагони синфи 7 фаҳмоянд, вале омӯзгор бояд паҳлуҳои гуногуни баъзе калимаҳоро равшан намояд, то хонандагон салоҳияти корбурди онҳоро дар нутқи шифоҳию хаттӣ биомӯзанд. Агар ин амал бо

иштироки хонандагон сурат гирад, суди бештар меоварад. Яъне, дар шарҳи маънӣ кардани калимаву ибораҳои ноошно ва ё камошно бояд хонандагон худ аз луғати фарҳангҳо истифода баранд, ки аз талаботи муҳими муносибати босалоҳият аст. Омӯзгор бояд раҳнамо бошад, шеваи кор бо луғату фарҳангро ба хонандагон ёд диҳад. Адабиётшиноси варзидаи тоҷик марҳум Абдулманнони Насриддин китобе бо номи «Фарҳанги мухтасари адабиёт» навиштаанд, ки барои хонандагони мактаб дар маънӣ кардани калимаву ибораҳо ва истилоҳоти шеърӣ хеле муфид буда метавонад.

Дар пораи шеърии дар боло овардашуда, калимаҳои «фӯлод» (аслан пӯлод аст, ки бо таъсири забони арабӣ ҳарфи «п» ба «ф» мубаддал гаштааст), «хоро» ва «дунон»-ро бояд шарҳ дод. «Пӯлод – филиззи нуқраранги бисёр мустаҳкам, ки аз якҷоя гудохтани оҳан бо миқдори муайяни карбон (углерод) ҳосил мешавад (101, 105). «Хоро, хора – санги сахт, санги сахти нотарошида, гранит» (101,494). «Дунон – мардуми паст, нокас, разил» (101,399). Муроди шоир аз пӯлод ва хоро сахтии онҳост. Яъне, ба ҳеҷ ваҷҳ бо дандон ба пӯлод рахна овардан намешавад ва ё бо нохун санги сахти хороро бурудан наметавон, кори бениҳоят сахт аст, ки дандону нохун дар ин кор мешиканад. Аммо барои Ҷомӣ ин корҳо басе осонтар аст, ки миннати одамони пасту нокасро таҳаммул кунад. Ҳамчунин барои шоири бузург сарнагун дар оташдон фурӯ рафтану ба мижжа (пилки дида) оташпораро чидан ва сад шутур борро ба сар ниҳодану аз Шарқ ҷониби Ғарб давидан осонтар аст нисбат ба он ки миннати инсонҳои пасту фурӯмояро кашад.

Омӯзгор бо ҳамроҳи хонандагон бояд аз маънии абёти боло натиҷагирӣ кунанд. Яъне шоир чӣ гуфтан мехоҳад? Агар ба ин суол нахуст худи хонандагон ҷавоб гӯянд бехтар аст. Бардошти хонандагон аз шеър бояд муҳокима шавад. Агар чаҳор – панҷ хонанда андешаи худро баён кунанд, натиҷагирӣ комилтар мегардад. Хонандае фикрашро шояд чунин баён кунад: Абдурраҳмони Ҷомӣ ба мо – ҷавонон таъкид мекунад, ки дар зиндагӣ аз касе қарз нагирем, то дар зери миннати вай намонем. Хонандаи дигар чунин бардошт дорад: Шоири бузург талқин мекунад, ки чунон зиндагӣ бояд кард, ки ба касе мӯҳтоҷ нашавӣ ва ғайра. Омӯзгор андешаҳои хонандагонро, ки яке дигареро пурра мекунад, ҷамъбаст мекунад.

Талаботи муносибати босалоҳият он аст, ки ба хонанда чизеро бояд омӯхт, ки дар зиндагӣ ӯро ба кор ояд. Ҳифзи порчаи шеърии боло ва донистани маънии калимаҳои он дар инкишофи нутқи хаттию шифоҳии хонанадагон таъсир мерасонад, ҳангоми иншои мактуб, эссе ва ё ҳини маърӯза дар мусоҳибаҳову ҷамъомадҳо ва ё корҳои дигари мактабӣ хонандагон метавонанд барои тақвияти фикрашон аз он байтҳо истифода баранд. Сониян, андарзҳои Ҷомиро, ки аз таҷрибаи рӯзгори худ гирифтаву бо обуранги бадеӣ баён кардааст, хонандагон бояд ба гӯши ҷон бишнаванд ва бо он амал кунанд, то ба зиндагии сарбаландонаю хушбахтона ноил гарданд.

Ашъори Мавлоно Ҷомӣ моломол аз панду ҳикмат аст, ки дар тарбияи насли наврас аз онҳо истифода бурдан ба фоида кор хоҳад буд. Ин амал аз чанд ҷиҳат манфиатовар аст. Хонандагон ҳам панду андарз мегиранд ва ҳам дар курси хониши адабӣ ба моҳияти матни бадеӣ сарфаҳм мераванду кор бо матнро ёд мегиранд. Панду андарзҳои Мавлоно Ҷомӣ дар мавзӯъҳои гуногун суруда шудааст, омӯзгорон метавонанд дар ин масъала аз китоби «Абдурраҳмони Ҷомӣ. Панду ҳикматҳо» истифода кунанд. Масалан, дар мавриди саъю кӯшиш мегӯяд:

Дар ҷавонӣ саъй кун, гар бехалал хоҳӣ амал,
Мева бенуқсон бувад чун аз дарахти навбар аст.

Ба андешаи шоири бузург инсон бояд дар ҷавонӣ дониш омӯзаду аз пайи касбу ҳунар шавад, зеро ҷавонӣ давраи ташаккулёбии инсон асту дар он айём одам нерую қувваи бисёр дорад. Ба монанди он ки дарахти навҳосил меваи бенуқс медиҳад. Кушодани тасвирҳои шоирона ва дарёфти санъатҳои бадеии байтҳо шавқи хонандагони ҷавонро ба адабиёт зиёд мекунад. Чунон ки мушоҳида менамоем, шоир дар мисраи аввал фикрашро баён мекунад ва дар мисраи дувум барои тасдиқи фикраш далел меоварад. Ташбеҳи ҷавонӣ ба дарахти навбар хеле муносиб афтодааст. Омӯзгор бояд аз курси хониши адабӣ сар карда таваҷҷуҳи хонандагонро ба зебоии шеър ва тарзи сухани бадеъ ошно созад.

Дар абёти зер аз аслу насаб ва ифтихори беҳуда кардани фарзандони беҳунар аз падари хирадманд мавриди накӯҳиш қарор гирифтааст:

Ҳар писар, к-ӯ аз падар лофад, на аз фазлу ҳунар,
Филмасал гар дидаро мардум бувад, номардум аст.
Шохи бебар гарчӣ бошад аз дарахти мевадор,
Чун наёрад мева бор, андар шумори ҳезум аст.

Панди боло имрӯз беш аз ҳарвақта дархури ҷомеаи мост, алалхусус барои хонандагони мактаб. Фахр аз дороии падар кардану либосҳои қимат пӯшидан, бо мошин ба мактаб омадан ва дигар амалҳои номатлуб, ки дар рӯзгори мо рӯй медиҳанд, сабаби дилмондагии хонандагони аз оилаҳои камбизоат мегардад. Ин амали номатлуб то он ҷо доман паҳн кард, ки Ҳукумати кишвар маҷбур шуд, то фармон бароварад, ки хонанадагону донишҷӯён бо мошин мактаб наоянд ва ҳамчун ин Қонунҳои масъулияти падару модар дар табияи фарзанд ва танзим баргирифта аз ин мушкилотанд. Ҷомии бузургвор 600 сол пеш ин амали номатлуби фарзандони нодони сарватмандон ва донишмандонро дидаву ин байтҳоро сурудааст. Шоир мегӯяд, ки писар набояд аз молу сарват ва дониши падари худ фахр намояду лоф занад. Масалан, агар писаре аз падари сарватманду донишманди худ худ лоф занад, на аз фазлу ҳунари хеш, ҳарчанд назди мардум азиз бошад ҳам, одами паст аст. Шоир писари беҳунари марди ҳунармандро ба шохи хушки дарахти мевадор монанд мекунад ва мегӯяд, ки ин шохи хушк (писари беҳунар) ҳарчанд аз шохи дарахти мевадор (падари ҳунарманд) аст, чун ақлу тамиз ва ҳунару дониш надорад (чун наорад мева бор), ба мисоли ҳезум хушк аст.

Омӯзгор бояд ин байтҳои пандогинро тарзе ба хонандагон таълим диҳад, ки дар умқи дилашон нишинад ва як умр аз хотир фаромӯш накунанду дар зиндагӣ ба кор баранд.

Абдурраҳмони Ҷомӣ дар осораш ба ёди фарзандаш Зиёвуддини Юсуф меафтад, чун падари мушфиқ ояндаи фарзандашро меандешаду ӯро насиҳат мекунад. Ин насиҳатҳои шоири бузург ба фарзандаш ба тамоми мо, ки меросбари ӯ ҳастем, дахл дорад. Масалан, дар мақолаи бистуми маснавии «Туҳфат-ул-Аҳрор», ки «Дар панди фарзанди арҷманд» унвон дорад, фарзанди чаҳорсолаи хешро панд медиҳад. Мо аз ин пандномаи шоир абётеро интихоб мекунем, ки ба синну соли хонандагони синфи 7-ум мувофиқ бошаду аҳамияти тарбиявӣ ва маърифатиаш бештар:

Мекунам аз хомаи ҳикматнигор,
Баҳри ту ин номаи ҳикмат нигор.
Гарчи кунун нест туро фаҳми панд,
Чун ба ҳади фаҳм расӣ, кор банд [9, с.284]

Шоири бузург ҳарфҳои алифборо чунон ба рафтори писарбача монанд карда, ки барои хинандагони синфи 7-ум, ки дарси «Алифбои ниёкон» мехонанд, хеле шавқовар ва судманд буда метавонад. Чунончи харфи «дол (د) рафтори бачаи боодоб аст, ки сараш хам асту китоб мехонад ва ҳарфи сод (ص), ки чашм дорад, чашм ба лавҳ (тахтаи сабақомӯзӣ) дӯхтааст:

Долваш аз шарм фикан сар ба пеш,
Содсифат дӯз бар он чашми хеш.

Хандидани кӯдак, ки дандонҳояш менамояд, ба ҳарфи син (س) ташбеҳ шудааст:

Хандазанон гаҳ ба ону гаҳ ба ин,
Растаи дандон манамо ҳамчу син.

Даҳони пӯшида ба ҳарфи мим (م) монанд шудааст:

Дил макун аз фикри парешон ду ним,
Тангдаҳон бош зи гуфтан чу мим.

Мавалоно Ҷомӣ бар он аст, ки хонанда бояд муаддаб бошад ва «адаби дарси муаллим нигоҳ дорад»:

Дор адаби дарси муаллим нигоҳ,
То нашавӣ таблаки таълимгоҳ.

«Таблаки таълимгоҳ шудан» - киноя аз шарманда шудан аст. Бачае, ки одоби дарсро риоя намекунад, масхараи ҳамсабақон мегардад. Мутафаккири бузург ба омӯзгор арҷ мениҳад ва бар он андеша аст, ки сила задании муаллим хонандаро бар манфиати худи ӯст, аммо кӯшиш бояд кард, ки аз муаллим шаппотӣ нахурад, яъне одобро риоя кунад:

Силии ӯ гарчи фазилатдеҳ аст,
Гар ту ба силӣ нарасонӣ, беҳ аст.

Ҳарфе, ки муаллим ба кӯдакон меомӯзад, аз лавҳи хотири онҳо ба теғ, қаламтарош (кизлик) тарошида намешавад. Ба таъбири дигар, донише, ки дар кӯдакӣ ба даст меоваранд, монанди нақш дар санг асту онро сутурдан намешавад:

Ҳарфи навишта ба дили тифли хурд,

Кизлики насён натавонад сутурд.

Падари хирадманди дурандеш ба фарзанди худ маслиҳат медиҳад, ки дар талаби илм шавад, зеро саодати дуҷаҳонии инсон ба илм вобаста аст:

Тоҷи сари ҷумла ҳунарҳост илм,
Қулфкушои ҳама дарҳост илм.
Дар талаби илм камар чуст кун,
Даст зи ашголи дигар суст кун.
Бо ту пас аз илм чӣ гӯям сухун,
Илм чу ояд ба ту гӯяд чӣ кун…[9, с.285]

Байтҳои боло, ки агар дар хониши адабӣ бо талаботи шеваи муносибати босалоҳият дарс дода шаванд, хонандагон ҳам дониш ба даст меоваранд ва ҳам панду андарз меомӯзанд, ки дар оянда сабаби наҷоташон мешавад. Абдурраҳмони Ҷомӣ дар осори дигараш низ барои фарзандаш панд гуфтааст, ки омӯзгорон метавонанд аз он истифода кунад.

Ба хонандагон он чизҳоеро бояд омӯхт, ки муҳим бошаду дар оянда ба кор ояд. Ҳамин маъниро Ҷомӣ ба фарзандаш талқин мекунад:

Илм касир омаду умрат қасир,
Он чӣ зарурист ба он шугл гир..
Ҳарчи зарурист чу ҳосил кунӣ,
Беҳ ки иморатгарии дил кунӣ [9, с.286]..

Яъне, илм зиёд асту умри инсон кӯтоҳ. Инсон наметавонад ҳама илмро фаро бигирад, бояд ҳамон илмро омӯхт, ки дар зиндагӣ ба кор меояд.

Дар ашъори Абдурраҳмони Ҷомӣ ҳазорон байтҳое метавон ёфт, ки ба тамоми талаботи курси хониши адабӣ ҷавобгӯ бошанд. Дар ин амал омӯзгор имкони интихоб доранд. Хуб мебуд, ки ҳангоми тартиб додани барномаи таълими адабиёт ва ҳинни навиштани китоби дарсӣ муаллифон ба ин нукта таваҷҷуҳ менамуданд.

АДАБИЁТ

1. Аҳмадов М. Таълими адабиёти тоҷик (қисми 1) \ М.Аҳмадов.-Хуҷанд: Ношир 2012.-324 с.
2. Барномаи таълими адабиёти тоҷик дар синфҳои У-1Х. Муҳаррирони масъул Х. Шарифов ва У.Тоиров, Душанбе, 2007.-72 с.
3. Голубков В.В. Методика преподавание литературы \ В.В. Голубков. –Москва, 1962.
4. Исрофилниё Ш.Р., Султонмамадова М.А. Методикаи таълим ва шеваи шарҳу тафсири каломи мавзун \ Ш.Р. Исрофилниё., М.А.Султонмамадова // Паёми ДМТ, 2016, №-4\3, (203) С.146-150.
5. Лутфуллоев М. Бобизода Ғ. Андешаҳо перомуни салоҳиятҳо ва ташаккули онҳо \ М.Лутфуллоев, Ғ.Бобизода.-Душанбе, 2019.-90 с.
6. Муносибати босалоҳият ба таълим. Мураттибон: Ғ.Бобизода,Д. Имомназаров, Ш.Исрофилниё, А Байзоев. Душанбе: Ирфон, 2018.-72 с.
7. Мухторӣ Қ. Махсусияти ташкили таълими босалоҳият дар дарсҳои адабиёти тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умуми./ Қ.Мухторӣ \\ Татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаҳои таълимӣ : Маводи конференсияи илмӣ-амалӣ бахшида ба Рӯзи Ваҳдати миллӣ, Душанбе, 29 июни соли 2018. Душанбе, “Ирфон”-2018, С.58-66.
8. Тоиров У.,Солеҳов М.,Ширинзода Н. Адабиёти тоҷик.Китоби дарси барои синфи 7\У.Тоиров.-Душанбе:Маориф,2018.288 с.
9. Фарҳанги забони тоҷикӣ.-Москва, 1969.
10. Ҷомӣ, Абдурраҳмон.Осор.Силсилат-уз-заҳаб,Саломон ва Абсол, Тухфат-ул-Ахрор, ҷилди севум\Ҷомӣ. -Душанбе: Адиб, 1986 - 560 с.

МЕТОДИКА ОБУЧЕНИЯ ПРОИЗВЕДЕНИЯ А.ДЖАМИ В КУРСЕ ЛИТЕРАТУРНОГО ЧТЕНИЯ НА ОСНОВЕ КОМЕТЕНТНОСНОГО ПОДХОДА

В статье речь идёт о методике преподавание поэзии Джами с точке зрение компетентностного подхода в образовании. Автор освещает проблему компетентностного подхода в образовании при изучении литературы на примере комментарии одного рассказа из поэмы“Сисилат-уз-заҳаб”-а Абдуррахмана Джами в 7-ом классе. С точки зрении автора статьи компетентностный подход помогает учащимя самостоятельно решать проблемы и усвоить учебный материал.

Ключевые слова: *методика, преподавание, комментария, учитель, традиция, компетентность.*

METHOD OF TEACHING A. DJAMI COMPOSITION IN THE COURSE OF LITERARY READING BASED ON THE COMPETENCE APPROACH

The article deals with the methodology of teaching Jami's poetry from the point of view of the competency-based approach in education. The author highlights the problem of the competency-based approach to education in the study of literature using the example of a commentary from a short story from the poem "Sisilat-uz-zabab" by Abdurrahman Jami in the 7th grade. From the point of view of the author of the article, a competency-based approach helps students to solve problems and learn teaching material on their own.

Keywords: *methodology, teaching, commentary, teacher, tradition, competence.*

Сведения об авторе:

Бобоева Зарнигор Тохировна– *ассистент кафедры теория и методика преподавание родного языка факультета педагогики Худжандского государственного университета имени Б. Гафурова. E - mail: zarnigor.boboeva@mail.bk.ru,тел: (+992) 926667824.*

About the autor:

Boboeva Zarnigor Tohirovna *- Assistant, Chair of the Theory and Method of Teaching Tajik Language, Khujand State University named after B. Gafurov. E - mail: zarnigor.boboeva@mail.bk.ru,тел: (+992) 926667824*

УДК 372.8:802.0(075.8)

ҶАНБАҲОИ ҶУЗЪҲОИ ТАРКИБИИ ФАРҲАНГӢ ДАР ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ ФАРҲАНГӢ-АХЛОҚИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДА

Назирқулов Т.А.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон С. Айнї

Файзализода Ҷ.Х.

Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Яке аз масъалаҳои мубрами ҷомеаи имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро метавон масъалаи тайёр кардани кадрҳои омӯзгорӣ, бахусус омӯзгорони забони англисӣ ҳисобид. Агар рушду ташаккул додани донишҳои базавию тахассусии шогирдони имрӯза (омӯзгорони оянда), кушодани нутқи муоширатии хориҷии онҳо, васеъ намудани доираи ҷаҳонбинию тафаккури донишҷӯёнро як тарафи масъала гӯем, аз лиҳози технологияи педагогӣ омода шудани шогирдон, тарбияи ахлоқию фарҳангӣ, этикаи нутқу муоширати шогирдонро метавон тарафи дигари масъала шуморид. Барои дуруст ба роҳ мондани ин ҷараён аввалан мебояд мушкилоти масъалаи мазкурро мавриди омӯзиш қарор дод. Боло бурдани салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорони оянда мушкилоти чашмраси соҳаи маориф ба шумор меравад ва ҳалли онро метавон дар натиҷаи гузаронидани тадқиқотҳои илмӣ ба даст овард.

Дар тӯли тамоми таърихи худ илми педагогика ба фарҳанг ҳамчун падидаи муҳим барои тарбия таваҷҷуҳ зоҳир мекард. Дар давраи ҳозира, вақте ки равандҳои дар фаъолияти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии давлати мо бавуҷудомада ба ҳаёти маънавӣ-ахлоқии ҷомеа таъсири калон расониданд ва боиси тафриқоти маънавӣ, тағйир ёфтани гароишҳои арзишӣ дар ҳаёт, суқути низоми аввалияи ахлоқӣ ва ҳамаи низоми тамоюлҳои ахлоқӣ гардиданд, масъалаи мазкур боз ҳам муҳимтар мегардад. Натиҷаи ноустувории иҷтимоии ҳаёти ҷамъятӣ боиси паст шудани маънавиёти шахс ва фарҳанги ахлоқии он гардид.

Раҳоӣ ёфтан аз ҳолати ба вуқӯъомада бидуни ислоҳоти тамоми низоми таълиму тарбия имконнопазир аст. Дар шароити муосир барои ҷомеа омӯзгороне лозиманд, ки дорои маданияти баланд бошанд. Дар солҳои охир дар кишвари мо консепсияи миллии тарбия шакл гирифта истодааст, ки ба тарбияи инсони соҳибфарҳанг, эътиқодманди арзишҳои умумиинсонӣ ва талош ба ҳамдигарфаҳмӣ бо инсонҳои миллатҳои гуногун дорад, равона гардидааст. Дар робита ба ин талаботи аввалиндараҷаи ҷомеа ин дар ҷавонон тарбия намудани сифатҳои ҷисмонӣ, зеҳнӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ ва коршиносӣ мебошад, ки бояд ташаккули иҷтимоии шахсро дар шароити нав таъмин намоянд. Бинобар ин, мақсади асосии омодасозии мутахассисони оянда ин тарбияи шахси дорои ахлоқи ҳамида ва фарҳанги баланд маҳсуб мешавад.

Дар миёни муҳаққиқони муосир ақидае роиҷ аст, ки ташкили омодасозии мутахассисони оянда дар асоси усули салоҳиятнокӣ ин маънои иваз намудани

барномаҳои таълимӣ ба барномаҳои салоҳиятнокӣ ва асосҳои натиҷабахшию мақсаднокии таълим, ба вуҷуд омадани намудҳои нави таълим ва тарбияро дорад.

Олими рус А.А. Вербиский шартҳои дар амал татбиқ намудани таълими салоҳиятнокиро такягоҳ, таҷрибаи хуб, дастгиришаванда ва қаблан ғуншуда ҳисоб мекунад. Мавҷуд набудани чунин назарияро номбурда сабабе медонад, ки он имкон намедиҳад, то дар асоси илм имкониятҳои воқеӣ ва воситаҳои баланд бардоштани сифати таҳсилот ба даст биёянд [2, с.120].

Назарияи психологию педагогие, ки метавон асоси татбиқи илман асосноки усули салоҳиятноки таълим қарор дод, бояд ба як қатор талабот ҷавобгӯй бошад:

✓ Аз тарафи аҳли илм ва ҷомеаи педагогҳо эътироф шуда бошад;

✓ Доштани қудрати зарурӣ барои дарк ва тавзеҳи доираи васеи маълумот ва далелҳои аз таҷриба ба дастомада, таъмини имкониятҳои пешгӯйӣ ва асосноккунӣ;

✓ Муосиркунонии сермаҳсули таҳсилот дар асоси салоҳиятнокӣ;

✓ Хусусияти технологӣ доштан барои ба роҳ мондани раванди нави таълим;

✓ Ҳамгиро намудани омӯзиши фанҳо ва тарбияи иҷтимоӣ-ахлоқии донишҷӯён дар як маҷрои фаъолияти таълимӣ.

А.А. Вербиский ва О.Т. Ларионова барои муътадил гардонидани бархӯрди салоҳиятнокӣ ба ҳайси омӯзиши ҳамгирои асосӣ, фаъолияти касбии ояндаи донишҷӯёнро пешниҳод менамоянд, ки дар он мундариҷаи таълим ҳам донишҳои фаннӣ ва ҳам донишҳои иҷтимоиро фаро гирифтааст [1, с.74].

Қисмати калони педагогҳо дар ҳақиқат, мафҳумҳои салоҳият ва салоҳиятнокиро аз рӯи нишондоди А.В. Хуторский муайян ва муқоиса мекунанд, ки номбурда ин мафҳумҳоро нисбати хонандагон ба кор бурдааст.

Салоҳияти бегона, вақте ки талабот (меъёр) қаблан барои омодасозии таълимии хонанда, ки барои фаъолияти босифату сермаҳсул дар соҳаи муайяни иҷтимоӣ зарур аст, нишон дода шудааст.

Салоҳият-бархӯрдорӣ, бархӯрдор будани хонанда аз салоҳияти дахлдор, ки муносибати шахсии ӯро ба он салоҳият ва предмети фаъолият ифода мекунад, салоҳиятнокӣ бошад, ин сифати шахсии аллакай ташаккулёфта (маҷмӯи сифатҳо)-и хонанда ва таҷрибаи камтарини фаъолият дар ҳамон соҳа мебошад [8, с.110].

Сарфи назар аз ихтилоф миёни таърифҳо салоҳият, ба ақидаи А.В. Хуторский, ин сифати шахсии аллакай касбкарда ва ё «пайдоиши нав» ба ақидаи И.А. Зимняя набуда, балки талаботи иҷтимоии қаблан муқарраргардидаи омодагии таълимии инсон мебошад. Ақидаҳои ин ду муаллиф вобаста ба ин масъала хело ҳам наздиканд.

Олими дигари рус В.И. Каломин ақидаҳои А.В. Хуторскиро доир ба мафҳуми салоҳиятнокӣ таҳқиқ намуда, онро ҳамчун салоҳияти омӯзгори оянда кор фармурда, чунин шарҳ додааст:

-салоҳият ин талабот ё меъёри ҷудогонаи қаблан муқарраргардидаи иҷтимоие мебошад, ки *фаъолияти самарабахшу сермаҳсул дар соҳаи таълим* барои омодагии касбии омӯзгори оянда зарур аст.

-салоҳиятнокӣ бошад, ин маҷмӯи сифатҳои шахсӣ: тамоюлҳои арзишӣ-мақсаднокӣ, донишҳо, қобилиятҳо ва малакаҳо иборат мебошад, ки аз фарогирии мақсадноки асосҳои илмӣ ва таҷрибаи фаъолияти касбӣ дар соҳаи таълим вобастагӣ доранд.

Аз ин ҷиҳат салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқӣ, ки дар фаъолияти касбӣ омили асосӣ ва дори аҳамияти калони касбӣ мебошад, аҳамияти махсусро касб мекунад. Салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқӣ ин як ҷузъи муҳимми омодагии касбии мутахассиси оянда маҳсуб мешавад ва шарти зарурии тарбияи ҳаматарафа ва рушди шахсияту касбӣ ба шумор меравад.

Ба ин тариқ, салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқӣ дар ҳаёти инсон ва ҷомеа ҷойгоҳи хоса дорад ва он на танҳо баробари маърифат, фарҳанги сиёсӣ, ҳуқуқӣ, бадеӣ-эстетикӣ, динӣ ва ахлоқӣ унсури таркибии ҷомеа, балки синтези муҳтавои инсонпарварии ҳамаи ҷузъҳои он мебошад.

Дар ин маврид салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқӣ ҳама вақт амалан синтези муҳтавои маънавии ин ҷузъҳои таркибии фарҳанги маънавӣ дар ҷанбаи инсонпарварии он ва дарки назариявии асоси фарҳанг дар шакли рефлексияи фалсафӣ-ахлоқӣ мебошад.

Ҷойгоҳ ва нақши муҳтавои ахлоқӣ дар фарҳанги маънавиро А. Швейсер нисбатан пурратар асоснок карда, моҳияти дугонаи онро қайд кардаст. Он аз ҳукумронии ақл бар қувваҳои табиат ва аз ҳукумронии ақл бар эътиқод ва андешаҳои инсонӣ шакл мегирад. Агар ҷанбаи якум аз пешрафти моддӣ гувоҳӣ диҳад, он гоҳ ҷанбаи дуюм, ҷанбаи нисбатан арзишманд, раванди ахлоқиро дар назар дорад. «Ҳукумронии ақл бар

эътиқодоти инсон:-дастоварди махсуси маънавие мебошад, ки зери таъсири рӯҳ қарор дорад, яъне таъсири як ақл ба чунин як ақли дигар… Ҳукумронии ақл бар эътиқод ва андешаҳои инсон дар чӣ зоҳир мегардад? Дар он зоҳир мегардад, ки ҳар як афрод ва ҳама гуна ҷомеаҳои инсонӣ имконияту ҳоҳишҳои худро бо сарватҳои моддию маънавӣ муқоиса мекунанд, яъне дар он зоҳир мегардад, ки онҳо ақли худро кор мефармоянд» [10, с. 52].

Ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-педагогӣ салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқӣ дар илм фаҳмиши якхела надорад. Бар ғайр аз ин, як қатор мафумҳое мавҷуданд, ки аз рӯи маънои худ бо падидаи мавриди таҳқиқи мо шабоҳат доранд, ба мисли диди ахлоқӣ (Н.М. Боритко), фарҳанги ахлоқӣ (В.И. Бакитановский), фарҳанги маънавӣ -ахлоқӣ (В.И. Андреев) ва ғайраҳо.

Баррасии категорияи мафҳумҳои «фарҳангӣ- ахлоқӣ» ва ҷузъҳои таркибии он, ки аз ҷониби аксари муаллифон ҷудо карда шудаанд, ниҳоят гуногун мебошанд.

Профессор А.И. Шемшурина мафҳуми «фарҳанги ахлоқӣ»-ро ҳамчун инсонгароии тамоюлоти арзишӣ, талаботи маънавӣ ва сабабҳои рафтори шахс маънидод мекунад. Дар фаҳмиши ӯ фарҳанги ахлоқии шахс тарзи зиндагӣ ва тасаввурот дар бораи арзишҳоеро инъикос мекунад, ки онҳо ба шуури ахлоқӣ, меъёрҳо, принсипҳо, идеалҳо, мафумҳои некию бадӣ, адолат, хушбахтӣ тааллуқ доранд ва самти ҳатмию инсондӯстонаи тамоюлоти арзишӣ, талаботи маънавӣ ва сабабҳои рафтор дар тарзи зиндагии шахс мебошад, ки асоси онро хизмат ба ҳаёт, рушди инсон ташкил медиҳад [12, с.5].

Муҳаққиқи рус Л.Л. Шевченко ба ин ақида аст, ки фарҳанги ахлоқӣ низоми мукамали иборат аз унсурҳои зерин мебошад:

-фарҳанги тафаккури ахлоқӣ, ки дар худ салоҳияти мулоҳизаи ахлоқӣ, истифодаи донишҳои ахлоқӣ ва эстетикӣ, фарқ кардани мафҳумҳои некию бадӣ, ҳамоҳангӣ ва зебоӣ, ба кор бурдани меъёрҳои ахлоқиро дар амал фаро мегирад;

-ақидаҳои ахлоқӣ, ки принсипҳои ҳамкории муколамавии омӯзгор бо кӯдакон, фаҳмиши категорияҳои ахлоқии олами кӯдакон ва дар ин асос дарк кардани вазифаи касбии худ, муайян кардани сифатҳо, виҷдони касбӣ, мафҳумҳои шарафу манзалати омӯзгор, дарки мафҳумҳои асосии ахлоқӣ, ки дар фаъолияти педагогӣ ба кор бурда мешаванд, фаро мегирад;

-фарҳанги ҳиссиёт, ки дар салоҳияти такони ахлоқӣ ва ҳамдардӣ зоҳир мегардад;

-фарҳанги рафтор, ки хусусиятҳои онро усули мушаххаси дар амалияи ахлоқӣ амалӣ намудани андешаҳо, донишҳо ва ҳиссиёт, дараҷаи табдили онҳо ба меъёри рафтори ҳаррӯза ташкил медиҳад;

-одоби муошират ҳамчун сатҳи дилбастагӣ ба қоидаҳое, ки шаклу шева, услуб ва лаҳни муоширатро танзим мекунанд [11, с.56];

Дар навбати худ, Л.М. Шарова фарҳанги касбӣ-ахлоқиро ҳамчун низоми сифатҳои касбӣ-ахлоқӣ ва арзишҳои касбӣ-ахлоқӣ маънидод мекунад, ки эътиқоди ботинии шахсияти аз ҷиҳати касб ба камолрасида ба шумор мераванд [9, с.18].

Ҷанбаи методологии ин падидаи иҷтимоию фарҳангиро ошкор карда, муҳаққиқ В.А. Кондратов онро аз лиҳози хусусиятҳои таърихии ташаккули низоми арзишҳои маънавие баррасӣ менамояд, ки он мундариҷаи ниҳоят мухталиф дорад: ойинҳою суннатҳои ахлоқӣ, сифатҳои ахлоқии миллӣ ва шаклҳои таҷассуми онҳо дар фарҳанги шахс, меъёрҳо ва принсипҳои ахлоқӣ, фаҳмиши алоқаманд ба ҷаҳонбинӣ дар бораи некӣ ва бадӣ, вазифа ва виҷдон, адолат ва шарофат, ки дар ҷомеа роиҷ гардидаанд, инчунин идеалҳои ахлоқие, ки орзуи аҳли ҷомеа мебошанд [5, с.78].

Ба ақидаи Н.Б. Крилова, омили ахлоқӣ дар бахши «фарҳанги маънавӣ-симои ахлоқӣ» дар фарҳанги касбӣ ин пеш аз ҳама, вазифа, омодагӣ ба меҳнати бовиҷдонона ва софдилона мебошад, ки ба ин дохил мешавад: эътиқоди қавӣ, ошкор будан, некхоҳӣ, қобилияти кор кардан бо одамон, ҳасосият, таваччуҳ ва боварӣ ба одамон, бовиҷдонӣ, принсипнокӣ, дурусткорӣ. Худорӣ аз ришвахӯрӣ, хоксорӣ, ягонагии қавлу амал, омодагӣ ба аввалияти манфиатҳои ҷамъятӣ нисбат ба манфитҳои шахсӣ, фидокорӣ, хушбинӣ, бошуурӣ, серталабӣ нисбат ба худ. Муносибати интиқодӣ ба худ, фарҳанги баланди мусоҳиба, эҳтироми иззати нафс, ҷаҳонбинии фарҳангӣ, заковат, талабот ба худомӯзии доимӣ ва ғайраҳо [6, с.34].

Аз нуқтаи назари муҳаққиқи рус Т.С. Ижевкина-Русинова, фарҳанги касбӣ-ахлоқии омӯзгор раванди ягонаи офаридани арзишҳои касбӣ-ахлоқӣ ва раванди дарки ин арзишҳо мебошад, ки дар ин маврид вазифаи аксиологиро иҷро мекунад ва низоми

касбӣ-ахлоқие мебошад, ки танзимгари муносибатҳои иҷтимоӣ-педагогӣ (вазифаи танзимкуниро иҷро мекунад) ба шумор меравад [4].

Хусусияти хоси фарҳанги ахлоқӣ, ба андешаи олими дигари рус Е.Г. Силяева аз мавҷудияти унсурҳои ҳатмӣ, яъне эътиқодот ва муққаррароти ахлоқӣ иборат мебошад. Аз ҷиҳати фаъолияти фарҳанги ахлоқӣ ин муқаррароти хуб даркшудае мебошад, ки аз татбиқи талабот дар соҳаи фаъолияти касбӣ-ахлоқӣ иборат аст [7, с.23].

Муҳаққиқ Р.Ф. Гатауллина ба ин ақида аст, ки фарҳанги ахлоқӣ ин маҷмӯи донишҳои ҳамгирои шахс мебошад, ки омодагӣ ва босалоҳият ба роҳ мондани муносибатҳои касбӣ дар асоси донишҳои ахлоқӣ, принсипҳои ахлоқӣ ва сифатҳои ахлоқии ӯро инъикос менамояд. Дар таркиби ин падида салоҳиятҳои зерин ҷой доранд:

- салоҳияти дар фаъолияти рӯзмарраи меҳнатӣ тадбиқ намудани меъёрҳо ва қоидаҳои муносибатҳои байниҳамдигарӣ, ҳамкорӣ дар иртибототи шахсию корӣ; низоми идеалҳо ва арзишҳои касбӣ;
- салоҳияти дурӯст дарк кардани ҳиссиёт, ҳолати эмотсионалии кӯдак ва волидайни ӯ дар раванди муошират, бо онҳо барқарор намудани «робитаи баръакс», нишон додани фаҳмиши ҳамсуҳбат, мушоҳида ва таҳлили рафтори кӯдак ва волидайни ӯ; дониш ва қобилияти ба назар гирифтани хусусиятҳои ҷинсию синнусолӣ ва фарҳанги миллии иштирокчиёни раванди педагогӣ:
- салоҳияти дурӯст истифода бурдани донишҳои психологию педагогӣ, ки ба муносиб намудани ташкили таъсиррасонии педагогӣ ба тарбиятгиранда: қобилияти идора намудани муошират шахсию корӣ;
- салоҳияти таҳлил кардани фарҳанги ахлоқии худ, дуруст арзёбӣ кардани муваффақиятҳо ва камбудиҳои фарҳанги ахлоқӣ дар рафтори касбӣ, дарки зарурати худислоҳкунӣ, интихоби усули такмил додани фарҳанги ахлоқии худ [3, с.100].

Ҷузъҳои таркибии ошкоргардида ҷанбаҳои психологӣ (тафаккур, эътиқод, сифат, ақидаҳо), арзишӣ-сабабӣ (сабабҳо, арзишҳо, идеалҳо, талабот) ва праксиологӣ (фаъолият)-и ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқиро инъикос мекунанд.

Ҳамин тариқ, таҳлили пураи барҳӯрдҳо ба шарҳи мафҳуми «фарҳангӣ-ахлоқӣ» имкон медиҳад, ки салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорро ба ҳайси таркиби ҳамгирои сифатҳои шахсияти омӯзгор ҳамчун фарогири донишҳои ахлоқӣ, арзишҳо, идеалҳои ахлоқӣ, принсипҳои азхудкардаи рафтори касбӣ тасаввур намоем. Дар навбати худ, салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқӣ аз ҳамгироии ҷузъҳои иттилооту донишҳо, арзишгарой ва фаъолияти шахсӣ таркиб ёфтааст. Дар ин сурат ҳар яке аз ҷузъҳои мазкур бо ҷузъҳои дигар алоқаманд буда, дар раванди ташаккули салоҳияти фарҳагӣ-ахлоқии омӯзгори ояндаи забони англисӣ вазифаи муайянеро иҷро менамояд.

Дар мавриди касби омӯзгорӣ ҳаминро метавон зикр кард, ки касби мазкур аз касбҳои дигар, пеш аз ҳама, бо тарзи андешаронии намояндагони он, эҳсоси баланди масъулият ва вазифа фарқ мекунад. Аз ин сабаб касби омӯзгорӣ ҷойгоҳи хоса дорад ва ба гурӯҳи махсус дохил мешавад. Тафовути асосии он аз дигар касбҳои навъи ба инсон дар он аст, ки мақсади фаъолияти омӯзгор ин ташаккул ва тағйир додани шахсият аст. Бинобар ин, омӯзгор муаззаф аст, ки раванди рушди зеҳнӣ, эҳсосотӣ ва ҷисмонии ӯ, инчунин ташаккули олами маънавии ӯро танзим кунад. Аз як тараф, вай тарбиятгирандагони худро ба вазъияти муайяни иҷтимоӣ ва ба талаботи муайяни ҷомеа омода месозад, аз тарафи дигар, ӯ воқеан нигаҳдор ва интиқолдиҳандаи фарҳанг бокӣ монда, дар худ олами берун аз замонро фаро мегирад ва барои оянда фаъолият менамояд. Ба ин восита дар меҳнати омӯзгор ҳама вақт моҳияти башардӯстӣ ва умумиинсонӣ мавҷуд аст.

Ҳамаи ин ба мо имкон медиҳад, дар мавриди бисёрҷониба бидуни касби омӯзгорӣ ба чунин хулоса биёем, ки ин касб фарогири доираи васею мухталифи донишҳо, қобилияту малакаҳое мебошад, ки омодагӣ ба фаъолияти касбии омӯзгориро ташкил медиҳанд. Ин ҷанбаҳо дар ҷузъҳои таркибии салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқӣ инъикос ёфтаанд.

АДАБИЁТ

1. Вербицкий А.А. Активное обучение в высшей школе: контекст и подходы / А.А. Вербицкий. -М.: Высшая школа, 1991. -207 с.
2. Вербицкий А.А. Личностны и компетентностные подходы в образовании: проблемы интеграции / А.А. Вербицкий. -М.: Сентябрь, 2002. -160 с.
3. Гатауллина Р.Ф. Педагогические условия саморазвития этической культуры воспитателя-гувернёра / Р.Ф. Гатауллина //Педагогическая образование и наука, 2009, № 5. -С. 98-100.

4. Ижевкина-Русинова Т.С. Профессионально-этическая культура / http://www.sipk.ru/conference/pdf 2007/10 Ijevkina-Rusinova.pdf.
5. Кондратов В.А. Понятие этической культуры: методологический аспект / В.А. Кондратов // www.http://zhurnal.lib.ru/k/kondrashow w a /ocherk20. shtml
6. Крылова Н.Б. Формирование культуры будущего специалиста / Н.Б. Крылова. -М., 1990. -142 с.
7. Силяева Е.Г. Этическая культура личности: категориальный анализ / Е.Г. Силяева // Педагогическая образования и науки, 2005, № 5. -С. 20-24.
8. Хуторский А.В. Современная дидактика / А.В. Хуторский. -М., 1986. -215 с.
9. Шарова Л.М. Формирование профессионально-этической культуры будущего учителя в процессе педагогического общения: дис канд. пед. наук / Л.М. Шарова. -Брянск, 2003. -194 с.
10. Швейцер А. Культура и этика / А. Швейцер. -М.: Прогресс, 1973. -143 с.
11. Шевченко Л.Л. Практическая педагогическая этика: экспериментально -дидактический комплекс / Л.Л. Шевченко. -М.: Соборь, 1997. -507 с.
12. Шемшурина А. И. Основы этической культуры: книга для учителя: учеб. метод. пособие / А.И. Шемшурина. -М.: ВЛАДОС, 2001. -112 с.

ОСОБЕННОСТИ СОСТАВНЫХ ЭЛЕМЕНТОВ КУЛЬТУРЫ В ФОРМИРОВАНИИ ЭТИКО-КУЛЬТУРНОЙ КОМПЕТЕНЦИИ БУДУЩИХ ПРЕПОДОВАТЕЛЕЙ

В статье рассматриваются особенности составных элементов нравственной, духовной, профессионально-нравственной культуры, а также социально-культурные явления в формировании этико-культурной компетенции.

Особенности составных элементов культуры определяют понятие "этико-культурной" для будущих преподавателей в высших профессиональных учебных заведениях и отражают установленные психологические (мышление, убеждения, качество, взгляды), ценностно-причинные (причины, ценности, идеалы, интересы), праксиологические (деятельность) особенности в процессе формирования этико-культурной компетенции.

Таким образом, общий анализ толкования понятия "культурно-нравственное" даёт возможность представить этико-культурной компитенции преподавателя в качестве составных элементов интеграции личностных качеств преподавателя как круг нравственных знаний, ценностей, нравственных идеалов, установленных прицип профессионального поведения. Этико-культурной компетенции, в свою очередь, состоят из интеграции информации и знаний, защиты ценностей и личной деятельности. В таком случае каждый из данных элементов связан с другими и выполняет определённую функцию в формировании этико-культурной компетенций будущего преподавателя английского языка.

На основании заключения авторов устанавливается, что многочисленные случаи составных элементов этико-культурный компетенций охватывают широкий и разгообразный круг знаний, умений и навыков по профессиональной деятельности.

Ключевые слова: *мышление, убеждения, качество, взгляды, ценности, нравственные идеалы, нравственная культура, духовная культура, профессионально-этическая культура и социально-культурное явление, принципы, элемент.*

FEATURES OF COMPONENT ELEMENTS OF CULTURE IN THE FORMATING OF CULTURAL-AESTHETICAL COMPETENCE OF FUTURE TEACHERS

In this article, it is considered of features of the constituent elements of moral, spiritual, professional-moral culture, as well as socio-cultural phenomena in the forming of cultural-aesthetical competence.

The constituent elements typical of culture define the concept of "cultural-aesthetical" for future teachers in pedagogical universities (based on teaching specialty and reflect established psychological (thinking, beliefs, quality, ideas), worth-causal (worth, values, ideals, interests), PR axiological (activities) features in the process of forming cultural-aesthetical competence.

Thus, a general analysis of the interpretation of the concept of "cultural and aesthetic" makes it possible to present the cultural-aesthetical competence of the teacher as components of the integration of the teacher's personal qualities as a circle of moral knowledge, values, aesthetic ideals, established principles of professional behavior cultural-aesthetical competences, in turn, consist of the integration of information and knowledge, the protection of worth and personal activities. In this case, each of these elements is connected with others and performs a certain function in the forming of cultural-aesthetical competences of the future English teacher.

From conclusion of the authors, it is established that numerous cases of the constituent elements of cultural-aesthetical competence cover a wide and diverse range of knowledge, skills in professional activities.

***Keywords**: thinking, beliefs, quality, attitudes, worth, moral ideals, moral culture, spiritual culture, professional ethical culture and socio-cultural phenomenon, principles, element.*

Сведение об авторе:

***Назиркулов Тагаймурод Абдурасулович-** соискатель общиуниверситетской кафедры педагогикb Таджикского Государственного Педагогического Университет именни Садриддина Айни. Адресс: Республика Таджикистан, г.Душанбе, р.И.Самани, проспект Рудаки 121. Тел. (+992) 918767566; E - mail: ambition.ok@mail.ru*

***Файзализода Джумахон Хол** – доктор педагогических наук, профессор проректор по учебной работе Института государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. Адрес: 734009, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Саид Носир 33, тел.: (+992) 918506324; E-mail: f.jumakhon@mail.ru*

About the author:

***Nazirkulov Tagaimurod Abdurasulovich -** Researcher, Chair of General Pedagogy, Tajik State Pedagogical Unversity named after Sadriddin Ayni. Adress: Republic of Tajikistan, Dushanbe,Rudaki st., 121. Phone: (+992) 918767566; E-mail: ambition.ok@mail.ru*

***Faizalizoda Jumakhon Khol -** doctor pedagogical science, proffessor Vice-rector of Agency of civil service under the president of the republic of Tajikistan. Adress: 734009, Republic of Tajikistan, Dushanbe city,, Said Nosir 33, тел.: (+992) 918506324; E-mail: f.jumakhon@mail.ru*

ИСТИФОДАИ ТИПИ ДОДАҲО ДАР МИСОЛИ ЗАБОНИ БАРНОМАСОЗИИ PASCALABC.NET

Назаров А.П., Умедҷони Х.Ғ.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Мо аз дарсҳои технологияи информатсионӣ медонем, ки ҳар як забони барномасозӣ дорои намудҳои гуногуни додаҳо мебошад. Забони барномасозии **PascalABC.Net** низ мисли дигар забонҳои барномасозӣ дорои типи додаҳои зерин мебошад, ки аз пештара забонҳои барномасозии Паскал фарқ дорад:

integer (бутун)
byte (байт)
real (ҳақиқӣ)
complex (комплексӣ)
string (сатрӣ)
char (символӣ, рамзӣ)
boolean (мантиқӣ)
array (массив)
файлӣ
синфӣ ва ғайра.

Ба ғайр аз ин ҳар як типи додаҳои овардашуда боз ба зертипҳо ҷудо мешаванд, ки омӯзонидани онҳо ба донишҷӯён ва хонандагон мувофиқи мақсад аст. Масалан, агар мо типи integer (бутун) –ро гирем, боз ба зертипҳои зерин ҷудо мешаванд:

Тип	Андоза, байт	Ҳудуди қиматҳои қабулмешуда
shortint	1	-128 127
smallint	2	-32768 32767
integer, longint	4	-2147483648 2147483647
int64	8	-9223372036854775808 9223372036854775807
Byte	1	0 255
Word	2	0 65535
longword, cardinal	4	0 4294967295
uint64	8	0 18446744073709551615
BigInteger	тағйирёбанда	бе ҳудуд

Мехоҳем дар мақолаи худ оиди типи додаҳои рамзии **char** маълумотҳо дода бошем. Зеро ин типи додаҳо яке аз типҳои калидӣ ва муҳим барои сохтани барномаҳо хизмат мекунад.

Тип	**андоза (бо байтҳо)**	**Ҳудуди қабули қиматҳо**
char	2	Ҳамаи рамзҳое, ки дар кодиронии Unicode

Навъи аломати char 2 байтро дар бар мегирад ва аломати Юникодро нигоҳ медорад. Аломатҳо аз ҷониби платформаи .NET Framework бо System.Char татбиқ карда мешаванд.

Юникод* стандарти рамзгузории аломатҳо, ки аломатҳои қариб ҳамаи забонҳои хаттии ҷаҳонро дар бар мегирад. Кодҳо дар стандарти Юникод ба якчанд соҳа тақсим карда мешаванд. Ин соҳа бо рамзҳои аз U + 0000 то U + 007F дорои аломатҳои **ASCII**** мебошанд ва рамзҳои ин аломатҳо ба рамзҳои худ дар ASCII мувофиқанд. Барои алифбои кириллӣ майдонҳои аломатҳо бо рамзҳои аз U + 0400 то U + 052F, аз U + 2DE0 то U + 2DFF, аз U + A640 то U + A69F ҷудо карда шудаанд.

